**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Факултети ҳуқуқшиносӣ**
**Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

# Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**(санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ)**

Душанбе - 2012

**ББК:67.93:75.81(575.3)**
**УДК:340.134:379.85(2тадж)**

**Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ). Васоити таълимию амалӣ. //**Мураттиб Д.Ш.Сангинов. Душанбе, «Эр-граф», 2012, - 320 с.

**Мураттиб:**

мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Дониёр Шомаҳмадович.

**Муқарризон:**

мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисави факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сафаров Б.А.

мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсиони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Диноршоев А.М.

**Ҳуруфчинон:**

Комрон ва Некмон Шомаҳмадович.

**Бо қарори Шурои илмию методии ДМТ ба чоп тавсия шудааст.**

ISBN 978-99947-870-5-0

# Мундарича

Сарсухан ........................................................ 6

**I. Қонунҳо**

1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон … 10
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» … 38
3. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) ........................................................ 49
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ........................................ 51
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ........................ 83
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ» ............................ 99
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» ........................................................ 107
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ........................................................ 117
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолия-ти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»........... 134
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ» ..................... 142

**II. Санадҳои зерқонунӣ**

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани ноҳияи Варзоб» ........................................................ 154
12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон» .............................. 154
13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани дараи Ромит» ........................................................ 155
14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ........................................................ 156
15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи мақсадноки комплексии рушди ноҳияи

Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳатӣ, табобатӣ, санитариву курортӣ ва туризм дар давраи солҳои 2000-2010» ........................................................................ 156
16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи маҷмӯи рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2012»...................................................................... 157
17. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои дастгирии давлатии рушди туризми экологӣ, кӯҳию варзишӣ ва кӯҳнавардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ........................................................................ 158
18. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» .................................... 160
19. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» ........................... 161
20. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 .................... 162
21. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи мол (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд» ........................................ 163
22. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳо оид ба тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрандӣ» .............................. 174
23. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав) ............ 175
24. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чорабиниҳо оид ба тадбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъолкунандагон» ...... 193
25. Низомнома дар бораи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................... 200
26. Низомномаи мақоми минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоби Ҷумҳурии Тоҷикистон .................. 204
27. Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ...................... 208

28. Консепсияи рушди минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб ........................................................ 219
29. Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 ................................... 224
30. Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 ...................... 234
31. Қоидаҳо оид ба тартиби санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи туризм ................................... 244
32. Қоидаҳо оид ба тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрандӣ ............................................ 254
33. Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхонаҳо ........................................................ 290
34. Қоидаҳои хизматрасониҳои хӯроки умумӣ ................ 298
35. Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ......................... 304

# Сарсухан

Дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад»[1]. Ба ҳайси шароити таъминкунандаи зиндагии арзандаи аҳолӣ инкишоф додани доираи фароғат дохил мешавад, ки қисмати таркибии он сайёҳӣ мебошад. Аҳолии кишвар маҷбур аст ба шароити пахшкунандаи истеҳсолоти иқтисоди бозоргонӣ мутобиқ шавад ва эҳтиёҷ ба барқароркунии кувваи ҷисмонӣ ва маънавӣ дорад. Сайёҳӣ хизматрасониро барои барқарорнамоии қувваи сарфшуда пешниҳод мешавад. Як намуди сайёҳӣ сайёҳии иҷтимоӣ аст, ки хизматрасони ба мактаббачагон, донишҷӯён, пиронсолон, майюбон аз ҳисоби маблағи буҷаи давлат мебошад. Ба ақидаи О.Н. Димишина вазифаи давлати иҷтимоӣ ин мусоидат ба инкишофи беҳдошти ҳамаи шаҳрвандон инчунин тақсимоти баробари имкониятҳои ҳаётӣ мебошад[2]. Хизматрасонии сайёҳӣ пеш аз ҳама сайёҳии дохилӣ бояд ба ҳама қишрҳои аҳолӣ дастрас бошад. Дар ин ҳолат фишанги устувор барои инкишоф додани бозори истеъмолии хизматҳои сайёҳӣ пайдо гардида, болоравии рақобатпазирии шуғлмандӣ дар ин соҳа таъмин карда мешавад.

Кафолати баамалбарории фаъолияти сайёҳӣ дар моддаи 12 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст. Мутобиқи ин модда «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад». Асоси инкишофи иқтисодии ҷомеъа иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад. В.Ф. Попондопуло ақида дорад, ки барои фаъолитяти мутадил ва фоиданоки иқтисоди бозоргонӣ зарур аст, ки а) озодии фаъолияти иқтисодӣ ва б) интиқоли озоди мол, хизмат, захираҳои молявӣ ва ғайра, яъне ягонагии ҳудуди иқтисодӣ дар тамоми қаламрави кишвар

---

[1]. Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Душанбе, 2003. С.3.

[2]. Ниг.: Демишина О.Н. Современные тенденции мирового рынка туризма и его развитие в России //Общественные науки / Известия высших учебных заведений. Северо-Кавказский регион. 2001. № 2. С.116.

таъмин карда шавад[3]. Фаъолияти сайёҳӣ ин фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва моддаи 12 Конститутсияи ҶТ бошад бо ин муқарраротҳуқуқи ҳар як шахсро ба озодона истифода бурдани имкониятҳо ва амволи худ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти бо қонун маън карданашуда устувор менамояд. Ин муқарраротиконститутсиони муқарраротизаминавии баъзаи ҳуқуқӣ барои баамалбарории фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 37 Конститутсияи ҶТ «Шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пулӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъминкарда мешавад, ки қонун муайян кардааст». Ин ҳуқуқи шахс берун аз вақти корӣ ба истифодабари аз имкониятҳои қонунгузории сайёҳӣ мебошад. Дар асоси моддаи 38 Конститутсияи ҶТ бошад «Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад».

Дар баробари моддаҳои номбуршудаи Конститутсияи ҶТ моддаҳои зайли Канститутсияи ба ҳайси сарчашмаи бевоситаи соҳаи ҳуқуқи сайёҳӣ баромад менамоянд: моддаҳои 10, 13, 14, 16, 17, 19, 24, 32, 38, 39, 42, 44, 46 ва ғайра.

Худ қонунгузории сайёҳӣ ин маҷмӯи сандҳои меъёри ҳуқуқие мебошад, ки ба воситаи он муносибатҳои сайёҳӣ батанзим дароварда мешавад. Низоми санадҳои меъёрии ҳукуқии батанзимдарорандаи фаъолияти сайёҳӣ ба Конститутсияи ҶТ бояд мутобиқ бошанд.

Кодекси граждании ҶТ[4] ҳамчун санади ба қонунгузории сайёҳи дохилбуда, ки сарчашмаи асосии танзимкунандаи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ буда, бо меъёрҳои худ соҳаи сайёҳиро низ фаро мегирад. Дар он аз ҷумла мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ (қ.3 м.1), соҳибкории инфиродӣ (м.24), шахси ҳуқуқӣ (м.48), ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо (м.50) ва ғайра муқаррар шудааст.

---

[3]. Ниг.: Попондопуло В.Ф. Правовой режим предпринимательства. - СПб.,1994. С.28.

[4]. Ниг.: Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- КГ ҶТ) (қисми якум) аз 30.06 1999 с., (қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999 с.// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 6, мод. 153, №12, мод. 323.

Хизматрасонӣ дар КГ ҶТ ҳамчун яке аз объектҳои ҳуқуқии гражданӣ баррасӣ мегардад (м.140). Дар КГ ҶТ муқаррароти умумӣ оиди ӯҳдадорӣ (моддаҳои 328-451) ва шартнома (моддаҳои 452-487) инъикос гардидааст. Дар фаъолияти сайёҳӣ ҷои махсус ба шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дода шудааст, ки маншаи он муқаррароти КГ ҶТ дар бораи шартномаи хизматрасонии пулакӣ мебошад. Дар моддаи 798 КГ ҶТ муқаррар шудааст, ки «Мавзӯи шартнома аз хизматрасонии алоқа, тиббӣ, байторӣ (ветеринарӣ), аудиторӣ, машваратӣ, иттилоотӣ, оид ба таълим, хизматрасонии фарҳангӣ ва ғайра иборат аст».

Дар маҷмӯъ КГ ҶТ фишанги эҳёнамоянда ва инкишофдиҳандаи қонунгузории Тоҷикистон пеш аз ҳама дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун маҳаки муносибатҳои бозоргонӣ аз ҷумла фаъолияти сайёҳӣ аст.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар баробари КГ ҶТ бо шумораи зиёди қонунҳои дигар ба амал бароварда мешавад. Вобаста ба ин танзими фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи методҳои гуногуни ҳуқуқӣ сурат мегирад. Ин санадҳои ҳуқуқӣ натанҳо ба қонунгузории гражданӣ балки бо қонунгузории маъмурӣ, молиявӣ, кишоварзӣ, экологӣ дохил мешавад.

Миёни шумораи зиёди қонунҳои батанзимдарорандаи фаъолияти сайёҳӣ номбар намудани чунин қонунҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлати соҳибкорӣ дар Тоҷикистон», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи иҷозатномадиҳи ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол», «Дар бораи ҷаъмиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва ғайра.

Бо назардошти он ки қонунҳои номбаршуда пурра хусусиятҳои сайёҳиро ифода наменамоянд 3 сентябри соли 1999 Қонуни ҶТ «Дар бораи туризм»[5] қабул карда шуд. Бо ин санади меъёри ҳуқуқи принсипҳои сиёсати давлатӣ оид ба муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқии бозори ягонаи хизматрасонии сайёҳӣ дар ҶТ ифода гардида, муносибат ҳангоми тадбиқи ҳуқуқҳои

[5] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1999 № 824 "Дар бораи туризм"//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999., № 9, саҳ. 226. Бо тағиру иловаҳои то 19.05.09с №530.

шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ба сайёҳат ва дигар ҳуқуқҳо ҳангоми сайругашт, инчунин тартиби самаранок истифодабарии захираҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистонро танзим мегардад. Ин санад бори авввал сайёҳиро дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намуд.

Дар оянда оиди соҳаи ҳуқуқи сайёҳӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ақидаҳои худро байён менамоем, чунки дар айни ҳол оиди соҳаи қонунгузори будани сайёҳӣ баҳс нест. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, №359 «Дар бораи Классификатори ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Манбаи марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ» туризм таҳти фасли коди 190 қарор гирифта, зерфасли коди 030 (кӯтоҳкардашуда-190030000) мебошад ва ба он меҳмонхонаҳо низ таҳти фасли коди 310, зерфасли коди 050, боби коди 140 (кӯтоҳкардашуда-310050140) барои омӯзиш ҳавола гардидааст.

Гуфтаҳои боло исботи онанд, ки имрӯз соҳаи туризм гарчанде, ки дорои нуқсон аст базаи мукаммали меъёриву ҳуқуқии худро доро аст. Китоби мазкур дар шакли маҷмӯаи санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи туризм аз як тараф гузоштани саҳм барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии сайёҳон барои донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшон, инчунин тадбиқи механизмҳои миллию байналмилалӣ ҳифзи ҳуқуқҳояшон буда, аз тарафи дигар ҳимояи манфиатҳои субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ (Танзимгари туризм ва Агентии туристӣ) ҳангоми ба амал баровардани ин фаъолият аст.

# I. ҚОНУНҲО

## 1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 6 ноябри соли 1994

Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем.

### Боби якум.
### Асосҳои сохтори конститутсионӣ

**Моддаи 1.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд

**Моддаи 2.**

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд.

**Моддаи 3.**

Рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ аст.

**Моддаи 4.**

Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст.

**Моддаи 5**.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

**Моддаи 6.**

Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.

Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст.

Халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд.

Ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳақ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд.

Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст.

Аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд.

**Моддаи 7.**

Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад.

Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст.

Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарҷиб ва амалиёти ҷудоандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст.

Тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои марзиву маъмуриро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

**Моддаи 8.**

Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад.

Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд.

Таъсис вафаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бозӯрӣ сарнагункардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

**Моддаи 9**.

Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амали мегардад.

**Моддаи 10.**

Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

**Моддаи 11.**

Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад.

Ташвиқоти ҷанг манъ аст.

Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилали дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Давлат бо ҳамватанони берунмарзи ҳамкорӣ мекунад.

**Моддаи 12**.

Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд.

Давлат фаъолияти озодииқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

**Моддаи 13.**

Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

## Боби дуюм.
## Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд

**Моддаи 14.**

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амали мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

**Моддаи 15.**

Шаҳрванди Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Мансубияти шаҳрванди Тоҷикистон ба шаҳрванди давлати дигар эътироф намешавад, ба истисно мавридҳое, ки дар қонун ва шартномаҳои байни давлатии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Тартиби ба шаҳрванди қабул шудан ва аз он хориҷ гардиданро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

**Моддаи 16.**

Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад. Ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад.

Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷие, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад.

**Моддаи 17.**

Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

**Моддаи 18.**

Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад.

Ҳеч кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин.

Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.

**Моддаи 19.**

Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад.

**Моддаи 20.**

Ҳеч кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

Ҳеҷ касс баъди гузаштани мӯҳлати таъқиби ҷиноӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, баҷавобгари кашида намешавад.Барои як ҷиноят ҳеҷ кас такроран ҷазо намебинад.

Қонуне, кибаъдаз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад. Агар баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунӣ барои он ҷазо пешбини нашуда бошад ва ё ҷазои сабук пешбинишуда бошад, қонунинавамал мекунад.

Мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда манъ аст.

**Моддаи 21.**

Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад.

**Моддаи 22.**

Манзили шахс дахлнопазир аст.

Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истисnoи мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

**Моддаи 23.**

Маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст.

Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

**Моддаи 24.**

Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад.

**Моддаи 25**.

Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

**Моддаи 26**.

Ҳар касс ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон

динеро пайрави намояд ва ё пайрави накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.

**Моддаи 27.**

Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевоситава ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд.

Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад.

Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ваё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озоди маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурси иштирок кардан надоранд.

Тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд. Баргузории раъйпурсӣ тибқи қонуни конститутсионӣ сурат мегирад.

**Моддаи 28.**

Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд.

**Моддаи 29.**

Шаҳрванд ҳақ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад.

Ҳеҷ касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест.

**Моддаи 30.**

Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонунмуайян мекунад.

**Моддаи 31.**

Шаҳрванд ҳақ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд.

**Моддаи 32.**

Ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқишахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

**Моддаи 33.**

Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Бисёрникоҳӣ манъ аст.

**Моддаи 34.**

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ҷамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиҷу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

**Моддаи 35**.

Ҳар касс ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимои ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъаст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣҷалбкарда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризамини ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

**Моддаи 36.**

Ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад.

**Моддаи 37.**

Шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пулӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст.

**Моддаи 38.**

Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад.

Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 39.**

Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гумкардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

**Моддаи 40.**

Ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷодӣ бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад.

Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад.

Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст.

**Моддаи 41.**

Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлати метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 42.**

Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд.

Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад.

**Моддаи 43.**

Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 44.**

Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст.

**Моддаи 45.**

Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад.

Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд.

**Моддаи 46.**

Ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат, тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конститутсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба таври мӯътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулодда эълон мегардад.

Мӯҳлати вазъияти фавқулодда то се моҳ аст. Дар мавридҳои зарурӣ ин мӯҳлатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дароз намояд.

**Моддаи 47.**

Дар давраи вазъияти фавқулодда ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28-и Конститутсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешавад.

Низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулоддаро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

## Боби сеюм.
## Маҷлиси олӣ

**Моддаи 48.**

Маҷлиси Олӣ-парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.

Мӯҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон 5 соласт. Ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар рӯзи оғози фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони даъвати нав қатъ мегардад.

Ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олиро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад.

**Моддаи 49**.

Интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Маҷлиси намояндагон доимоамалкунанда ва касбӣ мебошад. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 25 кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад, метавонад вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шавад.

Аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим дар маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегардад. Дар Маҷлиси миллӣ Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намояндагони баробар доранд.

Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ даъватӣ мебошад.

Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сини ӯ аз 35 кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад, метавонад узви Маҷлиси миллӣ интихоб ё таъин шавад.

Ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якумраи Маҷлиси миллӣ мебошад, агар ӯ аз истифодаи ин ҳақ даст накашад.

Қонуни конститутсионӣ шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоби онҳо, тартиби интихоб нашудан ва мувофиқ набудани ваколати аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагонро танзим мекунад.

**Моддаи 50.**

Аъзои Ҳукумат, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони дигаре, ки қонуни конститутсионӣ муайян кардааст, наметавонанд узви Маҷлиси миллӣ бошанд.

Шаҳрванд наметавонад дар як вақт узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бошад. Узви Маҷлиси миллӣ наметавонад вакили зиёда аз ду мақоми намояндагӣ бошад.

Вакили Маҷлиси намояндагон наметавонад вакили дигар мақомоти намояндагӣ бошад, вазифаи дигареро иҷро кунад, фаъолияти соҳибкорӣ намояд, ба истисноии фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

**Моддаи 51.**

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба амри интихобкунандагон тобеъ набуда, ҳақ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад.

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад, ӯро ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истисноии дастгир шуданаш дар ҷои содири ҷиноят. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳамчунон мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода намешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун барои таъмини амнияти дигарон муқаррар намудааст. Масъалаи

маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби маҷлиси дахлдор ҳал карда мешавад.

Ваколати узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳангоми вафот, истеъфо, ғайри қобили амал эътироф шудани онҳо аз ҷониби суд, ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд, қатъи шаҳрвандӣ, тарки доимии ҷумҳурӣ, ишғоли вазифае, ки ба ваколати узви Маҷлиси миллӣ мувофиқ нест, парокандашавии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон қатъ мегардад.

Вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

**Моддаи 52.**

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро дар давоми як моҳи баъди интихоби онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мекунад.

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро узв ва вакили синну солаш калонтарин мекушояд ва то интихоб шудани раисони ин Маҷлисҳо онро мебарад.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ дар шакли иҷлосия сурат мегирад. Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ соле на камтар аз чор бор аз тарафи Раиси Маҷлиси миллӣ даъват карда мешавад.

Фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар шакли иҷлосия сурат мегирад. Иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагон дар як сол як маротиба аз рӯзи авали кори моҳи октябр то рӯзи охирини кории моҳи июн гузаронида мешавад.

Дар давраи байни иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми зарурат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷлосияҳои ғайринавбатии онҳоро даъват менамояд. Дар ин иҷлосияҳо танҳо он масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки боиси даъвати ин иҷлосияҳо гаштаанд.

**Моддаи 53.**

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз байни аъзо ва вакилон раисони Маҷлисҳо, муовинони якум ва муовинони онҳоро интихоб менамоянд. Яке аз муовинони Раиси Маҷлиси миллӣ аз ҳисоби намояндагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагон бо овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзо ва вакилони онҳо интихоб мешаванд. Тартиби интихоби муовинони Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагонро Дастури Маҷлисҳо танзим мекунад.

Раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар назди Маҷлиси дахлдор ҳисоботдиҳанда мебошанд ва онҳо метавонанд ботарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзо ва вакилон бозхонда шаванд.

Раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, муовинони якум ва муовинони онҳо ба иҷлосия роҳбари мекунанд ва дигар масъалаҳои дахлдорро ҳал менамоянд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мақомоти ҳамоҳангсозанда ва кории худро мустақилона ташкил медиҳанд, инчунин кумита ва комиссияҳои дахлдорро таъсис менамоянд ва аз рӯи масъалаҳои ба Маҷлисҳо тааллуқдошта муҳокимаҳои парламенти доир мекунанд.

Мақомоти ҳамоҳангсозандаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар алоҳидагӣ ҷаласа мегузаронанд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Дастури фаъолияти худро қабул мекунанд.

**Моддаи 54.**

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон алоҳида ҷаласа мегузаронанд.

Ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳамон вақт гузаронида мешавад, ки агар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзо ва вакилони онҳо ҳузур дошта бошанд. Ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ошкоро гузаронида мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун ва Дастури Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мумкин аст ҷаласаи пӯшида гузаронида шавад.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҳолатҳои пешбининамудаи Конститутсия ҷаласаҳои якҷоя мегузаронанд.

**Моддаи 55.**

Салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя:

1. Тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат;

2. Тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷори намудани Ҳолати ҷанги ва вазъияти фавқулодда;

3. Ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон;

4. Таъини интихоботи Президент;

5. Қабули истеъфои Президент;

6. Сарфароз гардонидани Президент бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи олии ҳарбӣ;

7. Баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаҳои якҷояи худ аз рӯи масъалаҳои зикршудаи салоҳияташон қарор қабул мекунанд. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз маҷлисҳо дар алоҳидаги овоз медиҳанд, қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад.

Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохили ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

**Моддаи 56.**

Салоҳияти Маҷлиси миллӣ:

1. Таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо;

2. Интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;

3. Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;

4. Ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ;

5. Амалинамудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси миллӣ аз рӯи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор кабул мекунад. Қарори Маҷлиси миллӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои он қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад.

**Моддаи 57.**

Салоҳияти Маҷлиси намояндагон:

1. Таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва бозхонди раис, муовин ва аъзои он бо пешниҳоди Президент;

2. Ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ;

3. Тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

4. Ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ;

5. Тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;

6. Таъини раъйпурсӣ;

7. Таъсиси судҳо;

8. Тасдиқи рамзҳои давлатӣ;

9. Тасдиқи мукофотҳои давлатӣ;

10. Тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъии ва озоднамудани раиси Бонки миллӣ ва муовнinfoни ӯ;

11. Муқаррар намудани рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус;

12. Муайян намудани маоши Президент;

13. Амали намудани ваколатҳои днгаре, кн Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси намояндагон аз рӯи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муайян накарда бошад.

Дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон роҳбарони давлатҳои хориҷӣ метавонанд суханронӣ кунанд.

**Моддаи 58.**

Аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд.

**Моддаи 59.**

Лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд.

Лоиҳаи қонун дар бораи авф аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад.

**Моддаи 60.**

Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Қонун бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигарро Конститутсия муқаррар накарда бошад.

Қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон қабул намудааст ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешаванд, ба истиснои қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф.

Маҷлиси миллӣ қонунро бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад. Дар мавриди дастгири наёфтани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ мешавад.

Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норози будани Маҷлиси намояндагон, қонун ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагононро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Қонунҳо дарбораи буҷети давлатӣ ва авф танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул карда мешаванд. Маҷлиси намояндагон иҷрои буҷети давлатиро назорат мекунад.

**Моддаи 61.**

Қонунҳои конститутсионӣ оид ба масъалаҳое қабул мешаванд, ки Конститутсия муайян намудааст. Қонунҳои конститутсионӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегарданд ва Маҷлиси миллӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад.

Дар сурати бо Қарори Маҷлиси миллӣ норози будани Маҷлиси намояндагон, қонуни конститутсионӣ ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро

такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Тафсири Конститутсияро Маҷлиси Олӣ тибқи тартиби мазкур барраси намуда, дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул менамояд.

**Моддаи 62.**

Қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Агар Президент ба Қонун ё қисми он рози набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран барраси менамоянд. Дар сурати баррасии такрори қонун дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад. Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва онро интишор менамояд.

Ҳангоми баррасии қонуни аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида шуда, ки онро пештар Маҷлиси намояндагон бо аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул намуда буд, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон онро такроран бо аксарияти на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо тарафдорӣ мекунанд.

Агар Президент қонуни конститутсиониро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран барраси менамоянд. Дар сурати баррасии такрори қонуни конститутсионӣ дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ шавад. Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конститутсионӣ имзо мегузорад ва онро интишор менамояд.

**Моддаи 63.**

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон метавонанд пеш аз мӯҳлат дар ҷаласаи якҷояи худ бо тарафдории накамтар аз се ду ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ихтиёран пароканда шаванд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар давраи вазъияти фавқулодда ва ҳолати ҷанги пароканда намешаванд.

## Боби чаҳорум.
## Президент

**Моддаи 64**.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст.

Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлати ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

**Моддаи 65.**

Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб менамоянд.

Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сини ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, метавонад ба номзадии Президент пешниҳод гардад.

Шахсе ба номзадии Президент ба қайдгирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд.

Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду мӯҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

Моддаи 66.

Интихоботи Президент вақте боэътимод шумурда мешавад, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагон ширкат варзида бошанд.

Номзаде Президент интихобшуда ҳисоб меёбад, ки ба тарафдории ӯ бештар аз нисфи интихобкунандагони ширкатварзида овоз дода бошанд.

Тартиби интихоби Президентро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

**Моддаи 67.**

Президент пеш аз шурӯъи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад:

"Ман, ҳамчун Президент савганд ёд мекунам, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро ҳимоя менамоям, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳам,

сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисоди ва фарҳангии Тоҷикистонро ҳифз мекунам, ба халқ содиқона хидмат менамоям".

Ваколати Президент баъд аз савганд ёд кардани Президенти нав қатъ мегардад.

**Моддаи 68**.

Президент наметавонад вазифаи дигарро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндаги бошад, ба соҳибкори машғул шавад.

**Моддаи 69.**

Салоҳияти Президент:

1. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;

2. Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

3. Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад;

4. Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод мекунад; фармон дар бораи таъин ва озодкардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

5. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳрва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд;

6. Санадҳои мақомотиҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад;

7. Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад ва фармонро ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

8. Номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд;

9. Бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад;

10. Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад;

11. Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбари мекунад;

12. Шӯрои адлияро таъсис медиҳад;

13. Судяҳои суди ҳарби, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳоииқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо бо пешниҳоди Шӯрои адлия таъин ва озод мекунад;

14. Раъйпурси, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад;

15. Ба қонунҳо имзо мегузорад;

16. Низоми пулиро муайян менамояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

17. Ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад;

18. Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбари мекунад, қарордодҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

19. Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилали таъин ва озод мекунад;

20. Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд;

21. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад; фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад;

22. Ҳангоми таҳдиди хатари воқеи ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад;

23. Барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад;

24. Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулодда эълоннамуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;

25. Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад;

26. Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;

27. Масаълаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунад;

28. Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад;

29. Шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз мегардонад;

30. Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд.

**Моддаи 70.**

Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад, масъалаҳоеро, ки заруру муҳим мешуморад, ба муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

**Моддаи 71.**

Ҳангоми вафот, истеъфо ва ғайри қобили амал донистани Президент вазифаи ӯ то ба вазифааш шурӯъ намудани Президенти нав ба зиммаи Раиси Маҷлиси миллӣ мегузарад. Дар ин маврид ваколати Раиси Маҷлиси миллӣ ба зиммаи муовини якӯми ӯ мегузарад.

Дар ҳолатҳои зикршуда дар мӯҳлати семоҳ интихоботи Президент гузаронида мешавад.

Ваколатҳои Президент дар ҳолате, ки ӯ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар бораи ба истеъфо баромаданаш хабар медиҳад, бо тарафдории аксарияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидаги овоз медиҳанд, қатъ карда мешавад.

Дар сурате, ки Президент бинобар бемориӣ вазифаҳои худро иҷро карда натавонад, ҳар ду Маҷлис дар ҷаласаи якҷояи худ дар асоси хулосаи комиссияи тиббии давлатии ташкил кардаашон, дар бораи пеш аз мӯҳлат аз мансаб озод намудани Президент бо тарафдории на камтар аз се дуҳиссаи овозҳои шумораи умумии аъзо ва вакилони ҳар яке аз Маҷлисҳо қарор қабул мекунанд.

**Моддаи 72.**

Президент ҳуқуқи дахлнопазири дорад.

Дахлнопазирии Президент дар сурати аз тарафи ӯ содир шудани хиёнат ба давлат дар асоси хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидаги овоз медиҳанд, бекор карда мешавад.

## Боби панҷум.
## Ҳукумат

**Моддаи 73.**

Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Сарвазир, муовини якӯм ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

Ҳукумат роҳбарии самаранокии соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷроиқонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад.

Аъзои Ҳукумат наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндаги бошанд, ба соҳибкори машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

**Моддаи 74.**

Ҳукумат мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави Тоҷикистон ҳатмист.

Ҳукумат ваколаташро дар назди Президенти нав интихоб шуда вомегузорад.

Ҳукумат дар мавриди ғайри имкон донистани иҷрои фаъолияти мӯътадили худ метавонад ба Президент аз хусуси истеъфо арз намояд. Ҳар як узви Ҳукумат ҳуқуқи истеъфо дорад.

Тартиби ташкил, фаъолият ва салоҳияти Ҳукуматро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

**Моддаи 75.**

Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо, лоиҳаи буҷети давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири қасри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

## Боби шашум.
## Ҳокимияти маҳаллӣ

**Моддаи 76.**

Ҳокимияти маҳалли аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунад. Онҳо иҷрои Конститутсия, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, карорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд.

**Моддаи 77.**

Мақомоти намояндагон маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси вакилони халқ аст, ки онро раис роҳбари мекунад. Мӯҳлати ваколати Маҷлиси вакилони халқ 5 сол аст.

Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳалли ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунад, роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳалромуайян менамояд, андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад, дар доираи қонун тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналиро муайян менамояд ва ваколатҳои дигареро амали месозад, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

**Моддаи 78.**

Ҳокимияти иҷроияро дар маҳал намояндаи Президент - раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия амали мегардонад.

Мақомоти намояндагива иҷроияро дар воҳидҳои маъмурӣю марзи раис сарвари мекунад.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Президент таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд.

Раис дар назди мақомоти болои ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор масъул аст.

Тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд.

**Моддаи 79.**

Мақомоти намояндаги ва раис дар доираи салоҳияти худ санадҳои ҳуқуқи қабул мекунанд, ки иҷрояшон дар он қаламрав ҳатмист.

Дар сурати бо Конститутсия ва қонун мувофиқат накардани санадҳои мақомоти намояндаги ва раис онҳо аз тарафи мақомоти болои, ҳуди ин мақомот, раис ва ё суд бекор карда мешаванд.

**Моддаи 80.**

Дар сурати талаботи Конститутсия ва қонунро мунтазам иҷро накардани Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси миллӣ метавонад онро пароканда намояд.

## Боби ҳафтум.
## Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

**Моддаи 81.**

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қисми таркиби ва ҷудонопазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бе ризоияти Маҷлиси вакилони халқи вилоят тағйир дода намешавад.

**Моддаи 82.**

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад.

**Моддаи 83.**

Салоҳияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ваколатҳои дигари вилоятро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад,

## Боби ҳаштум.
## Суд

**Моддаи 84.**

Ҳокимияти суди мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амали мегардад. Ҳокимияти суди ҳуқуқ озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисоди, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амали мекунанд.

Тарзи ташкил ва фаъолияти судро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

Мӯҳлати ваколати судяҳо 10 сол аст.

Ташкили суди фавқулодда манъ аст.

**Моддаи 85.**

Ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоят ва шаҳри Душанбе ҳуқуқшиносе интихоб ва таъин мешавад, ки синни ӯ аз 30-сола кам ва аз 65 зиёд набошад, ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

Ба вазифаи судяҳои шаҳр ва ноҳия, Суди ҳарбӣ, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе таъин мешавад, ки синни ӯ аз 25 кам ва аз 65 зиёд набошад, ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

**Моддаи 86.**

Судяҳои Суди ҳарбӣ, судяҳои Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанберо бо пешниҳоди Шӯрои адлия Президент таъин ва озод мекунад.

**Моддаи 87.**

Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст.

**Моддаи 88.**

Судяҳо парвандаҳоро ба таври дастҷамъи ва ё танҳо барраси мекунанд.

Мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Мурофиа ба забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал баргузор мегардад. Шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 89.**

Суди конститутсионӣ аз 7 нафар иборат буда, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ ҳуқуқшиносе интихоб мешавад, ки сини ӯ аз 30 кам ва аз 65 зиёд набошад ва беш аз 10 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

Салоҳияти Суди конститутсионӣ:

1) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон. Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия;

2) ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;

3) иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қоннҳо муайян кардаанд.

Санадҳои Суди конститутсионӣ қатъист.

**Моддаи 90.**

Судя наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкори машғул гардад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

**Моддаи 91.**

Судя ҳуқуқи дахлнопазири дорад. Ӯро бе ризоияти мақомоте, ки интихоб ё таъин кардааст, ҳабс кардан ва ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидан мумкин нест. Судяро дастгир кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир кардани ӯ ҳангоми содири ҷиноят.

**Моддаи 92.**

Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад.

Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад.

## Боби нуҳум.
## Прокуратура

**Моддаи 93.**

Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд.

**Моддаи 94.**

Низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи Тоҷикистонро Прокурори генералӣ сарвари мекунад. Прокурори генерали дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул аст.

**Моддаи 95.**

Прокурори генералии Тоҷикистон ба мӯҳлати 5 сол таъин мешавад.

Прокурори генерали прокурорҳои тобеи худро таъин ва озод мекунад. Мӯҳлати ваколати прокурорҳо 5 сол аст.

Фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад.

**Моддаи 96.**

Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд.

**Моддаи 97.**

Прокурор наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкори машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

## Боби даҳум.
## Тартиби тағири Конститутсия

**Моддаи 98.**

Тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад.

Раъйпурсиро Президент ва ё Маҷлиси намояндагон бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон таъин мекунанд.

**Моддаи 99.**

Тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзо ва вакилони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд.

Пешниҳоди тағйиру иловаҳои Конститутсия се моҳ пеш аз раъйпурсӣ дар матбуот чоп мешавад.

**Моддаи 100.**

Шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд.

## 2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм»

(аз 19.05.2009с. №530)

**Моддаи 1**. Ҳадафҳои Қонуни мазкур

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ҳамчунин қоидаҳои ягонаи фаъолияти туристиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 2**. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- туризм - шуғлест, ки усулҳои ташкили истироҳатро тавассути солимгардонӣ, шиносоӣ, динӣ (баистиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзиши касбию хизматӣ ва дигар ҳадафҳои воситаҳои саёҳат ва иқомати муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимиро дар бар мегирад;

- туризми дохилӣ –ташкили саёҳат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранд;

- туризми сайёр - ташкили саёҳат ба дигар кишварҳо барои шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранд;

- туризми ташрифӣ – ташкили саёҳат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ надоранд;

- туризми иҷтимоӣ - саёҳате, ки аз маблағҳои аз тарафи давлат барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ҷудогардида, пардохта мешавад;

- туризми худфаъолиятӣ - саёҳат бо истифодаи воситаҳои серистеъмоли ҳамлу накл, ки саёҳон мустақилона ташкил мекунанд;

- туризми варзишию кӯҳгардӣ- намуди истироҳати фаъоле, ки ба ташкили пайроҳаҳои пиёдагард дар шароити кӯҳсор алоқаманд аст;

- кӯҳнавардӣ (алпинизм) - намуди ғайриоддии туризм, ки бо баромадан ба қуллаҳои кӯҳи алоқаманд аст;

- турист - шаҳрванд, истифодабарандаи хизматрасонии туристӣ, ки аз ҷои истиқомати доимӣ ба кишвари (макони)

дигари муваққатӣ ба мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат(ба истисноИ ҳаҷ), тиҷорат, варзиш ва дигар мақсадҳои вобаста ба саёҳат сафар мекунад;

- саёҳат (тур) – сафари туристӣ бо пайроҳаҳои муайян дар мӯҳлатҳои муайян бо таъмини маҷмӯи хизматрасониҳо оид ба ҷобаҷокунӣ, ҳамлу нақл, озуқа, хизматрасониҳои экскурсионӣ, инчунин хизмати роҳбаладону тарҷумонҳо ва дигар хизматрасониҳо, ки вобаста ба мақсади саёҳат дар мавриди таъмини кафолати амнияти онҳо, ҳимоя ва ҳифзи тандурустии туристон пешниҳод карда мешаванд;

- маҳсулоти туристӣ - ҳуқуқ ба саёҳат, ки барои фурӯш, ба турист мутобиқи дастурҳои муқарраркардаи давлат пешбини гардидааст. Маҳсулоти туристӣ бо дар назардошти вазъи бозори туристи ё тибқи фармоиши мушаххаси турист ташаккул меёбад. Фурӯши маҳсулоти туристи дар асоси шартнома амали карда мешавад;

- фаъолияти танзими туризм - фаъолият оид ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти туристи, ки дар асоси иҷозатнома аз ҷониби шахсони воқеи ё ҳуқуқи (минбаъд - "танзимгари туризм") амалимегардад;

- фаъолияти агентии туризм - фаъолият оид ба пешбурд ва фурӯши маҳсулоти туристӣ, ки дар асоси иҷозатнома аз ҷониби шахсони воқеи ё ҳуқуқи минбаъд ("агентии туристи") амали мегардад;

- Кадастри давлатии захираҳои туристи номгӯи объектҳои табии ва таърихию фарҳангӣ, ки дастоварди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

- саноати туристӣ – маҷмӯи меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгиршавӣ, нақлиёт, муассисаҳои хӯроки умумӣ, тамошо, шиносоӣ, хизматӣ, солимгардонӣ, варзиши ва воситаҳои таъиноти дигар, ки ташкили фаъолияти танзими туризм ва агентии туристиро амали месозанд;

- пешбурди маҳсулоти туристӣ - маҷмӯи тадбирҳое, ки ба фурӯши маҳсулоти туристӣ (реклама, иштирок дар намоишгоҳҳои махсусгардонидашуда, ярмаркаҳо, ташкили марказҳои иттилоотии туристи оид ба фурӯши маҳсулоти туристӣ, нашри феҳристҳо, буклетҳо ва ғ.) нигаронида шудаанд;

- захираҳои туристӣ - маҷмӯи захираҳои экологӣ, табиию иқлимӣ, фарҳангию таърихӣ ва солимгардони ва захираҳои

дигари истироҳатию фароҷатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қонеъ сохтани маҷмӯи талаботи гуногуни туристон мувофиқ мебошанд;

- квотаи туристӣ – маҳдудияти миқдории ташриф ба объектҳои туристию саёҳати ё хатти сайр, ки ба таркиби захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ҳастанд ва бо зарурати ҳифз аз вайроншави ва дигар шартҳои истифодаи он иртибот доранд;

- субъекти фаъолияти туристӣ- шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, аз он ҷумла шахсони воқеи ё ҳуқуқии хориҷӣ, ё шахсони бешаҳрвандӣ, ки хизматрасонии туристиро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд;

- истироҳат-барқарорсозива обутоби қувваи ҷисмонию маънавии инсон дар муҳити атроф тавассути истироҳат, аз он ҷумла бо туризм;

- роҳхати туристӣ - асноди алоҳида, ки дар байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи хизмати туристи як навъи шартнома мебошад ва пардохти онҳоро тасдиқ мекунад;

- шикори байналмилалӣ - шикор бо тартиб ва шароити муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ, ки онро субъекти фаъолияти туристии дорои иҷозатномаи дахлдор ташкил менамояд.Ташкили шикори байналмилалӣ яке аз намудҳои фаъолияти туристӣ мебошад.

**Моддаи 3**. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асосёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4**. Истифодаи захираҳои туристӣ

1. Захираҳои туристӣ, ки аҳамияти миллӣ ва байналмилалиро доранд, дастовардҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Барои қайди истифодаи онҳо Кадастри давлатии захираҳои туристӣ тартиб дода шуда, барои тамошои онҳо квота муқаррар мешавад.

2. Истифодаи ройгон ва беподоши захираҳои туристӣ, ки ба Кадастри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд, манъ аст.

**Моддаи 5**. Мақсад, усул ва роҳҳои танзими давлатии фаъолияти туристӣ

1. Мақсадҳои асосии танзими давлатии фаъолияти туристи инҳо мебошанд:

- таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба истироҳат, ҳаракати озод ва дигар ҳуқуқҳо дар мавриди саёҳат;
- ҳифзи муҳити зист;
- муайян намудани номгӯи ҳарсолаи объектҳои табии, таърихию фарҳангӣ, аз он ҷумла ҳудудҳои табии махсус муҳофизатшаванда, ки тамошои онҳодар асоси квота муқарраркарда мешавад;
- ривоҷ додани саноати туристӣ, ҳамчун таъминкунандаи талаботи шаҳрвандон ҳангоми саёҳат;
- ривоҷ додани робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи туризм;
- истифодаи оқилонаи дастовардҳои табиӣ ва фарҳангӣ.

2. Самтҳои асосии сиёсати давлат дар соҳаи туризм дастгири ва инкишофи туризми дохили, воридоти, иҷтимои ва худфаъолияти мебошанд.

3. Танзими давлатии фаъолияти туристӣ бо роҳҳои зайл амали гардонида мешавад:

- эҷод намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба ташаккули муносибатҳо дар соҳаи саноати туристи равона карда шудаанд;
- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати давлат дар соҳаи туризм;
- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои туристон, таъмини бехатарии онҳо;
- муқаррар намудани тартиби стандартизатсия, сертификатсия ва иҷозатномадиҳи дар соҳаи туризм;
- ҳавасмандкунии маблағгузории миллӣ ва хориҷӣ барои инкишофи фаъолияти туристӣ;
- фароҳам овардани имкониятҳои якхела дар бозори хизматрасонии туристӣ барои субъектҳои соҳибкор новобаста аз шакли моликият, дастгирии инкишофи рақобат, таъминнамудани риояи қонунгузории зиддимонополияви дар ин соҳа;
- вусъат додани ҳамкори бо мамлакатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, иштирок дар барномаҳои байналмилалии туризм, коркард ва бастани шартномаҳои

байналмилалии ду ва чандтарафа дар соҳаи туризм ва муайян кардани тартиби амали намудани онҳо.

**Моддаи 6**. Намудҳои асосии фаъолияти туристи

Намудҳои асосии фаъолият дар соҳаи туризм инҳо мебошанд:

- ташкили қабул ва хизматрасони дар чаҳорчӯбаи маърифатӣ, экологӣ, туризми варзишию куҳӣ, кӯҳнавардӣ, шикори байналмилалӣ, фиристодани туристон ба хориҷа ба мақсади истироҳат, таҳсил, муолиҷа, зиёрати динӣ ва тиҷорат;
- ташкили чорабиниҳои оммавии туристӣ-тандурустӣ, завқовар, махсус гардонидашуда ва дигар чорабиниҳо, ки бо туризм алоқаманданд.

**Моддаи 7.** Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи туризм

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон дар соҳаитуризмдохил мешаванд:

- қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки фаъолияти туристиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд;
- муқаррарнамудани тартиби воридоту содироти хизматрасонии туристӣ;
- басташудан исозишномаҳои байниҳукумати дар соҳаи туризм ва муайян намудани тартиби тадбиқи онҳо:
- тасдиқи барномаҳои давлатии инкишофи туризм, ки ба такмили саноати туристи равона шудаанд, иштирок дар иҷрои барномаҳои байналмилалӣ;
- муқаррар ва ҷори намудани тартиби истифодаи захираҳои туристӣ бо мақсади туризм ва ҷуброни зарарҳои расонидашуда;
- фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя ба соҳаи туризм ;
- ташкили усулҳои давлатии тайёрнамудани мутахассисони соҳаи туризм ва таъминоти илмии соҳаи туристӣ;
- муайян намудани тарифҳои ягонабарои баромадан ба қуллаҳои кӯҳӣ, пардохти наҷоти кӯҳӣ, боҷи экологӣ;
- сиёсати давлатиро дар соҳаи туризм амалӣ менамояд;
- ҳалли дигар масъалаҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти он вобастаанд.

**Моддаи 8**. Салоҳияти мақоми ваколатдори давлатҳ дар соҳаи туризм

1. Сиёсати давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти туристиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ соҳаи туризм ба амал мебарорад.

2. Ба салоҳияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

- амалинамудани барномаи давлатии туризм дар Тоҷикистон ва таъмини иҷрои шартномаҳо, созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи туризм;
- намояндагии манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалии туристӣ;
- таҳияи меъёрҳо ва муайянкардани стандартҳои давлатии хизматрасонии туристон дар ҷумҳурӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолият ва роҳбарии меъёрию методи ба субъектҳои фаъолияти туристӣ;
- роҳбари ба намояндагиҳои дар хориҷа будаи худ;
- ботартиби муқарраршуда амалинамудани иҷозатно-мадиҳи ба фаъолияти туристӣ;
- муқаррар намудани квотаи туристии мутаносиби баробар дар байни субъектҳои фаъолияти туристи барои тамошои объектҳои туристию экскурсионӣ, ки ба Кадастри давлатии захираҳои туристи бо сабаби зарурияти муҳофизати онҳо аз вайроншави дохил ҳастанд;
- назорат аз рӯи сифати хизматрасонии туристии пешниҳодшаванда ва иҷрои шартҳои иҷозатномадиҳи ва сертификатсия дар соҳаи туризм;
- амалигардонидан, тайёрва ҷобаҷогузории кадрҳо (ба ғайр аз субъектҳои фаъолияти туристии ғайридавлатӣ), гузаронидани корҳои илмию тадқиқоти дар соҳаи туризм ва ташкили Кадастри давлатии захираҳои туристӣ;
- робитаҳо ва ҳамкориҳои мутақобила бо созмонҳои ҷамъиятии соҳаи туризм;
- ҳалли дигар масъалаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти он вобаста намудааст.

**Моддаи 9**. Иҷозатномадиҳии фаъолияти туристӣ ва сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонии туристӣ

Иҷозатномадиҳии фаъолияти туристӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳи ба баъзе намудҳои фаъолият" амали карда мешавад. Сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонии туристиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 10**. Суғуртакуни ҳангоми иҷрои фаъолияти туристӣ

1. Дарҳолате, агар қонунгузории кишварӣ (маҳони) иқомати муваққати талаботи кафолати пардохтро барои мадади тибби ба ашхосе, ки дар ҳудуди он муваққатан иқомат доранд ҷори намуда бошад, танзимгари (агенти) туристӣ вазифадораст, чунин кафолатҳоро пешниҳод намояд. Суғуртакунии туристӣ дар мавриди бемории тасодуфи ва ҳодисаҳои нохуш, шакли асосии додани чунин кафолатҳо мебошад.

2. Бо талаби турист, танзимгари (агенти) туристӣ ба суғуртакунии ҳодисаҳои хавфи таваккалии ба саёҳат вобаста кӯмак мерасонад.

3. Суғуртаи хавфҳои таваккали дар туризм, ки хатари зиёдро ба ҳаёту саломатии туристон таҳдид карда, хароҷоти зиёдро барои наҷотдиҳӣ талаб мекунад, аз тарафи субъекти фаъолияти туристӣ бо ризоияти турист амали мегардад.

4. Суғуртаи хавфҳои таваккали ихтиёри буда, аз ҷониби туристон ба таври мустақилона ё тавассути субъектҳои фаъолияти туристи иҷро мешавад.

**Моддаи 11**. Ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳои фаъолияти туристӣ

1. Ҳуқуқҳои субъектҳои фаъолияти туристи мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар барои фаъолияти соҳибкори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ", "Дар бораи сиёсати зиддимонополияви", "Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ", Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

2. Субъектҳои фаъолияти туристӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан, вазифадоранд:

- барои ҳуқуқӣ шуғл ба фаъолияти туристи дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома, инчунин сертификати мутобиқат ба маҳсулот ва хизматрасонии туристии пешниҳодшаванда дошта бошанд;
- оид ба хизматрасони ба туристон ба тартиби муқарраргашта ҳисоботи асноди баранд;
- ба мақомоти идораи давлатӣ дар соҳаи туризм тибқи намунаҳои муқарраршуда маълумот ва ҳисобот пешниҳод намоянд;
- ба турист оид ба ташкил ва гузаронидани саёҳат маълумоти пурра ва дақиқ, дода, ба турист барои хизматрасониҳо мутобиқи

маълумоти пешниҳодшуда роҳхати туристии намунаи ягона фурӯшанд;

- бехатарии туристон ва нигоҳдории амволи онҳо, муҳайё намудани шароитиамният барои фаъолияти туристӣ, омӯзонидани қоидаҳои амният, расонидани ёрии таъҷилиро ба туристон таъмин намуда, барои зарари ба туристон расонидашуда мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд;

- оидба масъалаҳои эҳёи индустрияи туристӣ (сохтмони меҳмонхонаҳо, базаҳои туристӣ, кемпингҳо, марказҳои истироҳатӣ ва ғ.) бо мақомоти идораи давлати мувофиқа кунанд;

- субъекти фаъолияти туристӣ ҳангоми ташкил ва амалисохтани саёҳат, дар назди муштарӣ, чи барои амали худ ва чи барои амали шарикони хеш оид ба ташкили саёҳат (пешниҳоди хизматрасонии ҷойгиркунӣ, озуқа, нақлиёт ва дигар хизматрасоние, ки дар барномаи сафар ворид гардида, дар роҳхат зикр шудаанд) ва фурӯши он ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 12**. Роҳбари гурӯҳи туристи

1. Роҳбари гурӯҳи туристӣ дар рафти саёҳат ва мӯҳлати сафар дар сафари туристии гурӯҳи туристӣ намояндаи расмии субъекти фаъолияти туристӣ мебошад. Роҳбари гурӯҳи туристӣ аз ҷониби субъекти фаъолияти туристӣ дар асоси шаҳодатномаи тахассусӣ, ки бо тартиби муайянкардаи мақомоти идораи давлати дар соҳаи туризм дода мешавад. таъин мегардад.

2. Вазифаҳои роҳбари гурӯҳи туристиро субъекти фаъоли-яти туристӣ муайян мекунад.

**Моддаи 13**. Шартнома (қарордод), роҳхат ба саёҳат (тур) ва хизматрасониҳои туристӣ

1. Субъектҳои фаъолияти туристӣ ҳангоми ташкили сафари туристӣ ба турист роҳхати намунаи ягонаро бо имзои шахси масъул, ки бо муҳри корхонаи мазкур (субъект) тасдиқ карда шудааст, ба расмият дароварда, медиҳанд. Шартнома (қарордод) дар ҳолате басташуда ҳисобида мешавад, ки агар корхонаи туристӣ роҳхат дода бошад ва муштари пардохти дахлдорро мувофиқи шартҳои шартнома (қарордод) супурда бошад.

2. Субъекти фаъолияти туристӣ метавонад зарарҳоро ҷуброн накарда шартномаро бекоркунад дар ҳолате, ки агар далели бе кор куни ба маълумоти турист ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои рафънопазир сарфи назар аз иродаи ӯ, ки ба амали шудани

саёҳат ё пешниҳоди хизматрасони монеъ мегардад, шахсан на дертар аз 15 рӯз то санае, ки сафар аз он оғоз меёбад, расонида шуда бошад.

3.Дар ин ҳолат ҳамаи маблаґе, ки қаблан аз тарафи турист супурда шудааст, ба ӯ баргардонида мешавад.

**Моддаи 14**. Роҳхат

1. Туристон барои саёҳат кардан роҳхати намунавиро, ки бастани шартномароба саёҳат тасдиқ мекунад, бо имзои шахси дахлдор ва муҳри тасдиқкардаи фурӯшанда мегиранд. Пойгири (корешоки) роҳхат дар фурӯшандаи саёҳат боқи мемонад.

2. Роҳхат бояд хусусиятҳои зеринро дар бар гирад:

- ном, суроға, тамғаи тиҷоратии ташкилотҳои туристӣ, дар фурӯшанда мавҷуд будани иҷозатнома, рақам ва санаи дода шудани он;

- насаб, ном ва номи падари турист, ки роҳхат гирифтааст, рақами шиносномаи хориҷӣ, агар роҳхат номи бошад;

- тасниф ва стандартҳои тамоми хизматрасониҳо бо дар назардошти ҷойгиркуни, озуқа, нақлиёт ва дигар хизматрасониҳо, ки ба арзиш ворид карда шудаанд, инчунин мавҷудияти шартҳои суғурта;

- арзиши умумии саёҳат ва шартҳои пардохти он аз ҷониби муштари (пешпардохти пурра, қисман, аванс, тибқи далели хизматрасонии дастрасшуда);

- тавсифи шароит ва вазъият, ки дар мавриди онҳо турист метавонад радди сафар намояд (ҷуброн накардани зарар, қисман ҷуброн кардани зарар ба ташкилкунандаи саёҳат);

- тавсифи шакл ва ҳаҷми ҷуброн ба турист барои вайрон кардани шартҳои сафари ӯ, ки дар роҳхат мувофиқа шудаанд ва бо айби субъектҳои фаъолияти туристӣ, ки саёҳат ва хизматрасониро ташкил кардаанд, роҳ дода шудаанд;

- дигар шартҳо тибқи мувофиқаи байни муштари ва ташкилкунандаи саёҳат.

**Моддаи 15**. Роҳхати гурӯҳӣ

1. Ҳангоми сафар дар ҳайати гурӯҳии туристӣ, ба роҳбарии гурӯҳи туристӣ роҳхати умуми дода мешавад.

2. Роҳхати умуми бояд хусусиятҳои дар моддаҳои 13 ва 14-и ҳамин Қонун зикргардидаро дошта бошад.

3.Дар роҳхати умуми маълумот дар бораи роҳбар ва ҳайати миқдории гурӯҳ, навишта мешавад.

4.Маълумоти аъзои гурӯҳ дар замима (рӯйхат), ки қисми ҷудонопазири роҳхати умуми мебошад, дода мешавад. Ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти роҳбари гурӯҳи туристӣ бо шартномаи байни онҳо ва субъекти фаъолияти туристӣ муайян карда мешаванд.

**Моддаи 16**. Ҳуқуқу вазифаҳои туристон

1. Ҳуқуқи туристон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни мазкур, қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст муайян карда мешаванд.

2.Туристон вазифадоранд:

- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд, ба низоми сиёсию иҷтимоии давлатӣ, суннат, урфу одат, эътиқоди динию мазҳабӣ ва тарзи зиндагии аҳолии маҳаллӣ эҳтиром гузоранд;
- нисбат ба муҳити зист, ёдгориҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ҷойҳои муқаддас ва осори дигаре, ки таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд, бо эҳтиёт муносибат намоянд;
- қоидаҳои дохил шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ шудан аз ҳудуди онро риоя намоянд;
- шартҳои қарордодҳо оид ба хизматрасонии туристиро риоя намоянд;
- зарар ва хароҷоти аз тарафи турист дар давраи саёҳат ба ташкилоти туристии қабулкарда ё фиристода расонидаро пурра ҷуброн намоянд;
- зарари ба шахсони сеюм дар давраи саёҳат расонидашудар оҷуброн намоянд;
- қоидаҳои шахсии бехатариро ҳангоми саёҳат риоя намоянд.

**Моддаи 17**. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун турист берун аз қаламрави Тоҷикистон сафар менамоянд

1. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун турист берун аз қаламрави Тоҷикистон сафар менамоянд, бо қонунгузории кишвари будубош танзим карда мешаванд.

2. Турист ӯҳдадор аст мӯҳлатҳои муқарраргардидаи будубошро дар кишваре, ки дар роҳхат зикр гардидаанд, риоя намояд.

**Моддаи 18**. Намояндагии мақоми давлатии идораи туризм дар хориҷа

Намояндагии мақомоти давлатии идораи туризм дар хориҷа манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар кишварҳои дахлдор намояндаги намуда, дар доираи салоҳияти худ вазифаҳои оид ба рушди ҳамкорӣ, инчунин мубодилаи ахбор байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳоро дар соҳаи туризм ба роҳ мемонад.

**Моддаи 19**. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 3 сентябри соли 1999 № 824
ш. Душанбе

# 3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон
## Қисми дуюм
## (иқтибос)

### Боби 37. Хизматрасонии пулакӣ

**Моддаи 797**. Шартномаи хизматрасонии пулаки

Тибқи шартномаи хизматрасонии пулаки бо супориши фармоишгар иҷрокунанда вазифадор аст хизмате расонад (амали муайяне ё фаъолияти муайянеро анҷом диҳад), ки дорои шакли ашёи набошад ва фармоишгар ӯҳдадор аст арзиши онро пардозад.

**Моддаи 798**. Мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулаки

Мавзӯи шартнома аз хизматрасонии алоқа, тибби, байтори (ветеринари), аудитори, машварати, иттилооти, оид ба таълим, хизматрасонии фарҳанги, туристи ва ғайра иборат аст.

**Моддаи 799**. Иҷрои шартнома

Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани нишондоди дигар иҷрокунанда ӯҳдадор аст хизматрасони (хизматрасониҳо)-и дар шартнома пешбинишударо шахсан анҷом диҳад.

**Моддаи 800.** Нархи хизматрасони

1. Фармоишгар ӯҳдадор аст хизмат (хизматҳо)-и ба ӯ расонидашудаеро тибқи мӯҳлат ва тартиби дар шартнома зикргардида пардозад.

2. Дар сурати имконнопазирии иҷро, ки бо гуноҳииҷрокунандаба миён наомадааст, фармоишгар вазифадор аст бо нигоҳ доштани фоидае, ки иҷрокунанда ба даст овардааст ё метавонист дар натиҷаи озод намудани ӯ аз иҷрои хизматрасони (хизматрасониҳо) ба даст орад, подошпулии муносиб диҳад.

Дар сурати богуноҳи фармоишгар ба миён омадани имконнопазирии иҷро, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбининагардида бошад, арзиши хизматрасони дар ҳаҷми пурра пардохта мешавад.

**Моддаи 801**. Масъулияти иҷрокунанда барои вайрон кардани шартнома

1. Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаи хизматрасонии пулаки иҷрокунанда вазифадор аст ба фармоишгар зарари расонидашударо дар ҳаҷми пурра, ҷуброн намояд.

2. Дар ҳолате ки агар иҷрокунанда ӯҳдадориро ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкори иҷро накардааст ё номатлуб анҷом додааст, дар шартнома нисбат ба масъулияти дарқисми 1 ҳамин моддаи зикргардида масъулияти баландтаре пешбини шуданаш мумкин аст.

**Моддаи 802**. Даст кашидан аз шартнома

1. Фармоишгар ҳуқуқ дорад дар ҳолати аз тарафи иҷрокунанда пардохтани арзиши ҳақиқии хизматрасони аз шартномаи хизматрасонии пулакӣ даст кашад.

2. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад танҳо баъди пурра ҷуброн кардани зарари вобаста ба бекор кардани шартнома ба фармоишгар расонидашударо, ба истиснои ҳолатҳое, ки он бо гуноҳи фармоишгар рухдодааст ва аз иҷрои шартнома хизматрасонии пулакӣ талаб намояд.

**Моддаи 803**. Танзими ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии пулакӣ

Муқаррароти умуми оид ба пудрат (моддаҳои 714-741) ва муқаррарот оид ба пудрати маиши (моддаҳои 742754), агар онҳо хилофи қоидаҳои  ҳамин боб, инчунин мушаххасоти мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулакӣ набошанд, нисбат ба шартномаи хизматрасонии пулакӣ татбиқ карда мешаванд.

# 4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
# Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

(Иқтибос)
(аз 06.10.2008с. №424, №436)

Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) батанзим даровардa, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани молӣ (корӣ, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагонӣ (иҷрокунандагонӣ, фурӯшандагонӣ) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян мекунад.

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

**Моддаи 1**. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:

истеъмолкунанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасони)- ро фармоиш диҳад ё харидори намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд;

истеҳсолкунанда -ташкилоте, киновобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро ҷиҳати фурӯш барои истеъмолкунандагон истеҳсол мекунанд;

иҷрокунанда - ташкилоте, ки новобаста аз шакли моликият, инчунин соҳибкори инфиродие, ки корро барои истеъмолкунандагон тибқи шартномаи бемузд ё музднок иҷро мекунанд ё хизмати онҳоро ба ҷо меоваранд;

фурӯшанда - ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро тибқи шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда мефурӯшанд;

чеки мол-талони хазинадорӣ бо суроғаи фурӯшанда ва сабти маблағ, ки ба мол, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва хариду фурӯши он мансуб мебошад;

чеки хазинадорӣ - талони дар мошини назоратии хазиначопшуда бо зикри маблағи гирифташуда, санаи фурӯш, номи ташкилоте (соҳибкори инфиродие), ки молро барои фурӯш истеҳсол мекунад;

стандарт - стандарти давлатӣ, меъёру қоидаҳои санитарӣ, бинокорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки тибқи қонун талаботи ҳатмиро ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар менамояд;

сифати мол (кор, хизматрасонӣ) - маҷмӯи хусусиятҳои моле (коре, хизматрасоние), ки баталаботи муқаррар гардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, боэътимодӣ, камхарҷӣ, талаботи иттилоотии завқӣ ва ғайра)-ро қонеъ гардонидани он нисбат дорад;

мӯҳлати кафолат-мӯҳлати тақвим (ба ҳисоби моҳ) ё кор (ба ҳисоби соат, давраи хизмат, километри гашт ва ҳо казо), кидарин муддат мол (натиҷаи кор, хизматрасони) бояд ба тамоми талаботи сифате ҷавобгӯ бошад, ки бо тартиби муқаррааргардидаи қонунгузори муайян карда шудааст;

мӯҳлати коршоямӣ - даврае, ки баъди гузаштани он мол (натиҷаи кор) барои истифода кардан аз рӯи таъиноташ корношоям дониста мешавад;

мӯҳлати хизмат-даврае, ки дар ҷараёни он истеҳсолкунанда ӯҳдадор мешавад ба истеъмолкунанда имконияти аз рӯи таъинот истифода бурдани мол (натиҷаи кор)-ро муҳаёнамояд ва бехатарии мол (иҷрои кор)-роҳбарои ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда ва ҳамчунин барои муҳити зист кафолат медиҳад;

мӯҳлати нигоҳдорӣ - даврае, ки дар рафти он мол (натиҷаи кор, ё хизматрасонӣ), дар сурати риоя шудани шартҳои муқаррар гардидаи нигоҳдорӣ, хусусиятҳои дар ҳуҷҷати меъёрӣ ва ё дар шартнома зикршуда, ки талаботро нисбати мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар кардааст, нигоҳ медорад;

нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) ё худ моли дорои сифати номатлуб-номувофиқатии мол (кор, хизматрасонӣ) ба стандарт, ба шартҳои шартнома ё худ ба талаботи оддии сифати мол (кор, хизматрасонӣ);

нуқсони ҷиддии мол (кор, хизматрасонӣ) нуқсоне, ки истифодаи мол (кор, хизматрасонӣ)-ро мутобиқи таъиноташ номумкин ё нораво мегардонад ё он ро бар тараф кардан мумкин нест ва ё баъди рафъаш боз зоҳир мешавад, ки барои бартараф кардани он маблағи калон лозим аст ё худ бар асари он истеъмолкунанда ба андозаи зиёдтар аз баҳрае маҳрум мешавад, ки ҳангоми имзои шартнома ба он умед баста буд;

бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист ҳангоми истифода, нигаҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии он, инчунин бехатарии ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобастаги дорад;

**Моддаи 2.** Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3**. Ҳуқуқи истеъмолкунанда

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад:

- ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;
- ба маълумот доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагонӣ, фурӯшандагонӣ) он;
- ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);
- ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ);
- ба сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ);
- ба ҷуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст;
- ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ;
- ба таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон;
- ба пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтаркардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда).

**Моддаи 4**. Таъмини ҳуқуқи истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда

Ҳуқуқ доштани истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо роҳи ба барномаи муассисаҳои таҳсили умумӣ дохил намудани масъалаҳо оид ба асосҳои дониши истеъмолӣ (матлуботӣ) ва ҳамчунин бо роҳи ташкили системаи огоҳонии истеъмолкунанда аз ҳуқуқҳояш ва амалҳои зарурии ҳимояи ин ҳуқуқҳо таъмин карда мешавад.

**Моддаи 5**. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ)

Истеъмолкунанда дар вақти барояш муносиб бо назардошти тартиботи кори фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ба интихоби озодонаи молӣ (корӣ, хизматрасонии) хушсифат ҳуқуқ дорад.

Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда дар интихоби озодонаи мол (кор, хизматрасонӣ) ёрӣ расонад.

Ба баъзе гурӯҳҳои истеъмолкунандагон дар хизматгузории тиҷоратӣ, маишӣ ва дигар намудҳои хизматгузории истеъмолкунандагон бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёз ва бартарият дода мешавад.

Ба муқаррар намудани бартариятҳо, маҳдудиятҳои бе восита ё худ ба восита ҳангоми интихоби мол (кор, хизматрасонӣ), ғайр аз бартарие ё маҳдудиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини намудааст, роҳ дода намешавад.

**Моддаи 6**. Сифат ва миқдори мол (кор, хизматрасонӣ)

Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда моле фурӯшад (кореро иҷро намояд, хизмате расонад), ки сифат ва миқдори он ба шартнома мувофиқ бошад.

Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ), фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст барои мақсадҳое, ки чунин мол (кор, хизматрасонӣ) одатан истифода мешавад, ба истеъмолкунанда мол фурӯшад (корро иҷро намояд, хизмат расонад).

Агар фурӯшанда (иҷрокунанда) ҳангоми бастани шартнома доир ба мақсадҳои мушаххаси харидории мол (иҷрои кор,

хизматрасонӣ) аз ҷониби истеъмолкунанда огоҳ шуда бошад, фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда молеро диҳад (затераро иҷро намояд, хизмате расонад), ки он мувофиқи ин мақсадҳо барои истифода коршоям бошад.

Ҳангоми фурӯши мол аз рӯи намуна ва ё тавсиф фурӯшанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда моли ба намуна ва ё тавсиф мувофиқро фурӯшад.

Агар бо стандарт нисбати сифати мол (кор, хизматрасонӣ) талаботи ҳатми пешбини шуда бошад, фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда молеро супорад (коре, хизматеро ба ҷо оварад), ки он мувофиқи ин талабот бошад.

Истеъмолкунанда фақат маблағи микдори муайяни моли гирифтааш (кори, хизмати ба ҷо овардааш) - ро пардохт менамояд.

Баҳисобгирии моли (корӣ, хизматрасонии) ҳаққони гирифтаи истеъмолкунанда (кору хизмати ҳаққони барояш иҷрокарда) - ро фурӯшанда бо воситаҳои ченаке, ки мақомоти давлатии стандартизатсия ва метрология санҷида, тамға задаанд, таъмин менамояд. Ин асбобу анҷомҳо ва дигар асбобу анҷомҳои ҳисобгирии инфиродии миқдори моли гирифтаи истеъмолкунанда (кору хизмати расонида) моликияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) буда, аз тарафи он ҳо хизматгузори мешаванд.

Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ба истеъмолкунанда назар ба миқдори пешбининамудаи шартнома камтар мол супурда (кору хизматро баҷо оварда) бошад, пас фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) вазифадор аст, ба шарте, ки дар шартнома тартиби дигар пешбини нашуда бошад, зарари аз ин кашидаи истеъмолкунандаро пурра ҷуброн намояд.

Дар шартнома пешбини намудани шартҳое, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро нисбат ба ҳуқуқҳои муқаррар кардаи қонунгузори маҳдуд месозанд, манъ аст.

**Моддаи 7**. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати муқаррар намудани мӯҳлатҳои хизмат, коршоями ва кафолати мол (кор)

Барои моли (кори) истифодааш дарозмуддат истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) ҳуқуқ дорад, ки мӯҳлати хизмат муқаррар намояд.

Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст мӯҳлати хизмати моли (кори) истифодааш дарозмуддат, аз ҷумла маснуоти комплекти (ҷузъу қисмҳо, агрегатҳо)-ро, ки бо мурури замон барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунанда хавфнок шуда, ба амволиӯё ба муҳити зист зарар расонда метавонад, муқаррар намояд.

Мӯҳлати хизмати мол (кор) бо воҳиди вақт ва ҳамчунин бо воҳидҳои дигари ченак (километр, метр ва ғайра) вобаста ба таъинот ва хусусияти мол ҳисоб карда мешавад.

Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ба маҳсулоти озуқа, ороишиву атриёт, доруворӣ, молҳои кимиёвӣ, рӯзгор ва ба дигар молҳои ҳаммонанд мӯҳлати коршоями муқаррар намояд.

Фурӯхтани мол (иҷроикор) баъди гузаштани мӯҳлати муқарраршудаи коршоямиаш ва ҳамчунин моле (иҷрои коре), ки бояд ба он мӯҳлати хизмат ё мӯҳлати коршоями муқаррар карда шавад, вале муқаррар нагардидааст, манъ аст.

**Моддаи 8**. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)

Истеъмолкунанда ҳангоми риояи шартҳои муқарраршуда истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии мол (кор, хизматрасонӣ), ки барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунанда, муҳити зист бехатар бошад, инчунин ба амволи ӯ зиён нарасонад, ҳуқуқ дорад.

Талаботе, ки бехатарии мол (кор, хизматрасони)-ро барои ҳаёту саломатии истеъмолкунанда, муҳити зист таъмин месозад, инчунин расидани зарарро ба амволи истеъ-молкунанда пешгири менамояд, ҳатмӣ буда, тибқи қонун муқаррар карда мешавад.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо воситаҳои ахбори умум дар бораи моле (коре, хизматрасоние) , ки барои ҳаёт, саломатӣ, амвол ва муҳити зист хавфу хатар дорад, аз ҳисоби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) иттилоот дошта бошад.

Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадораст дар давоми мӯҳлати муқаррарнамудаи кафолат ё мӯҳлати коршоямии мол (кор) бехатариимол (кор) - ро таъмин намояд.

Зараре, ки дар натиҷаи таъмин накардани бехатарии мол (кор) ба ҳаёт, саломати ё амволи истеъмолкунанда расонида шудааст, бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда шавад.

Агар барои бехатарии истифодаи мол (кор, хизматрасонӣ) нигоҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии он риояи қоидаҳои махсус (минбаъд-қоидаҳо) зарур бошад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ин қоидаҳоро дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи мол (кор, хизматрасонӣ) дар тамға коғаз, зикрнамояд, нишонагузори кунад ё бадигар тарззикр намояд ва фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст, ки ин қоидаҳоро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад.

Агар ба мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи қонунҳо ё бо стандартҳо талаботи ҳатми муқаррар шуда бошад, ки бехатарии онро барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунандагон, муҳити зист ва пешгирии зарарро ба амволи истеъмолкунанда таъмин мекунанд ва ҳамчунин воситаҳое, ки бехатарии ҳаёт ва саломатии истеъмолкунандаро таъмин менамоянд, бояд бо тартиби пешбини намудаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман сертификатсия карда шавад. Номгӯи мол (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Фурӯши мол (иҷроикор, хизматрасонӣ), аз чумла моли (корӣ, хизматрасонии) воридотӣ, бидуни маълумоти сертификати ҳатми дар мавриди зарурат бо хулосаҳои санитарию эпидемиологи ва мутобиқати он ба талаботи зикргардидаи қисми шашуми ҳамин модда, инчунинбидуни маълумоти алифбои рақамӣ ва хатҳои рамзӣ манъ мебошад.

Агар муқаррар карда шавад, ки ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда риоя гардидани қоидаҳои муқаррар намудаи истифода, нигоҳдорӣ ё интиқоли мол (кор) он ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда, муҳити зист зарар мерасонад ё расонда метавонад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) вазифадор аст, истеҳсоли (фурӯши) онро то бартараф намудани сабабҳои зарар фавран ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои аз муомилот ва аз истеъмолкунанда (истеъмолкунандагон) боз пас гирифтани он тадбирҳо андешад.

Агар бартараф кардани сабабҳои зарар ғайри имкон бошад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст, истеҳсоли чунин мол (кор, хизматрасонӣ) – ро қатъ намояд. Ҳангоми аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) иҷро нашудани ин ӯҳдадориҳо бо супориши мақомоти босалоҳияти идоракунии давлатӣ, ки

сифат ва бехатари имол (кор, хизматрасонӣ) - ро назоратмекунанд, истеҳсоли ин мол (кор, хизматрасонӣ) қатъ гардида, аз истеҳсолот, муомилот ва аз истеъмолкунандагон боз пас гирифта мешавад.

Зараре, ки ба истеъмолкунанда дар натиҷаи боз пас гирифтани мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст, бояд аз тарафи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) пурра ҷуброн карда шавад.

Агар муқаррар карда шавад, ки фурӯшанда (иҷрокунанда) молеро мефурӯшад (finishes кореро иҷро менамояд), ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошад, чунин мол (кор) бо тартиби муқаррар намудаи қонун аз фурӯшанда (иҷрокунанда) боз пас гирифта мешавад.

**Моддаи 9**. Маълумот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ)

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд ва истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) вазифадор аст сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарури ва боэътимоде пешниҳод намояд, ки имконияти интихоби дурусти онро таъмин созад. Номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Маълумоти дар қисми якуми ҳамин модда зикршуда рӯшану возеҳ ва фаҳмо ба маълумоти истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯш ва қарордоди он иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо тарзҳои маъмули баъзе соҳаҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ба забонҳои давлатӣ ва русӣ расонида мешавад.

Маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ба таври ҳатмӣ бояд ҳолатҳои зеринро дар бар гирад:

- зикри стандартҳое, ки мол (кор, хизматрасонӣ), нишони мол ё нишони хизматии бақайдгирифташуда (патент кардашуда) боядба талаботи ҳатмии ин стандартҳо мувофиқат намояд;

- маълумот оид ба хусусиятҳои асосии истеъмоли мол (кор, хизматрасонӣ), нисбати озуқа - маълумот оид ба таркиб (аз ҷумла номгӯи дигар маводи хӯрок ва иловаи хӯрок, ки дар ҷараёни тайёр кардани онҳо истифодашудаанд), вазн ва ҳаҷми мавод, калорияи (қувваи) озуқа, таркиби моддаҳои барои саломати зарарнок дар муқоиса бо талаботи стандартҳо, инчунин қобили истеъмол набудани истеъмоли он дар мавриди

баъзе бемориҳо. Номгӯи моле (коре, хизматрасоние), ки маълумотдар хусуси он дар мавриди баъзе бемориҳо бояд дорои нишондоди ғайри қобили истифода бошад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;

- нарх ва шартҳои ба даст овардани мол (кор, хизматрасонӣ);
- мӯҳлати кафолат, агар он муқаррар шуда бошад;
- қоида ва шартҳои истифодаи самаранок ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);
- мӯҳлати хизмат ва мӯҳлати коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ), ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи амали зарурии истеъмолкунанда баъди гузаштани мӯҳлати мазкур ва оқибати имконпазир дар сурати иҷро накардани чунин амал, ба шарте, ки мол (кор, хизматрасонӣ) баъди гузаштани мӯҳлати зикршуда барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда хавфу хатар пеш оварад ё худ барои истифода аз рӯи таъинот корношоям шавад;
- ишораи тарзи тайёр кардани маводи хӯрокворӣи зудтайёр шаванда (нимтайёр) дар борҷомаи онҳо;
- маҳалли ҷойгиршавӣ (суроғаи ҳуқуқӣ), номи фирмавии (номи) истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ва маҳалли ҷойгир шавии ташкилот (ташкилотҳо), ки барои қабули шикоятҳои истеъмолкунандагон, таъмиркунандагон ва хизматрасонии техникии мол (кор) аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ваколатдор карда шудаанд;
- маълумот оид ба сертификати ҳатмии мувофиқати мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), инчунин дар мавриди зарурат маълумот оид ба хулосаҳои санитарию эпидемиологӣ;
- маълумот дар бораи қоидаҳои фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ);
- зикри шахси мушаххасе, ки кор (хизматрасонӣ) - ро иҷро мекунад ва агар ин аҳамият дошта бошад, маълумот дар хусуси ӯ бо назардошти хусусияти кор (хизматрасонӣ);
- зикри истифодаи фонограммаҳо ҳангоми хизматрасонии фароғатӣ аз ҷониби иҷрокунандагони асарҳои мусиқӣ.

Агар моли харидаи истеъмолкунанда истифода шуда бошад ё нуқсони (нуқсонҳои) он бартараф шуда бошад, бояд дар ин хусус ба истеъмолкунанда маълумот дода шавад.

Истеъмолкунанда аз маълумоти пешбини намудаи моддаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои замимашавандаи техники мол (кор, хизматрасонӣ) дар тамғақоғазҳо, нишонагузорӣ ё ба тарзи дигари барои намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) қабулгардида огоҳонида мешавад.

Маълумот дар бораи сертификати мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) дар шакли нишонагузории мол (кор, хизматрасонӣ) бо тартиби муқаррар намудаи аломатҳои мувофиқат ба қайди маълумот дар ҳуҷҷати техникӣ оид ба гузаштани сертификат, рақами сертификат, мӯҳлати амали он ва доир ба ташкилоте, ки онро додааст, иборат мебошад.

Агар ҳуҷҷатҳои техники мол (шиносномаи техникӣ, дастурамали истифода ва ғайра) ба забони хориҷӣ тартиб дода шуда бошанд, тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ ё ба забони русӣ ҳатмист.

Маводи хӯрокворӣи дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стабандӣ ё дар қуттиҳо ҷойгир кардашуда бояд дорои маълумоти маҳалли истеҳсоли он бошад.

**Моддаи 10**. Маълумот дар бораи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда)

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад доир ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) маълумоти зарурӣ ва боэътимод талаб намояд.

Ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯш ва шартномаҳои иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо тарзҳои қабулнамудаи соҳаҳои алоҳидаи хизматрасонии истеъмолкунандагон, маълумоти мазкур дар шакли аёнӣ ва дастрас бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ба таври илова бозабони русӣ ва дигар забонҳо ба маълумоти истеъмолкунандагон расонида мешавад.

Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҳамчунин вазифадор аст, ки номифирмавии (номи) ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи ҳуқуқӣ ва низоми кори онро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад.

Агар намуди (намудҳои) фаъолияте, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) анҷом медиҳад литсензия карда шавад, бояд ба истеъмолкунанда оид ба рақами литсензия,

мӯҳлати амали он, инчунин доир ба мақоме, ки ин литсензияро додааст, маълумот пешниҳод намояд.

Маълумотҳои пешбинигардидаи қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи мазкур бояд ба маълумоти истеъмолкунанда ҳамчунин ҳангоми тиҷорат, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ дар биноҳои муваққатӣ, ярмаркаҳо, дӯконҳо ва дигар ҳолатҳо, расонида шавад, ба шарте, ки тиҷорат, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии истеъмолкунандагон берун аз маҳалли доимии мавҷудияти фурӯшанда (иҷрокунанда) анҷом дода шаванд.

**Моддаи 11**. Тартиби кори фурӯшанда (иҷрокунанда)

Тартиби кори ташкилотҳои давлатии савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ бо қарори мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо муқаррар карда мешавад.

Тартиби кори ташкилотҳое, ки дар соҳаҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ фаъолият мекунанд ва дар қисми якуми моддаи мазкур зикр нагардидаанд, инчунин соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби онҳо дар мувофиқа бо мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо муайян карда мешавад.

Тартиби кори фурӯшанда (иҷрокунанда) ба маълумоти истеъмолкунанда расонида мешавад ва бояд ба тартиби муқарраршуда мувофиқат кунад.

Барои вайрон кардани тартиби кори корхонаи давлатии савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ шахсони соҳибмансаб мувофиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонҷавобгар мебошанд.

**Моддаи 12**. Масъулияти истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) барои маълумоти нодуруст доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва оид ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда)

Агар ҳангоми бастани шартнома ба истеъмолкунанда оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) имконияти фавран ба даст овардани маълумот муҳаё карда нашуда бошад, вай ҳуқуқдорад аз фурӯшанда (иҷрокунанда) товони зарареро талаб намояд, ки дар натиҷаи саркашии беасос аз бастани шартнома расидааст ва агар шартнома баста шуда бошад, онро дар мӯҳлати муносиб бекор

кунад ва баргардонидани маблағи барои мол (кор, хизматрасонӣ) пардохташуда ва ҷуброни дигар зарарҳоро талаб намояд.

Ҳангоми бекоркардани шартнома истеъмолкунанда вазифадор аст мол (натиҷаи кор, хизматрасонӣ) - ро, агар аз рӯи хусусияташ он имконпазир бошад, ба фурӯшанда (иҷрокунанда) баргардонад.

Фурӯшандае (иҷрокунандае), ки оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ба харидор маълумоти пурра ва боэътимод пешниҳод накардааст, мутобиқи Қонуни мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ), ки баъди ба истеъмолкунанда фурӯхтани он ба сабаби дар дасти вай мавҷуд набудани чунин маълумот пайдо гардидааст, ҷавобгар мебошад.

Бо сабаби пешниҳод накардани маълумоти пурра ва боэътимод оид ба мол (кор, хизматрасонӣ), ки дар натиҷаи он ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зарар расида аст, вай ҳуқуқ дорад ҷуброни чунин зарари пешбининамудаи Қонуни мазкурро, аз ҷумла ҷуброни пурраи зарарҳои ба иншоотҳои табиии расидаро, ки моликияти (дар ихтиёри)истеъмолкунанда мебошанд, талаб намояд.

**Моддаи 13**. Масъулияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон

Фурӯшанда барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) тибқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартнома ҷавобгар мебошад.

Агар тибқи қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, зарари ба истеъмолкунанда расида дар ҳаҷми пурра, бо замминоустуворонаи (пушаймонаи) муқаррар намудаи қонун ё шартнома ҷуброн карда мешавад.

Пардохти ноустуворона (пушаймона) ва ҷуброни зарар фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда)-ро дар аслаз иҷрои ӯҳдадориҳои дар назди истеъмолкунанда доштааш озод намекунад.

Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) исбот намояд, ки ӯҳдадориҳояшро бинобар қувваи рафънопазир иҷро

накарда аст ё номатлуб иҷрокарда аст ва дар ин бобат ӯ гуноҳе надорад, аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.

Талаботи истеъмолкунанда оид ба пардохти ноустуворонаи (пушаймонаи) пешбини намудаи қонун ё шартнома аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ихтиёрӣ қонеъ гардонида мешавад.

Дар сурати аз ҷониби суд қонеъ гардонидани талаботи тибқи қонун муқарраршудаи истеъмолкунандагон, суд ҳуқуқ дорад аз фурӯшандае (истеҳсолкунандае, иҷрокунандае), ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро поймол кардааст, барои риоя накардани тартиби ихтиёран қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда дар хусуси рӯёнидани ҷарима ба андозаи арзиши даъво қарор барорад.

**Моддаи 14.** Ҷавобгарии амволӣ барои зараре, ки дар натиҷаи нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст

Зарари ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи истеъмолкунанда расонида шуда дар натиҷаи нуқсони сохт, истеҳсолӣ, дастурӣ ва дигари мол (кор, хизматрасонӣ) пурра ҷуброн карда мешавад.

Ҳар як ҷабрдида, сарфи назар аз он ки бо фурӯшанда (иҷрокунанда) муносибатҳои шартномавӣ дошта буд ё не, барои талаб кардани ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расонида шудааст, ҳуқуқ дорад.

Агар зарар дар мӯҳлати муқарраршудаи хизмат ё коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ) ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда расида бошад, он ҷуброн карда мешавад.

Агар мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мол (кор) аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) бояд мӯҳлати хизмат ё мӯҳлати коршоямӣ муқаррар карда мешуду вале он муқаррар карда нашуда бошад, ё худ истеъмолкунандае, ки мол ба ӯ фурӯхта (кораш ба ҷо оварда) шудааст, аз иҷрои амалҳои зарурии баъди гузаштани мӯҳлати хизмат ё мӯҳлати коршоямӣ ва аз оқибати эҳтимолии иҷро накардани ин амалҳо огоҳонида нашуда бошад, товони зиён, қатъи назар аз вақту соати расиданаш, бояд пардохта шавад.

Агар мутобиқи ҳамин Қонун истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) ба мол (кор) мӯҳлати хизмат муқаррар накарда бошад, дар сурати зарар дидан он бояд дар давоми даҳ соли ба истеъмолкунанда супурдани он ва агар рӯзи супурдани мол

(кор)- ро муқаррар кардан ғайриимкон бошад, аз рӯзи тайёр намудани мол (анҷоми иҷрои кор) бояд ҷуброн карда шавад.

Зарари бинобар нуқсони мол расида аз ҷониби фурӯшандаи мол ҷуброн карда мешавад.

Зарари дар натиҷаи нуқсони кор ё хизматрасонӣ расидаро иҷрокунанда ҷуброн менамояд.

Истеҳсолкунанда (ичрокунанда) барои зараре, ки дар натиҷаи истифодаи маводу таҷҳизот, асбобҳо ва дигар воситаҳои зарурии истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба ҳаёт, саломатӣ, муҳити зист ё амволи истеъмолкунанда расидааст, сарфиназар аз он ки дараҷаи дониши илмию техникиаш барои ошкор намудани хусусиятҳои хоси онҳо имконият медод ё не, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Агар истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) исбот намояд, ки мол (кор, хизматрасонӣ) дар натиҷаи таъсири қувваи рафънопазир ва ё аз тарафи истеъмолкунанда бинобар вайрон кардани қоидаҳои истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ё интиқоли он зарар дидааст, ӯ аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.

**Моддаи 15**. Ҷуброни зарари маънавӣ

Зарари маънавие, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқҳои бо қонунгузорӣ пешбини намудаи истеъмолкунанда ба ӯ расондааст, аз ҷониби гунаҳкор ҷуброн карда мешавад.

Зарари маънавӣ сарфи назар аз пардохти товони зиёни амволӣ ҷуброн карда мешавад. Зарари маънавӣ бо пул ҷуброн карда мешавад.

Ҳаҷми ҷуброн пулии зарари маънавиро суд муайян мекунад.

**Моддаи 16**. Беэътибор донистани шартҳои шартномае, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозад

Шартҳои шартномае, ки ҳуқуқи истеъмолкунандаро маҳдуд месозанд ва хилофи меъёру қоидаҳое мебошанд, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муқаррар карда шудаанд, беэътибор дониста мешаванд.

Агар дар натиҷаи иҷрои шартҳои шартнома ҳуқуқи истеъмолкунанда маҳдуд карда шавад ва ба ӯ зарар расад,

истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) онро дар ҳаҷми пурра ҷуброн мекунад.

Зимни харидории як мол гузоштани шарти ҳатман харидани моли дигар манъ аст. Зараре, ки дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеъмолкунанда мерасад, аз ҷониби фурӯшанда (иҷрокунанда) дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад.

Фурӯшанда (иҷрокунанда) ҳуқуқ надорад, ки бе розигии истеъмолкунанда кору хизматрасонии иловагии музднокро иҷро намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти чунин кор (хизматрасонӣ) даст кашад ва агар он пардохта шуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда (иҷрокунанда) баргардонидани маблағи пардохташударо талаб намояд.

**Моддаи 17**. Ҳимояи судии ҳуқуқи истеъмолкунандагон

Ҳуқуқҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини гардидаи истеъмолкунандагонро суд ҳимоя мекунад.

Даъвоҳо ба суди маҳалли зисти даъвогар ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар ва ё маҳалли зарари расида пешниҳод карда мешаванд.

Мақомоти давлатии ваколатдор (раёсати минтақавиионҳо), ки ба сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) назорат мекунанд, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳои онҳо) доир ба даъвоҳое, ки ба манфиати истеъмолкунандагон, гурӯҳи истеъмолкунандагон, гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон пешниҳод мекунанд, бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд.

## Боби 3. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми иҷрои кор (хизматрасонӣ)

**Моддаи 26**. Мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ)

Иҷрокунанда вазифадор аст кор (хизматрасонӣ), ро дар мӯҳлати муқаррар намудаи шартномаи иҷрои намуди кор (хизматрасонӣ) ба ҷо оварад.

Мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) мумкин аст бо санае (даврае), ки бояд иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба анҷом расанд (ва)

ё санае (даврае), ки иҷрокунанда бояд ба иҷрои кор (хизматрасонӣ) шурӯъ намояд, муайян карда мешавад.

Агар кор (хизматрасонӣ) қисм ба қисм (расонидани нашрияҳои матбуоти даврӣ, хизматрасонии техникӣ) дар давоми амали шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба иҷро расад, бояд мӯҳлати (давраи) дахлдори иҷрои чунин кор (хизматрасонӣ) пешбинӣ карда шавад.

**Моддаи 27**. Оқибати аз ҷониби иҷрокунанда риоя нашу-дани мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ)

Агар иҷрокунанда мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ)-мӯҳлати оғоз ва анҷоми кор (хизматрасонӣ) ва мӯҳлати мобайнии иҷрои кор (хизматрасонӣ), ро вайрон карда бошад ё ҳангоми иҷрои кор (хизматрасонӣ) маълум гардад, ки он дар мӯҳлати муайян иҷро намешавад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад:

- барои иҷрокунанда мӯҳлати нав таъин кунад, ки дар давоми он иҷрокунанда бояд ба иҷрои кор (хизматрасонӣ) шурӯъ кунад ва ё ичрои кор (хизматрасонӣ)-ро анҷом диҳад ва пасттар кардани нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ)-ро талаб намояд;

- иҷрои кор (хизматрасонӣ)-ро ба шахсони сеюм супориш диҳад ё бо қувваи худ анҷом диҳад ва аз иҷрокунанда ҷуброни зарари расидаро талаб намояд;

- пасттар кардани нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ)-ро талаб намояд;

- шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ)-ро бекор кунад.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни пурраи зарари дар натиҷаи риоя накардани мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба вай расидаро талаб намояд.

Мӯҳлати нави иҷрои кори (хизматрасонии) таъинкардаи истеъмолкунанда дар шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) зикр карда мешавад.

Ҳангоми гузаштани мӯҳлати нав истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи муқаррар гардидаи қисми якуми моддаи мазкурро пешниҳод намояд.

Ҳангоми бекор кардани шартномаи ичрои кор (хизматрасонӣ), инчунин дар сурати паст кардани нархи иҷрои кори (хизматрасонии) ба инобат гирифташаванда, музди ба истеъмолкунанда баргардонидашаванда кори (хизматрасонии)

иҷро гардида мутобиқи қисми сеюми моддаи 24 Қонуни мазкур муайян карда мешавад.

Дар мавриди бекор кардани шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) иҷро кунанда ҳуқуқ надорад ҷуброни хароҷоти худро, ки дар ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) анҷом дода шудаанд, инчунин пардохти иҷрои кор (хизматрасонӣ)–ро ба истисноихолате, ки истеъмолкунанда кори (хизматрасонии) иҷро гардидаро қабул карда бошад, талаб намояд.

Дар сурати риоя нашудани мӯҳлати муқаррар гардидаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё мӯҳлати нави дар асоси қисми якуми моддаи мазкур таъин намудаи истеъмолкунанда иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи (соати, агар мӯҳлат бо соат муайян гардида бошад) гузаштани мӯҳлати ноустуворона (пушаймона) месупорад, ба андозаи якфоизи кор (хизматрасонӣ) ва агар нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) муайян карда нашуда бошад, нархи умумии супоришро пардохт мекунад. Бо шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда метавонад андозаи хеле баландтари ноустуворона (пушаймона) муқаррар карда шавад.

Агар иҷрокунанда исбот намояд, ки кор (хизматрасонӣ) дар натиҷаи қувваи рафънопазир ё бо гуноҳи истеъмолкунанда ба иҷро нарасидааст, талаботи дар қисми якуми моддаи мазкур пешбини шуда иистеъмолкунанда қонеъ гардонида намешавад.

**Моддаи 28**. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ)

Истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ҳуқуқ дорад бо хости худ талаб намояд, ки:

- камбудии кори иҷро шуда (хизмати расонида) бемузд бартараф карда шавад;
- нархи ичрои кор (хизматрасонӣ) мутаносибан паст карда шавад;
- моли дигар бемузд тайёр намуда ё кор (хизматрасонӣ) такроран бемузд иҷро карда шавад;
- хароҷоти бартараф намудани камбудии кори иҷрогардида (хизмати расонида) бо қувваи худ ё шахси сеюм ҷуброн карда шавад.

Қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда оид ба бемузд бартараф намудани камбудӣ, оид ба тайёр намудани моли дигар ё оид ба иҷрои такрории кор (хизматрасонӣ) иҷрокунандаро барои риоя накардани мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) аз пардохти ноустуворона озод намекунад.

Агар камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар мӯҳлати муқарраркардаи шартномаи мазкур аз ҷониби иҷрокунанда бартараф нашуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) - ро бекор кунад ва ҷуброни пурраи зарарро талаб намояд. Агар истеъмолкунанда камбудии ҷиддии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё худ риоя нашудани шартҳои дигари шартномаро ошкор намояд, ҳамчунин ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кору (хизматрасонӣ) - ро бекор кунад.

Истеъмолкунанда низ ҳуқуқ дорад пурра ҷуброн намудани зарари аз камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба ӯ расидаро талаб намояд. Зарар дар мӯҳлати муқаррар гардидаи қонеъ гардонидани талаботи дахлдори истеъмолкунанда ҷуброн мешавад.

Талабҳое, ки бо камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобаста мебошанд, метавонанд ҳангоми қабули иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё дар ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва ё агар ҳангоми қабул намудани иҷрои кор (хизматрасонӣ) камбудиро ошкор намудан имконнопазир бошад, дар давоми мӯҳлати муқаррар намудаи қисми шашуми моддаи мазкур пешниҳод карда шаванд.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаботи ба камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобастаро, ки дар муддати мӯҳлати кафолат ошкор шудааст ва агар он ошкор нашуда бошад, дар давоми ду соли қабул намудани иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё панҷ сол дар нисбати камбудии биноҳо ё дигар молу мулки ғайриманқул пешниҳод намояд.

Агар истеъмолкунанда исбот намояд, ки ин камбудӣ пеш аз корро қабул кардани ӯ ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, иҷрокунанда барои камбудии кор (хизматрасонӣ), ки барои он мӯҳлати кафолат муқаррар нагардидааст, ҷавобгар мебошад.

Агар иҷрокунанда исбот карда натавонад, ки камбудии кори (хизматрасонии) дорои мӯҳлати кафолат баъди кор (хизматрасонӣ)-ро қабул намудани истеъмолкунанда, бинобар риоя накардани қоидаҳои истифодаи натиҷаи кор

(хизматрасонӣ), амали шахсони сеюм ё қувваи рафънопазир рух додааст, ҷавобгар мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки мӯҳлати кафолати тибқи шартнома пешбини гардида камтар аз ду сол (панҷ сол барои амволи ғайри манқул) бошад ва истеъмолкунанда камбудии кор (хизматрасонӣ)-ро бо гузаштани мӯҳлати кафолат, вале дар давраи ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) ошкор намояд ва агар исбот намояд, ки чунин камбудӣ то қабул намудани кор (хизматрасонӣ) ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаботи дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишударо пешниҳод намояд.

Дар мавриди ошкор шудани камбудии ҷиддии кор (хизматрасонӣ), агар истеъмолкунанда исбот карда тавонад, ки ин камбудӣ то қабул намудани натиҷаи кор (хизматрасонӣ) ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда талаботи бемузд бартараф намудани камбудиро пешниҳод намояд.Агар бо гузаштани ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) аз рӯи қабули натиҷаи кор (хизматрасонӣ), вале дар доираи барои натиҷаи кор (хизматрасонӣ) муқаррар намудани мӯҳлати кафолат ё дар давоми даҳ соли аз ҷониби истеъмолкунанда қабул гардидани натиҷаи кор (хизматрасонӣ), агар мӯҳлати коршоямӣ муқаррар нагардида бошад, чунин камбудӣ ошкор гардида бошад, ин талабот метавонад пешниҳод карда шавад. Агар талаботи мазкур дар мӯҳлати бо Қонуни мазкур муқарраргардида қонеъ гардонида нашавад ё камбудӣ бартарафшаванда бошад, истеъмолкунанда бо хости худ ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки:

- нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) мутаносибан паст карда шавад;

- хароҷоти бартараф намудани камбудии кор (хизматрасонӣ) бо қувваи худ ё шахсони сеюм ҷуброн карда шавад;

- шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва ҷуброни зарар бекор карда шавад.

**Моддаи 29**. Мӯҳлати бартараф намудани камбудии кор (хизматрасонӣ)

Камбудии кор (хизматрасонӣ) бояд аз тарафи иҷрокунанда дар давоми чаҳор даҳ рӯзи тақвимӣ бартараф карда шавад,

башарте, ки дар созишномаи тарафайн мӯҳлати дарозтар муқаррар карда нашуда бошад.

Барои риоя накардани мӯҳлати пешбининамудаи моддаи мазкур ҷиҳати рафъи камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлат ба андозаи як фоизи арзиши иҷрои кор ноустуворона (пушаймона) мепардозад.

Дар ҳолати риоя накардани ин мӯҳлат истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи пешбининамудаи Қонуни мазкурро пешниҳод намояд.

**Моддаи 30**. Мӯҳлати қонеъ гардонидани талаботи алоҳи-даи истеъмолкунанда

Талаботи истеъмолкунанда ҷиҳати паст кардани нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ), ҷуброни хароҷоти рафъи камбудии кор (хизматрасонӣ) бо қувваи худ ё шахси сеюм, инчунин ҷуброни зарари дар натиҷаи бекор кардани шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) расида, ки дар қисми якуми моддаи 27 ва қисмҳои якум ва чоруми моддаи 28 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, бояд аз рӯзи пешниҳоди талаботи дахлдор дар мӯҳлати даҳ рӯз қонеъ гардонида шавад.

Талаботи истеъмолкунанда ҷиҳати бемузд тайёр намудани ашёи дигар аз маводи ҳаммонанди сифаташ якхела ё иҷрои такрории кор (хизматрасонӣ) бояд дар мӯҳлати барои иҷрои фаврии кор (хизматрасонӣ) муқаррар гардида ва агар ин мӯҳлат муқаррар нагардида бошад, дар мӯҳлати пешбининамудаи шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ), ки ба таври матлуб иҷро нагардида буд, қонеъ гардонида шавад.

Барои риоянакардани мӯҳлати қонеъгардонии талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлат ба андозаи як фоизи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ноустуворона (пушаймона) мепардозад. Ба шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда фоизи зиёдтари ноустуворона муқаррар шуда метавонад.

Дар ҳолати риоя накардани мӯҳлати мазкур истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи дар Қонуни мазкур пешбинигардидаро пешниҳод намояд.

**Моддаи 31**. Сметаи иҷрои кор (хизматрасонӣ)

Барои ичрои кори (хизматрасонии) пешбининамудаи шартномаи

ичрои кор (хизматрасонӣ) метавонад сметаи устувор ё тахминӣ ё ин ки

нархгузорӣ тартиб дода шавад.

Бо талаби истеъмолкунанда ё ичрокунанда тартиб додани чунин смета ҳатмӣ мебошад.

Ичрокунанда ҳуқуқ дорад дар мавриди баланд шудани арзиши мавод ва таҷҳизоти аз ҷониби ичрокунанда пешниҳодшаванда, ҳамчунин арзиши хизмати аз ҷониби шахсони сеюм дар рафти ичрои шартнома расонидашаванда, ки дар мавриди бастани шартнома пешбинӣ карданашон ғайриимкон буд, зиёд кардани сметаи устуворро талаб намояд. Дар мавриди даст кашидани истеъмолкунанда аз ичрои ин талабот ичрокунанда ҳуқуқ дорад шартномаро бо тартиби судӣ бекор кунад.

Агар зарурати ичрои кори (хизматрасонии) иловагӣ пеш ояд ва ба ин сабаб сметаи тахминиро хеле зиёд кардан зарур шавад, ичрокунанда вазифадор аст истеъмолкунандаро дар ин хусус сари вақт огоҳ намояд. Агар истеъмолкунанда барои баланд шудани арзиши сметаи тахминӣ розӣ набошад, вай ҳуқуқ дорад аз ичрои шартнома даст кашад. Дар ин ҳолат ичрокунанда метавонад аз истеъмолкунанда пардохти музди кори ичрогардида (хизмати расонида) - ро талаб намояд.

Ичрокунандае, ки истеъмолкунандаро аз зарурати баланд шудани арзиши сметаи тахминӣ саривақт огоҳ накардааст, вазифадор аст шартномаро ичро кунад, ки дар ин ҳолат ҳуқуқи дар доираи сметаи тахминӣ пардохтани музди кор (хизматрасонӣ) барояш боқӣ мемонад.

Дар сурати сарф нашудани воситаҳои пулии пардохташуда, ки бо смета пешбинӣ шудаанд ё калкулятсияи беасоси иқтисодӣ тартиб додашуда барои кори ичрошуда (хизмати расонидашуда), фарқияти ошкоршудаи нарх бояд ба истеъмолкунанда баргардонида шавад.

**Моддаи 32.** Ичрои кор аз масолеҳи ичрокунанда

Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ичрокунанда вазифадор аст кори тибқи шартномаи ичрои кор муайянгардидаро аз масолеҳ ва маблағи худ ичро намояд.

Иҷрокунандае, ки барои иҷрои кор масолеҳ пешниҳод намудааст, барои сифати номатлуби он аз рӯи қоидаҳои масъулияти фурӯшанда барои моли дорои сифати номатлуб ҷавобгар мебошад.

Пули масолеҳи иҷрокунанда ҳангоми бастани шартномаи мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда пурра ё дар ҳаҷме пардохта мешавад, ки дар шартномаи иҷрои кор бо шарти ҳисоби ниҳоӣ кардан ҳангоми кори баҷо овардаи иҷрокунандаро қабул карда гирифтани истеъмолкунанда зикр гардидааст, ба шарте, ки бо мувофиқаи тарафҳо тартиби дигари ҳисоби маводи иҷрокунанда пешбинӣ нагардида бошад.

Дар ҳолатҳои пешбини намудаи шартномаи иҷрои кор иҷрокунанда метавонад ба истеъмолкунанда масолеҳро ба тариқи кредит пешниҳод кунад. Тағйирёбии минбаъдаи нархи масолеҳи қарздодаи иҷрокунанда боиси ҳисобу китоби нав шуда наметавонад.

Масолеҳи иҷрокунанда, воситаҳои техникӣ, асбобҳо ва маводи дигари барои ичрои кор зарурро ба маҳалли иҷрои кор иҷрокунанда мерасонад.

**Моддаи 33**. Иҷрои кор аз масолеҳи (ашёи) истеъмолкунанда

Агар кор пурра ё қисман аз масолеҳи (ашёи) истеъмолкунанда ба ҷо оварда шавад, иҷрокунанда барои эҳтиёт кардани ин масолеҳ (ашё) ва истифодаи сарфакоронаи он ҷавобгар аст.

Иҷрокунанда вазифадор аст, ки:

- истеъмолкунандаро аз корношоямӣ ё бадсифатии масолеҳи (ашёи) супурдаи ӯ огоҳ намояд;

- дар бораи сарфи масолеҳ ҳисобот диҳад ва боқимондаи онро баргардонад ё бо розигии истеъмолкунанда музди (сметаи) корро бо назардошти арзиши масолеҳи истифоданашудае, ки дар дасти иҷрокунанда мондааст, камтар кунад.

Иҷрокунанда вазифадораст, ки дар сурати пурра ё қисман гум шудани (осеб дидани) масолеҳи (ашёи) аз истеъмолкунанда гирифтааш дар давоми се рӯз бо ҳамин гуна масолеҳи (ашёи) сифаташ якхела иваз намояд ва бо майлу хоҳиши истеъмолкунанда дар мӯҳлати мувофиқа гардида аз масолеҳи (ашёи) шабеҳи он маснуот созад ва дар мавриди ноилоҷӣ ба истеъмолкунанда арзиши дукаратаи масолеҳи (ашёи) гумшуда

(осебдида) ва ҳамчунин хароҷоти истеъмолкунандаро ҷуброн намояд.

Арзиши масолеҳи (ашёи) гумшуда (осебдида) дар асоси нархи мавҷудаи масолеҳ(ашё) дарҷое, ки талаби истеъмолкунанда бояд аз тарафи иҷрокунанда дар рӯзи ихтиёрӣ қонеъгардонӣ ё худ дар рӯзи баровардани қарори суд қонеъ гардонида шавад, муайян карда мешавад, агар талаби истеъмолкунанда ихтиёрӣ қонеъ гардонида нашуда бошад.

Дар шартномаи иҷрои кор ва ё дигар ҳуҷҷате (расидае супорише), ки далели баста шудани шартнома аст, бояд ному тавсиф ва нархи аниқи масолеҳ (ашё), ки бо созишномаи тарафайн муайян карда мешавад, зикр шуда бошад.

Агар иҷрокунанда исбот намояд, ки истеъмолкунандаро аз хосиятҳои махсуси масолеҳе (ашёе) огоҳонидааст, ки боиси пурра ё қисман гум шудани (осебдидани)о н мегардад, аз масъулияти пурра ё қисман гум шудани (осеб дидани) масолеҳ (ашё) озод мегардад. Агар савияи дониши илмӣ ва техники иҷро кунанда барои ошкор кардани хосиятҳои махсуси масолеҳ (ашё) имконият надода бошад, ӯ аз ҷавобгарӣ озод намешавад.

**Моддаи 34**. Ӯҳдадории иҷрокунандагон дар бобати огоҳонидани истеъмолкунанда аз ҳолатҳое, ки метавонанд ба сифати иҷрои кор (хизматрасонӣ) таъсир расонанд ё худ боиси сари вақт иҷро нашуданион гарданд

Иҷрокунанда вазифадор аст истеъмолкунандаро сари вақт хаттӣ аз он огоҳонад, ки риоя кардани дастурҳои истеъмолкунанда ва ҳолатҳои дигари вобаста ба истеъмолкунанда метавонад сифати иҷрои кор (хизматрасонӣ)-ро паст кунад ё худ боиси сари вақт иҷро нашудани он гарданд.

Агар истеъмолкунанда, қатъи назар аз сари вақт ва аз ҷониби иҷрокунанда асоснок огоҳонида шуданаш масолеҳи корношоям ё бадсифатро дар мӯҳлати мувофиқашуда иваз накунад, дастурҳоро доир ба тарзу усули иҷрои кор (хизматрасонӣ) тағйир надиҳад ё дигар ҳолатҳоеро бартараф нанамояд, ки сифати иҷрои кор (хизматрасонӣ)-ро паст карда метавонанд, иҷрокунанда ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ)-ро бекор кунад ва ҷуброни зарари ба ӯ расидаро талаб намояд.

**Моддаи 35**. Тартиби пардохти музди кори иҷрогардида (хизмати расонида)

Тартиби пардохти музди кори иҷрогардида (хизмати расонида) бо шартномаи байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда муайян карда мешавад.

Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки музди кори (хизмати) дар ҳаҷми пурра ба ҷо овардаи иҷро кунандаро баъди қабул карда гирифтани он пардозад. Бо розигии истеъмолкунанда музди кор (хизмат) ҳангоми бастани шартнома дар ҳаҷми пурра ё ба тариқи пешакӣ метавонад пардохта шавад.

**Моддаи 36**. Қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ хизматрасонии маишӣ ва дигар намунаҳои хизматрасонии истеъмолку-нандагон.

Қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии истеъмолкунандагон (қоидаҳои иҷрои намудҳои алоҳидаи кор ва қоидаҳои хизматрасонии намудаҳои алоҳида)-ро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

**Моддаи 37**. Танзими намудҳои алоҳидаи хизмат

Оқибати вайрон кардани талабҳои шартнома дар бораи намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ, агар чунин шартнома бо хусусияти худ ба доираи амали Қонуни мазкур дохил нагардад, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## Боби 4. Ҳифзи давлатӣ ва ҷамъиятии ҳуқуқи истеъмолкунандагон

**Моддаи 38**. Ваколатҳои мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ

Риояи қонунгузориро дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мақоми давлатии зиддинҳисорӣ (минбаъд - мақоми зиддиинҳисорӣ) назорат мекунад.

Мақоми зиддиинҳисорӣ амрияҳоро ирсол менамояд:

-ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати хотима додани ҳуқуқвайронкуниҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба нафурӯхтани моли мӯҳлати коршоямиаш гузашта, инчунин оид ба нафурӯхтани моле (иҷрои коре), ки бояд мӯҳлати коршоямиаш муқаррар карда мешуд, вале он муқаррар нашудааст ва оид ба боздоштани фурӯши мол (иҷрои кор,

хизматрасонӣ) ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дурусту кофӣ дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ);

- маводи риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба мақоме, ки барои амали намудани шакли дахлдори фаъолият иҷозатнома додааст, ҷиҳати ҳалли масъалаи боздоштани амали иҷозатномаи мазкур ё оид ба пеш аз мӯҳлат бекор кардани он;

- маводро ба мақомоти прокуратура, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи тобеият барои ҳалли масъалаҳои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи аломатҳои ҷиноят, ки бо вайрон намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон алоқаманданд.

Мақоми зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои ошкор гардидани вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба суд муроҷиат намояд, ба манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба қатъи фаъолияти истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ё фаъолияти соҳибкори инфиродӣ барои вайронкунии бисёр карата ва дағалонаи ҳуқуқҳои бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи истеъмолкунандагон, инчунин ба соҳибкорони инфиродӣ оид ба маҷбурӣ ситонидани ҷарима барои саркашӣ аз иҷрои амрияҳо ё барои сари вақт иҷро накардани онҳо ба суд даъво пешниҳод кунад.

Мақоми зиддиинҳисорӣ метавонад аз ҷониби суд барои иштирок дар мурофиаи судӣ ҷалб карда шавад ё бо ташаббуси худ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои додани хулосаҳо аз рӯи парванда дар мурофиаи судӣ иштирок намояд.

**Моддаи 39**. Ваколатҳои мақомоти давлатие, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро анҷом медиҳанд.

Бо мақсади таъмини бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) мақоми давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назорати санитарию эпидемиологӣ, мақомоти экспертиза ва сертификатсияи маҳсулоти фармасевтӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ, мақомоти ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, дар доираи салоҳияти худ назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд:

- назорати риояи талаботи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд;

- барои бартараф намудани талаботи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ), талаботи аз истеҳсолот гирифтани чунин мол (кор, хизматрасонӣ), истеҳсол накардан ва нафурӯхтани чунин мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), нафурӯхтани моли мӯҳлати коршоямиаш гузашта ва моле (коре), ки бояд ба он мӯҳлати коршоямӣ муқаррар мешуду вале муқаррар карда нашудааст, инчунин талаботи боздоштани фурӯши мол (иҷроикор, хизматрасонӣ) ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дурусту кофӣ оид ба мол (кор, хизматрасонӣ), оид ба гирифтани онҳо аз истеъмолкунандагон ва дар ин хусус хабардор намудани истеъмолкунандагон амрия ирсол мекунанд;

- ҳангоми аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) риоя нагардидани талаботи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) нисбати онҳо ба суд даъво пешниҳод мекунад.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд, инчунин ташкил ва иҷрои корҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) ба талаботи муқарраршуда ба зиммаи мақоми давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

Мақоми давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташ чунин вазифаҳоро баҷо меоварад:

- тартиби сертификатсия кардани мол (кор, хизматрасонӣ)-ро муайян менамояд;

- мақомоти сертификатсияи намудҳои мушаххаси мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин лабораторияҳои (марказҳои) озмоиширо барои санҷишҳои дахлдор ваколатдор месозад;

- ба дуруст сертификатсия шудани мол (кор, хизматрасонӣ) назорат мекунад;

- феҳристонии давлатии моли (кори, хизматрасонии) сертификатсияшуда, мақомоти ваколатдорро доир ба сертификатсия, лабораторияҳои (марказҳои) озмоиширо ба роҳ мемонад;

- дар бораи эътирофи сертификатсияҳое, ки ба мақомоти хориҷӣ ва байналмилалӣ додааст, қарор қабул менамояд, дар муносибатҳои мутақобила бо ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ аз рӯи масъалаҳои сертификатсияи мол (кор,

хизматрасонӣ) аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад.

- риояи қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ, сифат ва бехатарии молҳои ниёзи мардумро назорат мекунад;

**Моддаи 40**. Чораҳои ҷазои таъин намудаи мақоми зиддиинҳисорӣ, мақоми давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии молро анҷом медиҳанд.

Мақоми зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда)-ро барои саркашӣ намудан аз иҷро ё дер иҷро кардани амрияҳои қонунии ӯ оид ба қатъи вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима намояд.

Ҷаримаро шахси мансабдори мақоми зиддиинҳисорӣ таъин мекунад.

Мақоми давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро дар доираи салоҳияти худ анҷом медиҳанд, ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои зерин ҷарима намоянд:

- саркашӣ намудан аз иҷро ё дер иҷро кардани амрияҳои қонунии онҳо аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- бо моле (коре, хизматрасоние), ки ба талаботи пешниҳодгардидаи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) ҷавобгӯ намебошад, ба истеъмолкунанда расонидани зарар - дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла моли воридотӣ, бе ҳуҷҷатҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) ба талаботи ҳатмии стандартҳо - дар ҳаҷми арзиши моли фурӯхташуда (кори иҷрогардида, хизмати расонидашуда);

- аз тарафи мақомоти сертификатсия риоя накардани қоидаҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ), инчунин ба лабораторияи (маркази) озмоишӣ пешниҳод кардани натиҷаҳои нодурусти озмоиши мол (кор, хизматрасонӣ) ҳангоми тасдиқи ҳатмии мувофиқати он дар ҳаҷми арзиши дукаратаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) оид ба тасдиқи мувофиқат.

Ҳаҷми ҷаримаи пешбинигардидаи моддаи мазкур дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти андозаи зарари расида ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад.Ҷарима аз рӯзи баровардани қарор дар хусуси рӯёнидани он дар мӯҳлати сҳ рӯз пардохта мешавад.

Ҷаримаҳои пешбинигардидаи моддаи мазкур, ки барои соҳибкорони инфиродӣ таъин гардидаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд.

Маблағи ҷаримаҳои мутобиқи Қонуни мазкур ситонидашаванда ба буҷети давлатӣ ворид карда мешавад.

Истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) мол (кор, хизматрасонӣ), мақомоти сертификатсиякунонӣ, лабораторияҳои (марказҳои) озмоишӣ ҳуқуқ доранд дар хусуси пурра ё қисман нодуруст мақоми давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудани амрияҳои мақоми зиддиинҳисорӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд ва оид ба бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои дахлдор доир ба ҷаримаситонӣ бо ариза ба суд мурожиат намоянд.

Амрияҳо ва қарорҳои ҷаримаситонӣ метавонанд аз рӯзи баровардани онҳо дар муддати даҳ рӯз мавриди шикоят қарор дода шаванд.

Пардохти маблағи ҷаримаи басташуда аз иҷрои талаботи амрияи додашуда озод намекунад.

**Моддаи 41**. Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳимоя карда шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сохторҳои дахлдор ташкил карда мешаванд, ки онҳо:

- шикояти истеъмолкунандагонро баррасӣ мекунанд ва ба онҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон маслиҳат медиҳанд:

- шартномаҳои бо фурӯшандагон (иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагон) бастаи истеъмолкунандагонро бо мақсади ошкор намудани шартҳое, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозанд, таҳлил мекунанд;

- ҳангоми ошкор намудани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати номатлуб, инчунин барои ҳаёт, саломатӣ ва

амволи истеъмолкунандагон ва барои муҳити зист хатарнок мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро амалӣ мекунанд, фавран огоҳ месозанд;

- дар ҳолати ошкор намудани фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), ки маълумоти дуруст ва кофӣ надорад ё мӯҳлати коршоямиаш гузаштааст ё худ мӯҳлати коршоямиаш зикр нашудааст, агар муқаррар намудани ин мӯҳлатҳо ҳатмӣ бошад, фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) - ро то пешниҳод намудани маълумот боз медоранд ё қатъ мекунанд;

- ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (доираи номуайяни истеъмолкунандагон) муроҷиат мекунанд.

**Моддаи 42**. Ҳуқуқи иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо)

Шаҳрвандон ҳуқуқи ихтиёран дар иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) муттаҳидшуданро доранд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳоионҳо) дар мавридҳои пешбининамудаи оинномаи иттиҳодияҳои мазкур (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) ҳуқуқ доранд, ки:

- дар таҳияи талабот ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин ба стандартҳое, ки талаботи ҳатмиро дар ин соҳа муқаррар менамоянд, ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда танзим менамоянд, иштирок кунанд;

- экспертизаи мустақилонаи сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро аз рӯи супориш дар ташкилотҳои дахлдор ё дар мавриди доштани лабораторияҳои худӣ гузаронанд, ба шарте, ки мақомоти дахлдор барои салоҳияти техникӣ доштани онҳо иҷозат дода бошанд;

- риоя шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва қоидаҳои хизматрасонии тиҷоратӣ, маишӣ ва дигар намудҳои ба истеъмолкунандагон хизматрасониро тафтиш намоянд, бо супориши истеъмолкунандагон дар гузаронидани экспертиза доир ба риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон иштирок кунанд;

- ба мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳо доир ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ), истеҳсол накардан, аз муомилот гирифтани моле (коре, хизматрасоние),

ки барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист хавфу хатар доранд, таклифҳо пешниҳод намоянд;

- ҳамроҳи мақомоти идоракунии давлатӣ дар назорати татбиқи нархҳои идорашаванда ширкат варзад, тарифҳоеро, ки мақомоти давлатӣ барои ба ҷо овардани хизмати аҳолӣ (истеъмолкунандагон) муқаррар менамояд, мустақиман экспертиза кунад;

- ба мақомоти прокуратура ва мақомоти идоракунии давлатӣ дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони барои истеҳсолу фурӯши моли (иҷрои кори, хизматрасонии) ба талаботи муқаррargардида нисбати бехатарӣ ва сифати мол (кор, хизматрасонӣ)номувофиқ ва ҳамчунин барои риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон айбдоранд, мавод пешниҳод намоянд;

- аз мақомоти прокуратура хоҳиш намоянд, ки дар бораи беэътибор донистани санадҳои мақомоти идоракунии давлатӣ ва санадҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки хилофи қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонанд, эътироз баён кунанд;

- барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (доираи номуайяни истеъмолкунандагон) ба суд муроҷиат намоянд.

**Моддаи 43**. Ҳифзи манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон

Мақоми зиддиинҳисорӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд, ҳуқуқ доранд дар бораи эътирофи амали фурӯшандаҳо (истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон) ё ташкилоте, ки дар асоси шартнома бо онҳо вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда)-ро иҷро мекунад, нисбати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон ва қатъи ин амалҳо ба суд даъво пешниҳод намоянд.

Ҳангоми қонеъ гардонидани чунин даъво суд қонуншиканро вазифадор месозад, ки дар мӯҳлати муқаррарнамудаи суд аз тариқи воситаҳои ахбори умум ё бо тарзи дигар қарори судро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад.

Қарори эътибори қонунӣ пайдо кардаи суд нисбати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон оид ба зиддиҳуқуқӣ эътироф намудани амалҳои фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ё ташкилоти тибқи шартномаи бо ӯ басташуда вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда)-ро иҷрокунанда, барои суде, ки даъвои истеъмолкунандаро дар хусуси оқибатҳои ҳуқуқии

граждании амали фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ё ташкилоти дар асоси шартномаи бо ӯ басташуда вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷрокунанда баррасӣ менамояд, оид ба масъалаҳои ҷой доштан ё надоштани ин амалҳо ва аз ҷониби шахсони мазкур содир гардидан ё нагардидани ин амалҳо ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 44**. Дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, № 10, моддаи 135) беэътибор дониста шавад.

**Моддаи 45**. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 9 декабри соли 2004 № 72
ш. Душанбе

## 5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият

(аз 19.05.2009с.№519)

Қонуни мазкур намудҳои фаъолиятеро муайян мекунад, ки иҷозатномадиҳиро талаб намуда, асосҳои ҳуқуқии додани иҷозатнома (литсензия)-ро барои ҳуқуқи машғулшавӣ ба намудҳои мушаххаси фаъолият муқарраркарда, ба риояи стандартҳо ва талаботи зарурии тахассусӣ барои таъмини ҳимояи манфиату амнияти шахс, ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст.

**Моддаи 1.** Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

иҷозатнома (литсензия) - иҷозати махсусе, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳҳонро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додааст;

- намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда (литсензия-шаванда) фаъолиятест, ки барои амалӣ намудани он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни мазкур бояд иҷозатнома гирифта шавад;

- иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ) чорабиниҳоест, ки ба иҷозатномадиҳӣ, аз нав барасмиятдарории ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, боздоштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома, бекор кардани он ва ба назорати мақомоти иҷозатномадиҳанда оиди аз тарафи иҷозатномадор риояи шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ба амал баровардани намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда вобаста мебошад;

- шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ-маҷмӯи шарту талаботе, ки бо низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муқаррар шудаанд, ки иҷрояшон барои иҷозатномадор ҳатмист;

- мақомоти иҷозатномадиҳанда-мақомоти ҳокимияти иҷ-роия, ки мутобиқи Қонуни мазкур иҷозатнома медиҳад;

- иҷозатномадор (литсензиат) - шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас иҷозатнома дорад;

- довталаби иҷозатнома - шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродиест, ки ба мақомоти иҷозатномадиҳанда барои фаъолияти мушаххас ҷиҳати гирифтани иҷозатнома бо ариза муроҷиат намудааст;

- феҳристи (реестри) иҷозатнома - маҷмӯи маълумот дар бораи додани иҷозатнома, аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳое, ки мавҷуд будани иҷозатнома, боздоштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома ва бекор кардани онро тасдиқ мекунад.

**Моддаи 2**. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикис-тон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат аст.

**Моддаи 3.** Принсипҳои асосии иҷозатномадиҳӣ

Иҷозатномадиҳӣ дар асоси принсипҳои зерин амалӣ мегардад:

- таъмини фазои ягонаи иқтисодӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқаррар намудани номгӯи ягонаи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда;

- муқаррар кардани тартиби ягонаи иҷозатномадиҳӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқаррар намудани шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ тибқи низомнома оиди хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият;

- ошкорбаёнӣ дар иҷозатномадиҳӣ;

- риояи қонуният ҳангоми иҷозатномадиҳӣ.

**Моддаи 4.** Меъёрҳои муайян кардани намудҳои фаъолияте, ки барояшон иҷозатнома дода мешавад

Ба намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда намудҳои фаъолияте дохил мешаванд, ки амалӣ шудани онҳо метавонад ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, саломатии шаҳрвандон, мудо-фиа ва амнияти давлатӣ, мероси фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад ва танзими онҳо ба ғайр аз иҷозатномадиҳӣ бо роҳҳои дигар имконнопазир аст.

**Моддаи 5**. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷозатномадиҳӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷозатномадиҳӣ салоҳиятҳои зеринро дорад:

- низомномаро дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият тасдиқ намояд;
- мақомоти ҳокимияти иҷроияеро муайян намояд, ки барои намудҳои мушаххаси фаъолият иҷозатнома медиҳад.

**Моддаи 6**. Салоҳияти мақомоти иҷозатномадиҳанда

1. Мақомоти иҷозатномадиҳанда салоҳият доранд, ки:

- иҷозатнома диҳанд;
- ҳуҷҷатҳоеро аз нав ба расмият дарорад, ки вуҷуд доштани иҷозатномаро тасдиқ менамоянд;
- мӯҳлати амали иҷозатномаҳоро дароз намоянд;
- амали иҷозатномаро барқарор созанд;
- иҷозатномаро бекор кунад (дар мавридҳои пешбининамудаи моддаи 14 Қонуни мазкур);
- феҳристи иҷозатномаҳоро тартиб диҳанд;
- назорати аз тарафи иҷозатномадорон риоя шудани шарту талаботи иҷозатномаро ба амал бароранд.

2. Тартиби амалӣ намудани ваколати мақоми иҷозатномадиҳанда, ба истиснои санҷиши фаъолияти шахси иҷозатномадор ҷиҳати муайян намудани мутобиқати он ба шарту талаботи иҷозатнома, тибқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 7**. Амали иҷозатнома

1. Ба ҳар як намуди фаъолият, ки дар моддаҳои 17 ва 18 Қонуни мазкур нишон дода шудааст, иҷозатнома дода мешавад.

2. Намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда танҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие, ки иҷозатнома гирифтааст, метавонад амалӣ гардонида шавад.

3. Амали иҷозатнома дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегардад.

4. Дар ҳолатҳое, ки бе восита қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, амали иҷозатнома метавонад танҳо дар ҳудуди муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн гардад.

5. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ метавонанд бо шарт ва тартиби барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида иҷозатнома гиранд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати дигареро пешбинӣ накарда бошад. Шахси ҳуқуқии хориҷии довталаби иҷозатнома бояд филиал ё намояндагии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад.

**Моддаи 8.** Мӯҳлати амали иҷозатнома

1. Мӯҳлати амали иҷозатномаҳо барои намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашавандаи дар моддаи 17 Қонуни мазкур пешбини гардида 5 сол, барои намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашавандаи бо моддаи 18 Қонуни мазкур пешбини гардида на камтар аз 3 сол мебошад.

2. Мӯҳлати амали иҷозатнома барои намуди алоҳидаи фаъолият, ки дар моддаи 17 Қонуни мазкур нишон дода шудааст, барои соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти онҳо бе истифодаи меҳнати кироя анҷом дода мешавад, бо дархости хаттии худи довталабон метавонад аз 1 то 5 сол муқаррар карда шавад.

3. Мӯҳлати амали иҷозатномаро пеш аз ба охир расиданаш мувофиқи аризаи иҷозатномадор ба ҳамин мӯҳлат дароз кардан мумкин аст. Мӯҳлати амали иҷозатнома бо тартиби аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки иҷозатнома доштани шахсро тасдиқ мекунад, дароз карда мешавад.

**Моддаи 9**. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани иҷозатнома

1. Довталаби иҷозатнома барои гирифтани иҷозатнома ба мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

-ариза дар бораи додани иҷозатнома барои намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода мешаванд:

а) барои шахси ҳуқуқӣ - ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии корхона, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва шӯъбаи бонк;

б) барои соҳибкори инфиродӣ-ному насаб, ҷойи истиқомат шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;

- намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки соҳиб-кори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ мақсади анҷом додани онро дорад ва мӯҳлате, ки дар давоми он чунин намуди фаъолият анҷом дода мешавад;

- нусхаи шаҳодатномаи ба қайд гирифтани довталаби иҷозатнома дар мақомоти андоз;

- ҳуҷҷате, ки пардохти ҳаққи иҷозатномаро барои баррасӣ шудани аризаи довталаби иҷозатнома тасдиқ мекунад;

- маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони довталаби иҷозатнома.

2. Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои мазкур дар низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ мувофиқ будани довталаби иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, пешбинӣ шуда метавонанд.

3. Аз довталаби иҷозатнома пешниҳоди ҳуҷҷатҳоеро, ки дар Қонуни мазкур ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешбинӣ нашудаанд, талаб кардан мумкин нест.

4. Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти дахлдори иҷозатномадиҳанда барои гирифтани иҷозатнома пешниҳод мегарданд, тибқи рӯйхат қабул карда мешаванд ва нусхаи онҳо бо қайди рӯзи қабули ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти мазкур ба довталаби иҷозатнома фиристода (дода) мешавад.

**Моддаи 10**. Қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома

1. Мақоми иҷозатномадиҳанда қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатномаро дар мӯҳлати на зиёда аз сӣ рӯзи расидани аризаи довталаби иҷозатнома бо тамоми ҳуҷҷатҳои лозима қабул мекунад. Қарори мазкур бо фармони мақоми иҷозатномадиҳанда ба расмият дароварда мешавад.

2. Мӯҳлати нисбатан кӯтоҳтари қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома бо низомнома дар бораи

хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муқаррар карда мешавад.

3. Мақоми иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст, ки довталаби иҷозатномаро аз қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома дар мӯҳлати мазкур огоҳ намояд.

4. Хабарнома дар бораи додани иҷозатнома дар шакли хаттӣ ба довталаби иҷозатнома бо қайди реквизити суратҳисоби бонкӣ ва мӯҳлати пардохти ҳаққи иҷозатномагирӣ фиристонида (супорида) мешавад.

5. Хабарнома дар бораи надодани иҷозатнома ба довталаби иҷозатнома бо нишондодани сабабҳои радкунӣ (супорида) фиристонида мешавад.

6. Мақоми иҷозатномадиҳанда баъди се рӯзи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти ҳаққи иҷозатномадиҳиро пешниҳод кардани довталаби иҷозатнома ба иҷозатномадор ҳуҷҷатеро, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ мекунад, бепул медиҳад.

7. Иҷозатномадор ба гирифтани дубликати ҳуҷҷати мазкур бо пардохти маблағ ҳуқуқ дорад, ки он бо маблағи пардохт барои аз нав ба расмиятдарории ҳуҷҷате, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунад, баробар аст.

8. Асосҳои надодани иҷозатнома инҳо мебошанд:

- агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаби иҷозатнома дорои маълумоти нодуруст ё ғалат бошад;

- агар довталаби иҷозатнома, объектҳои ба ӯ тааллуқ дошта ё аз тарафи ӯ истифодашаванда ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ номувофиқ бошанд;

- агар вобаста ба намуди пешбинишудаи фаъолият аз тарафи мақомоти дахлдор ҷиҳати мутобиқати шароити фаъолият ва талаботи ба онҳо пешбинишаванда хулосаи манфӣ дода шуда бошад.

9. Ҳаҷми маҳсулоте (кору хизматрасоние), ки довталаби иҷозатнома истеҳсолмекунад (баҷо меоварад) ё истеҳсолашро (баҷо оварданашро) ба нақша гирифтааст, барои надодани иҷозатнома асос шуда наметавонад.

10. Довталаби иҷозатнома ҳуқуқ дорад нисбати надодани иҷозатнома аз тарафи мақоми иҷозатномадиҳанда ё барои бефаъолиятии вай ба суд муроҷиат намояд.

**Моддаи 11**. Ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани иҷозатнома ва қарори додани онро тасдиқ мекунад

Дар қарор оиди додани иҷозатнома ва ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани онро тасдиқ мекунад, инҳо нишон дода мешаванд:

- номи мақоми иҷозатномадиҳанда;
- барои шахси ҳуқуқӣ-ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии он;
- барои соҳибкори инфиродӣ - ному насаб, ҷои истиқомат, маълумоти ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад;
- намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда;
- рақами бақайдгирӣ, рӯз ва мӯҳлати амали иҷозатнома;
- рақами мушаххаси (идентификатсионии) андозсупоранда;
- рақами иҷозатнома;
- рӯзи қабул кардани қарор оиди додани иҷозатнома.

**Моддаи 12**. Аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ менамояд

1. Дар ҳолати дигар шудани шахси ҳуқуқӣ, тағйир ёфтани ном ё маҳалли ҷойгиршавӣ ва ё тағйир ёфтани ном ё ҷои истиқомати соҳибкори инфиродӣ, иҷозатномадор - шахси ҳуқуқӣ (вориси ҳуқуқии ӯ) ё соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст дар давоми на дертар аз понздаҳ рӯз барои аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки иҷозатнома доштанашро тасдиқ менамояд, ариза диҳад ва ба он ҳуҷҷатҳоеро замима кунад, ки тағйироти нишон додашударо тасдиқ менамоянд.

2. Ҳангоми аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳое, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ менамоянд, мақомоти иҷозатномадиҳанда ба феҳристи иҷозатнома тағйиротҳои дахлдор медарорад. Ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ менамоянд, дар давоми даҳ рӯзи аризаи дахлдорро гирифтани мақомоти иҷозатномадиҳанда аз нав ба расмият дароварда мешаванд.

3. Барои аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи мавҷудияти иҷозатнома ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобӣ омузд ситонида мешавад, ки он ба буҷети давлатӣ ворид мегардад.

**Моддаи 13.** Амалӣ намудани назорат

1. Назоратро аз болои иҷозатнома дороиди риоя намудани шарту талаботи иҷозатнома, ки бо низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муайян гардидааст, мақоми иҷозатномадиҳанда дар доираи салоҳияти худ ба амал мебарорад.

2. Санҷиши фаъолияти шахси иҷозатномадор ҷиҳати муайян намудани мутобиқати он ба шарту талаботи иҷозатнома, аз ҷониби мақоме, ки иҷозатномаи дахлдорро додааст, мутобиқи Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба амал бароварда мешавад.

3. Мақоми иҷозатномадиҳанда ҳуқуқ надорад оиди мавзӯъҳое, ки ба салоҳияти дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дахл доранд, санҷиш гузаронад.

**Моддаи 14**. Боздоштани иҷозатнома ва бекор кардани ама-ли иҷозатнома

1. Мақоми иҷозатномадиҳанда ҳуқуқ дорад ҳангоми такроран ошкор кардани камбудиҳо ё шарту талаботи иҷозатномадиҳиро дағалона вайрон намудани иҷозатномадор амали иҷозатномаро боз дорад.

Боздоштани амали иҷозатнома ҳамчунин дар ҳолатҳои истисноӣ, агар ин барои пешгирии хатари бе восита барои ҳаёт ва саломатии одамон, ба миён омадани фалокати техногенӣ, расонидани зарари барқарорнашаванда ба объектҳои табиат ё ҳолати муҳити зист зарур бошад ва пешгирии ин ҳолатҳо бо дигар роҳҳо имконнопазир бошад, татбиқ карда мешавад.

2. Мақоми иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст, ки мӯҳлати аз ҷониби иҷозатномадор бартараф кардани қонуншиканиро, ки боиси боз доштани амали иҷозатнома гардидааст, муқаррар намояд. Мӯҳлати нишондодашуда на бояд аз се моҳ зиёд бошад. Агар иҷозатномадор қонуншиканиҳои мазкурро дар мӯҳлати муқарраршуда ислоҳ накарда бошад, мақомоти иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст ба суд мурочиат намуда, бекор кардани иҷозатномаро талаб намояд.

3. Иҷозатномадор ӯҳдадор аст мақоми иҷозатномадиҳандаро аз бартараф кардани қонуншиканиҳое, ки боиси боздоштани амали иҷозатнома гардидааст, хаттӣ хабардор намояд. Мақоми иҷозатномадиҳандае, ки амали иҷозатномаро боз-

доштааст, оиди барқарор намудани амали он қарор қабул мекунад ва дар ин бора ба иҷозатномадор дар давоми се рӯзи баъди хабардор шуданаш ва санҷидани хатогиҳое, ки иҷозат-номадор онро бартараф кардааст ва он боиси боз доштани амали иҷозатнома гардидааст, ба таври хаттӣ хабар медиҳад. Мӯҳлати иҷозатнома дар давоми боздоштани амали он дароз карда намешавад ва барои барқарор кардани амали он маблағ ситонида намешавад.

4. Мақомоти иҷозатномадиҳанда метавонанд иҷозат-номаро дар мавриди аз тарафи иҷозатномадор дар давоми понздаҳ рӯз напардохтани ҳаққи иҷозатнома бекор кунанд.

5. Агар иҷозатномадор шарту талаботи иҷозатномаро риоя накарда бошад ва бар асари ин ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, саломатии шаҳрвандон, дифоъ ва амнияти давлат, мероси фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиён расида бошад ва ё дар ҳолатҳои пешбини намудаи қисми 2 моддаи мазкур иҷозатнома бо қарори суддар асоси аризаи мақоми иҷозат-номадиҳанда бекор карда мешавад. Инчунин иҷозат-номадиҳанда ҳуқуқ дорад зимни ба суд додани ариза амали иҷозатномаи мазкурро то рӯзи ба ҳукми қонун даромадани қарори суд боз дорад.

6. Қарори боз доштани амали иҷозатнома, бекор кардани иҷозатнома ва ё ба суд фиристодани аризаро оиди бекор кардани он мақомоти иҷозатномадиҳанда бо далелҳои асоснок баъди се рӯзи қабул шуданаш ба иҷозатномадор хаттӣ хабар медиҳад.

**Моддаи 14 (1).** Қатъ гардидани амали иҷозатнома

Амали иҷозатнома дар ҳолатҳои барҳам диҳии шахси ҳуқуқӣ ва қатъ гаштани амали шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиридӣ, ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалномаи суд дар бораи бекор кардани амали иҷозатнома, ба охир расидани мӯҳлати амали иҷозатнома, инчунин дар асоси аризаи хаттии иҷозатномадор қатъ карда мешавад.

**Моддаи 15.** Бурдани феҳристи иҷозатномаҳо

1. Мақоми иҷозатномадиҳанда феҳристи иҷозатномаҳоро мебарад

2. Дар феҳристи иҷозатномаҳо ғайр аз маълумотҳое, ки дар моддаи 9 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, бояд маълумотҳои зерин зикр гарданд:

- маълумот оиди ба қайдгирии иҷозатнома дар феҳристи иҷозатномаҳо;
- асосҳо ва санаи боздоштан ва барқарор кардани амали иҷозатнома;
- асос ва санаи бекор кардани амали иҷозатнома;
- маълумотҳои дигаре, ки дар низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муайян карда шудаанд.

3. Маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо буда, барои шиносонидани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кушода аст.

4. Маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо буда дар бораи иҷозатномадори мушаххас дар шакли иқтибос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо пардохти маблағ дода мешавад. Андозаи пардохти маблағ барои додани чунин маълумот як нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад ва ба буҷети давлатӣ гузаронида мешавад.

5. Маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ бемузд дода мешавад.

6. Мӯҳлати додани маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо баъди қабули аризаи дахлдор набояд аз се рӯз зиёд бошад.

**Моддаи 16**. Маблағгузории иҷозатномадиҳӣ ва пардохти ҳаққи иҷозатнома

1. Иҷозатномадиҳӣ дар доираи маблағи аз буҷети дахлдор барои хароҷоти мақомоти иҷозатномадиҳӣ ҷудогардида маблағгузорӣ мешавад.

2. Барои баррасии ариза оид ба додани иҷозатнома ба намудҳои фаъолияти бо моддаи 17 Қонуни мазкур пешбини гардида ба андозаи чор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ба намудҳои фаъолияти бо моддаи 18 Қонуни мазкур пешбинигардида ба андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳақ пардохта мешавад, ки онҳо пасгардонида намешаванд.

3. Барои додани иҷозатнома ба намудҳои фаъолияти бо моддаи 17 Қонуни мазкур пешбинигардида ба андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳақ пардохта мешавад. Андозаи ҳаққи додани иҷозатнома барои намудҳои фаъолияти дар

моддаи 18 Қонуни мазкур пешбини гардидаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳар намуди фаъолият дар Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муайян мекунад.

4. Маблағҳои пардохтҳои ҳаққи иҷозатнома ба буҷети давлатӣ гузаронида мешавад.

5. Ҳангоми дароз намудани мӯҳлати амали иҷозатнома аз довталаб маблағи ба ҳаққи иҷозатномадиҳӣ баробар ситонида мешавад.

Дар сурати мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 8 Қонуни мазкур кам кардани мӯҳлати амали иҷозатнома маблағи пардохти ҳаққи иҷозатномадиҳӣ мутаносибан ба мӯҳлати амали иҷозатнома кам карда мешавад.

**Моддаи 17**. Номгӯи намудҳои фаъолияте, ки барои амалӣ намудани онҳо иҷозатнома зарур аст.

Мутобиқи Қонуни мазкур барои намудҳои зерини фаъолият иҷозатнома зарур аст:

- фаъолият оид ба додани сертификатҳои калидҳои рақамии имзои электронӣ, ба қайд гирифтани соҳибони имзоҳои рақамии электронӣ, хизматрасонӣ вобаста ба истифодаи имзоҳои рақамии электронӣ ва тасдиқ кардани ҳаққонияти имзоҳои рақамии электронӣ;
- фаъолият оид ба ошкор намудани таҷҳизоти электроние, ки барои махфӣ қабул намудани маълумот дар биноҳо ва воситаҳои техникӣ таъин гардидаанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад);
- фаъолият оид ба коркард ва истеҳсоли намудҳои маълуми воситаҳои ҳифзи маълумоти махфӣ;
- фаъолият оид ба ҳифзи техникии маълумоти махфӣ;
- фаъолият оид ба коркард ва истеҳсоли воситаҳои махсуси техникие, ки барои ба даст овардани иттилооти махфӣ истифода бурда мешаванд, фурӯши ин воситаҳо ва инчунин хариди онҳо бо мақсади фурӯш дар ҳолатҳое, ки ин намудҳои фаъолият аз тарафи соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқии ба соҳибкорӣ машғулбуда амалӣ гардонида мешаванд;

- фаъолият оид ба тайёр кардани маҳсулоти матбаавии аз сохтакори муҳофизатшаванда, аз ҷумла коғазҳои қиматнок, инчунин савдои маҳсулоти мазкур;

- фаъолият оид ба фурӯши яроқи ғайринизомӣ ва хизматӣ, қисмҳо ва лавозимоти он;

- фаъолият оид ба таъмир ва хизматрасонии механизмҳои борбардорӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад);

- фаъолият оид ба истифодаи иншоотҳои истеҳсолие, ки хавфи таркидан, сӯхтан ва химиявӣ доранд;

- фаъолият оид ба истеҳсол, коркард, истихроҷи нафт, газ, ангишт ва истифодаи шабакаҳои иншооти нафтӣ ва газӣ;

- фаъолият оид ба нигоҳдорӣ ва фурӯши нафту газ ва маҳсулоти коркарди онҳо (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад);

- фаъолият оид ба васл, танзим ва таъмири иншоотҳо ва таҷҳизоти энергетикӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки ин кор барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад);

- фаъолият оид ба гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ;

- фаъолият оид ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, паҳн кардан, интиқол додан ва истифодаи маводи таркандаи таъиноти саноатӣ;

- фаъолият оид ба истеҳсол ва паҳн намудани маҳсулоти тарфгарӣ (пиротехникӣ), ки ба кадастри давлатии маводи тарканда дохил шудаанд;

- фаъолият оид ба иҷрои корҳои васлу таъмир ва хизматрасонии воситаҳои таъмини аз сӯхтор пешгирӣ кардани биною иншоотҳо;

- фаъолият оид ба истеҳсол, додан ва тақсим кардани энергияи барқ (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад);

- фаъолият оид ба корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, сохтмони биноҳо ва иморату иншоот, аз ҷумла васеъкунӣ, азнав-созӣ, таъмир ва барқарор кардани объектҳои мавҷуда;

- фаъолият оид ба корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, сохт-мон, таъмир ва барқарор кардани роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва иншоотҳои роҳ;

- фаъолият оид ба корҳои маркшейдерӣ;

- фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ;

- фаъолият дар соҳаи обу ҳавосанҷӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд, аз ҷумла иҷрои корҳои фаъолона таъсир расонидан ба ҳодисоту раванди обу ҳавосанҷӣ ва геофизикӣ;

- фаъолияти фарматсевтӣ (тайёр ва истеҳсол кардани доруворӣ ва воситаҳои косметикӣ, истеҳсоли молу техникаи тиббӣ, фурӯши доруворӣ ва молҳои тиббӣ, истеҳсол ва фурӯши ҷизои иловагии табобатию профилактикӣ);

- фаъолияти хусусии тиббӣ;

- фаъолият оид ба хизматрасонии техникии техникаи тиббӣ (ба истисноИ ҳолатҳое, ки агар ин кор барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад);

- фаъолият бо истифодаи ангезандаҳои бемориҳои сироят-кунанда;

- фаъолият оид ба истеҳсоли воситаҳои дезинфексионӣ, дезинсексионӣ ва дератизатсионӣ;

- фаъолият оид ба кишту кори растаниҳои нашъадор ба мақсадҳои илмӣ, ҳамчунин таҳияи воситаҳои нави нашъадор ва моддаҳои психотропӣ;

- фаъолияти вобаста ба муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо (таҳия, истеҳ-сол, тайёр кардан, коркард, нигоҳ доштан, интиқол, муросилот, додан, фурӯш, тақсимот, соҳиб шудан, истифода, воридот ва содирот);

- фаъолияти вобаста ба манбаъҳои афканишоти иондор-кунанда;

- фаъолият вобаста ба воридоту содирот, истеҳсол, фурӯш, истифода, ҳамлу нақл, нигохдорӣ, коркард ва нобуд кардани моддаҳои радиоактивӣ;

- фаъолият оид ба мусофиркашонӣ ва боркашонӣ бо нақли-ёти ҳавоӣ;

- фаъолият оид ба мусофиркашонӣ ва боркашонӣ бо нақ-лиёти автомобилӣ (ба истисноИ ҳолатҳое, ки ин фаъолият ба-рои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфи-родӣ анҷом дода шавад;

- фаъолият оид ба мусофиркашонӣ ва боркашонӣ бо нақлиёти роҳи оҳан (ба истисноии ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом додашавад ва набаромадан ба роҳи оҳани истифодаи умум);

- фаъолият оид ба хизматрасонии техникӣ ва таъмир дар нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан;

- фаъолияти терминалҳои мусофиркашонӣ ва боркашонӣ;

- фаъолият оид ба хизматрасонии техникӣ ҳангоми парвози нақлиёти ҳавоӣ;

- фаъолият оид ба таъмир ва хизматрасонии техникии нақлиёти ҳавоӣ;

- фаъолият оид ба ҷамъоварӣ, истифода, безараргардонӣ, кашонидан ва ҷойгиркунонии партовҳои хатарнок;

- фаъолият оид ба ташкилу нигоҳдории кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото;

- фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ);

- фаъолияти туристӣ;

- фаъолият оид ба тайёр кардан, коркард ва фурӯши пораву партови металлҳои сиёҳ ва ранга;

- фаъолияти бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷум-ҳурии Тоҷикистон берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фаъолияти аудиторӣ;

- фаъолияти ломбардҳо;

- фаъолият дар соҳаи биржа;

- фаъолияти суғуртавӣ;

- фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок;

- фаъолият оид ба истеҳсол, воридот ва содироти маҳсулоти тамоку;

- фаъолияти хусусии байторӣ;

- фаъолияти адвокатҳои ваколатдор;

- фаъолияти соҳаи маориф (ба истисноии муассисаҳои давлатии таълими то мактабӣ ва таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ);

- фаъолияти вобаста ба муомилоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (коркарди пораву партови металлҳои қиматбаҳо бо мақсади ба даст овардани натиҷаи ниҳоии

маҳсулот, холис кардани металлҳои қиматбаҳо ва рекупе-ратсияи сангҳои қиматбаҳо, аз аҳолӣ харидани маснуоти зар-гарӣ ва дигар маснуоти аз металлу сангҳои қиматбаҳо сохташудаи рӯзгор ва шикаста пораҳои онҳо, хариду фурӯши яклухт ва чаканаи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо);

- фаъолияти кормандони масъули патентӣ;
- фаъолияти соҳаҳои телевизион, радиошунавонӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ;
- фаъолияти ба даст овардан, фурӯш, истифода, партов ва нобуд кардани моддаҳои вайронкунандаи қабати озон ва маҳсулоти дорандаи онҳо, инчунин ҳамаи намуди фаъолият, ки бо васлнамоӣ, хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизоте, ки бо истифодаи моддаҳои вайронкунандаи қабати озон кор мекунанд;
- фаъолият оид ба ҷамъоварӣ ва тайёр намудани ашёи хоми доруворӣ;
- фаъолияти фондҳои ғайри давлатии нафақа.
- фаъолияти Бюрои таърихи қарз.

**Моддаи 18**. Номгӯи махсуси намудҳои фаъолияте, ки барои амалӣ намудани онҳо иҷозатнома зарур аст

1. Тибқи Қонуни мазкур тартиби махсуси иҷозатномадиҳӣ намудҳои зерини фаъолиятро дар бар мегирад:

- фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ;
- фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ;
- фаъолияти соҳаи истеҳсол ва муомилоти спирти этилӣ, машрубот ва маҳсулоти спиртдор;
- фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ;
- фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;
- фаъолият оид ба истифодабарии объектҳои олами наботот ва ҳайвонот, ки ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардидаанд;
- фаъолият, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаи истифодаи энергияи атом.

2. Иҷозатномадиҳии фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ва амалиёт бо асъори хориҷӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, танзими асъор ва назорати асъор ба танзим даровара мешавад.

3. Номгӯи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашавандаро танҳо дар ҳолати дар овардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур тағйир додан мумкин аст.

**Моддаи 18 (1)**. Амали санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ

1. Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари иҷозатномадиҳӣ ё намудҳои дигари фаъолияти иҷозатномадодашаванда муқаррар гардида бошанд, ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мавриди амал қарор дода мешаванд.

2. Иҷозатномаҳои дар дигар давлатҳо гирифташуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарти мавҷуд будани санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо ин ҳолат қайд гардидааст, эътироф карда мешаванд.

**Моддаи 18 (2).** Додани иҷозатнома дар асоси озмун

Иҷозатномаҳо барои фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ ва фаъолияти истифодаи сарватҳои зеризаминӣ метавонанд дар асоси озмун дода шаванд. Тартиби гузаронидани озмунро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 18(3)**. Додани иҷозатнома дар асоси созишнома оид ба тақсими маҳсулот

Иҷозатнома барои фаъолияте, ки аз созишнома оид ба тақсими маҳсулот байни давлат ва сармоягузор бармеояд, пас аз 30 рӯзи ба имзо расонидани созишномаи мазкур бе талаб кардани ҳуҷҷату маводи иловагӣ ва бе мувофиқасозии иловагӣ дода мешавад.

**Моддаи 19**. Қоидаҳои гузариш

1. Қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби иҷозатномадиҳиро танзим менамоянд, дар қисмате, ки ба Қонуни мазкур мухолифат надоранд, амал мекунанд.

2. Иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои фаъолияте, ки дар моддаҳои 17 ва 18 зикр наёфтаанд, аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур қатъ мегардад.

3. Иҷозатномаҳое, ки пеш аз интишори расмии Қонуни мазкур дода шудаанд, то мӯҳлати дар онҳо нишон додашуда эътибор доранд.

**Моддаи 2**0. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки талаботи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 21**. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 17 майи соли 2004 № 37
ш. Душанбе

# 6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ
(аз 30.07.07с. № 307)

Қонуни мазкур асосҳои сертификатсияи ҳуқуқи ва иқтисодии маҳсулот, кор, хизматрасони ва дигар объектҳоро (минбаъд - маҳсулот) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ҳуқуқ, вазифаҳо ва масъулияти иштирокчиёни сертификатсияро муайян месозад.

### Фасли 1. Қоидаҳои умумӣ

**Моддаи 1**. Мафҳуми умуми ва мақсади сертификатсия

Сертификатсияи маҳсулот (минбаъд сертификатсия) фаъолиятест, ки мутобиқати маҳсулотро ба талаботи муқарраршуда тасдиқ менамояд.

Системаи давлатии (миллии) сертификатсия системаест, ки дар сатҳи давлати амал намуда, дорои қоидаҳои худии усулу идораи гузаронидани сертификатсия мебошад.

Сертификати мутобиқат (минбаъд сертификат) ҳуҷҷатест, ки мутобиқи қоидаҳои системаи сертификатсия барои тасдиқи мутобиқати маҳсулоти сертификатсияшуда ба талаботи санадҳои меъёри дода мешавад.

Аломатҳои мутобиқат - нишонаест, ки ба тартиби муқарраргардида ба қайд гирифташудааст ва бо он мутобиқати маҳсулоти тамғадори сертификатсияшуда ба талаботи муқарраргардида тасдиқ карда мешавад.

Сертификатсия ба мақсадҳои зайл татбиқ мегардад:

ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон дар масъалаҳои бехатарии маҳсулот барои ҳаёту саломати ва амвол, ҳифзи муҳити зист, мутобиқати ахбороти ва бо ҳам қобили табдил будани маҳсулот;

фароҳам овардани шароит барои фаъолияти корхонаю муассисаҳо, ташкилотҳо ва соҳибкорон дар бозори ягонаи моли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ҷиҳати иштирок дар ҳамкориҳои иқтисоди, илмию техники ва тиҷорати байналхалқи;

мусоидат ба истеъмолкунандагон дар интихоби боэътибори маҳсулот;

тасдиқи нишондиҳандаҳои сифати маҳсулоте, ки истеҳсолкунанда (фурӯшанда) пешниҳод намудааст.

Сертификатсия метавонад дорои хусусиятҳои ҳатми ва ихтиёри бошад.

**Моддаи 2**. Қонунгузори оиди сертификатсия

Муносибатҳои соҳаи сертификатсия бо ин Қонун ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи он бароварда мешаванд, танзим мегардад.

**Моддаи 3**. Қарордодҳо ва мувофиқатномаҳои байналхалқи

Агар дар қарордодҳо ва мувофиқатномаҳои байналхалқии эътироф намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигари сертификатсия муқаррар шуда бошанд, он гоҳ қоидаҳои қарордодҳои байналхалқи истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 4**. Системаи сертификатсия

Системаи сертификатсия аз тарафи мақомоти идораи давлати, корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳое, ки сертификатсия мекунанд, дар асоси қоидаҳои дар системаи мазкур муқаррар шуда, тибқи ин Қонун, таъсис дода мешавад.

Сохтори ташкилии системаро инҳо созмон медиҳанд:

мақоми давлати (миллӣ) оиди сертификатсия, мақомоти марказии минтақави оиди сертификатсия, мақомоти сертификатсияи маҳсулот ва сифати он, лабораторияҳои (марказҳои) санҷиши корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, инчунин ташкилотҳои ҷамъияти.

Системаи сертификатсия мутобиқи тартиби муқарраргардида бояд ба қайди давлати гирифта шавад.

**Моддаи 5**. Салоҳиятҳои мақоми давлати (миллӣ) оиди сертификатсия.

Вазифаи мақоми давлати (миллӣ) оиди сертификатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад (Қонун аз 3.05.02с. № 24).

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқиин Қонун вазифаҳои зайлро анҷом медиҳад:

сиёсати давлатиро дар соҳаи гузаронидани сертификатсия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва ҷори намуда, расман дар бораи он хабар медиҳад;

дар бораи системаҳои сертификатсия ва аломатҳои мутобиқати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда маълумоти расми нашр менамояд ва онро мувофиқи тартиби муқарраргардида ба ташкилотҳои байналхалқи (минтақави) оид ба сертификатсия пешниҳод мекунад;

бақайдгирии давлатии системаи сертификатсия ва аломатҳои мутобиқат, мақомоти сертификатсия, лабораторияҳои (марказҳои) санҷишро мегузаронад;

тибқи тартиби муқарраргардида таклифҳоро оиди ҳамроҳ гардидан ба системаи байналхалқии (минтақавии) сертификатсия таҳия менамояд, инчунин метавонад тибқи тартиби муқарраргардида бо ташкилотҳои байналхалқи (минтақави) оиди эътирофи мутақобилаи натиҷаҳои сертификатсия мувофиқатномаҳо бандад;

тибқи тартиботи муқарраргардида Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкилотҳои байналхалқи (минтақави) оиди масъалаҳои сертификатсия намояндаги мекунад;

ба ташкилотҳои байналхалқи (минтақави) оиди сертификатсия дар бораи системаҳои сертификатсия ва мақомоти сертификатсияи дар кишвар амалкунанда хабар медиҳад.

## Фасли 2. Сертификатсияи ҳатмӣ

**Моддаи 6**. Сертификатсияи ҳатмӣ

Сертификатсияи ҳатми дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амали мегардад.

Ташкил ва гузаронидани корҳо оиди сертификатсияи ҳатми ба зиммаи мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баъзе ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди баъзе навъҳои маҳсулот метавонад ба зиммаи дигар мақомоти идораи давлати гузошта шавад.

Шакли сертификатсияи ҳатмии маҳсулот аз тарафи мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти таҷрибаи мавҷудаи байналхалқӣ ва хориҷӣ сурат мегирад.

Реклама кардани маҳсулоте, ки бояд ҳатман сертификатсия шавад, вале сертификати мутобиқат надорад, манъ аст.

**Моддаи 7**. Иштирокчиёни сертификатсияи ҳатмӣ

Иштирокчиёни ҳатмии сертификатсия инҳо мебошанд: мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои гузаронидани корҳои сертификатсияи ҳатми салоҳият доранд, лабораторияҳои (марказҳои) санҷиш, истеҳсолкунандагони (фурӯшандагон, иҷрокунандагони) маҳсулот, инчунин мақомоти маркази системаи сертификатсия, ки дар ҳолатҳои зарури барои ташкил ва ҳамоҳангсозии кор дар системаи сертификатсияи маҳсулоти якхела муайян карда мешаванд.

Барои гузаронидани корҳо оиди сертификатсияи ҳатми иттиҳодия ва ташкилоти бақайдгирифташудаи ғайритиҷоратии шаклҳои гуногуни моликият, бо шарти аккредитатсияи онҳо аз ҷониби мақоми дахлдори идора, иштирок карда метавонанд.

**Моддаи 8**. Ҳуқуқҳои мақомоти идораи давлатӣ

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти идораи давлатӣ, ки мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо, дар доираи салоҳияташон, ташкил ва гузаронидани корҳои сертификатсияи ҳатми гузошта шудааст, чунин ҳуқуқҳо доранд:

- системаи сертификатсияи маҳсулоти якхеларо таъсис дода, қоидаҳои тартиб ва идораи гузаронидани сертификатсияро дар ин системаҳо муқаррар менамоянд;

- усули интихоби тарзи тасдиқи мутобиқати маҳсулотро ба талаботи санадҳои меъёри (навъи сертификатсия) муайян месозанд;

- мақомоти маркази системаи сертификатсияро муайян мемамоянд;

- мақомоти сертификатсия ва лабораторияҳои (марказҳои) санҷиширо аккредитатсия намуда, ба онҳо иҷозат медиҳанд, ки корҳои муайянеро анҷом диҳанд;

- феҳристи давлатии иштирокчиён ва объектҳои сертификатсияро тартиб медиҳанд;

- қоидаҳои эътирофи сертификатсияҳои хориҷӣ, аломатҳои мутобиқат ва натиҷаи санҷишро муқаррар менамоянд;

- тартиби аккредитатсияро муқаррар менамоянд;

- назорати давлатиро амали намуда, тартиби назорати инспектсиониро дар мавриди риояи қоидаҳои сертификатсия ва маҳсулоти сертификатсияшуда муайян мекунанд;

- арзу шикоятҳоро оиди масъалаҳои сертификатсия барраси мекунанд;

- барои истифодаи аломати мутобиқат сертификат медиҳад.

**Моддаи 9**. Вазифаҳои мақомоти маркази ва минтақави оиди сертификатсия

Мақомоти маркази ва минтақави оиди сертификатсия:

- дар системаи сертификатсияи таҳти роҳбариашон қарор дошта, корҳоро ташкил ва ҳамоҳанг месозанд, қоидаҳои тартибу идораро муайян менамоянд;

- арзу шикояти аризадиҳандагонро оиди фаъолияти мақомоти сертификатсия, лабораторияҳои (марказҳои) санҷиш мавриди барраси қарор медиҳанд.

Моддаи 10. Вазифаҳои мақоми сертификатсия

Мақоми сертификатсия:

- маҳсулотро сертификатсия мекунад ва барои истифодаи аломати мутобиқат сертификатсия ва литсензия медиҳад;

- амали сертификатҳои додашударо боз медорад ё аз эътибор соқит мекунад;

- ба аризадиҳанда, мутобиқи дархости ӯ, дар доираи салоҳияти худ маълумоти зарури медиҳад.

**Моддаи 1**1. Вазифаҳои лабораторияи (маркази) санҷиш

Лабораторияи (маркази) санҷиш, ки мутобиқи тартиби муайян намудаи сертификатсияи дахлдор аккредитатсия шудааст, маҳсулоти мушаххасро месанҷад ва ё намудҳои мушаххаси санҷишро анҷом медиҳад ва ба мақсади сертификатсия протоколҳои санҷишро тартиб медиҳад.

**Моддаи 12**. Вазифаҳои истеҳсолкунандагон (фурӯшанда-гон, иҷрокунандагон)

Истеҳсолкунандагони (фурӯшандагон, иҷрокунандагон) маҳсулоте, ки бояд ҳатман сертификатсия карда шавад, вазифадоранд:

- маҳсулотро танҳо дар сурати мавҷуд будани сертификати аз тарафи мақоми салоҳиятдор додашуда ва ё эътироф гардида метавонанд ба фурӯш расонанд;

- мутобиқати маҳсулотро ба талаботи санадҳои меъёри, ки аз рӯи онҳо сертификатсия сурат гирифтааст ва мувофиқати аломати онро ба аломати мутобиқат таъмин намоянд;

- ба санадҳои пешниҳод кунандаи молоиди сертификатсия маълумот дода, ба истеъмолкунандагон расонидани ин маълумотро таъмин намоянд;

- агар маҳсулоти сертификатсия шуда ба санадҳои меъёри мутобиқ набошад, дар ҳолати гузаштани мӯҳлати амали сертифкати мутобиқат ё дар ҳолате, ки амали сертификат бо қарори мақомоти сертификат боз дошта шудааст ё бекор карда шудааст, фурӯши чунин маҳсулотро боз доранд ва ё қатъ намоянд;

- ба шахсони соҳибмансаб ва мақомоте, ки сертификатсияи ҳатмии маҳсулот ва тафтиши маҳсулоти сертификатсияшударо ба ӯҳдадоранд, барои иҷрои бемамонияти вазифаҳояшон шароит фароҳам оваранд;

- мақомоти сертификатсияро оиди тағйироте, ки ба санадҳои техники ва ё ҷараёни технологии истеҳсолоти маҳсулоти сертификатсияшуда ворид гардидаанд, огоҳ созанд.

**Моддаи 13**. Шартҳои воридоти маҳсулот

Дар шартҳои қарордодҳои (шартномаҳои) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоте, ки бояд ҳатман сертификатсия шавад, бояд мавҷудияти сертификат ва аломати мутобиқат, ки мувофиқати онро ба талаботи муқаррар гардида тасдиқ менамояд, пешбини карда шавад.

Ин сертификатҳо бояд аз тарафи мақоми ба ин салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дода ё эътироф карда шаванд.

Сертификатҳо ва ё санаҳо дар бораи эътироф кардани сертификатҳо якҷоя бо декларатсияи гумрукии мол ба мақомоти гумруки пешниҳод гардида, барои ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулот санади зарури ба шумор мераванд.

Мақомоти назорати гумруки дар сурати мавҷуд набудани санади тасдиққунандаи бехатарии маҳсулоти воридоти, воридоти онро то ҳаллу фасл гардидани масъалаи гузаронидани

сертификатсия ва ё эътирофи сертификати хориҷӣ манъномуда, дар ин маврид мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ месозанд.

**Моддаи 14**. Назорати давлатии риояи қоидаҳои сертификатсияи ҳатми ва маҳсулоти сертификатсияшуда

Назорати давлатӣ барои риояи қоидаҳои сертификатсияи ҳатми ва маҳсулоти сертификатсияшудаи онҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон, иҷрокунандагон), лабораторияҳои (марказҳои) санҷиши ва мақомоти сертификатсия аз тарафи мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё дигар мақомоти идораи махсуси салоҳиятдори давлатӣ, дар доираи салоҳияташ, анҷом дода мешавад.

**Моддаи 15**. Маблағгузори барои кори сертификатсия ва контролу назорати давлатӣ

Маблағгузории ҳатмии давлатӣ бояд барои корҳои зайл карда шавад:

- таҳияи пешгӯии ин ки шофисертификатсия, қоида ва тавсияҳо оиди татбиқи он; таъмини маълумоти расми дар соҳаи сертификатсия;

- иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои байналхалқи (минтақави) оид ба сертификатсия ва корбари бо мақомоти миллии хориҷӣ оиди сертификатсия;

- таҳия (ё) ва иштирок дар таҳияи санадҳои байналхалқи (минтақави) оиди сертификатсия;

- контролу назоратидавлати кардан ба риояи қоидаҳои сертификатсия ва маҳсулоти сертификатсияшуда;

- тартиб додани феҳрасти давлатӣ оиди сертификатсия, аккредитатсия ва ҳифзи бойгонии материалҳо;

- пардохти пули корҳои оид ба сертификатсияи ҳатмии маҳсулоти мушаххас аз ҷониби аризадиҳанда ба тартибе анҷом дода мешавад, ки мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризояти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷи-кистон муқаррар кардааст.

Маблағе, ки аризадиҳанда барои сертификатсияи ҳатмӣ ва аккредитатсия сарф кардааст, ба арзиши маҳсулот зам мегардад.

## Фасли 3. Сертификатсияи ихтиёрӣ

**Моддаи 16**. Сертификатсияи ихтиёрӣ

Маҳсулоте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди сертификатсияи ҳатми қарор намегирад, бо ташаббуси шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон дар асоси қарордоди байни аризадиҳанда ва мақоми оид ба сертификатсия метавонад мавриди сертификатсияи ихтиёрӣ қарор гирад.

**Моддаи 17**. Ташкили сертификатсияи ихтиёрӣ

Сертификатсияи ихтиёриро ҳар шахси ҳуқуқие, ки вазифаи мақоми сертификатсияи ихтиёриро ба ӯҳда гирифта аст ва дар мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида системаи сертификатсияро аз қайд гузаронидааст, ҳақ дорад амали намояд (Қонун аз 3.05.02с. № 24).

Дар сурати риояи шартҳои зикр гардида сертификатсияи ихтиёриро мақомоти сертификатсияи ҳатми низ ҳақ доранд анҷом диҳанд.

**Моддаи 18**. Ҳуқуқи аризадиҳанда

Ҳангоми бастани қарордод барои гузаронидани сертификатсияи ихтиёри аризадиҳанда ҳақ дорад аз мақоми оид ба сертификатсия дар хусуси қоидаҳои сертификатсияи маҳсулот маълумот гирад ва ҳамчунин шакли сертификатсияро муайян намояд.

## Фасли 4. Ҷавобгари барои вайрон кардани қоидаҳои қонуни мазкур

**Моддаи 19**. Ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ё гражданию ҳуқуқӣ

Ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин мақомоти идораи давлатие, ки барои вайрон намудани қоидаҳои сертификатсияи ҳатми гунаҳкоранд, мутобиқи қонунгузории ҷори ба ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ва гражданию ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Рахмонов

аз 13 декабри соли 1996 № 313
ш. Душанабе

# 7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи стандартонӣ

(аз 3.05.02с. № 25)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии стандартониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҳамаи мақомоти идораи давлатӣ, инчунин корхонаю соҳибкорон (минбаъд субъектҳои фаъолияти хоҷагидори), ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо ҳатмианд, муқаррар ва тадбирҳои давлатии ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва давлатро бо истифодаи усулу воситаҳои стандартони муайян менамояд.

## Фасли 1. Қоидаҳои умумӣ

**Моддаи 1**. Мафҳуми стандартонӣ

Стандартони фаъолиятест барои муайян намудани меъёр, қоида ва хусусиятҳо (минбаъд - талабот) ҷиҳати таъмини корҳои зайл:

- бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасони барои ҳаёт ва саломати, амвол ва ҳифзи муҳити зист;
- талабот нисбати мутобиқат ва қобили иваз будани маҳсулот;
- мутобиқати сифати маҳсулот, кору хизматрасони ба иҷрои вазифаҳои марбута мувофиқи сатҳи пешрафти илму техника ва технология, қобили рақобат будани он дар бозори ҷаҳонӣ;
- ҳифзи манфиат ва ҳуқуқи истеъмолгарон;
- қобилияти мудофиави ва ба сафарбари омода будани давлат.

**Моддаи 2**. Объектҳои стандартонӣ

Объектҳои стандартони маҳсулот, кору хизматрасони мебошанд, ки имконоти боз истеҳсолу истифодаи чандинкарата доранд.

**Моддаи 3**. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стандартонӣ

Муносибатҳо дар соҳаи стандартони бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, дигар санадҳои

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо санадҳои ҳуқуқии байналхалқи оид ба масъалаи мазкур, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, танзим мегардад.

**Моддаи 4**. Ҳамкории байналхалқӣ, минтақавӣ ва дуҷонибаи илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи стандартонӣ

Ҳамкории байналхалқӣ, минтақавӣ ва дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи стандартони мутобиқи қарори комиссияҳои байни давлатӣ оиди ҳамкории илмию техники ва иқтисоди, созишномаю қарордод ва протоколҳои дар асоси онҳо оиди ҳамкори имзо шуда ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои Тоҷикистон дар мавриди санадҳои зикр гардидаи байналхалқи қабул гардидаанд, таъмин карда мешавад.

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатие (миллие) мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкилотҳои байналхалқи ва минтақави оиди стандартони, инчунин дар муносибати дуҷониба бо кишварҳои хориҷӣ оиди масъалаҳои стандартони намояндаги мекунад.

**Моддаи 5**. Қарордод ва созишномаҳои байналхалқӣ

Агар мутобиқи қарордод ва созишномаҳои байналхалқи нисбат ба қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди стандартони қоидаҳои дигар муқаррар гардида бошанд, пас қоидаҳои қарордодҳои байналхалқи, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, истифода мешаванд.

**Моддаи 6**. Ташкили кори стандартонӣ

Системаи давлатии стандартонии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди сиёсати ягонаи техникиро дар соҳаи стандартони таъмин менамояд.

Идораи давлатии стандартони, аз ҷумла ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идораи давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳури ташкилотҳои ҷамъияти ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатиро дар соҳаи стандартони муайян мекунад ва амали мегардонад, ба риояи талаботи ҳатмии санадҳои меъёри назорати давлати мекунад, дар кори стандартонии байналхалқи иштирок менамояд, омодагии касбии кадрҳоро дар соҳаи стандартони ташкил мекунад, агар мутобиқи қарордодҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар қоидаҳо пешбини нашуда бошанд, қоидаҳои истифодаи стандартҳои байналхалқи (минтақави), қоидаю меъёр ва тавсияҳоро оиди стандартони дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамояд.

Дигар мақомоти идораи давлати, ки ба системаи давлатии стандартонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, дар корҳои стандартони дар доираи салоҳияташон иштирок мекунанд:

- дар соҳаи бинокори, индустрияи сохтмон, аз ҷумла лоиҳакаши ва тарҳ рези-Кумитаи меъмори ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар соҳаи танзими истифодаи захираҳои табии ва ҳифзи муҳити зист аз олудашави ва дигар таъсири зараровар Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар соҳаи маҳсулоти тиббӣ, маснуоти техникаи тиббӣ, дорувор, доир ба масъалаҳои муайян кардани маводи барои инсон хатарноки маҳсулот ва муҳити кор - Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мутобиқи Қонуни мазкур мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои умумии ташкилию техникии пешбурди корҳоро оиди стандартони, шаклу усули ҳамкории субъектҳои фаъолияти хоҷагидори ва ҳамкориро бо мақомоти идораи давлатӣ муайян менамояд.

Корхонаҳо, соҳибкорон, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъияти фаъолияти худро оиди стандартони мутобиқи Қонуни мазкур ташкил ва амали менамоянд.

## Фасли 2. Санадҳои меъёрии стандартони ва истифодаи онҳо

**Моддаи 7**. Санадҳои меъёрии стандартони ва талабот нисбати онҳо

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии стандар-тонии категорияҳои зерин амал мекунанд:

- стандартҳои байналхалқӣ (минтақавӣ);
- стандартҳои байнидавлатӣ - ГОСТ;
- стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - СТ ҶТ;
- стандарти соҳаҳо - СТС;
- стандарти корхонаҳо - СТК;
- шароити техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ШТ ҶТ.

Ба санадҳои меъёрии стандартони инчунин тасниф-кунандаи ахбори техникию иқтисодӣ, қоида, меъёр ва тавсияҳо оиди стандартони дохил мешаванд. Тартиби таҳия ва исти-фодаи қоида меъёр ва тавсияҳо оиди стандартониро мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасниф-кунандаи ахбори техникию иқтисодиро Агентии давлатии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян меку-нанд. Стандартҳои байналхалқӣ (минтақавӣ) ва стандартҳои миллии кишварҳои хориҷӣ, инчунин қоида, меъёр ва тавсияҳои байналхалқи мутобиқи қарордод ё созишномаҳо бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

Тартиби истифодаи ин стандартҳо, қоида, меъёр ва тавсияҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мА-қомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти идораи давлати дар доираи салоҳияташон муқаррар карда мешавад.

Истеҳсол ва фурӯши (расонидани) маҳсулот бидуни санадҳои меъёри манъ аст.

Талаботе, ки санадҳои меъёри муқаррар менамоянд, бояд дар асоси дастовардҳои имрӯзаи илму техника ва технология қарор гиранд, шароити истифодаи маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасони, шароит ва режими корро, ки ҳифзи онро таъмин менамояд, ба инобат гиранд ва набояд қоидаҳои муайян намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон кунад.

Санадҳои меъёрии стандартонии маҳсулоту хизматрасонии ҳатман тасдиқшаванда (сертификатсияшаванда) талабҳоеро, ки маҳсулот ва хизматрасони мутобиқи онҳо бояд ҳатман сертификатсия шаванд, усулҳои назоратоиди мутобиқат ба ин талабот, қоидаҳои нишонгузории маҳсулот ва хизматрасони, талабот оиди маълумот дар мавриди сертификатсияро дар бар гиранд, ки ба ҳуҷҷатҳои замимави ҳамроҳ карда мешаванд.

Стандартҳо объекти ҳуқуқи муаллифи намебошанд.

**Моддаи 8**. Стандартҳои байналхалқӣ, байнидавлатӣ ва давлатӣ, стандартҳои соҳавӣ, стандарти корхонаҳо, шароити техникӣ, таснифкунандаи ахбори техникию иқтисодӣ

Стандартҳои байнидавлатӣ бидуни расман ба стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардондани онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита татбиқ карда мешаванд.

Стандартҳои давлатӣ, стандартҳои соҳавӣ ва шароити техникӣ барои маҳсулот, кору хизматрасони таҳия карда мешаванд ва набояд хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд. Ин ҳуҷҷатҳо бояд талабҳои зайлро дар бар гиранд:

- талабот нисбати маҳсулот, кору хизматрасони оиди бехатарии онҳо барои муҳити зист, ҳаёт, саломати ва амвол, талаботи бехатарии техники ва санитарияи истеҳсолӣ;

- мутобиқати техникӣ ва ахборотӣ ва ба ҳам ивазшавӣ;

- хосияти асосии истеъмолии (истифодаи) маҳсулот, усул-ҳои назорат, талабот нисбати банду баст, тамғагузори, инти-қол, саришта, татбиқ ва истифодаи дигар бораи маҳсулот;

- муқаррароте, ки ҳангоми офаридан, истеҳсолу истифода кардани (кор фармудани) маҳсулот ва адои хизматрасони ягонагии техникиро таъмин менамояд;

- қоидаҳое, ки ҳангоми коркард, истеҳсол, ба корбарии (истифодаи) маҳсулот ва расонидани хизмат ягонагии техникиро таъмин менамоянд;

- қоидаҳои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои техникӣ, фарқияти эҳтимолии андоза ва ҳаҷм, қоидаҳои умумии таъмини сифати маҳсулот, ҳифз ва истифодаи дурусти тамоми навъи захираҳо, истилоҳ, муқаррарот, аломат, қоида ва меъ-ёрҳои дигари метрологи ва умумитехники.

Барои ҳифзи манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қобили рақобат кардани маҳсулоти (хизматрасонии) ва тани дар ҳолатҳои махсус дар стандартҳои давлатӣ ва соҳави талаботи пешаки барои оянда, ки аз имконоти технологияи анъанави афзалият дорад, муқаррар карда мешавад;

- мӯҳтавои талаботи стандартҳои давлати ва соҳави, шароити техники, соҳаҳои татбиқи онҳо, доираи фаъолият ва таърихи ҷоришавии онҳо аз тарафи мақомоти идораи давлати ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидори, ки онро қабул мена-моянд, муайян карда мешавад.

Риояи талаботе, ки дар стандартҳои давлатӣ, соҳави ва шартҳои техники барои таъмини бехатарии маҳсулот, кору

хизматрасони, барои ҳаёту саломати, амвол, ҳифзи муҳити зист, мутобиқати техникию ахбороти ва ба ҳам ивазшавии маҳсулот, ягонагии усулҳои назорат ба онҳо ва банду баст му-қаррар гардидааст, барои субъектҳои фаъолияти хоҷагидори ҳатми мебошад.

Дигар талаботи санадҳои меъёри нисбати маҳсулот, кору хизматрасони тибқи қарордод, ё дар ҳолатҳое, ки дар ин бора дар ҳуҷҷатҳои техникии истеҳсолкунандаи (расонандаи) маҳсулот, иҷрокунандаи кор ва хизматрасон муайян шудааст, бояд ҳатман риоя карда шавад.

Мутобиқати маҳсулот ва хизматрасони ба талаботи санадҳои меъёри бо роҳи тамғагузории маҳсулоту хиз-матрасони бо аломати мутобиқат тасдиқ карда мешавад. Тартиби тамғагузори ва додани ҳуқуқи тамғагузориро мА-қомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқар-рар менамояд.

Стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар мақомоти идораи давлатӣ, ки ба системаи давлатии стандартони дохил мешаванд, дар доираи салоҳияташон тасдиқ мекунанд.

Таснифкунандаи ахбори техникию иқтисодиро Агентии давлатии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва иҷро мекунад.

Стандарти корхонаҳоро субъектҳои фаъолияти хоҷагидори мустақилона, вобаста ба зарурати истифодаи онҳо ба мақсади таъмини талаботе, ки дар моддаи 1-уми ҳамин Қонун зикр шудаанд, таҳия ва тасдиқ карда метавонанд.

Стандартҳои давлатӣ, соҳави ва шароити техники Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар мақомоти ваколатдори Ҳу-кумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд.

Стандартҳои корхонаҳо ва шароити техники бо мақсади такмил ва идораи истеҳсолот таҳия мегардад. Стандарти корхонаҳоро роҳбари корхонаҳо тасдиқ мекунад.

Тартиби таҳия, тасдиқ, баҳисобгирӣ, тағйир ва бекор кардани стандартҳоро корхонаҳо мустақилона муқаррар менамоянд.

**Моддаи 9**. Истифодаи санадҳои меъёри оиди стандартонӣ

Санадҳои меъёрии стандартони бояд аз тарафи мақомоти идораи давлатӣ, субъектҳои фаъолияти хоҷагидори ҳангоми

таҳия, омода кардани истеҳсолот, сохтан, фурӯхтан, истифода (татбиқ), интиқол, саришта намудан ва дигарбора кор фармудан, ҳангоми иҷрои кор, хизматрасони, таҳияи ҳуҷҷатҳои техники (конструктори, технологи, лоиҳакаши, санади бо маҳсулот равона карда шуда), истифода бурда шаванд.

Фармоишгар ва иҷрокунанда бояд дар қарордод шарти ба талаботи ҳатмии санадҳои меъёри мутобиқ будани маҳсулот, корҳои иҷрошаванда ва хизматрасониро дохил намоянд.

Зарурати истифодаи санадҳои меъёри оиди стандартони нисбати маҳсулоте (хизмате), ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади содирот истеҳсол (расонида) мешавад, ба ғайр аз ҳолатҳои муқаррар намудаи қонунгузори мутобиқи қарордод (шартнома) муайян карда мешавад.

Воридоти маҳсулот ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хизматрасони, инчунин тасдиқи мутобиқати онҳо ба талаботи ҳатмии санадҳои меъёри мутобиқи тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 10**. Маълумот дар бораи санадҳои меъёрии стандартони ва нашри онҳо, фонди санадҳои меъёрӣ

Маълумоти расми дар бораи стандартҳои таҳияшаванда ва тасдиқгардида, таснифкунандаи ахбори техникию иқтисодӣ, инчунин худи ин ҳуҷҷатҳое, ки дорои сирри давлати нестанд, барои истифодабарандагон, аз ҷумла барои хориҷиён бояд дастрас бошанд.

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди санадҳои меъёриро таъсис дода, корҳои зайлро анҷом медиҳад:

- ҳифзи давлатии стандартҳо ва стандарҳои соҳавии ба қайди давлат гирифташударо таъмин менамояд;

- стандартҳои байнидавлатӣ, байналхалқӣ (минтақавӣ), қоидаю меъёрҳо ва тавсияҳоро оиди стандартони ва метрология, стандартҳои миллии кишварҳои хориҷиро ба даст меоварад ва саришта мекунад;

- бо ахбор таъмин менамояд.

Мақомоти идораи давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти худ оиди стандартони санадҳои меъёри қабул кардаанд, субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ки оиди стандартони санадҳои меъёриро

тасдиқ намудаанд, фондҳои ахборотии ин ҳуҷҷатҳоро таъсис медиҳанд ва кори ин фондҳоро иҷро мекунанд, ҳамчунин истифодабарандагонро бо ахбори оиди ин ҳуҷҷатҳо ва бо худи ҳуҷҷатҳо таъмин месозанд.

Мақомоти идораи давлатӣ, ки ин санадҳоро қабул кардаанд, дар нашри расмии санадҳои меъёри ҳуқуқи фавқулодда доранд.

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нашри расмии маълумоти дар Реестри ҷумҳуриявии маҳсулот ва хизматрасони мавҷуда, ки ба санадҳои меъёри ҷавобгӯ буданашон бо аломати мутобиқат тамғагузори шудааст, ҳуқуқи фавқулодда дорад.

**Моддаи 11**. Назорати давлатии стандартони ва сифати маҳсулот

Назорати давлатӣ аз тарафи субъектҳои фаъолияти хоҷагидори ба риоя гардидани талаботи ҳатмии санадҳои меъёри оиди стандартони баҳри сертификатсияи истеҳсолот, маҳсулот ва хизматрасони, инчунин беҳтар кардани сифати онҳо аз тарафи мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар мақомоти идораи салоҳиятдори давлати дар доираи салоҳияташон анҷом дода мешавад .

## Фасли 3. Масъулияти риоя накардани муқаррароти қонуни мазкур

**Моддаи 12**. Масъулияти ҷиноӣ, маъмурӣ ва ё шаҳрвандию ҳуқуқӣ

Шахсиятҳои ҳуқуқӣ ё воқеӣ, инчунин мақомоти идораи давлатӣ, ки барои риоя накардани муқаррароти Қонуни мазкур гунаҳкоранд, мутобиқи қонунгузории ҷори ба ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ва ё шаҳрвандию ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

## Фасли 4. Ҷудо кардани маблағ барои фаъолияти стандартҳои давлати ҳавасмандгардонии истифодаи стандартҳои давлатӣ

**Моддаи 13**.Ҷудо кардани маблағ барои фаъолияти стандартонии давлатӣ, назорати давлатӣ

Маблағгузории ҳатмии давлати барои иҷрои корҳои зайл зарур аст:

таҳияи стандартҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи ҳатмиро муқаррар менамояд, таснифкунандаи ахбори техникию иқтисодӣ, таҳия ва нашри ахбори расми оиди онҳо, инчунин нашри маълумот дар мавриди ба табъ расидани ин ҳуҷҷатҳо барои фиристодан ба ҳамаи истифодабарандагони манфиатдор;

- таҳия ва (ё) иштирок дар таҳияи стандартҳои байналхалқӣ (минтақавӣ), қоида, меъёр ва тавсияҳо оиди стандартонӣ;

- таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди иншоотҳои мушаххаси стандартонӣ, инчунин таҳия ва таъмини амали маҷмӯи стандартҳои асосии ташкилию техникӣ ва умумитехникӣ;

- пешбурди фаъолияти тадқиқоти илми ва дигар корҳои стандартонии дорои аҳамияти умумидавлатӣ;

- назорати давлатӣ ба риоя шудани талаботи ҳатмии санадҳои меъёрии стандартонӣ;

- таъсис ва пешбурди фонди стандартҳои давлатӣ ва соҳавӣ, стандартҳои байни давлатӣ ва байналхалқӣ (минтақавӣ), қоида, меъёр ва тавсияҳо дар мавриди стандартонии стан-дартҳои миллии дигар кишварҳо, инчунин Реестри давлатии маҳсулот ва хизматрасони, ки ба санадҳои меъёри ҷавобгӯ буданашон бо аломати мутобиқат тамғагузори гардидааст;

- дигар фаъолияти оиди стандартонӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

Манбаи ҷудо кардани маблағ барои фаъолияти стандартонии давлатӣ, барои назорати давлатӣ оиди риояи талаботи санадҳои меъёри метавонад маблағҳои тибқи тартиби муқарраргардида аз фурӯши стандартҳои нашргардида (чопи такрори), таснифкунандаи ахбори техникию иқтисодӣ ба даст омада, каталоги нашршудаи (чопи такрории) маҳсулот ва хизматрасони ба санадҳои меъёрии бо аломати мутобиқат тамға-гузори шуда гардад.

Ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ, ки пурра ё қисман аз буҷети давлати маблағгузори мегарданд, бояд фаслҳои таъ-мини меъёрии сифати маҳсулот (кору хизматрасони) пешбини карда шавад.

**Моддаи 14**. Ҳавасмандгардонии истифодаи стандарти давлатӣ

Давлат дастгирии иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияти хоҷагидориро, ки маҳсулоташон (кору хизматашон) барои ба санадҳои меъёри ҷавобгӯ буданашон ба аломати мутобиқат тамғагузори шудаанд, аз ҷумла ба стандартҳои давлатии талаботи пешаки барои оянда ва аз имконоти технологияи анъанави афзалият доранд, кафолат медиҳад.

Тадбирҳои дастгирии иқтисоди ва ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидори, ки мутобиқи банди 1-уми ҳамин модда маҳсулот мебароранд (хизмат мерасонанд) ва барои ба талаботи санадҳои меъёри ҷабовгӯ будани маҳсулот (хизматрасони) барои тамғагузори бо аломати мутобиқат литсензия гирифтаанд, бо тартиб ва шартҳои муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Рахмонов

аз 14 декабри соли 1996 № 333
ш. Душанбе

# 8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Қонуни мазкур қоидаҳои умумии ҳимоя ва дастгирии давлатӣ, инкишофи озоди соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонию танзими давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро муқаррар менамояд.

## Боби I. Қоидаҳои умумӣ

**Моддаи 1**. Мақсади қонун

Мақсади қонуни мазкур аз амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои озодона истифодабарии қобилияту амволи худ барои фаъолияти соҳибкорие иборат мебошад, ки онро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо муқаррар кардаанд.

**Моддаи 2**. Доираи татбиқи қонун

Қонуни мазкур дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ, сарфи назар аз матлабу мақсади фаъолияти онҳо, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон амал мекунад.

**Моддаи 3**. Қонунунгузорӣ дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии сохибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4**. Мафҳумҳои асосӣ ва истилоҳоте, ки дар қонуни мазкур истифода мешаванд

Соҳибкорӣ - фаъолияти мустақилона ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби

муқарарнамудаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фуруши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст.

Патент – ҳуҷҷатест, ки ба сифати соҳибкор (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шудани шаҳрвандро муайян карда, барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории дар он пешбинигардида ҳуқуқ медиҳад.

Иҷозатнома (литсензия) – ҳуҷҷатест, ки барои амалӣ гардонидани намуди муайяни фаъолият ба мӯҳлати дар он зикргардида аз тарафи мақоми ваколатдор ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ дода мешавад.

Шаҳодатнома – ҳуҷҷатест, ки шакли соддакардашудаи низоми андоз аз даромад ва пардохтҳои иҷтимоӣ ба шумор рафта, ҳамзамон бақайдгирии давлатии шаҳрвандро ба сифати соҳибкорӣ инфиродӣ тасдиқ намуда, ба соҳибкор ба ивази патент дода мешавад.

**Моддаи 5**. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳал

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст:

- муаяйн кардани принсипҳои умумӣ, самтҳои афзалиятнок ва тарзҳои ҳимояву дастгирии давлатии соҳибкорӣ;
- муқаррар намудани тартиби таъсиси мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкили фаъолияти онҳо дар соҳаи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ;
- тартиб додан ва амалӣ гардонидани барномаҳои давлатии равнақу ривоҷи соҳибкорие, ки аз ҳисоби буҷет ва фондҳои махсуси давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд;
- пешниҳоди таклифҳо оиди имтиёзҳо барои субъекти соҳибкорӣ аз рӯи андози давлатӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳал тамоми масъалаҳоро дар соҳаи ҳимояву дастгирии соҳибкорӣ мутобиқи салоҳияти худ ҳаллу фасл намуда, аз ҷумла барои ҳимояву дастгирии соҳибкорӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ тадбирҳои иловагӣ меандешанд.

**Моддаи 6**. Шаклҳо ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Ҳама гуна шаклҳои соҳибкории дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида аз тарафи давлат эътироф ва иҷозат дода мешаванд.

Соҳибкорӣ дар доираҳои муқаррарнамудаи қонунҳо бо таври зайл амалӣ мегардад:

- бо истифодаи меҳнати кироя;
- бе истифодаи меҳнати кироя;
- бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ.

Соҳибкорӣ метавонад дар шаклҳои зерин амалӣ шавад:

соҳибкории инфиродӣ - фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие мебошад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст;

соҳибкории шахси ҳуқуқӣ - фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи ташкилотест, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, истеҳсол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст.

Ҳамаи субъектҳо дар амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Фаъолияти соҳибкорӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

1) соҳибкории хурд
2) соҳибкории миёна
3) соҳибкории калон.

**Моддаи 7**. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда метавонанд:

- шахси воқеъӣ, яъне шаҳрвандони Тоҷикистон, хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд;
- шахси ҳуқуқӣ - ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайри тиҷоратӣ, инчунин ташкилотҳои хориҷие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

**Моддаи 7[1]**. Субъектҳои соҳибкории хурд

Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуле дохил мешаванд, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи иштироки

давлат аз 25 фоиз зиёд намебошад ва ба меъёрҳои зерин мутобиқ аст:

- андозаи даромади умумии онҳо дар авали соли андоз бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз савдои чакана аз ҳадди секаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд набошад;

- шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар бошад.

Ба субъектҳои соҳибкории худ соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғул мебошанд, дохил карда намешаванд:

- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;

- таҳвили алюминийи аввалия;

- фаъолият дар соҳаи истифодабарии қаҳри замин;

- фаъолияти бонкӣ (ё барои машғул шудан бо намуданҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ) ва суғуртавӣ;

- фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои инвес-титсионӣ;

- фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок.

Дар ҳолати зиёд шудани яке аз меъёрҳои пешбининамудаи моддаи мазкур имтиёзҳои барои субъекҳои соҳибкории хурд муайянкардаи қонунгузорӣ ба субъектҳои соҳибкории хурд татбиқ карда намешаванд.

**Моддаи 7²**. Субъектҳои соҳибкории миёна ва калон

Ба субъектҳои соҳибкории миёна соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки мутобиқи меъёрҳои зерин ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, дохил мешаванд:

- агар андозаи даромади умумии онҳо дар авали соли андоз бе дарназардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз сав-дои  чакана аз ҳадди секаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 миллион сомонӣ зиёд набошад;

- агар шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақви-мӣ аз 30 то 100 нафар, вале барои истеҳсолкунандагони маҳсу-лоти кишоварзӣ аз 50 то 200 нафар бошад.

Субъектҳои соҳибкории калон соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие эътироф карда мешаванд, ки яке аз меъёрҳои

фаъолияти онҳо аз ҳадди ниҳоии меъёрҳои муқаррарнамудаи қисми якуми моддаи мазкур зиёд бошад.

Шумораи миёнаи солонаи кормандони субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқи дастурамали тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори омори давлатӣ муайян карда мешавад.

## Боби II. Бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

**Моддаи 8**. Асосҳои умумии бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Субъекти фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳаллхо ҳуқуқ надоранд ҳангоми бақайдгирии давлатии субъекти ҳама намудҳои соҳибкорӣ нисбат ба шартҳои муқаррарнамудаи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои иловагӣ гузоранд.

Рад кардани бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар ҳолатҳои ба талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мувофиқ набудани фехристи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумоти дар онҳо овардашуда мумкин аст.

Ғайриқонунӣ рад намудан ё худ саркашӣ кардан аз бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад.

**Моддаи 9**. Бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Соҳибкории шахси ҳуқуқӣ мувофиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти адлия ба қайд гирифта мешавад.

Бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) аз тарафи мақомоти ваколатдор-мақомоти андоз ба иҷро расонида мешавад.

Барои бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ шахс ариза ва ҳуҷҷатҳоро дар бораи пардохти патент пешниҳод менамояд.

Дар ариза намуди фаъолияти соҳибкорие нишон дода мешавад, ки соҳибкор дар оянда нияти машғул шудан дорад. Дар ин маврид мақомоти андоз дар мӯҳлати се рӯзи гирифтани ҳуҷҷатҳо бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ инфиродиро амалӣ гардонида, ба аризадиҳанда ба мӯҳлати то як соли тақвимӣ (календарӣ) патент медиҳад.

Андозаи ҳаҷми пардохтро барои патент Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Пардохт барои патент ба воситаи ташкилотҳои бонкӣ, ки пардохтро аз аҳолӣ барои андоз ва дигар ҷамъовариҳо қабул менамоянд, гуза-ронида мешавад.

Патент ва шаҳодатнома барои шуғли фаъолияти соҳибкорӣ бо талаби шахсони ваколатдори мақомоти андоз пешниҳод карда мешаванд.

Талаб намудани дигар ҳуҷҷатҳо ва ё содир кардани амали дигар дар вақти бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ роҳ дода намешавад.

**Моддаи 10**. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ оиди бақайдгирии давлатӣ

Агар шахс ҳамчун соҳибкор дар мӯҳлати муқарраргардида аз тарафи мақомоти ваколатдор беасос ба қайд гирифта нашуда бошад ва ё бақайдгирии ӯ рад шуда бошад, ҳақ дорад ба суд шикоят намояд.

Дар сурати ғайриқонунӣ рад кардан ё кашол додани бақайдгирии шахс ҳамчун соҳибкор аз тарафи мақоми бақайдгиранда, шахс ҳақ дорад, баргардонидани зиёни ба ӯ расонидашударо бо тартиби судӣ талаб намояд.

**Моддаи 11**. Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ

Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолатҳои зерин метавонад қатъ ёбад:

- бо қарори муассисони он ё мақоми шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ чунин ваколат дорад, аз ҷумла бо сабаби гузаштани мӯҳлате, ки шахси ҳуқуқӣ барои он таъсис шуда буд, ноил шудан ба мақсадҳои таъсиси он, ё аз ҷониби суд беэътибор доништа шудани бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ бо сабаби

роҳ додан ба қонунвайронкунӣ ҳангоми таъсиси он;

- бо қарори суд дар сурати бидуни иҷозатнома (литсензия) фаъолият кардан, дигар қонунвайронкуниҳо, ё дар сурати татбиқи мунтазами фаъолияте, ки хилофи мақсадҳои оинномавии шахси ҳуқуқӣ мебошад;

- дар ҳолати гузаштани мӯҳлати эътибори иҷозатнома (литсензия) ё патент;

- бо сабаби муфлис эътироф шудан.

Талаби қатъ ёфтани фаъолияти соҳибкориро тибқи асосҳои дар ҳамин модда зикргардида мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад ба суд пешниҳод намояд.

Бо қарори суд мумкин аст вазифаи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ба зиммаи муассисони он ё мақоми дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо барҳамдиҳии он ваколатдошта гузошта шавад.

Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ аст ва чун кооперативи матлубот ё фонди ҷамъиятӣ фаъолият мекунад, бо сабаби муфлис эътироф шудан мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад.

Муқарраროти бо сабаби муфлисшавӣ барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ба муассисаҳо дахл надорад.

Дар мавриди қатъ ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ, шахси ҳуқуқӣ вазифадор аст, мувофиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораёни барҳамдиҳиро гузарад.

## Боби III. Фаъолияти хоҷагидории соҳибкор

**Моддаи 12**. Баамалбарории фаъолияти хоҷагидории соҳибкор

Соҳибкор метавонад ҳамагуна фаъолияти хоҷагидориро мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба амал барорад, агар онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накарда бошад.

Соҳибкор молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолнамуда ва ба дастовардаашро мустақилона ба муомилот мебарорад.

Супоришҳои давлатиро соҳибкор дар асоси шартнома иҷро мекунад.

**Моддаи 13**. Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Соҳибкор бо назардошти манфиатҳои худ ва ҷомеа фаъолияти хешро бояд бо самтҳои зерин сафарбар намояд:

- бо мақсади кам кардани бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои иловагии корӣ дар саноат, сохтмон, хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳо, махсусан соҳаи хизматрасонӣ тадбирҳо андешад;
- ба кори ташкили истеҳсолот, махсусан оид ба коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, сохтмон ва ба бозори дохилию хориҷӣ баровардани он чораҳои зарурӣ бинад;
-меъёрҳои амалкунандаи экологӣ, ҳифзи муҳити зист, ҳолати санитарӣ, саломатии аҳолӣ, техникаи бехатарӣ ва стандартҳоро риоя намояд;
- ба молҳои истеҳсоли хориҷӣ бо назардошти афзалиятҳои нисбии мамлакат ва истифодаи самараноки захираҳои табии маҳаллӣ рақобат ба вуҷуд оварад;
- аз дастовардҳои навини илму техникаи ҷаҳонӣ, омӯзиши дигар забонҳо, истифодаи усулҳои ҳозиразамони маркетинг, менеҷмент, инчунин татбиқи технологияи навтарин воқиф бошад.

**Моддаи 14**. Маҳдудкунии дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ

Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ корҳои зайл манъ аст:

- ба соҳибкорон додани дастур дар бораи таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба истеъмолкунандагони муайян;
- муқаррар намудани нархҳо ба молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) фурухташавандаи соҳибкорон аз ҷумла бо роҳи муқаррар намудани андозаи нархи фурӯш ё дараҷаи баландтарини даромаднокӣ, ғайр аз ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда.

**Моддаи 15** . Тартиби пешниҳод кардани ҳисобот

Субъекти соҳибкорӣ мутобиқи тартибу мӯҳлати дар санадҳои ҷории меъёрию ҳуқуқӣ пешбинишуда ҳисоботи заруриро оид ба омор, муҳосиба, андозсупорӣ ва дигар ҳисоботдиҳиро ба мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ мегардонад ва пешниҳод менамояд.

**Моддаи 16**. Имтиёзҳо ҳангоми аидозбандии субъекти соҳибкорӣ

Дар мавридҳое, ки пешниҳоди имтиёзҳои иловагӣ оид ба андозу бочҳо нисбати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, сохторҳои ёрирасони онҳо (фондҳои рушди соҳибкорӣ, ширкатҳои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ) талаб карда мешавад, ҳисоббаробаркуниҳои дахлдори даромад ва зарари давлатӣ аз ин корҳо амалӣ гардонида мешавад.

Чунин ҳисоббаробаркунии асоснок доир ба дастгирии соҳибкорӣ барои даровардани тағйирот ба қонунгузории ҷории андоз асос шуда метавонад.

**Моддаи 17**. Ҳуқуқҳои субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ дорад:

- ҳамагуна корхонаю ташкилотеро, ки хилофи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, таъсис диҳад;

- пурра ё қисман аз амволи корхонаҳои давлатӣ ва корхонаҳое, ки ба шаклҳои дигари моликият алоқаманданд, тибқи тартиботи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад, ё ба он соҳиб шавад;

- бо амволи худ ва амволи бо роҳи қонунӣ ба даст овардааш, дар фаъолияти субъектҳой соҳибкории хоҷагидори дигар иштирок намояд;

- дар асоси шартнома аз амволи шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандон ва шахсони бешаҳрванд истифода барад;

- ҳар микдор кормандонро дар асоси шартнома киро намояд ва аз кор ҷавоб диҳад;

- намудҳо, системаҳо, ҳаҷми музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади коргарони кирояро муқаррар намояд;

- барномаи фаъолияти хоҷагиро тартиб диҳад, таҳвилдиҳандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолиро интихоб намояд, барои эҳтиёҷи давлат корҳо, хизматрасониҳоро дар асоси шартнома ба анҷом расонад;

- нарх, арзиш ва тарифҳой молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) фурӯхташавандаро, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар САнадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти зиддиинҳисорӣ пешбинӣ шудаанд, мустақилона му-

қаррар намояд;

- ҳисобҳои бонкӣ кушояд, ҳар гуна амалҳои ҳисобу китоб, қарздиҳӣ ва пули накдиро анҷом диҳад;

- фонди (даромад) аз фаъолияти соҳибкориро, ки баъди пардохти андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ боқи мондаасг, озодона ихтиёрдорӣ намояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз системаи давлатии таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ истифода барад;

- ҳар гуна даромади аз рӯи ҳаҷм номаҳдуд гирад;

- бо тартиби муқарраршуда аз болои амал ва ё беамалии мақомоти давлатӣ ва дигар мақомот, инчунин аз шахсони мансабдоре, ки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои Қонунии онро поймол месозанд, аз ҷумла оид ба масъалаҳои вобаста ба санҷиши фаъолияти онҳо  шикоят намояд;

- бо тартиби барои шахсони ҳуқуқӣ муқаррарнамудаи СА-надҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳамчун иштирокчии робитаҳои беру-нии иқтисодӣ амалиёти асъориро ба амал барорад;

- ба дигар амалҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ маш-ғул шавад, ба шарте, ки ин амалиёт хилофи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад.

Нисбати қарори маҳдуд намудани ҳуқуқ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Дар мавриди хусусигардонии иншоотҳои сохтмонӣ (ҳам-чунин сохтмонҳои нотамом), ба ин объектҳо ҳуқуқдор шудани соҳибкор бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин объектҳо бо истифодаи доимии қитъаи замине, ки ин нуқтаҳо дар он ҷойгиранд, ба ихтиёри соҳибкор мегузарад.

Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудааст, ба собиқаи корӣ ворид карда мешавад.

Тартиби баҳисобгирии собиқаи корӣ ва пешбурди даф-тарчаи меҳнатии соҳибкорӣ инфиродиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

**Моддаи 18**. Ӯҳдадориҳои субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Соҳибкор ӯҳдадор аст, ки:

- мутобиқи қонунгузории меҳнат бо шаҳрвандоне, ки онҳо-

ро ба сифати коргари кироя ба кор мегирад, шартнома (қарордод) ва ҳамчунин бо талаби коллективҳои меҳнатӣ шартномаи коллективӣ бандад;

- барои муттаҳидшавии коргарони кироя ба иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии онҳо бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии худ монеъ нашавад;

- ба коргарони кироя на камтар аз андозаи ҳадди ақали муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маош диҳад;

- оид ба таъмини ҳифзи меҳнат, бехатарии экологӣ, санитарӣ ва техникаи бехатарӣ, тозагиву беҳдошти истеҳсолот, инчунин болоравии иқтисодиёт дар асоси қоидаву меъёрҳои ҷорӣ тадбирҳо андешад;

- пардохти саривақтии андозҳо ва дигар ӯҳдадориҳои молиявии худро дар назди давлат ба иҷро расонад;

- дар бораи муфлисшавии худ ва имконнопазир будани адои ӯҳдадориҳо дар назди қарздиҳандагон арз намояд;

- барои фаъолият дар соҳаҳое, ки тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома (литсензия) талаб карда мешавад, иҷозатнома (литсензия) гирад;

- талабҳои дигари дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаро риоя намояд.

**Моддаи 19**. Додани иҷозатнома (литсензия), патент ва ё шаҳодатнома ба фаъолияти соҳибкорӣ

Иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» анҷом дода мешавад.

Тартиби додани патент, шаҳодатнома ва номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории дар асоси патент амалишавандаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 20**. Нархгузории молҳои истеҳсолнамудаи субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Субъекти фаъолияти соҳибкорӣ моли (кори, хизматрасонии) худро, чи истеҳсоли худӣ ва чи моли аз дигар ҷой харидаашро бо нархи (арзиши, тарифи) мустақилона муқаррарнамудаи худ ё бо нархи шартномавӣ мефурӯшад.

Муқаррар кардани нархи давлатии мол бо мақсади роҳ надодан ба баландшавии инҳисории нархи он бо тартиби пешбининамудаи қонугузории зиддиинҳисорӣ ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 21**. Санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкорӣ.

Санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагидории субъекти фаъолияти соҳибкорӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) тибқи шартномаи байни соҳибкор ва ташкилоти аудиторӣ сурат мегирад.

Мутобиқи талаботи мақомоти андоз ҳангоми пешниҳод намудани ҳисобот соҳибкор метавонад хулосаи аудиториро истифода барад.

Талаб кардани маълумоти бонкӣ оиди муомилоти бонкии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, суратҳисобҳо ва маблағҳо танҳо тибқи қонунгузорӣ дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ сурат гирифта метавонад.

Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

## Боби IV. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

**Моддаи 22.** Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои Қонунии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Давлат набояд монеаи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ шавад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд чун шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу масъулияти баробар доранд.

Ҳуқуқ ва манфиатҳои Қонунии соҳибкор бо роҳҳои зерин ҳимоя карда мешаванд:

- имконияти озодона анҷом додани ҳамаи намудҳои

фаъолияти соҳибкорӣ тибқи тартиби муайяншуда ба ғайр аз намудҳои фаъолияте, ки дар асоси иҷозатнома (литсензия) анҷом дода мешаванд;

- тартиби соддакардашудаи бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ;

- бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ маҳдуд кардани санҷиши фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешаванд;

- шикоят кардан ба суд аз болои амал ё беамалии мансабдорони мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкориро халалдор мекунанд;

- танҳо бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар кардани номгӯи корҳое (хизматрасониҳое, молҳое), ки барои соҳибкорӣ манъ ё маҳдуд шудаанд;

- бо дигар воситаҳое, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ дорои ҳуқуқи дар мақомоти судӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мақомоти дигари давлатӣ ҳимоя кардани манфиату ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ ме-бошад.

Мақомоти ваколатдор дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки нисбати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ роҳ дода мешаванд, дар бораи тамоюли рушди соҳибкорӣ саривақт ба мақомоти дахлдор маълумот медиҳад, таҷрибаи фаъолияти сохторҳои соҳибкориро ҷамъбаст мекунад.

Мақомоти мазкур аз тарафи мақомоти нозир дар китоби санҷишҳо дуруст қайд намудани санҷишҳои субъекти соҳибкориро назорат мекунад. Ҳангоми зарурат дар назди мақомоти дахлдор масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкорро мегузорад.

Ба ғайр аз масъалаҳои дар қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дахолат ба корҳои дохилии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ манъ мебошад.

**Моддаи 23**. Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ

Дастгирии давлатии ҳама намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи давлат дар шахси мақомоти ваколатдор тибқи салоҳияти онҳо ва мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳал, дар ҳалли масъалаҳои иттилоотӣ, ташкилӣ-

ҳуқуқӣ, молиявию қарздиҳӣ, моддию техникии соҳибкорӣ, ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба амал бароварда мешавад.

Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- такмили базаи меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ барои инкишофи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фароҳам овардани шартҳои имтиёзноке, ки онро Ҳуку-мати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим мешуморад;

- ташкил кардани шароити мусоиди андозбандӣ, гумрукӣ ва сармоягузорӣ;

- барқарор намудани тартиби соддакардашудаи андоз-бандӣ, бақайдгирии соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ ва ё патент ба фаъолияти онҳо, сертификатсиякунонии маҳсулоти истеҳсол ва ё воридкардаи онҳо ва пешниҳоди ҳисоботи оморию муҳосибӣ;

- додани қитъаи замин ва амволи давлатӣ бо шарту тартиби соддакардашуда;

- дастгирии фаъолияти берунии иқтисодии соҳибкорӣ инчунин мусоидат ба пешрафти алоқаи тиҷоратӣ, илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотии онҳо бо давлатҳои хориҷӣ;

- мусоидат ба ташкили фондҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ.

**Моддаи 24**. Барномаҳои давлатии дастгирии фаъолияти со-ҳибкорӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ дар он ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетиро, ки барои амалигардонии барномаҳои давлатии даст-гирии соҳибкорӣ ҷудо карда мешаванд, алоҳида пешбинӣ мекунад.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳал, мутобиқи ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетии ҷудокардашуда, чораҳои аниқ ва барномаҳои мақсадноки дастгирии соҳибкориро таҳия мекунанд.

Барномаҳои давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мешаванд ва онҳо бояд ба радифи барномаҳои давлатӣ бо назардошти ҳамаи самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ, татбиқи сиёсати муҳоҷират, ҳалли проблемаҳои экологӣ, инчунин барҳамдиҳии оқибатҳои вазъиятҳои фавқулодда дохил шаванд.

**Моддаи 25**. Суғуртаи давлатии субъекти соҳибкорӣ

Суғуртаи давлатии фаъолият ва амволи субъекти фаъолияти соҳибкорӣ тибқи тартиби муқаррнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

**Моддаи 26**. Дастгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иттилоотӣ

Мақомоти ваколатдори давлатӣ ва идораҳое, ки барои ташаккул ва истифодаи манбаъҳои давлатии иттилоот масъуланд, барои ба субъекти фаъолияти соҳибкорӣ фавран ва пурра пешниҳод намудани иттилоотӣ иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, оморӣ, истеҳсолию техникӣ ва дигар иттилоотҳо дар асоси шартнома амал мекунанд.

Барои надодани иттилоотӣ дастраси умум аз манбаъҳои давлатии иттилоот ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 27**. Дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ чораҳоро барои васеъ намудани иштироки ҳама шаклҳои соҳибкорӣ дар муомилоти содиротию воридотӣ, намоишу ярмаркаҳои байналхалқӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба амал мебароранд.

## Боби V. Ҳифзи сирри тиҷоратии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

**Моддаи 28**. Ҳифзи сирри тиҷоратии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Маълумоти сирри давлатӣ ҳисобнашавандае, ки бо истеҳсол, иттилооти технологӣ, идоракунии маблағҳо ва дигар фаъолияти субъекти хоҷагидори соҳибкорӣ алоқаманд буда, ошкор намудани онҳо, ба манфиати ин субектҳо зарар расонида метавонанд, ба сирри тиҷоратӣ тааллуқ доранд.

Таркиб ва ҳаҷми маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, аз тарафи қонун муайян карда мешавад.

Ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар манъи ошкор намудани маълумоте, ки дар қисми аввали моддаи мазкур нишон дода шудааст, ифода меёбад, яъне дар манъи паҳн кардани маълумот

дар байни шахсони гурӯҳи муайян ё гурӯҳи номуайян ба ҳар шакле, ки набошад, инчунин дар манъи маълум кардани чунин маълумот ба шахси дигар.

Шахсе, ки ғайриқонунӣ маълумоти ташкилдиҳандаи сирри тиҷоратиро гирифтааст, ҳуқуқ надорад, ки онҳоро ба мақсадҳои ғаразноки худ, агар чунин истифода ба сирри тиҷоратии субъекти ҳуқуқӣ зарар расонида тавонад, кор фармояд.

Манъкунӣ ба субъекти соҳибкоре, ки навигариҳои истеҳсолӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва ғайраро истифода бурда ва дар онҳо сирри тиҷоратии дигар субъекти соҳибкор вуҷуд дорад, дахл надорад, агар маълумоти дахлдор бе вайронкунии меъёри сирри тиҷоратӣ гирифта шуда бошад.

Дар акси холин амал чун рақобати бевиҷдонона эътироф мешавад.

Моддаи 29. Вазифаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба таъмиии сирри тиҷоратии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ

Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он вазифадоранд, ки маълумоти ба сирри тиҷоратӣ тааллуқдорро, ки ҳангоми бақайдгирии субъектҳой хоҷагидор, санҷиши фаъолияти онҳо, назорати шароити кор ва дигар амалҳои аз вазифаҳои мақомоти дахлдор бароянда ба даст меоранд, ошкор насозанд.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои бақайдгирӣ, санҷиш ё назорати шахсони мансабдори давлатӣ ҳуқуқ надоранд, ки маълумоти дорои сирри тиҷоратиро, ғайр аз онҳое, ки барои иҷрои масъалаи гузошташуда масъуланд талаб намоянд. Чунин маҳдудиятҳо ҳангоми ба мақомоти давлатӣ пешниҳод намудани дигар маълумотҳо низ татбиқ карда мешаванд).

## Боби VI. Ҷавобгарӣ барои монеаи ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ

**Моддаи 30**. Асосҳои умумӣ ва ҷавобгарӣ барои монеаи ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ

Амали мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдори он, ки боиси имконнопазирии анҷомдиҳии фаъолияти озоди соҳибкорӣ, маҳдудияти ҳаҷми вай, паҳн намудани соҳаҳои шаклҳои алоҳидаи он ва дигар соҳаҳои соҳибкорӣ мешаванд, чунин

мақомот ва шахсони мансабдор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Тамоми зарарҳои дар натаҷаи монеаи ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкории субъекти хоҷагидорӣ расонидашуда, аз рӯи даъвои субъекти номбурда ба пуррагӣ, аз ҷумла даромадҳои гирифтанашуда, аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор бо тариқи судӣ ҷуброн карда мешаванд.

**Моддаи 31**. Масъулият барои вайрон кардани тартиби муқарраршудаи санҷиши фаъолияти соҳибкорӣ

Дар ҳолати аз тарафи мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдори он вайрон шудани тартиботи муқарраршудаи санҷиши соҳибкорӣ (дар мавридҳои набудани зарурати гирифтани ҳуҷҷатҳо, барӯйхатгирии арзишҳои моддӣ, боздоштани истеҳсолот, тартиб додани маълумотҳо ва баёнотҳои иловагӣ, пешниҳод намудани дархостҳои беасос ва дигар мавридҳо) ба ҳаҷми зарарҳое, ки бояд ҷуброн шаванд, маблағи подошпулиҳо ба кормандони корхона барои тайёр кардани маводи санҷиш, музди меҳнат барои вақти маҷбуран бозистодани истеҳсолот, фурсати мусоиди аз даст рафта, ки дар ин вақт субъекти хоҷагидор ҳангоми фуруши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) метавонист даромад ба даст орад, дохил шуда метавонанд.

**Моддан 32**. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 33**. Мавриди амал карор додани қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмиаш мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. РАҲМОНОВ

10 майи соли 2002, №46
ш. Душанбе

# 9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ин Қонун муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда, тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳимояи ҳуқуқҳо, манфиату амволи иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷиро, сарфи назар аз шакли моликияташон, таъмин менамояд, барои якҷояшавии (интегратсияи) иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо низоми ҷаҳонии иқтисодӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

## I. Қоидаҳои умумӣ

**Моддаи 1**. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҷмӯи амалҳои воқеии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фирмаю корхонаҳо, ассотсиатсияҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, консерну корхонаҳои муштарак, соҳибкоронро, ки минбаъд шахсони ҳуқуқию воқеӣ номида мешаванд дар бар мегирад ва мақсад аз ин амалҳо барпо намудан, ва рушди ҳамкории муфид бо давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии онҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад.

**Моддаи 2**. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- фаъолияти хоҷагиро дар соҳаи иқтисодиёти хориҷӣ, қонунан танзим мекунад;
- сиёсати иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла арзию кредитӣ, тартиби квотаю литсензиякунонӣ, инчунин дигар муомилоти иқтисодии хориҷиро таҳия ва татбиқ менамояд;
- созишномаҳои байнидавлатӣ ва аҳдномаҳои байналмилалиро дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва тиҷорати хориҷӣ имзо ва иҷро мекунад;
- манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқию воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз марзи он ҳимоя менамояд;

- кафолатҳои ҳуқуқиро барои фаъолияти инвесторони (маблағгузорони) хориҷӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ муқаррар мекунад;

- дар ташкилоту иттиҳодияҳои байналмилалии иқтисодӣ намояндагӣ мекунад;

- дигар ваколатҳоеро, ки аз Конститутсия ва дигар СА-надҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, амалӣ мегардонад.

**Моддаи 3**. Принсипҳои асосии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии онҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти иқтисодии хориҷии худро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ мегардонад:

- ҳамкории муфид бо ҳамаи давлатҳо, шахсони ҳуқуқию воқеии хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ;

- баробарии тарафҳо;

- мудохила накардан ба корҳои дохилии шарикони робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;

- иҷрои ӯҳдадориҳои ҳамдигарие, ки тибқи созишномаҳо бо давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии онҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба ӯҳда гирифта шудаанд;

- дигар меъёрҳо, қоидаю шартҳои байналмилалӣ.

**Моддаи 4**. Объектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Ҷомеаи захираҳо, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ истеҳсол мешаванд, аз ҷумла захираҳои меҳнатӣ, молу хизматрасониҳо, коғазҳои қиматдор, маҳсулоти илмию техники, инвеститсияҳо, арзишҳои зеҳнӣ ва ғайра, ба ғайр аз объектҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи онҳоро дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ манъ кардааст, объектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

**Моддаи 5**. Субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият, аз ҷумла ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалие бошанд, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ ва берун аз

он баъди ба қайдгирии давлатии онҳо ба сифати шахси ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.

**Моддаи 6**. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

## II. Амалӣ гардонидани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

**Моддаи 7**. Ҳуқуқҳои субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва намуди фаъолияти иқтисодии хориҷиашон, дар амалӣ гардонидани ин фаъолият ҳуқуқҳои баробар доранд.

Субъекти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар доираи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад намуд, шакл ва самти иштироки худро дар робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мустақилона муайян намояд, бо тартиби муқар-раргардида бо салоҳдиди худ дар асоси шартнома ё ба музд ё худ ба таври ройгон шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро, ки барои фаъолияти иқтисодии хориҷии он заруранд, ҷалб намояд.

Субъекти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳуқуқ дорад, ки натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии худ, аз ҷумла даромади худро ба пули хориҷӣ, мувофиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдор намояд. Бо қарори субъект ҳуқуқи соҳибият, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ метавонад мувофиқи тартиби муқаррар намудаи Қонун ба дигар шахсони ҳуқуқиву воқеӣ дода ё боварӣ карда шаванд. Муносибати тарафҳо ҳангоми ба тариқи ёдшуда додани ҳуқуқҳо дар асоси қарордодҳо (созишномаҳо) танзим мегардад.

**Моддаи 8**. Ӯҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Субъекти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вазифадор аст, ки:

- меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, инчунин меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои байналмилалиро риоя намояд;

- дар хусуси ба талаботи санитарию гигиенӣ, экологӣ ва ғайра мувофиқ будани корҳо, тадқиқоту лоиҳаҳои дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ иҷрошаванда хулосаҳои экспертизаро дошта бошад;

- барои амалигардонии намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки номгӯи онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» муқаррар намудааст, иҷозатнома дошта бошад.

**Моддаи 9**. Иштироки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ гардонидани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Тартиби муомилоти арзию кредитӣ ва ҳисобрасии байналмилалии танзими баланси пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалб ва истифодаи пули хориҷиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд.

Муомилоти ҳисобрасию кредитӣ, кассавӣ ва муомилоти дигари адои хизмати субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар бонкҳо, инчунин муасиссаҳои бонкие, ки ба кушодани суратҳисобҳо бо арзи миллӣ ва хориҷӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дохиливу хориҷӣ ҳуқуқ доранд, тибқи иҷозатномаҳое, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» дода мешаванд, анҷом медиҳанд.

**Моддаи 10**. Намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ доир ба масъалаҳои тиҷорату иқтисодиёт

Давлатҳои хориҷӣ намояндагиҳои худро доир ба масъалаҳои тиҷорату иқтисодиёт таъсис дода метавонанд. Тар-тиби фаъолияти онҳо аз ҷониби давлатҳои марбутаи хориҷӣ, фаъолияташон бошад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 11**. Намояндагиҳои ташкилоту корхонаҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагиҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоту корхонаҳои он дар хориҷа доир ба масъалаҳои тиҷорату иқтисодиёт

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии он дар хориҷа ва шахсони воқеию ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ намояндагиҳои худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода метавонанд. Тартиби кушодани намояндагиҳо ва фаъолияти онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 12**. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо иштироки субъектҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мувофиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳо, ташкилотҳои байналмилалии иқтисодию молиявӣ бо иштироки инвеститсияҳои хориҷӣ, инчунин ассотсиятсияҳо бо иштироки шахсони ҳуқуқию воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ метавонанд таъсис дода шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодие, ки шароити фаъолияти хориҷиашонро Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, таъсис ёфта мета-вонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсоя мувофиқи созишномаҳои байнидавлатӣ савдои наздисарҳадиро ба роҳ монда метавонад.

## III. Аз ҷониби давлат танзим кардани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

**Моддаи 13**. Шаклҳои аз ҷониби давлат танзим кардани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Аз ҷониби давлат танзим кардани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шакли зайл сурат мегирад:

- муқаррар намудани системаи андозу имтиёзҳои тафриқанок, аз ҷумла арзӣ;
- бунёд кардани системаи давлатии таъминоти иттило-отии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- расонидани кӯмаки молиявӣ дар шакли дотатсияҳо, субсидияҳо, субвенсияҳо, қарзҳои буҷетӣ, кредитҳои бонк, ки ба амалӣ гардонидану равнақ додани фаъолиятии иқтисодии хориҷии минтақа, соҳаю корхонаҳои алоҳида ва шаҳрвандони ҷудогона вобаста мебошанд;

- таҳия, бо пул таъмин кардан ва таҳқиқ намудани барномаҳои соҳавии комплексии инкишофи шаклҳои равобити иқтисодии хориҷии ҷумҳурӣ;

- таҳқиқ кардани қарордод, аҳднома, созишнома ва дигар асноди ҳуқуқии ба имзорасидае, ки ба манфиати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

- декларатсия кардани молҳо ва амволи дигаре, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мегарданд;

- муқаррар намудани тартиби содироту воридоти маҳсулот (кору хизматрасонӣ);

- ташаккул додан ва истифода намудани фондҳои арзи ва фондҳои дигар.

**Моддаи 14**. Роҳбарӣ ва идораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии умумӣ мекунад.

Мақомоти ваколатдор кори иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷиро дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳамчунин кӯмаки иқтисодии ташкилотҳои хориҷӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба ҷумҳурӣ ташкилу мутобиқ месозад ва назорат мекунад.

**Моддаи 15**. Худкифоии арзӣ

Тамоми хароҷоти арзии субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҳисоби даромади арзии онҳо, инчунин аз дигар манбаъҳои ба даст овардани арзи хориҷӣ мебошад, ки Қонун иҷозат додааст.

Қарзи хориҷӣ бояд аз ҳисоби даромади фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектҳо баргардонида шавад.

## IV. Кафолатҳои ҳуқуқ ва масъулияти субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

**Моддаи 16**. Кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиати субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои Қонунии субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷиро кафолат медиҳад.

Агар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳое қабул кунанд, ки ҳуқуқи дар ин Қонун муайянгардидаи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷиро поймол месозанд, зарари ба онҳо расонидаро аз тариқи суд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ талофӣ менамоянд.

**Моддаи 17**. Боздоштан ва қатъ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Фаъолияти субъектҳои иқтисодии хориҷӣ дар сурати ҷой доштани равобити бевиҷдона ё ҳангоме, ки фаъолияти онҳо ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиён мерасонад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта мешавад.

Фаъолияти субъектҳои иқтисодии хориҷӣ дар сурати вайрон карда шудани Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфлисшавӣ ва дигар сабабҳо, ки номгӯяшонро мақомоти ваколатдор муқаррар мекунад, мустақилона бо қарори суд қатъ гардида метавонад.

Норизоӣ ба қарори боздошт ва ё қатъ гардидани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз тариқи суд ҳал мешавад.

**Моддаи 18**. Масъулияти субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Давлат нисбати ӯҳдадориҳои субъектҳои иқтисодии хориҷӣ масъулият надорад. Субъектҳо нисбати ӯҳдадориҳои давлат масъулият надоранд.

Дар сурати риоя нашудани ӯҳдадориҳои шартномавӣ субъектҳои иқтисодии хориҷӣ масъулияти моддӣ ё масъулияти дигаре доранд, ки Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои имзошуда муайян кардаанд.

Пардохти ҷаримаҳо барои вайрон намудани шартҳои аҳднома, ҳамчунин талофии зарари расондашуда тарафи гунаҳкорро аз иҷрои ӯҳдадориҳо, агар дар Қонун ё аҳднома чораи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, озод намекунад.

**Моддаи 19.** Ҳалли мубоҳисаҳо

Мубоҳисаҳое, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба вуқӯъ меоянд, аз тарафи судҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ мегарданд.

**Моддаи 20**. Ҷавобгарии вайрон намудани қонунгузорӣ нисбати фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Барои вайрон намудани нуқтаҳои ҳамин Қонун ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар бобати фаъолияти иқтисодии хориҷӣ гунаҳкорон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Раиси Шӯрои Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

27 декабри соли 1993, №869
ш. Душанбе

## 10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ»

Ҳамин Қонун асосҳои танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ, тартиби аз ҷониби ашхоси ватанӣ ва хориҷӣ амалӣ намудани он, ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ муайян мекунад.

**Моддаи 1**. Ҳадафҳои ҳамин Қонун

Хадафҳои ҳамин Қонун ҳимояи мустақилияти иқтисодӣ, таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳавасмандкунии инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ ва таъмини шароити гароиш (интегратсия)-и самараноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд.

**Моддаи 2**. Мафҳумҳое, ки дар ҳамин Қонун истифода мешаванд

Дар ҳамин Қонун мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

1) фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ - фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши мубодилаи байналхалқии молҳо, корҳо, хизматҳо, иттилоот, натиҷаҳои фаъолияти ақлонӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои дахлнопазир ба онҳо (моликияти ақлонӣ);

2) мол - ашё, маҳсулот ё ҳар гуна амволи манқул (ҳамчунин тамоми шаклҳои энергия) аз ҷумла асъор ва сарватҳои асъорӣ инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва киштиҳои дар дохил шинокунандаи ба амволи ғайриманқул шомилгардида, ки унсури фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ ҳисобида мешаванд. Васоити нақлиёт, ки ҳангоми иҷрои шартномаи байналхалқии боркашонӣ истифода мешаванд, мол ба шумор намераванд;

3) хизматҳо - фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба таъмини талаботи ашхоси дигар равона шудааст, ба истисноӣ фаъолияте, ки дар асоси муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ амалӣ мегардад;

4) содирот (экспорт) - аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани мол, хизматҳо, натиҷаҳои фаъолияти ақлонию, бидуни ӯҳдадории ворид намудани онҳо ба ин

қаламрав. Далели содирот (экспорт) дар лаҳзаи қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро убур намудани мол, пешниҳоди хизматҳо ва ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти ақлони қайд карда мешавад. Нисбат ба молҳои содиротӣ амалиёти тиҷоратии ҷудогона бе баровардан аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа, аз ҷумла дар мавриди аз ҷониби шахси хориҷӣ харидани молҳо ва додани онҳо ба шахси дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати коркард ва минбаъд содир кардани моли коркардашуда ба хориҷа баробар карда мешавад;

5) воридот (импорт) - ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа ворид намудани мол, корҳо, хизматҳо, натиҷаҳои фаъолияти ақлонӣ, бидуни ӯҳдадории содир намудани онҳо аз ин қаламрав. Далели воридот (импорт) дар лаҳзаи қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро убур намудани мол, қабули хизматҳо ва ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти ақлонӣ қайд карда мешавад;

6) иштирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ - шахсони ҳуқуқии тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисёфта, ки дар қаламрави он сукунати доими доранд, инчунин шахсони воқеие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон макони зисти доими доранд ва ба сифати соҳибкорони инфродӣ ба қайд гирифта шудаанд;

7) иштирокчиёни хориҷии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои дигар шаклҳои ҳуқуқӣ, ки қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шаҳрвандии онҳо тибқи қонунгузории давлати хориҷие, ки онҳо дар он таъсис дода шудаанд, муайян мегардад; шахсони воқеие, ки қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шаҳрвандии онҳо тибқи қонунгузории давлати хориҷӣ, ки шаҳрванди он ба шумор меравaнд, муайян карда мешаванд ва шахсони бетабаият, ки қобилияти амалкунии шаҳрвандии онҳо тибқи қонунгузории давлати хориҷӣ, ки дар он ҳамин ашхос макони доимии зист доранд;

8) амнияти иқтисодӣ – ҳолати иқтисодиёт, ки сатҳи кофии мавҷудияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, мудофиавӣ ва пешрафти тадриҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дахлнопазирӣ ва истиқлолияти манфиатҳои иқтисодии онро нисбати эҳтимолияти таъсироту таҳдидҳои берунаю дохилӣ таъмин менамояд.

**Моддаи 3**. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи

фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ бар пояи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонун, қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шартномаҳои байналхалқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат аст.

**Моддаи 4**. Принсипҳои асосии танзими давлатии фаъоли-яти тиҷоратии хориҷӣ

Принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

- ягонагии сиёсати тиҷоратии хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ягонагии системаи танзими давлатии фаъолияти тиҷора-тии хориҷӣ ва назорат аз болои амалӣ гардидани он;

- бартарияти чораҳои иқтисодии танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ;

- баробарҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ;

- аз ҷониби давлат ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ;

**Моддаи 5.** Сиёсати тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ дар асоси риояи меъёрҳои эътирофгардидаи ҳуқуқи байналхалқӣ ва ӯҳда-дориҳои аз шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеомада сохта мешаванд.

Бо мақсади гароиши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шартномаҳои байналхалқӣ дар бораи иттиҳоди гумрукӣ, тиҷорати озод ширкат меварзад, ки дар заминаҳои барқарор намудани қаламрави ягонаи гумрукии бидуни истифодаи чораҳои танзими гумрукию тарифӣ ва ғайритарифии тиҷорат миёни кишварҳои иштирокчие, ки дар минтақаҳои тиҷорати озод фаъолият мекунанд, поягузорӣ мешаванд.

**Моддаи 6**. Ваколатҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ

Ваколати Маҷлиси Оли:

- ба додугирифти қарзи давлатӣ иҷозат медиҳад, ҳамчунин барои ёрии иқтисодӣ ба давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии онҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ ризоият медиҳад.

Ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- таҳияи консепсия ва стратегияи инкишофи робитаҳои тиҷоратии хориҷӣ ва принсипҳои асосии сиёсати тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳимояи мустақилияти иқтисодӣ ва манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- андешидани тадбирҳо оид ба ҳифзи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ, аз ҷумла танзими молиявӣ, тарифию гумрук ва ғайритарифӣ;

- муайян намудани сиёсат дар соҳаи сертификатсияи молҳо вобаста ба воридоту содироти онҳо;

- дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани стандарту меъёрҳои ҳатмии бехатарӣ ва ё безарар барои инсон ҳангоми воридоти молҳо ва қоидаҳои назорати онҳо;

- муайян намудани тартиби воридот ва содироти маводи таҷзияшаванда, модаҳои заҳролудкунанда, тарканда, захрнок психотропӣ, маводи сахттаъсиркунандаи муҳадира, маводи фаъоли биологи (хуни донорӣ, қисмҳои дохилӣ ва дигар мавод), маводи фаъолити генетики (зироатҳои замбуруғҳо, бактерияҳои вирусӣ, маводи тухмии чорво ва инсон ва дигар мавод), чорво ва растаниҳое, ки хавфи маҳвшавӣ онҳоро таҳдид мекунад, инчунин қисмҳо ва маҳсули онҳо ва тартиби истифодаи онҳо;

- муайян намудани тартиби содироти навъҳои алоҳидаи молҳои хоми хусусияти муҳими стратеги дошта, ки бо иҷрои ӯҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд;

- муайян намудани тартиби воридот ва содироти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо, маҳсулот аз онҳо, пораҳои металлҳо ва сангҳои қимтабаҳо, партовҳои коркарди онҳо ва пайвастагиҳои химиявӣ, ки таркибашон дорои металлҳои қиматбаҳоянд, партовҳои хатарнок ва истифодаи он;

- ҷорӣ намудани маҳудияти микдории содироту воридот мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқаррар намудани нишондиҳандаҳои ҳисоботии омории фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ, ки дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмиянд;

- бастани шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;

- иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои иқтисодӣ ва илмию техникии байналхалқӣ;

- таъсиси намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, инчунин намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои байналхалқии иқтисодию илмӣ-техникӣ;

- таъмини татбиқи сиёсати ягонаи давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ гардонидани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани он;

- таҳияи ҳарсолаи барномаи инкишофи фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ;

- муайян намудани бузургии мизони тарифи гумрукӣ;

- таъмини амали системаи кафолат ва суғуртаи қарзҳои содиротӣ;

- ташкили ярмаркаю намоишҳои тиҷоратӣ, симпозиумҳо ва конференсияҳо ва иштирок дар онҳо;

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба тарғиби молҳо ва инкишофи содиротӣ молҳо (корҳо ва хизматҳо);

- таъмини таъсиси системаи ахбори тиҷоратии хориҷӣ ва хизматрасониҳои машваратии иттилоотӣ, инчунин татбиқи дигар шаклҳои ҳавасмандкунии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ;

- амалӣ гардонидани ваколатҳои дигаре, ки бо ҳамин Қонун ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

Таҳияи таклифҳо оид ба сиёсати давлатии тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими фаъолияти тиҷоратии хориҷии иштирокчиёни он, аз ҷониби мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-мақоми вако-латдор) амалӣ мегардад.

Ваколатҳои Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- танзими асъор ва қарз;

- ташкил ва истифодаи захираҳои давлатии тиллою асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи баланси пардохтӣ.

**Моддаи 7**. Субъектҳои фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ

Ҳамаи иштирокчиёни ватании фаъолиятии тиҷоратии хориҷӣ дорои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ мебошанд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд. Ашхоси хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти тиҷоратии хориҷиро амалӣ мекунанд.

**Моддаи 8**. Усулҳои танзими фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ

Фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ бо роҳи танзими гумрукию тарифи ва ғайритарифӣ амалӣ мегардад.

Дигар усулҳои танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ бо роҳи дахолат намудан ва муқарраркунии маҳдудиятҳои мухталиф аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода намешавад.

Танзими шаклҳои дигари фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои байналхалқӣ ва сармоягузорӣ, кооператсияи истеҳсолӣ, амалиёти асъори ва молиявию қарзӣ тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 9**. Танзими гумрукию тарифии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ

Бо мақсади танзими амалиёти содиротию воридотӣ, аз ҷумла барои ҳимояи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳавасмандкунии ислоҳоти сохтории инкишофёбанда дар иқтисодиёти давлат, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷи гумрукии содиротию воридотӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 10**. Маҳдудиятҳои миқдории содироту воридот

Маҳдудиятҳои миқдории содироту воридотӣ молҳо (корҳо, хизматҳо) дар ҳолатҳои истисноИ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин ҷорӣ карда мешаванд:

- барои таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти вазъият дар бозори дохилии молҳо;

- барои ҳимояи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 12-и ҳамин Қонун.

**Моддаи 11**. Монополияи давлатӣ ба содирот ва воридоти

навъҳои алоҳидаи молҳо

Монополияи давлатӣ ба содирот ва воридоти навъҳои алоҳидаи молҳо тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 12**. Чораҳои ҳимоякунанда нисбати воридоти молҳо

Дар ҳолате, ки агар ягон хел мол ё молҳо бо миқдорӣ зиёд ё бо чунон шартҳое ворид шаванд, ки боиси расонидани зарар ба истеҳсолкунандагони чунин молҳо ё бевосита ба молҳои бо онҳо рақобаткунанда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд ва ё таҳдиди расонидани чунин зарар пайдо мешавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, тибқи меъёрҳои эътирофгардидаи ҳуқуқи байналхалқӣ барои бартараф кардани зарари ҷиддӣ ё қатъ сохтани таҳдиди чунин зарар дар шакли маҳдудияти миқдорӣ ё тибқи қонун ҷорӣ намудани боҷҳои махсуси гумрукӣ чораҳои ҳимоякунанда андешад.

Барои қабули қарор дар хусуси ҷорӣ намудани чораҳои ҳимоякунанда гузориши мақоми ваколатдор, ки аз рӯи натиҷаҳои тафтиши бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда таҳия гардидааст, асос мебошад.

Мавзуи тафтишот муқаррар намудани зарари ҷиддӣ ё таҳдиди расидани чунин зарар ва мавҷудияти сабаби воқеии робитаи байни афзоиши воридот ва зарари ҷиддӣ ё таҳдиди чунин зарар ба шумор меравад.

Тафтиш аз рӯзи қабули қарор на бештар аз ду моҳ гузаронида мешавад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдор ба мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ дар бораи оғози тафтиши исботи мавҷудияти зарари воқеӣ ё таҳдиди расидани чунин зарар аз воридоти ин гуна мол, ба таври мушаххас аз чораҳои ҳимоякунандаи пешниҳодшуда ва мӯҳлати ҷорӣ кардани он, ки пешниҳод мегардад, инчунин дар хусуси омодагӣ оид ба додани маслиҳат аз рӯи ин масъалаҳо огоҳинома мефиристад.

Расмиёти ҷорӣ кардани чораҳои ҳимоякунанда ошкоро буда, интишори расмии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷи-кистонро дар бораи ҷорӣ намудани чораҳои ҳимоякунанда бо зикри миқдорӣ умумӣ ва арзиши мол ё молҳо, ки таҳти маҳдудият қарор гирифтаанд, пешбинӣ мекунад. Мӯҳлати амали чораи

ҳимоякунанда, пеш аз мӯҳлат бекор кардани он ё тамдиди мӯҳлати он, инчунин тамоми тағйирот дар ҳаҷми умумӣ ва арзиши молҳо дар давраи нисбати онҳо амалӣ будани чораи ҳимоякунанда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷи-кистон бо назардошти ӯҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Барои мақсадҳои моддаи мазкур таҳти зарари ҷиддӣ умуман бад гардидани ҳолати истеҳсолоти ватанӣ дар соҳаи мазкур, ки дар паст шудани истеҳсолот ё даромаднокии молҳо ё хизматрасониҳои дахлдор инъикос меёбанд, фаҳмида мешавад, таҳти таҳдиди расидани зарари ҷиддӣ бошад, мафҳуми бартараф намудани чунин зарар, ки бо далелҳои воқеӣ бо мақсади истисноӣ мулоҳизаҳои субъективӣ дар бораи имконияти расидани зарари воқеӣ тасдиқ гардидааст.

**Моддаи 13**. Манъ ва маҳдудкунии содирот ва воридот во-баста ба манфиатҳои миллӣ

Тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд вобаста ба манфиатҳои миллӣ манъ ё маҳдудкунии содирот ва воридоти молҳо (корҳо, хизматҳо) инчунин натиҷаҳои фаъолияти ақлонӣ, муқаррар шаванд, ки аз инҳо иборатанд:

- риояи одоби ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқи;

- ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, ҳифзи олами ҳайвоноту набототу ва муҳити зист дар маҷмӯъ;

- нигоҳ доштани мероси фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии То-ҷикистон;

- ҳимоян арзишҳои фарҳангӣ аз содироту воридоти ғай-риқонунӣ ва додани ҳуқуқи моликият ба онҳо;

- зарурати пешгирии тамомшавии захираҳои табиии бе-бозгашт, агар чораҳои ба ин вобаста якзамон бо маҳдуд-кунихои истеҳсолот ва истеъмолоти марбутаи дохилӣ гуза-ронида шаванд;

- таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳимояи вазъияти берунӣ ва дохилии молиявӣ ва дастгирии баланси пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- иҷрои ӯҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Моддаи 14**. Стандартҳо ва талаботи техники, фармакологи, санитарӣ, ветеринарӣ, фитосанитарӣ ва экологи нисбати молҳои

воридшаванда

Молҳои ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид-шаванда бояд ба талабот ва стандартҳои техники, фар-макологи, санитарӣ, ветеринарӣ, фитосанитарӣ ва экологи, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, мувофиқат кунанд. Тартиби сертификатсияи молҳои воридшаванда бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад. Воридоти маҳсулоти аз ҷиҳати экологи хавфнок тибқи тартиби муайян-намудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати махсус қарор мегирад.

**Моддаи 15**. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҷозоти иқтисодии байналхалқӣ

Қарор дар бораи аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани муҷозоти иқтисодии байналхалқӣ нисбати як ё якчанд давлат аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Иштирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ ҳуқуқ доранд зарари вобаста ба иштироки Ҷумҳурии То-ҷикистон дар муҷозоти иқтисодии байналхалқӣ ба онҳо ра-сидаро аз ҳисоби маблағҳои буҷаи давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн кунанд.

**Моддаи 16.** Тиҷорати наздисарҳадӣ

Тиҷорати наздисарҳадии молҳо метавонад миёни иш-тирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ, ки дар қаламрави наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон макони дои-мии зист доранд ва ашхоси хориҷие, ки мутобиқи нуқтаҳои муайянкардаи шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамҷавор дар қаламрави назди-сарҳадии марбута макони зисти доими доранд, ба амал бароварда шавад.

Ҳангоми тиҷорати наздисарҳадӣ низоми имтиёзноки гумрукӣ (меъёри пасти боҷ, тартиби соддагардидаи назорати гумрукӣ ва барасмиятдарорӣ ва ғайра) муқаррар карда мешавад.

Тартиби амалӣ намудани тиҷорати наздисарҳадӣ тибқи қонунҳо ва шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 17**. Таъмини иттилоотии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ

Бо мақсади инкишоф ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи иттилоотии тиҷорати хориҷӣ амал мекунад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

Мақоми ваколатдор вазифадор аст ба иштирокчии ватанӣ ё хориҷии фаъолияти тиҷорати ба ивази маблағ иттилооти зарурии тиҷоратии хориҷиро бо тартиби аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраркарда пешниҳод намояд.

**Моддаи 18**. Омори тиҷорати хориҷӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси системаи давлатии ҳисоботи оморӣ, ҷамъ овардан ва тибқи дастуруламали ягона таҳияи маълумотҳои омории дар сатҳи байналхалқӣ муқоисавиро таъмин менамояд.

**Моддаи 19.** Суғуртакунӣ дар фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ

Суғуртакунӣ дар фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Давлат бо мақсади ҳавасмандкунии содирот метавонад дар системаи суғуртакунии қарзҳои содиротӣ иштирок намояд. Суғуртакунӣ аз таваккали тиҷорати дар фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ тибқи шартномаҳои суғуртакунӣ бо суғуртакунандаҳои ватанӣ ё хориҷӣ ихтиёран ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 20**. Иттиҳодияҳои субъектҳои фаъолияти тиҷора-тии хориҷӣ

Иштирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ - шахсони ҳуқуқӣ метавонанд аз рӯи принсипҳои соҳавӣ, ҳудудӣ ва ғайра ба таври ихтиёрӣ дар ассосиатсияҳо ва дигар иттиҳодияҳо мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид шаванд.

**Моддаи 21**. Таъмини шароити мусоид барои дастрас гарди-дани бозорҳои хориҷӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба иштирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ дастрас гардидани бозорҳои дигар давлатҳо шароит фароҳам месозад, аз ҷумла бо ин мақсад ба музокироти дуҷониба ва бисёрҷониба шомил мегардад ва шартномаҳои байналхалқӣ мебандад, дар

таъсисдиҳӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ ва комиссияҳои байниҳукуматӣ, ки ба инкишофи робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ мусоидат мекунанд, иштирок мекунад.

Намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди масоили тиҷоратии хориҷи дар давлатҳои хориҷи дар асоси шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд. Намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд, ки дар мамлакатҳои хориҷи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро оиди масъалаҳои фаъолияти тиҷоратии хориҷи ифода мекунанд ва ҳимояи онҳоро таъмин менамоянд.

Аз ҷониби намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳуртии Тоҷикистон рад намудани пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотӣ ва машваратӣ ба иштирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷи роҳ дода намешавад.

**Моддаи 23**. Намояндагиҳои давлатҳои хориҷи оид ба масъалаҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Намояндагиҳои давлатҳои хориҷи оид ба масъалаҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартномаҳои байналхалқӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷии дахлдор мебандад, таъсис дода мешаванд.

**Моддаи 24.** Чораҳои ҷавобӣ дар соҳаи фаъолияти тиҷо-ратии хориҷи оиди ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷи

Дар ҳолати аз ҷониби давлатҳои хориҷи қабул гардидани чораҳои вайронкунандаи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё манфиатҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳолати аз ҷониби ин давлат иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои қабулкардаи он аз рӯи шартномаҳои байналхалқӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар соҳаи фаъолияти тиҷоратии хориҷи тибқи меъёрҳои эътирофгардидаи байналхалқӣ дар доираи барои ҳимояи самараноки манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирокчиёни ватании фаъолияти тиҷоратии хориҷи зарур буда, чораҳои ҷавобӣ ҷорӣ намояд.

**Моддаи 25**. Ҷавобгарӣ барои вайронкунии ҳамин Қонун

Шахсоне, ки дар вайронкунии нуқтаҳои ҳамин Қонун

гунаҳгоранд, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
3 сентябри соли 1999, №822
ш. Душанбе

## II.Санадҳои зерқонунӣ

### 11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани ҳудуди ноҳияи Варзоб»

аз 18 августи соли 1999, №373

Бо мақсади беҳбуди шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳдошти экологӣ, истифодаи самараноки имконоти осоишгоҳу шифохонаҳои минтақаи истироҳатии ноҳияи Варзоб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ҳудуди ноҳияи Варзоб минтақаи истироҳат ва туризм эълон карда шавад.

2. Ширкати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм "Тоҷиктуризм" якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муддати ду моҳ "Низомномаи статуси минтақаи истироҳат ва туризм"-ро барои тасдиқ кардан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

3. Барои таҳияи Низомнома ва санадҳои дигари танзимкунандаи мақсаду вазифаҳо ва фаъолияти минтақаҳои истироҳат ва туризм ҳайати комиссияи замима гардида тасдиқ карда шавад.

4.Вазорату идораҳо, раисони шаҳри Душанбе ва ноҳияи Варзоб дар муддати ду моҳ ҷиҳати таҳия намудани Консепсия барои ташкили истироҳат ва тараққии туризм дар ноҳияи Варзоб мулоҳизоти хешро ба комиссия пешниҳод намоянд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
аз 18 августи соли 1999, № 373
ш. Душанбе

## 12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

аз 4 майи соли 2000, № 199

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм", Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомномаи замимагардидаи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда

2. Вазорати иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи Низомномаи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд ва дар мӯҳлати се моҳ номгӯи иншооте, ки дорои самтҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва илмӣ, таъиноти туристӣ ва курортию санаторӣ, инчунин ҳудуди табиию фароғатӣ мебошанд ва асоси маҳсулоти миллии туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.03.2003г.№151).

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 4 майи соли 2000, № 199
ш. Душанбе

## 13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани дараи Ромит»

аз 18 сентябри соли 2000, № 358

Бо мақсади рушди туризм, истифодаи самараноки имкониятҳои фароғатгоҳу осоишгоҳҳо ва шифохонаҳои мавҷудаи дараи Ромит ва беҳбудии шароити иҷтимоию иқтисодии онҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ҳудуди деҳоти Симиганч, Чӯянгарон ва Ромити ноҳияи Кофарниҳон, ба истиснои ҳудуди мамнӯъгоҳи давлатии "Ромит", минтақаи истироҳат ва туризм эълон карда шавад.

2. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Чумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати то 1 январи соли 2001 аз ҳудуди ноҳияи Кофарниҳон баровардани тамоми воҳидҳои низомиро таъмин намоянд.

3. Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳури оид ба ободу барқарорсозии фароғатгоҳу осоишгоҳҳои дар ин ҳудуд воқеъгардидаи худ тадбирҳои таъғирнопазир андешанд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
аз 18 сентябри соли 2000, № 358
ш. Душанбе

**14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**
аз 9 ноябри соли 2000, № 460

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм" ва рушди минбаъдаи ин соҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Кадастри давлатии замимагардидаи захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин Шаҳодатнома дар бораи сарвати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд.

2. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ширкати миллии туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сайёҳ, ва Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон маршрутҳои туристиро таҳия намоянд ва барои қабули сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар иншооти ба Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардида, шароитҳои заруриро муҳайё созанд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
аз 9 ноябри соли 2000, № 460
ш. Душанбе

## 15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи мақсадноки комплексии рушди ноҳияи Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳат, табобати санаторию курорти ва туризм дар давраи солҳои 2000-2010»

аз 9 ноябри соли 2000, № 461

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Барномаи замимагардидаи мақсадноки комплексии рушди ноҳияи Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳат, табобатӣ, СА-наторию курортӣ ва туризм дар давраи солҳои 2000-2010 тасдиқ карда шавад.

Назорати иҷрои Барномаи мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳиддинов Ф. М. гузошта шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 9 ноябри соли 2000, № 461
ш. Душанбе

## 16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи маҷмӯии рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002 - 2012»

аз 3 июли соли 2002 № 276

Бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2001 № 498 "Дар бораи минтақаи туризми байналмилалӣ эълон намудани ноҳияи Балҷувон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи маҷмӯии замимашудаи рушди ноҳияи Бал-ҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2012 тасдиқ карда шавад.

2. Раисони вилояти Хатлон ва ноҳияи Балҷувон дар ҳам-корӣ бо вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои татбиқи Барномаи мазкур ҷалб гардидаанд, иҷрои тадбирҳои пешбини намуда роҳ таъмин намоянд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар лоиҳаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти пешниҳоди вазорату идораҳо дар доираи

имкониятҳои мавҷуда барои маблағгузории чорабиниҳои Барнома, ки аз ҷониби корхонаҳою ташкилотҳои давлатӣ амалӣ гардонда мешаванд, маблағҳо пешбинӣ намояд.

4. Назорати иҷрои қарор ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазиров З. В. гузошта шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 3 июли соли 2002 № 276
ш. Душанбе

## 17. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои дастгирии давлатии рушди туризми экологӣ, кӯҳию варзиши ва кӯҳнаварди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

аз 4 марти соли 2005, № 80

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм" бо мақсади дастгирии давлатии туризми эколо-гӣ, туризми кӯҳию варзиши ва кӯҳнаварди, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди онҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Туризми кӯҳию варзиши ва кӯҳнаварди ҳамчун самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шаванд.

2. Бо мақсади таблиғи захираҳои табиию рекреатсионии Тоҷикистон, ташвиқи туризми кӯҳию варзиши ва кӯҳнаварди бахшида ба даҳсолаи амалиёти, Об барои ҳаёт, ки бо пеш-ниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст, ҳама сола ба қуллаҳои Исмоили Сомони ва Евгения Корженевская Экспедитсияи бай-налмилалии кӯҳнаварди ташкил карда шавад.

3. Ташкили Экспедитсияи ҳамасолаи байналмилалии кӯҳнаварди ба зиммаи Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистонва Корхонаи воҳиди давлатии туризми "Сайёҳ" вогузор карда шавад.

4. Макони баргузории Экспедитсияи байналмилалии кӯҳнаварди пойгоҳи пиряхи Москвии дар ҳудуди шимолу ғарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон муқаррар гардида, ис-

тифодаи он дар доираи баргузории Экспедитсияи байналмилалии кӯҳнаварди ба ӯҳдаи Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии туризми "Сайёҳ" гузошта шавад.

5. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои та-ҳияи раводид ва иҷозатномаи вуруд ба ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон робарои иштирокчиёни Экспе-дитсияи байналмилалии кӯҳнаварди бо назардошти пешниҳоди ташкилкунандагони он ба истисноси кишварҳое, ки дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2003 № 460 "Дар хусуси тасдиқи бо тартиби содда ба расмият даровардан ва додани раводидҳои омаду рафти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони кишварҳои Идтиҳоди Аврупо, ШМА ва Япония" муайян карда шудаанд, бо тартиби содда дар муддати 7 рӯзи кори аз рӯзи супоридани ҳуҷҷатҳои заруричи анҷом диҳанд.

6. Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Корхонаи воҳиди давлатии туризми "Сайёҳ" ва дигар субъектҳои дахлдори фаъолияти туристи Қоидаҳои баргузории Экспедитсияи байналмилалии кӯҳнавардиро таҳия ва тасдиқ намоянд.

7. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии сиёсати зидди монополи ва дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии "Тоҷикистон", Корхонаи воҳиди давлатии туризми "Сайёҳ" доир ба паст кардани тарифҳои хизмат-расонии нақлиёти барои иштирокчиёни Экспедитсияи байнал-милалии кӯҳнаварди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати як моҳ таклиф пешниҳод намоянд.

8. Кумитаи тарбияи ҷисмони ваварзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкори бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии туризми "Сайёҳ" барои барқарорсозии ба зайли лижаронии кӯҳии "Сафедорак"-и воқеъ дар ноҳияи Варзоб бо ҷалби сармоягузорони Федератсияи Русия лоиҳаи инвеститсиони таҳия намуда, ҷиҳати рушди варзиши лижарони ва туризми экстримали дар Тоҷикистон чораҳо андешанд.

9. Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тайёр намудани мутахассисонро дар соҳаи туризми

кӯҳию варзиши ва кӯҳнаварди дар донишгоҳҳои олии Ҷумҳури ва муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ пешбини намояд.

10. Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷирҷатол инфраструктураи майдончаи пиряхи Москвинро мавриди санҷиш қарор дода, дар мавриди ба тавозуни Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди мушаххас ирсол намояд.

11. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои Варзоб ва Балҷувон дар ҳамкори бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии туризми "Сайёҳ" оид ба рушди туризми кӯҳию варзиши ва кӯҳнаварди бо назардошти ҷалби иқтидору захираҳои ҷамъиятҳои маҳалли барномаҳои мақсаднок таҳия намоянд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 4 марти соли 2005, № 80
ш. Душанбе

## 18. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

аз 28 декабри соли 2006, № 609

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006 № 9 "Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Низомнома, сохтори дастгоҳи марказӣ, нақшаи идоракунӣ, номгӯи ташкилотҳои системаи Кумитаи ҷавонон, вар-

зиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3, 4).

2. Шумораи ниҳоии кормандони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 284 воҳид (беҳайати хизматрасон), аз ҷумла дастгоҳи марказӣ ба миқдори 52 воҳид муқаррар карда шавад.

3. Маблағгузории дастгоҳи марказии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дар Нақшаи идоракунии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурия анҷом дода шавад.

4. Ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 муовинони Раис, аз ҷумла як муовини аввали Раис ва ҳайати мушовара иборат аз 7 нафар муқаррар карда шавад.

5. Барои Кумитаи ҷавонон, варзишва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурми Тоҷикистон лимити автомошинаҳои хизматӣ ба миқдори 8 адад, аз ҷумла барои дастгоҳи марказӣ 4 адад муқаррар карда шавад.

6. Аз эътибор соқит дониста шавад:

-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 1995 № 358 "Масъалаҳои Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон";

-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1997 № 414 "Масъалаҳои Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон";

-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 № 253 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1997 № 414";

-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли соли 2006 №322 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 1995 №358 "Масъалаҳои Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 28 декабри соли 2006, № 609
ш. Душанбе

**19. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019»**

аз 2 апрели соли 2009, № 202

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дуррнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи туризм Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо иҷрои Консепсияи рушди туризмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 таъмин намоянд.

3. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 2 апрели соли 2009, № 202
ш. Душанбе

**20. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014»**

аз 28 майи соли 2009, № 299

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегия ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи туризм Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо иҷрои Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014-ро дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбини намудаи буҷет таъмин намоянд.

3. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни татбиқи Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 28 майи соли 2009, № 299
ш. Душанбе

## 21. Қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯи мол (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд»

аз 1 октябри соли 2008, № 486

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯи мол (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, ки сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро на-зорат менамоянд, ба зиммаи Агентии стандартизатсия, мет-рология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

3. Ба Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки ташкил ва гузаронидани корҳоро оид ба тасдиқи мутобиқати ҳатмии мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи талаботи муқарраргардида таъмин намояд.

4. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти амалкунанда ва навтаъсиси акреди-татсияшудаи ваколатдори сертификатсионӣ доир ба сер-тификатсияи маҳсулоти дорои хусусияти шабеӣ, ки ба Сис-темаи миллии сертификатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, бо зикри гурӯҳи маҳсулот ва номгӯи моли ба соҳаи аккредитатсияи онҳо тааллуқдошта ба Хадамоти гумм-руки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиллоъ диҳад.

5. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти молҳои ҳатман сертификатсия шавандаро ба сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи номгӯи мазкур дар ҳолати мавҷуд будани сертификати мутобиқат, ки шакли он барои тамоми мақомоти сертификатсионӣ ягона бу-да, аз тарафи Агентии стандартизатсия, метрология, серти-фикатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ шудааст, ба роҳ монад. Ҳангоми амалӣ намудани расмиятҳои гумрукӣ муқаррароти номгӯи мазкур ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

6. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида оид ба тағйир додани Номгӯи мол (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 1 октябри соли 2008, № 486
ш. Душанбе

## Номгӯи мол (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд

| № Тар | Номгӯи маҳсулот | Гурӯҳҳои НМ ФИХ | Гурӯҳҳо ва мавқеи онҳо бо НМ ФИХ |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҳайвони зинда | 01 | Мансуб нест |
| 2. | Гӯшт ва маҳсулоти ғизоии каллапоча | 02 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 3. | Моҳи ва харчангмонандҳо, маллюскҳо ва дигар намудани бесутунмуҳраҳои обӣ | 03 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 4. | Маҳсулоти ширӣ; тухси па-ранда; асали табии, маҳсулоти ғизоии пайдоишаш аз ҳайвонот, ки дар дигар ҷой номбар нашу-дааст | 04 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 5. | Маҳсулоти пайдоишаш аз ҳайвонот, ки дар дигар ҷой номбар нашудааст | 05 | Мансуб нест |
| 6. | Дарахтони зинда ва дигар растаниҳо; пиёзрешаҳо, реша ва дигар қисмҳои ба инҳо монанди растаниҳо; гулҳои буридашуда ва сабзаҳои ороиши | 06 | Мансуб нест |
| 7. | Сабзавот ва баъзе намудҳои бехмеваҳои ғизои | 07 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 8. | Меваҳои ғизои ва ҷавзоҳо: пус-ти меваҳои ситруси ё пучоқи харбуза | 08 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 9. | Қаҳва, чой, мате ё чойи прагваи маводи хушбӯйкунанда | 09 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 10. | Гиёҳҳои хушадор | 10 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 11. | Маҳсулоти саноати орду ғалладона: ҷави нешзада (солод); карахмалҳо; инулин; ширешаки гангандум | 11 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 12. | Тухмӣ ва меваҳои растаниҳои равғандиҳанда; дигар тухмиҳо, мева ва донагӣ; растаниҳои доругӣ ва растаниҳое, к ибо мақ- | 12 | 1201009000, 1206-1208, 1210, 1211 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | сади техникӣ истифода бурда мешавад; эму хошок | | |
| 13. | Шеллаки табии тозанокарда, шилим, катрон ва дигар намуди шираҳо ва экстрактҳои раста-ниҳо | 13 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 14. | Маводҳо аз растанӣ, ки барои тайёр кардани маснуоти бофтани истифода бурда мешаванд; дигар маҳсулоти аз растани тайёршуда, ки дар дигар ҷой номбар ё ин ки дохил нашудааст | 14 | 1404200000 |
| 15. | Чарбу ва равғанҳои ҳайвонот ё растани ва маҳсулоти таҷзия-шудаи онҳо: чарбу ва равғанҳои низоии тайёр; мумиёи аз ҳайво-нот ё аз растни бавуҷудомада | 15 | 1502-1504, 1506-1517, 1520-1521 |
| 16. | Маҳсулоти тайёри гушти, моҳиги ё аз харчангмонандҳо, молюскҳо ва дигар намуди ҳайвоноти обии бесутунмухра | 16 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 17. | Қанд ва маҳсулоти қаннодӣ | 17 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 18. | Какао ва маҳсулоти аз он тайёр-шуда | 18 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 19. | Маҳсулоти тайёр аз ғалладона-ҳо, растаниҳои хушадор, орд, крахмал ё шир; маҳсулоти қан-нодии ордӣ | 19 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 20. | Маҳсулоти тайёри сабзавотӣ, мевагӣ, чавзи ё дигар қисмҳои растаниҳо | 20 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 21. | Маҳсулоти ғизоии гуногун | 21 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 22. | Нушокиҳои спиртӣ, ғайриспир-тӣ ва сирко | 22 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 23. | Пасмондаҳо ва партовҳои саноати хурокворӣ; хуроки тайёри чорво | 23 | 2301-2306, 2308 |
| 24. | Тамоку ва дигар ивазкунандҳои саноатии он | 24 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 25. | Намак; сулфур; хокҳо ва санг; маводи гилкорӣ, охак ва семент | 25 | 2501-2510, 2513, 2515-2517, 2520-2554 |
| 26. | Маъдан, дажгол ва хокистар | 26 | Мансуб нест |
| 27. | Сузишвории маъданӣ, нафт ва маҳсулоти аз он тайёршуда; маводи кири; мумҳои маъданӣ | 27 | 2701121000, 270119000, 2704001100, 2707101000, 2707200000, 2708200000, 2709001000, 2709009000, 2710-2714 |
| 28. | Маҳсулоти химияи ғайриорганикӣ; пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ва органикии металлҳои қимматбаҳо, металлҳои нодир, элементҳои радиоактивӣ ё изотопҳо | 28 | Мансуб нест |
| 29. | Пайвастагиҳои органикии химиявӣ | 29 | Мансуб нест |
| 30. | Маҳсулоти фармасевтӣ | 30 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 31. | Нуриҳо | 31 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 32. | Экстрактҳои даббогӣ ё рангубордиҳӣ; танинҳо ва маводҳои аз онхо тайёршуда; рангкунан-даҳо, пигментхо ва дигар маво-ди ангубордиҳӣ,рангҳо ва лок-ҳо; сиррешим ва дигар гурра-гачҳо; ранги типографӣ, ранг (чернила) ва сиёҳи барои на-виштан (тушҳо) | 32 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 33. | Равганҳои эфирӣ ва резиноидҳо; | 33 | Гурӯҳи дар |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | маснуоти атриётӣ, ороишӣ ва гигиенӣ | | пуррагӣ |
| 34. | Собун, воситаҳои органикии сатхан фаъол, маводи шусту-шуй,маҳсулоти молидани, мумҳои сунъӣ ва тайёр, мавод барои тоза кардан ва ҷило додан, шамъ ва маҳсулоти ба он мо-нанд хамира барои гачкорӣ, пластилин, мум барои муолиҷаи дандон ва маводи муолиҷаи дандон бо истифодаи гаҷ тайёр-кардашуда | 34 | 3401-3403, 3405-3407 |
| 35. | Моддаҳои сафедадор; крахмалҳои модификатсия шуда; ши-реш; ферментҳо | 35 | 3501, 3502, 3504-3507 |
| 36. | Модаҳои тарканда; маҳсулоти пиротехникӣ; гугирд; хулаҳои пирофорӣ; баъзе маводи сузишворӣ | 36 | 3605000000 |
| 37. | Молҳои суратгирӣ ва синамогарӣ | 37 | Мансуб нест |
| 38. | Дигар маҳсулотҳои химиявӣ | 38 | 3808, 3809910000, 3809930000, 3811, 3814-3816, 3819-3822, 3824400000, 3824501000, 3824904000, 3824907000 |
| 39. | Пластмассаҳо ва маҳсулоти аз он тайёршуда | 39 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 40. | Каучук, резина ва маҳсулоти аз он тайёршуда | 40 | 4008-4011, 4013, 4014, 4015110000, 4016910000 |
| 41. | Пӯсти коркарднашуда (ба ғайр аз пашми табиӣ) ва чарм | 41 | 4101, 4102, 4103901000 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 42. | Маснуоти чармин; маснуоти саррочӣ ва дигар афзолҳо; маводи сафар, багаҷҳои замона ва дигар маснуоти ба онҳо мо-нанд; маснуоти аз рудаи ҳай-вонот тайёршуда (ба ғайр аз нахи фибриониии кирмаки пил-ла) | 42 | Мансуб нест |
| 43. | Пашми табии ва сунъӣ; маснуоти аз онҳо тайёршуда | 43 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 44. | Чӯб ва маснуоти чӯбин; ангиш-ти чӯбӣ | 44 | 4401, 4403, 4404,<br>4406-4413, 4415,<br>4417-4419 |
| 45. | Пук ва маснуоти пукӣ | 45 | Мансуб нест |
| 46. | Маснуоти кохӣ; алфаги ё дигар маводи бофандагӣ; сабадҳо ва дигар маснуоти бофандагӣ | 46 | Мансуб нест |
| 47. | Хамираи чӯб ё ин ки дигар масолеҳи нахдори селлюлозагӣ; қоғаз ва картони аз нав кор-кардшуда (қоғазпора ва пар-товҳо) | 47 | Мансуб нест |
| 48. | Қоғаз ва картон; маснуотҳо аз хамираи қоғаз, қоғаз ва картон | 48 | 4801-4803, 4805, 4807<br>4809-4811, 4814, 4816, 4818-4821, 4823 |
| 49. | Китобҳои нашршуда. Рузно-маҳо, нусхаи чопии сурат ва ди-гар маснуоти саноати типог-рафӣ; дастнависҳо, матнҳои чо-пӣ ва нақшаҳо планы | 49 | 4901990000, 4911990000 |
| 50. | Абрешим | 50 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 51. | Пашм, мӯи махин ва ғафси ҳай-вонот; нах ва матоъ аз мӯи асп | 51 | Мансуб нест |
| 52. | Пахта | 52 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 53. | Дигар наххои бофандагии растанигӣ; нахи қоғази ва матоъ аз нахи он | 53 | Мансуб нест |
| 54. | Ресмонҳои химиявӣ | 54 | 5401, 5607 |
| 55. | Наххои химиявӣ | 55 | 5512-5516 |
| 56. | Пахта, намад ё намади тунуки нафис (фетр) ва матоъҳои бо-тору пуд; нахи махсус; риш-таҳои ҳамвор ва ба ин монанд, ки аз маснуоти химиявӣ ва нас-сочи тайёр шудаанд; арғамчин, канатҳо, троссҳо ва маснуоти аз онҳо тайёршуда | 56 | 5601, 5607 |
| 57. | Қолинҳо ва дигар маснуоти бофандагии русифаршӣ | 57 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 58. | Матоъҳои махсус; масолеҳи нассочии тафтингӣ; турҳо; кокмагилем; масолеҳи ороишӣ; дарздӯзиҳо | 58 | 5802, 5804<br>5809000000 |
| 59. | Масолеҳи нассочии коркардшуда, маҳсулоти нассочи барои истифодабарии техникӣ | 59 | 5904, 5905 |
| 60. | Матоъҳои трикотажи ба тарзи мошинӣ ё дастӣ бофташуда | 60 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 61. | Либос ва маснуоти либосии трикотажи бо тарзи мошинӣ ё дас-ти бофташуда | 61 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 62. | Либос ва маснуоти либосӣ, ба ғайр аз либоси трикотажи бо тарзи мошинӣ ва дасти бофташуда | 62 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 63. | Дигар маснуоти тайёри нассочӣ; либос ва маснуоти нассочие, ки пеш дар истифода будаанд; латтакуҳна | 63 | 6301-6306 |
| 64. | Пойафзол, сокпӯш ва маснуоти ба онҳо монанд, қисмҳои онҳо | 64 | 6401-6405 |
| 65. | Каллапӯшҳо ва қисмҳои онҳо | 65 | Мансуб нест |
| 66. | Чатрҳо, чатрҳои аз офтоб муаттиканда, асо, асо нишастгоҳҳо, | 66 | Мансуб нест |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | химча, қамчин барои аспдавони ва қисмҳои он | | |
| 67. | Пари коркардашуда ва масну-оти аз он тайёршуда; гулҳои сунъӣ; маснуоти аз мӯи инсон тайёршуда | 67 | Мансуб нест |
| 68. | Маснуоти аз санг, гач, семент, асбест, абрак ё маҳсулоти ба он-ҳо монанд тайёршуда; маснуоти сафолӣ; шиша ва маснуоти аз он тайёршуда | 68 | 6801-6803, 6805-6811, 6813 |
| 69. | Маснуоти сафолӣ | 69 | 6901-6908, 6910-6912, 6914 |
| 70. | Шиша ва маснуоти шишагӣ | 70 | 7003-7005, 7007, 7009-7014, 7019, 702000 |
| 71. | Марвориди табии ё парвариш-кардашуда, сангҳои қиматбаҳо ва нимқимат, металлҳои нодир, металлҳое, ки бо дигар метал-лҳои қимат ороиш дода шуда-анд ва маҳсулоти аз он тайёршу-да; бижутерия; тангаҳо | 71 | 7103-7108, 7112-7114, 7114, 7117 |
| 72. | Металҳои сиёҳ | 72 | 7208-7223 |
| 73. | Маснуот аз металлҳои сиёҳ | 73 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 74. | Мис ва маснуоти мисӣ | 74 | Мансуб нест |
| 75. | Никел ва маснуоти никелӣ | 75 | Мансуб нест |
| 76. | Алюминий ва маснуоти алюми-нӣ | 76 | 7604, 7616 |
| 77. | Кургошим ва маснуоти курго-шимӣ | 78 | Мансуб нест |
| 78. | Руҳ ва маснуоти руҳӣ | 79 | Мансуб нест |
| 79. | Қалъагӣ ва маснуоти қалъагӣ | 80 | Мансуб нест |
| 80. | Дигар намуд металлҳои ғайри-қиматбаҳо; маводи сафолӣ-оҳа-нӣ4 маснуоти аз онҳо тайёр-шуда | 81 | Мансуб нест |
| 81. | Асбобҳо, воситаҳо, маснуоти корд, қошуқ ва чангакҳо аз ме- | 82 | 8201-8203, 8206, 8208, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | таллҳои ғайриқиматбаҳо; қисмҳои онҳо аз металҳои ғайриқиматбаҳо | | 8212-8215 |
| 82. | Дигар маснуот аз металҳои ғайриқиматбаҳо | 83 | Мансуб нест |
| 83. | Реакторҳо ядрой, дегҳо. Таҷҳи-зот ва таркибҳои механикӣ: қисмҳои онҳо | 84 | 8405, 8409, 8413-8415, 8418, 8421-8423, 8432, 8433, 8438, 8443, 8445-8447, 8450, 8452, 8467, 8470-8473, 8477, 8479, 8481, 8483, 8484 |
| 84. | Мошинҳои электрикӣ ва таҷҳисот, қисмҳои онҳо; асбобҳои сабти овоз ва намоишдиҳи; дастгоҳҳо барои сабти овоз ва намоишдиҳии телефизионӣ; кисмҳо ва лавозимоти онҳо | 85 | 8501-8504, 5806-8509, 8511-8513, 8515210000, 8515291000, 851539, 8516-8519, 8521-8523, 8525, 8527-8529, 8535-8541, 8544, 8546, 8547 |
| 85. | Локомотивҳои роҳи оҳан ё каторахои мотордори трамвай, каторахои ҳаракаткунанда ва қисмҳои онҳо; таҷҳизоти ҳаракати роҳ ва воситаҳо барои ро-ҳи оҳан ё трамвай ва қисмҳои он; таҷҳизоти механикӣ (аз ҷум-ла барқиву механикӣ) огоҳку-нандаи намудҳои гуногун | 86 | Мансуб нест |
| 86. | Воситаҳои нақлиёти замини, ба ғайр аз картаҳои роҳи оҳан ва трамвай, қисмҳо ва лавозимоти | 87 | 8708, 8712, 8714, 8715 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | онҳо | | |
| 87. | Воситаҳои парвозкунанда, дастгоҳҳои кайҳонӣ ва қисмҳои онҳо | 88 | Мансуб нест |
| 88. | Киштиҳо, қаиқҳо ва воситаҳои ҳаракаткунандаи обӣ | 89 | Мансуб нест |
| 89. | Асбобҳо ва дастгоҳҳои оптикӣ, суратгирӣ, синамогарӣ, ченкунанда, санҷиши, комилан дақиқ, тиббӣ ё ин ки ҷаррохӣ; қисмҳо ва вобастагиҳои онҳо | 90 | 9001, 9006, 9015-9017, 901831, 9026, 9028, 9029, 9031 |
| 90. | Ҳамаи намудҳои соат ва қисм-ҳои он | 91 | 9101, 9102, 9105 |
| 91. | Асбобҳои мусиқӣ, қисмҳо ва лавозимоти онҳо | 92 | Мансуб нест |
| 92. | Яроқ ва лавозимотӣ ҷангӣ, қисмҳои онҳо | 93 | Мансуб нест |
| 93. | Мебел, рахти хоб, курпа, асбобҳои бистарӣ, болиштҳои диван ва дигар лавозимоти ба онҳо монанди мебелӣ; чарогҳо ва асбобҳои рушноидиҳандае, ки дар ҷои дигар номгузори ё дохил нашудааст; овезаҳои рушнои-дор, лавҳаҳои рушноидори бо ном ё номгӯ, ё нишони ва дигар воситаҳои ба ин монанд, конструксияҳои ҷамъшавандаи сохтмонӣ | 94 | Гурӯҳи дар пуррагӣ |
| 94. | Бозичаҳо, бозиҳо ва лавозимоти варзишӣ; қисмҳо ва воситаги-ҳои онҳо | 95 | 9503, 9504, 9506911000 |
| 95. | Маснуоти тайёри гуногун | 96 | 9603100000<br>9603210000<br>9616, 9617 |
| 96. | Асарҳои санъат, асбобу ускунаи коллексиони ва чизҳои анкета | 97 | Мансуб нест |
| 97. | Хизматрасонии хӯроки умумӣ | | |
| 98. | Хизматрасонии сартарошхона-ҳо | | |
| 99. | Хихматрасонии марказҳои сухтгирӣ (НФС, НГГ) | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 100. | Хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва сайру саёҳат | | |
| 101. | Хизматрасонии таёр намудани маснуотҳо аз оҳан ва чӯб (панҷара, дару тиреза ва ғайра) | | |
| 102. | Хушкашуй (хушкашуии либосҳо ва маснуоте, ки матоъ, пуст, чармҳои бахмалӣ, чарм, маснуоти бофандагӣ, пашм ва маводи сунъи мебошанд, чарчинвориҳо (галантерея),кулоҳҳо, чатрҳо, сарбандҳо, галстукҳо, курпаҳо, пушҳо (чехлы) ва пардаҳо, колинҳо,бозичаҳо дасткашҳо, маснуоти парӣ, халтабистарҳо (спальные мешки) ва гобеленҳо | | |
| 103. | Хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти нақлиётӣ автомобилӣ | | |
| 104. | Таъмир ва хизматрасонии техники асбобҳои маишии радиотехникӣ, таҷҳизоти барқӣ ва асбобҳои маишӣ | | |
| 105. | Хизматрасонии шабакаҳои иртиботи телевизионӣ, алоқа ва интернет | | |
| 106. | Хизматрасонии савдо ва бозор-ҳо | | |
| 107. | Хизматрасонии фароғатӣ (билярд, дискотека, бозиҳои компютерӣ, боулинг, лото) | | |
| 108. | Хизматрасонии табъу нашр | | |

Эзоҳ:

1. Номгӯи мазкур ба таҷҳизоти ғайристандартӣ (нестандартное оборудование) ва маҳсулоти тибқи фармоиши индивидуалӣ тайёршуда, маҳсулоти қаблан мавриди истифода қарордошта ё аз нав барқарор карда шуда, ба ёрии башардӯстона ва кӯмакҳои техникӣ, ба истиснои маҳсулоти хӯрокворӣ, доруворӣ, семент, арматура, маводи сӯхт ва равғанҳои молиданӣ, ки аз ташхиси лабораторӣ гузаштанашон ҳатмӣ мебошад, тадбиқ намегардад.

2. Дар графаи "Гурӯҳҳо ва мавқеи онҳо" ишораи "гурӯҳҳо дар пуррагӣ" далее лион аст, ки он гурӯҳҳо бо ҳамама воқеъашон ба сертификатсияи ҳатмӣ дохил мешаванд.

3. Мавқеи молӣ (кодҳои чорраҳама) ҳамаи зермавқеъ ва мавқеъҳои молҳои ҳатман сертификатсияшавандаро дар бар мегиранд.

## 22. Қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳо оид ба тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ»

аз 27 феврали соли 2009, № 122

Мутобиқи моддаи 21 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳо оид ба тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ бо замимаҳои 1, 2 ва 3 тасдиқ карда шаванд.

2. Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми даъвати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ Қоидаҳои мазкурро дастур намоянд.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии фаъолият ва назорати қатъиро оид ба иҷрои қарори мазкур аз ҷониби воҳидҳои сохторӣ ва муассисаҳои тобеи онҳо таъмин намоянд.

4. Беэътибор ҳисобида шаванд:

-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2006, №134 "Дар бораи тадбирҳои бо тартиби содда ба рас-мият даровардан ва додани раводидҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони баъзе кишварҳои хориҷӣ";

-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №45 "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2006, №134";

-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №27 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳо оид ба намуд, тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон".

5. Қарори мазкур пас аз 2 моҳи қабули он мавриди амал қарордода шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 27 феврали соли 2009, № 122
ш. Душанбе

## 23. Қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав)»

аз 3 апрели соли 2007, № 172

Мувофиқи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқҳ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Низомномаи замимагардида дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав) тасдиқ карда шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 3 апрели соли 2007, № 172
ш. Душанбе

### Қисми умумӣ
### Фасли 1.
### Муқаррароти умумӣ

(аз 1.10.2009, № 566)

### Боби 1.Муқаррароти умумӣ

1. Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (минбаъд-Низомнома) мувофиқи

талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" таҳия гардидааст.

2. Ин Низомнома муносибатҳои амалӣ намудани фаъолиятеро (амалеро), ки бояд барои он аз мақомоти дахлдори иҷозатномадиҳанда иҷозатнома (литсензия) (минбаъд - иҷозатнома) гирифта шавад, ба танзим медарорад.

3. Иҷозатномаҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти марказӣ ё сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷозатномадиҳанда дода шаванд, агар ин ҳолат дар қисми махсуси ин Низомнома пешбинӣ шуда бошад.

4. Иҷозатномаро роҳбари мақомоти иҷозатномадиҳанда ё муовини ӯ имзо намуда, он бо мӯҳри ин мақомот тасдиқ карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки иҷозатмома аз ҷониби воҳидҳои сохтории мақомоти иҷозатномадиҳанда ё сохторҳои маҳаллии он дода мешавад, онро роҳбари воҳиди сохторӣ ё сохтори маҳаллии ин мақомот имзо намуда, бо мӯҳри ин мақомот тасдиқ менамояд.

5. Шахсони воқеӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият ва соҳибкорони инфиродӣ, ки барои машғул шудан ба намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки бояд барои он иҷозатнома гирифта шавад, изҳори хоҳиш намудаанд, ӯҳда-доранд тибқи тартиби муқаррар намудаи ин Низомнома иҷо-затнома гиранд.

6. Бе иҷозатнома машғул шудан ба фаъолияте, ки бояд барои иҷрои он иҷозатнома гирифта шавад, манъ аст.

7. Ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти иҷозатномашаванда (литсензияшаванда)(минбаъд иҷозатномашаванда)-ро шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ пас аз гирифтани иҷозатнома пайдо мекунад. Иҷозатномаи ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додашуда, ҳуҷҷате мебошад, ки барои машғул шудан ба намуди фаъолияте, ки дар он нишон дода шудааст, ҳуқуқ медиҳад.

8. Намуди фаъолияте, ки дар моддаҳои 17 ва 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" нишон дода шудааст, метавонад намудҳои корҳоеро дар бар гирад, ки ба ин намуди асосии фаъолият дохил мегарданд. Дар қисми махсуси ин Низомнома метавонад рӯйхати мушаххаси ин намудҳои корҳо нишон дода шаванд.

9. Ба ҳар як намуди фаъолияти дар моддаҳои 17 ва 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба

баъзе намудҳои фаъолият" номбаршуда, як иҷозатнома дода мешавад. Агар фаъолияти иҷозатномашаванда ба намуди корҳоро дар бар гирад, ин намуди корҳо дар иҷозатнома нишон дода мешаванд. Иҷозатномаи алоҳида ба намудҳои корҳое, ки ба намуди фаъолият дохил мешаванд, талаб карда намешавад.

10. Агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин Низомнома тартиби дигар пешбини нагардида бошад, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд бо ҳамон шарт ва бо ҳамон тартибе, ки барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, иҷозатнома мегиранд. Шахси ҳуқуқии хориҷии довталаби иҷозатнома бояд филиал ё намояндаги ихудро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад.

11. Иҷозатномаҳое, ки дар давлатҳои дигар гирифташудаанд, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шартҳои мутобиқ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд.

## Боби 2. Тартиби ҷорӣ намудани намудҳои фаъолияти иҷозатномашаванда

1. Ҷорӣ намудани намуди нави фаъолияти иҷозатномашаванда ё бекор кардани онҳо танҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" муқаррар карда мешавад.

2. Меъёрҳои алоҳидаи танзими масъалаҳои махсуси марбут ба иҷозатномадиҳӣ, ки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд, набояд хилофи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият"бошанд ва метавонанд танҳо баъди ворид намудани тағйирот ё иловаҳои дахлдор ба Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" мавриди истифода қарор гиранд.

3. Ба мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳангоми иҷозатномадиҳӣ мустақилона муқаррар намудани намудҳои иловагии фаъолияти иҷозатӣ, ки ба намуди фаъолият вобастаанд, инчунин муқаррар намудани талабот ё шартҳои дар ин Ни-зомнома пешбининагардида манъ аст.

## Боби 3. Ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани иҷозатнома ва қарори додани онро тасдиқ мекунад

1. Дар қарор дар бораи додани иҷозатнома ва ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани онро тасдиқ мекунад, инҳо нишон дода мешаванд: номи мақомоти иҷозатномадиҳанда:

- барои шахси ҳуқуқӣ-ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ;

- барои соҳибкори инфиродӣ - насаб, ном, номи падар, ҷои истиқомат, шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;

- намуди фаъолияти иҷозатномашаванда бо намудҳои кор (агар фаьолияти иҷозатномашаванда ба намудҳои кор тақсим шавад);

- рақами бақайдгирӣ, рӯз ва мӯҳлати амали иҷозатнома;

- рақами мушаххаси (идентификатсионии) андозсупоранда;

- рақами иҷозатнома;

- рӯзи қабул кардани қарор дар бораи додани иҷозатнома.

2. Шакли ва рақаҳои (бланкаҳои) иҷозатнома аз тарафи мақомоти иҷозатномадиҳанда тасдиқ карда мешаванд. Варақаҳои иҷозатнома бояд ба тариқи типографӣ тайёр карда шуда, дараҷаи ҳифозат, силсилаи қайд ва рақам дошта бошанд. Варақаҳои иҷозатнома ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии қатъӣ мебошанд. Варақаҳои иҷозатномаро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба ҳисоб мегирад ва нигоҳ медорад.

3. Ба ислоҳкунӣ дар варақаҳои иҷозатнома роҳ дода намешавад. Варақаҳои вайроншудаи иҷозатнома бо тартиб додани санад нест карда мешаванд.

4. Дар сурати гумм кардани иҷозатнома, иҷозатномадор барои гирифтани дубликати иҷозатнома ҳуқуқ пайдо мекунад.

5. Тибқи дархости мақомоти иҷозатномадиҳанда ва андоз иҷозатномадор ӯҳдадор аст иҷозатномаро пешниҳод кунад. Агар иҷозатномадор барои додани дубликат, аз нав барас-миятдарорӣ ё дароз намудани мӯҳлати амали иҷозатнома ариза дода бошад, пешниҳод кардани нусхаи иҷозатнома мумкин аст.

## Боби 4. Амали иҷозатнома

1. Намуди фаъолияте, ки барои амалӣ намудани он иҷозатномадода шудааст, метавонад танҳо аз ҷониби шахси

ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки иҷозатнома гирифтааст, анҷом дода шавад.

2. Фаъолияте, ки мақомоти иҷозатномадиҳанда барои иҷ-рои он иҷозатнома додааст, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷи-кистон амалӣ карда мешавад, агар санадҳои ҳуқуқии бай-налмиллалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

3. Дар ҳолатҳое, ки бевосита қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, амали иҷозатнома метавонад танҳо дар ҳудуди муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн гардад.

## Боби 5. Шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ

1. Яке аз шарту талаботи ҳатмии иҷозатномадиҳӣ ҳангоми аз ҷониби иҷозатномадор амалӣ кардани намудҳои фаъолияти иҷозатномашаванда риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин талаботи дар ин Низомнома пешбинишуда мебошад.

2. Нисбати намудҳои фаъолияти иҷозатномашавандае, ки барои амалӣ намудани онҳо дониши махсус талаб карда мешавад, дар қисми умумии ин Низомнома метавонанд талаботи тахассусӣ нисбати довталаби иҷозатнома ё иҷозат-номадор пешбинӣ карда шаванд, аз ҷумла талаботи тахассусӣ нисбати кормандони шахси ҳуқуқи ё шаҳрванде, ки соҳибкори инфиродӣ мебошад.

3. Нисбати намудҳои фаъолияти иҷозатномашавандае, ки шартҳои махсус барои амалӣ намудани онҳо талаб карда мешавад, дар шарту талаботи иҷозатномадиҳии дар қисми умумии ин Низомнома муқарраргардида, метавонанд талаботи ба шартҳои махсуси пешбини шуда мутобиқат намудани объекте дохил карда шаванд, ки дар он ё бо ёрии он чунин намуди фаъолият амалӣ карда мешавад.

Эзоҳ: Дар ин Низомнома таҳти мафҳуми объект иморатҳо, иншоот, инчунин воситаҳои техникие фаҳмида мешавад, ки бо ёрии онҳо намуди фаъолияти иҷозатномашаванда амалӣ карда мешавад.

4. Номгӯи шарту талаботи иловагии иҷозатномадиҳии намуди мушаххаси фаъолияти иҷозатномашаванда дар қисми махсуси ин Низомнома нишон дода мешавад ва ҷузъи таркибии

иҷозатномаи додашаванда мебошад (дар шакли замимаи иҷозатнома дода мешавад).

5. Ҳангоми зарурат мақомоти иҷозатномадиҳанда мутобиқати шароити фаъолиятро ба талаботи муқарраршуда, дар ҷояш месанҷанд.

6. Санҷишҳо аз ҳисоби маблағҳои аз буҷетҳои дахлдор барои хароҷоти мақомоти иҷозатномадиҳанда ҷудо гардида, гузаронида мешаванд.

## Боби 6. Хироҷ барои баррасӣ, додан, аз нав ба расмият даровардан ва дароз намудани мӯҳлати амали иҷозатнома

1. Барои аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда баррасӣ гардидани ариза дар бораи додани иҷозатнома ба намудҳои фаъолиятҳое, ки дар моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" нишон дода шудаанд, ба андозаи чор ҳадди ақали музди меҳнат хироҷ ситонида мешавад. Барои баррасӣ гардидани ариза дар бораи додани иҷозатнома барои намудҳои фаъолиятҳое, ки дар моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" нишон дода шудаанд, ба андозаи даҳ ҳадди ақали музди меҳнат хироҷ ситонида мешавад. Ин маблағҳо баргардонида намешаванд.

2. Барои додани иҷозатнома барои намудҳои фаъолиятҳое, ки дар моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" нишон дода шудаанд, ба андозаи даҳ музди меҳнати ҳадди ақал хироҷ ситонида мешавад. Хироҷи додани иҷозатнома барои намуд-ҳои фаъолиятҳое, ки дар моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷи-кистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъ-олият" пешбинӣ шудаанд, дар фасли 3 қисми махсуси ин Ни-зомнома муайян карда мешаванд.

3. Дар сурати аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷати тас-диқ кунандаи мавҷудияти иҷозатнома ба андозаи ду ҳадди ақа-ли музди меҳнат хироҷ ситонида мешавад.

4. Барои дароз намудани амали иҷозатнома ба ҳамои мӯҳлате, ки иҷозатнома дода шудааст, маблағ баробар ба хироҷи додани иҷозатнома ситонида мешавад.

5. Хироҷ барои баррасии ариза ва додани иҷозатнома, инчунин барои аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷати тасдиқ кунандаи мавҷудияти иҷозатнома ё дароз намудани мӯҳлати амали иҷозатнома аз ҷониби иҷозатномадор дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ пардохт карда мешаванд. Пардохт мутобиқи тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Барои гирифтани дубликати иҷозатнома, хироҷ ба андозае, ки барои аз нав барасмият даровардани ҳуҷҷати тасдиқ кунандаи мавҷудияти иҷозатнома ситонида мешавад, пардохт карда мешавад.

6. Мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳуқуқ надоранд, ки аз довталаби иҷозатнома дигар маблағҳои пулиро ситонад.

7. Иҷозатномадиҳӣ дар доираи маблағҳои аз буҷетҳои дахлдор барои хароҷоти мақомоти иҷозатномадиҳанда ҷудо гардида маблағгузорӣ карда мешавад.

## Боби 7. Ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани иҷозатнома заруранд

1. Довталаби иҷозатнома барои гирифтани иҷозатнома ба мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза дар бораи додани иҷозатнома барои намуди фаъолияти иҷозатномашаванда, ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода мешаванд:

- барои шахси ҳуқуқӣ-ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва номи бонк;

- барои соҳибкори инфиродӣ - насаб, ном, номи падар, ҷои истиқомат, шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;

- намуди фаъолияти иҷозатномашаванда, ки соҳибкори инфи-родӣ ва шахси ҳуқуқӣ мақсади анҷом додани онро доранд ва мӯҳлате, ки дар давоми он чунин фаъолият анҷом дода мешавад;

- барои шахси ҳуқуқӣ-нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии довталаби иҷозатнома ба сифати шахси ҳуқуқӣ;

- барои соҳибкори инфиродӣ-нусхаи шаҳодатномаи қайди давлатии шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ;

- нусхаи шаҳодатномаи ба қайд гирифтани довталаби иҷозатнома дар мақомоти андоз;

- ҳуҷҷате, ки пардохти ҳаққи иҷозатномаро барои баррасӣ шудани аризаи довталаби иҷозатнома тасдиқ мекунад;

- маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони довталаби иҷозатнома;

- рӯзи додани ариза ва имзои довталаб.

2. Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои мазкур дар қисми махсуси ин Низомнома пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мавҷуд будани онҳо барои амалӣ намудани намуди мушаххаси фаъолият зарур аст, пешбинӣ шуда метавонанд.

3. Аз довталаби иҷозатнома пешниҳоди ҳуҷҷатҳоеро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва ҳамин Низомнома пешбинӣ нашудаанд, талаб кардан мумкин нест.

4. Ҳуҷҷатҳоро довталаби иҷозатнома ба забони тоҷикӣ ё русӣ пешниҳод мекунад. Ҳуҷҷатҳое, ки шахсони хориҷӣ пешниҳод мекунанд ё аз хориҷа пешниҳод карда мешаванд, бояд мувофиқи тартиби муқаррар намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд.

5. Шакли аризаро, мақомоти иҷозатномадиҳанда бо дар назардошти талаботи Низомномаи мазкур тасдиқ мекунад.

6. Мақомоти иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст лавҳаи идтилоотӣ тартиб дода, дар он рӯйхати ҳуҷҷатҳо ва намунаҳои онҳоро, ки барои гирифтани иҷозатнома заруранд, овезон кунад.

7. Довталаби иҷозатномабарои дурустии маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳод шуда ҷавобгар аст. Мақомоти иҷозатномадиҳанда, дар мавриди зарурат, ҳуқуқ дорад дурустии маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаби иҷозатномаро санҷад.

8. Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти дахлдори иҷозатномадиҳанда барои гирифтани иҷозатнома пешниҳод мегарданд, тибқи руйхат қабул карда мешаванд ва нусхаи рӯйхат бо қайди рӯзи қабули ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти мазкур ба довталаби иҷозатнома фиристонида (супорида) мешавад.

## Боби 8. Қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома

1. Мақомоти иҷозатномадиҳанда қарорро дар бораи додан ё надодани иҷозатнома дар мӯҳлати на зиёда аз сӣ рӯзи ворид гардидани аризаи довталаби иҷозатнома, бо тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ, баъд аз баррасии ҳуҷҷатҳо, гузаронидани экспертизаҳо, муоинаҳо ва дигар амалҳои зарурӣ қабул мекунад.

2. Баррасии ариза ва додани иҷозатнома аз ҷониби комис-сия иҷро карда мешавад, агар дар қисми махсуси ин Низом-нома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад. Ҳайати комиссия бо фармони роҳбари мақомоти иҷозатномадиҳанда тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати комиссия метавонанд намояндагони дигар вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор дохил карда шаванд. Низомномаи комиссияро мақомоти иҷозатномадиҳан-да тасдиқ мекунад.

3. Рӯз ва ҷои гузаронидани ҷаласаи комиссияи мақомоти иҷозатномадиҳанда бояд пешакӣ эълон карда шаванд. Довталаби иҷозатнома ё намояндаи ваколатдори он ҳақ дорад дар ҷаласаи комиссияи мақомоти иҷозатномадиҳанда иштирок кунад. Ба ҷаласа ҳозир нашудани шахсони номбурда барои надодани иҷозатнома асос шуда наметавонад.

4. Мақомоти иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст, ки дар мӯҳ-лати барои қабули қарор муқарраргардида дар бораи додан ё надодани иҷозатнома пешбини шуда довталаби иҷозатномаро оид ба қарори қабулшуда ба таври хаттӣ огоҳ намояд.

5. Хабарнома дар бораи додани иҷозатнома ба довталаби иҷозатнома дар шакли хаттӣ бо қайди реквизити ҳисоби бонкӣ ва мӯҳлати пардохти маблағи хироҷи додани иҷозатнома фиристонида (супорида) мешавад.

6. Хабарнома дар бораи надодани иҷозатнома ба довта-лаби иҷозатнома бо нишондодани сабабҳои радкунӣ фирис-тонида (супорида) мешавад.

7. Мақомоти иҷозатномадиҳанда баъди се рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти хироҷи додани иҷозатнома ба иҷозатномадор ҳуҷҷатеро, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ мекунад, ройгон медиҳад.

8. Қарори мақомоти иҷозатномадиҳанда бо санади дахлдор ба расмият даровардa мешавад ва дар парвандаҳои он нигоҳ дошта мешавад. Тибқи дархости аризадиҳанда ё намояндаи

ваколатдори он, иқтибос аз протоколи дахлдор ё нусхаи санад ройгон дода мешаванд.

## Боби 9. Надодани иҷозатнома

1. Асосҳои надодани иҷозатнома инҳо мебошанд:
- вуҷуд доштани маълумоти нодуруст ё таҳрифшуда дар ҳуҷҷатҳои пешниҳод кардаи довталаби иҷозатнома;
- мутобиқ набудани довталаби иҷозатнома, объектҳои ба ӯ тааллуқдошта ё аз тарафи ӯ истифодашаванда ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ;
- хулосаи манфии мақомоти дахлдор вобаста ба намуди фаъолияти дархостшаванда.

2. Дар сурати аз ҷониби довталаби иҷозатнома дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳнома дар бораи надодани иҷозатнома бартараф гардидани монеаҳои дар сархатҳои якум ва дуюми банди 1 ҳамин боб нишон дода шуда, ариза бо тартиби муқаррарӣ бе пардохти такрори мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Дар сурати надодани иҷозатнома хироҷи баррасии ариза ба довталаби ичозатнома баргардонида намешавад.

3. Ҳаҷми маҳсулоте (кору хизматрасоние), ки довталаби иҷозатнома истеҳсолмекунад (анҷом медиҳад) ё истеҳсолашро (анҷом доданашро) ба нақша гирифтааст, барои надодани иҷозатнома асос шуда наметавонад.

4. Надодани иҷозатнома бо дигар асосҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва ҳамин Низомнома пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст.

5. Довталаби иҷозатнома ҳуқуқ дорад нисбати надодани иҷозатнома ё барои бефаъолиятии мақомоти иҷозатномадиҳанда ба суд мурочиат намояд.

## Боби 10. Аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ менамояд

1. Дар ҳолати аз нав ташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, тағйир ёфтани ном ё макони ҷойгиршавӣ ва ё тағйир ёфтани ном ё ҷои истиқомати соҳибкори инфиродиро тасдиқ менамояд, иҷозат-

номадор - шахси ҳуқуқӣ шахси ҳуқуқӣ (вориси ҳуқуқии ӯ) ё соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст дар давоми на дертар аз понздаҳ рӯз барои аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки иҷозатнома доштанашро тасдиқ менамояд, аризадиҳад ва ба он ҳуҷҷатҳоеро замима кунанд, ки тағйироти нишон додашударо тасдиқ менамоянд.

2. Ҳангоми аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳое, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ менамоянд, мақомоти иҷозатномадиҳанда ба феҳристи иҷозатномаҳо тағйироти дахлдор ворид менамоянд.

3. Аз нав барасмият даровардани иҷозатнома аз тарафи мақомоти иҷозатномадиҳанда дар давоми даҳ рӯз аз рӯзи воридгардидани аризаи дахлдор анҷом дода мешавад.

4. То аз нав барасмият даровардан ва гирифтани иҷозатнома иҷозатномадор метавонад фаъолиятро дар асоси нус-хаи иҷозатномаи пештар гирифташуда анҷом диҳад.

5. Ҳангоми аз нав барасмият дарории иҷозатнома санҷиши ғайри навбатӣ, муоина, экспертиза гузаронида намешаванд.

6. Аз иҷозатномадор бо асосҳои дигаре, ки дар ин боб пешбинӣ нагардидаанд, талаб намудани аз нав барасмият дарории иҷозатнома манъ аст.

7. Иҷозатномадор ҳақ дорад дар сурати рад гардидани аз нав барасмият дарории иҷозатнома ба суд шикоят намояд.

## Боби 11. Дароз намудани мӯҳлати амали иҷозатнома

1. Мӯҳлати амали иҷозатнома ҳангоми ба охир расиданаш метавонад дар асоси аризаи иҷозатномадор дароз карда шавад.

2. Мӯҳлати иҷозатнома бо тартиби аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунад ва ба мӯҳлати дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" барои ин намуди фаъолият пешбинӣ гардида, дароз карда мешавад.

3. Иҷозатномадор ҳақ дорад дар сурати рад гардидани дароз кардани мӯҳлати амали иҷозатнома ба суд шикоят намояд.

## Боби 12. Боз доштан, бекор кардан ва қатъ намудани амали иҷозатнома

1. Боз доштани амали иҷозатнома дар ҳолатҳои зеринро дода мешавад:

- риоя нагардидани шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ;
- ба шахси дигари воқеӣ ё ҳуқуқӣ додани иҷозатнома;
- истеҳсол ва ё ба фурӯш баровардани маҳсулоти пастсифат, хизматрасонии пастсифат;
- риоя накардани дигар талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

2. Мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳуқуқ дорад ҳангоми такроран ошкор кардани қонуншиканиҳо (ду ва зиёда маротиба) ё шарту талаботи иҷозатномадиҳиро дағалона вайрон намудани иҷозатномадор амали иҷозатномаро боздорад. Боз доштани амали иҷозатнома ҳамчунин дар ҳолатҳои истисноӣ, агар он барои пешгирии хатари бевосита барои ҳаёт ва саломатии одамон, ба миён омадани фалокати техногенӣ, расонидани зарари барқарорнашаванда ба объектҳои табиат ё ҳолати муҳити зист зарур бошад ва пешгирии ин ҳолатҳо бо роҳҳои дигар имконнопазир бошад, татбиқ карда мешавад.

3. Мақомоти иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст, ки мӯҳлати аз ҷониби иҷозатномадор бар тараф кардани қонуншиканиро, ки боиси боз доштани амали иҷозатнома гардидааст, муқаррар намояд. Мӯҳлати нишон додашуда набояд аз се моҳ зиёд бо-шад. Агар иҷозатномадор қонуншиканиҳои мазкурро дар мӯҳ-лати муқарраршуда бартараф накарда бошад, мақомоти иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст ба суд мурочиат намуда, бекор кардани иҷозатномаро талаб намояд.

4. Тамоми қарорҳои марбут ба боз доштани амали иҷозатнома ё бекор кардани он дар маҷлиси мақомоти иҷозатномадиҳанда бо даъвати ҳатмии иҷозатномадор (намояндаи ӯ) баррасӣ мегарданд. Мақомоти иҷозтаномадиҳанда бояд иҷозатномадорро пешакӣ ба таври хаттӣ на дертар аз 10 рӯз пеш аз оғо-зи маҷлис хабардор созад. Дар сурати бе сабабҳои узрнок ҳузур надоштани иҷозатномадор (намояндаи ӯ), ки ба таври зарурӣ хабардор гардидааст, қарорҳо метавонад бе иштироки ӯ қабул карда шаванд.

5. Мақомоти иҷозатномадиҳанда қарор дар бораи боз доштани амали иҷозатномаро дар шакли хаттӣ бо асосноксозии ва

асоснок на дертар аз се рӯзи баъди қабули чунин қарор ба маълумоти иҷозатномадор мерасонад.

6. Иҷозатномадор ӯҳдадор аст мақомоти иҷозатномадиҳандаро аз бартараф кардани қонуншиканиҳое, ки боиси боздоштани амали иҷозатнома гардидаанд, хаттӣ хабардор намояд.

7. Мақомоти иҷозатномадиҳандае, ки амали иҷозатномаро боз доштааст, дар бораи барқарор намудани амали он қарор қабул мекунад ва дар ин бора ба иҷозатномадор дар давоми се рӯзи баъди гирифтани хабарномаи дахлдор ва санҷидани бартараф намудани қонуншиканиҳое, ки боиси боз доштани амали иҷозатнома гардидаанд, ба таври хаттӣ хабар медиҳад.

8. Мӯҳлати иҷозатнома дар давоми боздоштани амали он дароз карда намешавад ва барои барқарор кардани амали он маблағ ситонида намешавад.

9. Агар иҷозатномадор шарту талаботи иҷозатномаро риоя накарда бошад ва бар асари ин ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, саломатии шаҳрвандон, мудофиа ва амнияти давлат, мероси фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиён расида бошад ва ё дар ҳолате, ки агар иҷозатномадор қонуншиканиҳоро дар мӯҳлати муқарар намудаи мақомоти иҷозатномадиҳанда ислоҳ накарда бошад, иҷозатнома бо қарори суд дар асоси аризаи мақомоти иҷозатномадиҳанда бекор карда мешавад. Инчунин иҷозатномадиҳанда ҳуқуқ дорад ҳангоми ба суд додани ариза амали иҷозатномаи мазкурро то рӯзи ба кувваи қонунӣ даромадани қарори суд боздорад.

10. Мақомоти иҷозатномадиҳанда метавонад иҷозатномаро дар мавриди аз тарафи иҷозатномадор дар давоми понздаҳ рӯз напардохтани хаққи иҷозатнома бекор кунад.

11. Маълумот оид ба боздоштан, барқарорсозии амали иҷозатнома ва бекор кардани он аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда ба мақомоти андози маҳалли қайди иҷозатномадор фиристода мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба маълумоти мақомоти назоратию тафтишӣ фиристонида мешаванд.

12. Нисбати қарори боз доштани амали иҷозатнома ва бекор кардани он бо тартиби судӣ шикоят кардан мумкин асг.

13. Амали иҷозатнома дар ҳолатҳои барҳамдиҳии шахси хуқуқӣ ва қатъ гаштани амали шаҳодатномаи бақайдгирии

давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалномаи суд дар бораи бекор кардани амали иҷозатнома, ба охир расидани мӯҳлати амали иҷозатнома, инчунин дар асоси аризаи хаттии иҷозатномадор қатъ карда мешавад.

## Боби 13. Феҳристи иҷозатномаҳо

1. Феҳристи иҷозатномаҳо-маҷмӯи маълумот дар бораи додани иҷозатнома, аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳое, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, боз доштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома, бекор кардан ва қатъ гардидани амали он мебошад. Шакли феҳрист аз тарафи мақомоти иҷозатномадиҳанда тасдиқ карда мешавад.

2. Мақомоти иҷозатномадиҳанда феҳристи иҷозатнома-ҳоро ба намудҳои фаъолияте, ки иҷозатномадиҳии онро анҷом медиҳанд, тартиб медиҳад. Ба ҳар як намуди фаъолияти иҷозатномашаванда феҳристи алоҳида тартиб дода мешавад. Дар ҳолати аз тарафи сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷозат-номадиҳанда додани иҷозатнома, маълумотҳо барои ворид намудан ба феҳрист фавран ба мақомоти иҷозатномадиҳанда фиристода мешаванд.

3. Дар феҳристи иҷозатномаҳо маълумотҳое, ки дар моддаҳои 9 ва 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", инчунин маълу-мотҳои дигаре, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, ворид карда мешаванд.

4. Маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо буда, барои ба он шинос гардидани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кушодааст. Дар воситаҳои ахбори омма интишор намудани маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо мавҷуд буда мумкин аст.

5. Маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо буда дар бораи иҷозатномадори мушаххас дар шакли иқтибос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо пардохти маблағ дода мешавад. Андозаи пардохти маблағ барои додани маълумот як ҳадди ақали музди меҳнатро ташкил медиҳад ва он ба буҷети давлатӣ гузаронида мешавад.

6. Маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо ба мақомоти ҳоки-мияти давлатӣ бемузд дода мешавад.

7. Мӯҳлати додани маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо баъди қабули аризаи дахлдор набояд аз се рӯз зиёд бошад.

8. Расмиёти ворид намудани тағйирот ба феҳристи иҷозатномаҳо набояд аз се рӯзи баъди аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда қабул гардидани қарори дахлдор зиёд бошад.

9. Феҳристи иҷозатномаҳо бо тартиби хронологӣ аз рӯи санаи бақайдгирии иҷозатнома ва ба он додани рақами бақайдгирӣ тартиб дода мешавад.

10. Роҳбари макомоти иҷозатномадиҳанда масъул аст:

- барои сари вақт ва дуруст бурдани феҳристи иҷозатномаҳо;

- барои сари вақт додани маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо ба шахсони манфиатдор тибқи дархости онҳо.

11. Маълумоти феҳристи иҷозатномаҳо, инчунин ҳуҷ-ҷатҳое, ки дар асоси онҳо иҷозатномаҳо дода шудаанд, панҷ сол дар парвандаҳои мақомоти иҷозатномадиҳанда нигоҳ дошта мешаванд ва баъдан мувофиқи тартиби муқар-раргардида ба бойгонӣ супурда мешаванд.

## Боби 14. Салоҳияти мақомоти иҷозатномадиҳанда ва бурдани назорат

1. Мақомоти иҷозатномадиҳанда салоҳият доранд, ки:

- иҷозатнома диҳанд;

- ҳуҷҷатҳоеро аз нав барасмият дароранд, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ менамоянд;

- мӯҳлати амали иҷозатномаҳоро дароз намоянд;

- амали иҷозатномаро боз доранд;

- амали иҷозатномаро барқарор созанд;

- иҷозатномаро бекор кунанд (дар мавридҳои пешбининамудаи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон" Дар бораи иҷозатномадиҳӣ бабаъзе намудҳои фаъолият");

- феҳристи иҷозатномаҳоро тартиб диҳанд;

- бариоя гардидани шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ аз ҷониби иҷозатномадор назорат кунанд.

2. Назорати аз ҷониби иҷозатномадор риоя гардидани шарту талаботи иҷозатномадиҳиро мақомоти иҷозатнома-диҳанда дар доираи салоҳияти худ анҷом медиҳад.

3. Мақомоти иҷозатномадиҳанда дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ дорад фаъолияти иҷозатномадорро ҷиҳати мутобиқати он ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ санҷад. Санҷишҳо тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" гузаронида мешавад.

4. Мақомоти давлатии назоратию тафтишотӣ, инчунин дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои риоя нагардидани шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ӯҳдадоранд ба мақомоти иҷозатномадиҳанда аз хусуси камбудиҳои ошкоргардида ва тадбирҳои андешидашуда хабар диҳанд.

## Боби 15. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба иҷозатномадиҳӣ

1. Зараре, ки бинобар беасос рад намудани додани иҷозатнома ё вайрон намудани ҳукуқу манфиатҳои иҷозатномадор ба ӯ расонида шудааст, мувофиқи тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

2. Бе иҷозатномаи дахлдор машғул шудан ба фаъолият ё риоя накардани шарту талаботи литсензи онҳо боиси ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар гардида мегардад.

# Қисми махсус

## Фасли 2.

## Намудҳои фаъолиятҳои умумие, ки барои амалӣ намудани онҳо иҷозатнома зарур аст

### Боби 41. Хусусиятҳои иҷозатномадиҳии фаъолияти туристӣ

1. Фаъолияти иҷозатномашаванда фаъолияти туристӣ

Ба фаъолияти туристӣ корҳои оид ба ташкили саёҳат, экскурсияҳо ва хизматрасонии ба он вобаста дар самтҳои туризми воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ (агентии туристӣ, туроператорҳо ва ташкилотҳои экскурсионӣ, меҳмонхонаҳо, кемпингҳо, ки бевосита бо ташкили фаъолияти туристӣ маш-ғуланд) ворид мегарданд.

2. Мақомоти иҷозатномадиҳанда: Кумитаи ҷавонон, вар-зиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти туристӣ барои шахси ҳуқуқӣ ва ӯҳдадориҳои довталабон;

- дар воҳиди кории шахси ҳуқуқӣ мавҷуд будани як нафар корманди дорои таҳсилоти махсус дар соҳаи туризм ва ё бо таҷрибаи кории на кам аз 3 сол дар ҳамин соҳа;
- на камтар аз як маротиба дар се сол такмили ихтисоси кормандони шахси ҳуқуқӣ, ки бевосита бо ташкили саёҳат, экскурсияҳо ва хизматрасонии ба он алоқаманд машғуланд;
- мавҷуд будани утоқи хизматии хусуси ва ё иҷоравӣ бо таҷҳизоти дахлдор;
- танҳо баъд аз ба имзо расонидани шартнома (контракт) бо мизоҷон, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷи-кистон мувофиқат мекунанд, амалӣ намудани хизматрасонии туристӣ;
- дастрас намудани маълумоти пурра ба ҳар як турист оид ба хусусиятҳои ба хориҷа рафтан, ворид гардидан ва буду бош дар давлати хориҷӣ, оид ба қоидаҳои рафтор ва интизом дар вақти сафари туристӣ ба хориҷа;
- ба истеъмолкунандаи хизматрасонии туристӣ дастрас намудани маълумоти пурра оид ба реҷаи кории ташкилкунандаи хизматрасонии туристӣ, суроғаи ҳуқуқии он, мавҷуд будани иҷозатнома, насаб, ном ва номи падари шахсони мутасаддӣ, ки дар пеш бурдани самтҳои мушаххаси фаъолияти туристӣ масъуланд;

- нусхаи шартнома бо ташкилоти суғуртавӣ доир ба суғуртаи сайёҳон;

- мавҷуд будани системаи таъмини бехатарӣ, расонидани ёрии тиббӣ ва дигар кӯмакҳо ҳангоми ҷароҳат бардоштан, беморӣ ва дар дигар ҳолатҳо ба туристон.

4. Талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти туристӣ барои соҳибкорони инфиродӣ:

- омодагии касбӣ, шаҳодатномаи тахассусӣ ва таҷрибаи ташкили хатсайрҳои туристӣ;

- хатсайри туристии таҳиягардида;

- маълумотномаи тиббӣ оид ба ҳолати саломатӣ.

5. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пас аз гирифтани иҷозатнома ҳангоми ташкили хизматрасонии туристӣ, сайёҳони хориҷшаванда ва дохилиро бо роҳхатҳои шаклашон ягона таъмин менамоянд. Барои сайёҳони воридшаванда реестри ташрифи сайёҳи хориҷӣ ҷорӣ карда мешавад. Роҳхатҳои шаклашон ягона ва реестри ташрифи сайёҳони хориҷӣ бо мақсади ташкили омори дақиқи хизматрасонии туристӣ аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва назорат карда мешавад. Роҳхатҳои шаклашон ягона ҳуҷҷати ҳатмие мебошанд, ки аз бастани шартнома байни ташкилотҳои туристӣ ва сайёҳон ша-ҳодат медиҳанд.

6. Субъектҳои фаъолияти туристии дорои иҷозатнома баъд аз ташкили саёҳати шаҳрвандон ба хориҷи кишвар ва ё қабули сайёҳони хориҷӣ ба мақомоти ваколатдори соҳа ҳисоботи хаттӣ пешниҳод менамоянд.

7. Барои гирифтани иҷозатнома довталаб бояд ҳуҷҷатҳои иловагии зеринро пешниҳод намояд:

- ҳуҷҷатҳое, ки мавҷуд будани филналҳо, намояндагиҳо ва иншоотҳои шахси ҳуқуқиро дар минтақаҳои алоҳида, ки аз тариқи онҳо фаъолияти туристӣ амалӣ карда мешавад, нусхаи низомномаҳо, фармонҳо доир ба таъини роҳбарон, бовариномa ба роҳбар, суроға, суратҳисоби бонкӣ;

- барои шахси ҳуқуқи ва воқеии хориҷи сертификати аз ҷониби мақомоти нотариалӣ тасдиқ намудаи давлати хориҷӣ ё мақоми ваколатдор барои машғул шудан ба фаъолияти ту-ристӣ, ки аз салоҳияти шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ шаҳодат медиҳад ва дар идораҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ё сохторҳои дахлдори Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровaрда шудааст.

## 24. Қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (Қарор аз 02.02.2009с. №89)

аз 6 июни соли 2005, № 209

Мутобиқи моддаҳои 9, 18, 20, 25, 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯй ва Қоидаҳои зерин тасдиқ карда шаванд:

- Номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасони) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда (замимаи 1);
- Номгӯи молоҳои аз нигоҳи техники мураккабе, ки ҳан-гоми дар ин молҳо ошкор шудани камбудиҳои назаррас талаби истеъмолкунанда дар бораи иваз намудани онҳо бояд қонеъ гардонида шавад (замимаи 2);
- Номгӯи молҳои истифодаашон дароз мӯҳлат, ки ба онҳо талаботи харидор дар бораи ба шакли бебозгашт ба ӯ пешниҳод намудани моли ба ҳамон монанд дар давраи таъмир ё ивазкуни дахл надорад (замимаи 3);
- Номгӯи молҳои ғайри хӯроквории хушсифате, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешавад (замимаи 4);
- Номгӯи молҳое, ки дар маълумотномаи он норавоии истифодаи онҳо ҳангоми намудҳои алоҳидаи бемори зикр шуда бошанд (замимаи 5);
- Қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба партовҳои-дурушт ва моеи маиши (замимаи 6);
- Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхо-наҳо (замимаи 7);
- Қоидаҳои хизматрасониҳои хӯроки умуми (замимаи 8):
- Қоидаҳои хизматрасониҳои коммунали (замимаи 9):
- Қоидаҳои хизматрасонии маишии аҳоли (замимаи 10).

2. Агентии давлатии сиёсати зидди монополи ва дастгирии соҳибкорни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва инспексияи савдои назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази Ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази давлатии экспертиза, сертификатсияи маҳсулоти

фарматсевти техникаи тиббӣ, таҷҳизоти таъиноти тиббӣ ва санитарию гигиени, маҳсулоти истеъмоли ҷизоии табобатию профилактики, иловагиҳои ғизои ва маводи косметики Вазо-рати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати ва мақомоти дигар дар доираи салоҳияташон иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро таъмин намоянд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 6 июни соли 2005, № 209
ш. Душанбе

**Номгӯи**
**Намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ)**
**ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда**

1. Маълумотнома дар бораи мол бояд ҳатман мавзӯъҳои зеринро фаро гирад:

- номи мол (кор, хизматрасонӣ);
- номи фирмавӣ (ном) ва маҳалли ҷойгиршавии (нишонии ҳуқуқи) истеҳсолкунандаи мол, маҳалли ҷойгиршавии таш-килот (ташкилотҳо)-е, ки барои қабули шикоятҳои истеъ-молкунандагон ва анҷом додани тармиму хизматрасонии техники мол аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) воколатдор карда шудааст;
- нишондодани стандартҳое, ки бояд мол (кор, хизматра-сони) ба талаботи ҳатмии онҳо мувофиқат кунад;
- маълумот дар бораи қоидаҳои фурӯши молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) номнависшуда, ки дорои (патент) нишонагузории мол ё нишонагузории хизматрасони ҳастанд;
- зикри шахси мушаххасе, ки кор (хизматрасони)-ро иҷро мекунад ва агар ин аҳамият дошта бошад, маълумот дар хусуси ӯ бо назардошти хусусияти кор (хизматрасони);
- зикри истифодаи фонограммаҳо ҳангоми хизматрасонии фароғати аз ҷониби иҷрокунандагони асарҳои мусиқӣ;

- қоидаву шартҳои истифодаи самаранок ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);

- мӯҳлати кафолат, агар он барои мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар шуда бошад,

- мӯҳлати хизмат ё мӯҳлати коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ), ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи амали зарурии истеъмолкунанда баъди гузаштани мӯҳлати мазкур ва оқибати имконпазир дар сурати иҷро накардани чунин амал, ба шарте, ки мол (кор, хизматрасони) баъди гузаштани мӯҳлати зикршуда барои ҳаёт, саломати ва амволи истеъмолкунанда хавфу хатар пеш оварад ё худ барои истифода аз рӯи таъинот корношоям шавад;

- нарх ва шарти харидани мол (кор, хизматрасонӣ);

- таърих (сана)-и истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ);

- ӯҳдадориҳои кафолатии истеҳсолкунанда (иҷрокунанда);

- маълумот бо роҳи коди хаткашида (штрихи) аз рӯи алиф-бо ва рақамгузори.

2. Маълумот дар бораи молҳои хӯрокворӣ мувофиқи талаботи ҳатмии стандартҳо, вобаста ба навъи молҳо ба ғайр аз маълумотҳое, ки дар банди 1 Номгӯи мазкур зикр гардидаанд, бояд маълумоти зеринро фаро гирад;

- номи ингредиентҳои ба таркиби маҳсулоти хӯрокворӣ дохилшаванда, бо шумули иловаҳои ғизоӣ;

- маълумот дар бораи арзиши энергетики ва ғизоӣ (кА-лориянокии маҳсулот, сафеданоки, равғанноки, карбогидратҳо, витаминноки, микроэлементҳо) вазн ё ҳаҷм;

- соҳаи истифода (барои ғизои кӯдакон, табобатию профилактики ё парҳези иловаҳои ғизоӣ);

- усулҳо ва шартҳои тайёр кардан (барои консентратҳо ва маҳсулоти нимтайёр) ва истифода (барои ғизои кӯдакон, табобатию профилактики ва парҳези);

- шартҳои нигоҳдори (барои молҳое, ки барои онҳо талаботи ҳатмии шароити нигоҳдори) муқаррар гардидаанд;

- таърихи истеҳсол;

- аломати манъи истеъмол дар ҳолатҳои гирифтори ба навъҳои алоҳидаи бемориҳо (барои молҳое, ки маълумот дар бораи онҳо бояд ҳатман аломати манъи истеъмол дар ҳолати гирифтори ба навъҳои алоҳидаи бемориҳоро дошта бошад).

3. Маълумотҳои дар Номгӯи мазкур пешбини шуда дар ҳуҷҷатҳои техникии бо молҳо замимашаванда, дар барномаҳо, тамғаҳо ё ба воситаҳои дигаре, ки барои навъҳои алоҳидаи молҳо қабул шудааст, ба маълумоти харидор расонида меша-вад.

Ҳуҷҷатҳои техники инҳоро дар бар мегиранд:

- шиносномаи техникӣ:
- дастури истифодабарӣ.

Маълумоти барнома мазмуни зеринро дар бар мегирад:

- номи умумии маҳсулот;
- вазн, ҳаҷм, андоза, пуррагӣ, қад;
- таркиби ашёи хом, нисбат ба маводи ғизои бошад, номгӯи маҳсулоти истифодашаванда, иловаҳои ғизои, рангдиҳандаҳо, такмилдиҳандаҳо ва ғайра;
- калориянокӣ;
- таърихи истеҳсол;
- мӯҳлати коршоямӣ;
- шартҳои нигоҳдорӣ;
- ному нишони истеҳсолкунанда (тайёркунанда).

Тамға бояд дорои маълумоти зерин бошад:

- номи маҳсулот;
- микдори номиналии маводи ғизои дар воҳидҳои ченаки муқарраршуда (вазн, ҳаҷм);
- андоза, пуррагӣ, қад, ҳаҷм, навъ ва ғайра;
- таркиби ашёи хом, нисбат ба маводи ғизои бошад, агар онҳо аз як чанд тартибдиҳандагон тайёр карда шуда бошанд, бо нишон додани номгӯи номҳои дар ҷараёни тайёр кардани дигар маводи ғизои, иловаҳои ғизои, рангдиҳандаҳо, моддаҳо ё пайвастагиҳои химиявии дигари истифодашуда:
- қувватноки (ғизоноки) (барои маводи ғизое, ки онро доранд);
- таърихи истеҳсол;
- мӯҳлати истеъмолбоб будан ё таърихи гузаштани мӯҳлати коршоями ва истеъмол;
- шартҳои нигоҳдорӣ;
- нишон додани ҳуҷҷати меъёрӣ:
- ному нишони истеҳсолкунанда, ҷои истеҳсол;
- шартҳои истифода, агар онҳо пешбини шуда бошанд;
- фоизи иловаҳои дигари синтетикию сунъӣ.

Замимаи 2

**Номгӯи**
**молҳои аз нигоҳи техники мураккабе, ки ҳангоми дар ин молҳо ошкор шудани камбудиҳои назаррас талаби истеъмолкунанда дар бораи иваз намудани онҳо бояд қонеъ гардонида шавад**

1. Воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, агрегатҳои рақамдор ва қисмҳои эҳтиёти ба онҳо
2. Мотосиклҳо, мотороллерҳо
3. Таҷҳизоти кино ва суратгирӣ
4. Бозичаҳои электронӣ
5. Таҷҳизоти электронии радиотелевизионӣ
6. Компютерҳои шахсӣ бо таҷҳизоти асосии периферӣ
7. Дастгоҳҳои телефону факс
8. Асбобҳои барқии мусиқавӣ
9. Молҳои маишӣ-барқӣ
10. Тракторҳои кишоварзӣ, мотоблокҳо, мотокултиваторҳо
11. Таҷҳизоти маишии газ
12. Мошинаҳои дӯзандагӣ

Замимаи 3

**Номгӯи**
**молҳои истифодаашон дарозмӯҳлат, ки ба онҳо талаботи харидор дар бораи ба шакли бебозгашт ба ӯ пешниҳод намудани моли ба ҳамон монанд дар давраи таъмир ё ивазкуни дахл надорад**

1. Автомобилҳо, мотосиклҳо ва дигар намудҳои мотто-техники, притсепҳо ва агрегатҳои рақамдори онҳо, ба ғайр аз молҳое, ки барои истифодаи маҷрӯҳон таъин шудаанд, киштиҳои саёҳати ва воситаҳои шиноварӣ.
2. Мебел.
3. Асбобҳои маиши-барқие, ки ҳамчун воситаҳои ороиш ва бо мақсади тиббӣ истифода мешаванд (ришгиракҳои барқӣ, фенҳои барқӣ, амбӯри барқӣ барои ороишимӯй, рефлекторҳои барқии тиббӣ, гармкунакҳои барқӣ, бинтҳои барқӣ, рӯйкашҳои барқӣ, болопӯши барқӣ).

4. Асбобҳои маишии барқӣ, ки барои коркарди термии маҳсулот ва тайёр кардани хӯрок истифода бурда мешаванд (печҳои маишӣ СВЧ, печҳои электрикӣ, тостерҳо, обҷӯшонакҳои барқӣ, чойникҳои барқӣ, гармидиҳандаҳои барқӣ ва молҳои дигар).

5. Яроқи гражданӣ, қисмҳои асосии яроқи оташфишони гражданӣ ва хизматӣ.

Замимаи 4

**Номгӯи**
**молҳои ғайрихӯрокврии хушсифате, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешаванд.**

1. Молҳо барои пешгири ва табобати бемориҳо дар шароити хона (ашёҳои санитария ва гигиена аз фулузот, резин, кешбофи ва маводи дигар, асбобу анҷом, таҷҳизоти тиббӣ, воситаҳои тозагии даҳон, линзаи (шишаи) айнак, ашё барои нигоҳубини кӯдак, доруворӣ).

2. Ашёи гигиенаи шахсӣ (мисвок, шона, мӯқаппак, бигуди барои мӯй, парикҳо, шинёнҳо ва дигар молҳои ба инҳо мо-нанд).

3. Молҳо барои пардоз.

4. Молҳои бофандаги (матоъҳои пахтагин, катони, абрешими, пашми ва синтетики, молҳо аз маводи ғайри матоии навъи матоъ - лента, тасма, тӯр ва ғайра); маснуоти кабели (симҳо, шнурҳо, кабелҳо); маводи сохтмони ва пардозу ороиши (линолеум, пленка, қолинҳо ва ғайраҳо) ва молҳои дигаре, ки бо метраж фурӯхта мешаванд.

5. Маснуоти дӯзандагии либоси таг ва кешбофии либоси таг, ашёи ороиши занона, ашёи ороиши мардона (ба ҷайр аз галстук ва регатҳо), маснуоти ҷуробу пайпоқ.

6. Маснуот ва маводе, ки бо маводи ҷизоии аз материалҳои полимери тайёршаванда алоқаманданд, аз ҷумла барои истифодаи якдафъаина (зарфу анҷоми ошхона, зарфҳо ва бор-ҷомаҳо барои нигоҳдори ва интиқоли маводи ғизои).

7. Молҳои кимиёии маишӣ, пеститситҳо ва агрохимикатҳо.

8. Хориҷ карда шуд (Қарор аз 02.02.2009с. №89).

9. Маснуот аз металҳои қиматбаҳо бо сангҳои қиматбаҳо, аз металҳои қиматбаҳо бо руфуи сангҳои нимқиматбаҳо ва синтетики, сангҳои қиматбаҳои суфташуда.

10. Молҳои аз нигоҳи техники мураккаби таъминоти маи-ши, ки дар онҳо мӯҳлати кафолат муқаррар шудааст (даст-гоҳҳои маишии оҳанбури ва коркарди чӯб, асбобу анҷомҳои маишии электрики, техникаи маишии ҳисоббарори таҷҳизоти маишии радиоэлектронӣ, асбобҳои мусиқавии барқӣ, бози-чаҳои электронӣ, таҷҳизоту асбобҳои маишии газ).

11. Яроқи граждани, қисмҳои асосии яроқи оташфишони гражданина хизматӣ, гирҳои онҳо.

12. Ҳайвонот ва наботот.

13. Нашрияҳои даври ва ғайридаври (китобу брошюраҳо, албомҳо, нашрияҳои картографии ва нотави, варақаҳо, тақвимҳо, буклетҳо, нашрияҳои маълумоти тавассути воситаҳои техники барқароршуда).

Замимаи 5

**Номгӯи**

**молҳое, ки дар маълумотномаи он норавоии истифодаи онҳо ҳангоми намудҳои алоҳидаи бемори зикр шуда бошанд**

1. Иловаҳои ғизоии аз нигоҳи биологи фаъоле, ки таъсири рӯҳафзоиву гармонмонанддошта, ба инкишофи узвҳои организми инсон таъсир мерасонанд (омехтаҳо, (консентратҳо)-и моддаҳои табий ё ба он монанди аз нигоҳи биологи фаъоле, ки аз ашёи хоми растани, ҳайвонот ё маъдани гирифта мешаванд).

2. Иловаҳои ғизои (зидди оксидкунандаҳо (турши), мод-даҳо барои коркарди орд, моддаҳои пешгирикунандаи сахт-шави ва кулӯлашави, моддаҳои ба нигоҳдории ранг мусои-даткунанда, унсурҳои нигоҳдорандаи нами, қиёмкунандаҳо, оҳанҳосилкунандаҳо, ғализкунандаҳо, ҳомузҳо (кислотаҳо), рангдиҳандаҳо, консервантҳо, оканишҳо (пуркунандаҳо), сахткунандаҳо, моддаҳои пешгирикунандаи кафккуни, пропе-лентҳо, ширинкунандаҳо, ковоккунандаҳо, танзимкунандаҳо, мӯътадилкунандаҳо, зичкунандаҳо, қувватдиҳандаҳои таъм ва бӯй, эмулгаторҳо, намакҳои эмульсияовар), инчунин маводи ҷизоие, ки чунин иловаҳои ҷизои доранд.

3. Маводи ғизоии таркибашон ғайрианъанави боило ва кардани унсурҳои сафедидори ба онҳо хос набуда.

4. Намудҳои алоҳидаи беморие, ки дар сурати гирифтори ба онҳо истеъмолимолҳо манъ карда шудааст, аз тарафи Ва-зорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда ме-шаванд.

## 25. Низомнома
## «Дар бораи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

аз 4 майи соли 2007, № 199

### I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур  "Дар бораи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм", бо мақсади тан-зими истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои нодири таъ-рихию фарҳангӣ, табиию фароғатӣ ва захираҳои (туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

12. Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии То-ҷикистон нерӯи беназири туристии мамлакатро дар бар гирифта, ба он иншооти дорои мафҳумӣ он фарҳангӣ, илмию таърихӣ, ҳудудҳои табиию фароҷатӣ, инчунин инфра-структураи Туризм дохил мешаванд, ки онҳо асоси маҳсулоти миллии туристии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамоянд.

1.3. Кадастри давлатии захираҳои туристӣ барои дастрас намудани маълумоти зарурие, ки барои ташрифи хориҷиён ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидани тадқи-қотҳои илмӣ, чорабиниҳои экологӣ, ташкили баҳисобгирии оморӣ барои таҳияи минбаъдаи маршрутҳои нави туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

1.4. Кадастри давлатии захираҳои туристӣ аз ҷониби мақоми давлатии идоракунии туризм ҳам дар асоси маъ-лумотҳои худӣ ва ҳам дар асоси маводҳои пешниҳод намудаи мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ (Ҳукуматҳо), Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии "Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва субъектҳои

фаъолияти туристӣ таҳия ва пешбурдашуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

1.5. Тартиби ташаккул, пешбурд ва татбиқи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, асноди меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур танзим карда мешавад.

1.6. Номгӯи захираҳои туристии ба Кадастри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда аз ҷониби мақоми давлатии идоракунии  Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм дар мувофиқа бо вазорату идораҳои манфиатдор, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва субъектҳои фаъолияти туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

1.7. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдорандаи ассосии Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ин ҳуқуқҳоро ба мақоми давлатии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм ваколат медиҳад.

1.8. Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маълумоти зерин иборат мебошад:

- Номгӯи иншоот:
- арзиши арзёбӣ аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ ва илмии иншооти бо нишондодани тобеияти идоравии он, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;
- тартиби анҷом додани назорати ҳолати санитарию экологӣ:
- тавсифи мавқеи ҷойгиршавӣ.

## II. **Тартиби пешбурд ва истифодаи захираҳои туристӣ**.

2.1 Захираҳои туристие, ки ба Кадастри давлатии Ҷум-ҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд, танҳо мувофиқи таъиноти мустаъқим истифода бурда мешаванд. Фаъолияти саноатию хоҷагидорӣ ва Дигар намудҳои фаъолият, ки ба вазъи захи-раҳои туристии ба Кадастри давлатӣ дохилшуда таъсири манфӣ мерасонанд, қатъиян манъ аст.

2.2. Мақоми давлатии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва

инчунин бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ҳаҷми квотаҳои ташрифи иншоотӣ ба Кадастри давлатии захираҳои туристӣ дохилгардидаро муайян мекунанд ва истифодаи онҳо ба тариқи шартномавӣ амалӣ мегардад.

2.3. Ҳангоми ташкили туризми ташрифӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе пул ё ройгон истифодабарии захираҳои туристие, ки ба Кадастри давлатӣ дохил шудаанд, иҷозат дода намешавад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташрифи иншооти туристии ба Кадастри давлатӣ дохилшуда бо мақсади туризм, истироҳати табобатӣ, инчунин зиёрати мазҳабӣ ӯҳдадоранд меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори марбут ба нигоҳдорӣ ва муҳофизати захираҳои туристиро риоя намоянд.

2.4. Захираҳои туристии ба Кадастри давлатӣ дохил шуда ҳамчун дастовардҳои умумимилли ба шумор рафта ҳар сол дар воситаҳои ахбори умуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳо-латҳои арзиши таърихӣ, фарҳангӣ, ки барои ташриф овардагон ва шароитҳои истифодабарӣ квотаҳо муқаррар гардидаанд, маълумот интишор карда мешаванд.

2.5. Вазоратҳо, идораҳо, субъектҳои фаолияти туристӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, ки моликони иншооти ба Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда мебошанд бо дархости мАқоми давлатии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм дар хусуси таъиноти онҳо, арзиши таърихӣ, фароғатӣ, илмӣ, тартиби истифодабарӣ, хусусияти кор, ҳолат, шароити қабул ва хизматрасонии сайёҳон низомномаҳои дахлдор таҳия менамоянд.

2.6. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пёшниҳоди мақоми давлатии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм, ки бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Федератсияи идти-фоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон мувофиқа шудааст, барои истифодаи захираҳои туристии ба Кадастри давлати дохилшуда андоза ва тартиби пардохтро муқаррар менамояд.

2.7. Мақоми давлатии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм ба иншооти дар Кадастри давлатии захираҳои туристӣ дохилшуда шаҳодатнома медиҳад. Ин шаҳодатнома

мақоми иншооти мазкурро ҳамчун дастоварди умумимиллӣ тасдиқ менамояд.

### III. Муҳофизати захираҳои туристие, ки ба Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гаштаанд.

3.1. Бо мақсади муҳофизат ва нигоҳдорӣ, инчунин истифодаи сарфакоронаи захираҳои туристии ба Кадастри дав-латии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгашта, мақоми давлатии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм якҷоя бо вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои ваколати дахлдори тафтишотӣ мебошанд, барои муайян намудани мутобиқат ба стандартҳои мавҷуда ва истифодаи судманди онҳо ба истиснои иншооте, ки дар тобеъияти идоравии Федератсияи иттифоқҳои мустақили Тоҷикистон мебошанд, санҷишҳо ва тафтишотӣ ногаҳонӣ мегузаронанд.

3.2. Мақоми давлатии идоракунии туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату, идораҳо, Федератсияи иттифоқҳои кА-сабаи мустақили Тоҷикистон ва субъектҳои фаъолияти ту-ристӣ, ки дар тобеашон захираҳои туристӣ мавҷуд мебошанд ва ба Кадастри давлатии захираҳои туристӣ ворид шудаанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳолати иншоот ва истифодаи мақсадноки онҳо масъулият доранд.

3.3. Истифодаи захираҳои туристии ба Кадастри давлатӣ воридгашта, мувофиқи пешниҳоди мақоми давлатии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм, бо мақсади муҳофизати захираҳои туристӣ, ҳамчун дастовардҳои умумимиллии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шавад.

## 26. Низомномаи мақоми минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 11 марти соли 2000 № 95

Низомномаи мазкур асосҳои умумии ҳуқуқи, иҷтимои ва ташкилии рушд ва фаъолияти минтақаи истироҳат ва туризмро дар ноҳияи Варзоб муайян мекунад.

## I. Мафҳумҳои умумӣ

1. Минтақаи истироҳат ва туризм-ҳудуди аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус эълоншудаи дорои сарҳади муайяни маъмурӣ, ки дар доираи он масъалаҳои идора ва хоҷагии халқ танзимшаванда ва ҳавасмандгардонии рушди минбаъдаи туризмро дар ҷумҳури корҳои санаторию курортӣ, табобатӣ ва истироҳат, ҳамчунин ҷалби сармоягузорони хо-риҷӣ дар инфраструктураи мавҷуда татбиқ мешаанд.

2. Мақоми минтақаи истироҳат ва турмзм ба истеҳсолоти саноатии ба меъёрҳои экологию санитари ҷавобгӯй набуда, ҳамчунин қисмҳои ҳарбӣ, полигонҳо ва маҳалли адои ҷазои дар ин маҳал ҷойгиршуда дахл надорад.

3. Принсипҳои асосии фаъолияти минтақаи истироҳат ва туризминҳо мебошанд:

-таъмини ҳуқукҳои шаҳрвандон ба истироҳат, рафту омади озод, инчунин дигар ҳуқуқҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сайёҳат, табобат ва муолиҷаи санаторию курорти муқаррар шудааст;

-ҳифзи муҳити зист;

-рушди соҳаи туристи, ки талаботи шаҳрвандонро ҳангоми истироҳат ва сайёҳат таъмин менамояд;

-истифодаи самаранок ва ҳифзи нерӯи табиат, фарҳанг, инчунин иқтидори туристи.

## II. Идораи минтақаи истироҳат ва туризм

4. Ҳамоҳангсозии умумии масъалаҳои дар минтақаи истироҳат ва туризм ташкил намудани фаъолияти туристи ва корҳои санаторию курорти, аз ҷумла ҳамкори бо моликони иншооти мавҷуда аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо аз ҳисоби маблағҳои худи, анҷом дода мешавад.

5. Раиси ноҳияи Варзоб:

-масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди минтақаи истироҳат ва туризмро бо дар назардошти мавҷуд будани ҳудудҳои табии ва захираи туристи дар ҳудуди ноҳияи Варзоб ба нақша мегирад ва таҳия менамояд;

-назорати зарурии риояи тартиби муқаррарнамудаи таҳияи фаъолияти туристи ва табобати санаторию курортиро бо ҷалби

намояндагони ташкилоту муассисаҳои манфиатдор таъмин менамояд;

-назорати риояи асноди меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои туризм ва табобати санаторию куроrтиро аз ҷо-ниби субъектҳои хоҷагидори анҷом медиҳад;

-ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистондар мавриди ҷалби сармояҳои хориҷи ба инфраструктураҳо, аз ҷумла ба соҳаи сохтмон, таҷдиди базаҳои туристи, иншооти санаторию курорти ва таърихию фарҳанги, инчунин рекламаҳои дахлдор ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он пешниҳод манзур медорад;

-баҳисобгири ва назорати ҳолати иншооти туризм, табобат ва истироҳати санаторию курорти, истифодаи самараноки онҳо аз ҷониби моликон, инчунин танзими нақшаҳои сохтмонро дар қисмати муайян намудани мутобиқати онҳо бо меъёрҳои меъмори, талаботи сертификатсия ва истифодаи биноҳо ва эко-логия анҷом медиҳад;

-барои ташриф ба ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳифз ва нигоҳдории экологияи минтақа квотаҳо муқаррар мекунад;

-назорати татбиқи Барномаи мақсадноки комллексии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба рушди минбаъдаи минтақаи истироҳат ва туризм тавассути пешниҳоди ҳисобот ва маълумоти омории дахлдор, инчунин арзёбии фаъолияти моликони иншооти воқеъ дар минтақа, анҷом медиҳад.

6. Бо мақсади таҳияи Барномаи комплексии рушди минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб муайян на-мудани вазифаҳои афзалиятноки соҳаи туристи, табобат ва истироҳати санаторию курорти дар ин минтақа, инчунин та-шаккули иқлими мусоиди инвеститсиони аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои байни идорави таъсис дода ме-шавад, ки ба ҳайати он намояндагони Ҳукумати ноҳияи Вар-зоб, Ҳукумати шаҳри Душанбе, вазоратҳои ҳифзи табиат, ад-лия, корҳои хориҷи, амният, корҳои дохили, тандурусти, нақ-лиёт ва хоҷагии роҳ, иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷи, Қумитаи давлатии идораи амволи давлати, Кумитаи андоз, Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангал, Ширкати миллии туризми Ҷумҳурии Тоҷиккстон "Сайёҳ", Федератсияи иттифоқ-ҳои касабаи мустақили Тоҷикистон шомил мебошанд.

Ҳукумати ноҳияи Варзоб доир ба ободонии ҷойҳои истироҳати оммави ва ташрифи сайёҳон, ки дар минтақаи мазкур воқеанд, фармоишгар мебошад.

Ҳамкории Ҳукумати ноҳияи Варзоб бо мақомоти идораи туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин моликони иншооти, ки дар ҳудуди ноҳия мавҷуданд, дар асоси шартномаи та-рафайн анҷом меёбад.

## III. Мақоми ҳуқуқии минтақаи истироҳат ва туризм

9. Истифодаи ҳудуди минтақаи истироҳат ва туризм аз тарафи субъектҳои хоҷагидори, фаъолияти туристи, хамчуннн истироҳаткунандагони инфироди ва коллективи мутобиқи шартномаи бо мақоми давлатии идоракунандаи соҳаи туризм басташуда сурат мегирад, ки бо чунин лаҳзаҳои асоси муайян мегардад:

-хатти сайёҳати туристи;

-чорабиниҳои экологию ҳифзи табиат;

-тадбирҳои амнияти;

-тартиб ва ҳисобу китоб барои истифодаи ҳудудҳои дамгири.

## IV. Масъалаҳои маблағгузори

10. Минтақаи истироҳат ва туризм аз маблағгузории зайл анҷом дода мешавад:

-маблағҳои буҷети маҳалли;

-кредити бонкҳо, сармоягузории давлати ва хориҷи;

-дигар намудҳои маблағгузори.

## Ҳайати
## шӯрои байниидоравии оид ба рушди минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб

1. Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Шӯро.

2. Раиси ноҳияи Варзоб - Муовини аввали Раис.

3. Раиси Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Муовини Раис.

4. Муовини Вазири ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Муовини Раис.

5. Ноиби Президенти Ширкати миллии туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон "Сайёҳ" - Муовини Раис.

6. Сардори воҳиди дахлдори сохтори Ҳукумати ноҳияи Варзоб, Котиби масъул.

**Аъзои Шӯро**

1. Муовини Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Муовини Вазири корҳои хорҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Муовини Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Муовини Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Муовини Вазири амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Муовини Вазири иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
8. Муовини Вазири нақлиёт ва хоҷагии роҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9. Муовини Раиси шаҳри Душанбе.
10. Муовини Раиси Кумитаиандози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
11. Муовини Раиси Кумитаи тарбияи ҷисмони ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
12. Муовини Раиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
13. Муовини Директори Агентии дастгири ва тараққии соҳибкории хурди назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
14. Муовини Раиси Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷан-гали "Тоҷикҷангал".
15. Муовини Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи муссташили Тоҷикистон.

## 27. НИЗОМНОМАИ
## Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 28 декабри соли 2006, № 609

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) мақоми марказии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи сиёсати ҷавонон, варзиш ва ту-

ризм буда, функсияҳо оид ба таҳияи сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавонон, рушди тарбияи ҷисмонӣ ва туризмро анҷом медиҳад.

2. Кумита ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти марказҳо, муассисаҳо, таълимгоҳҳо ва дигар ташкилотҳои системаи он-ро анҷом медиҳад.

3. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм", дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президеити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистои, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалин эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Низомномаро дастури амал қарор медиҳад.

4. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо анҷом медиҳад.

## II. Ваколатҳо

5. Кумита дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ваколатҳои зайл дорад:

- лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳое, ки тибқи онҳо қа-рори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мегардад, оид ба масъалаҳои марбути соҳаи фаъолияии кумита, ки банди 1 ин Низомнома муқаррар намудааст ва соҳаи фаьолияти ташкилотҳои системаи он, инчунин лоиҳаи нақшаи кор ва нишондиҳандаҳои дурнамои фаъолияти Кумитаро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд:
- фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идораҳо ва ҳамоҳангсозии байнисоҳавиро дар соҳаи сиёсати ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва туризм ҳамоҳанг менамояд;

- ба таъсиси заминаи қонунгузорӣ, меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, таҳияи муқаррароти асосии сиёсати давлат нисбати ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, туризм ва татбиқи онҳо мусоидат менамояд;

- самтҳои асосиро муайян менамояд, барномаҳои дурнамо, ҷорӣ ва мақсаднокро оид ба масъалаҳои мурбути салоҳияти Кумита таҳия ва татбиқ менамояд;

- захираҳои кадрҳои роҳбарикунандаро дар системаи Кумита таъсис медиҳад;

- пешбурди оморро оид ба масъалаҳои марбути сало-ҳияти Кумита анҷом медиҳад;

- ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалиро анҷом медиҳад, тибқи тартиби муқарраргардида дар таҳия ва татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои марбути салоҳияти Кумита иштирок менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида фестивалҳо, конференсияҳо, форумҳо, мусобиқаҳо, ҷамъомадҳои таълимӣ-варзишӣ, экспедитсияҳои варзишӣ-туристӣ ва кӯҳнавардӣ, ярмаркаҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ, байниминтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ мегузаронад;

- тибқи тартиби муқарраргардида корҳоро оид ба ҷалби инвеститсияҳо барои рушди соҳаҳои марбути са-лоҳияти Кумита анҷом медиҳад;

- ба рушди тарбияи ҷисмонӣ, ватанпарастӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии (маънавии) ҷавонон, таҳкими дӯстӣ, ҳамкорӣ, ягонагӣ ва муттаҳидии ҷавонони кишвар мусоидат менамояд;

- тибқи тартиби муқаррагардида барои баланд бардоштани ҳисси ватанпарастӣ ва таблиҷи тарзи солими ҳаёт, ғояҳои Ҳаракати олимпӣ, мавзеҳои тамошобоб ва захираҳои туристӣ фаьолияти рекламавӣ- иттилоотӣ ташкил менамояд;

- бо федератсияҳо, ассотсиатсияҳои варзишӣ, ташкилотҳои ҷамъмятии самти тарбияи ҷисмонию варзишӣ ва туристӣ ва бо ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ дар самти сиёсати давлатии ҷавонон ҳамкорӣ менамояд;

- ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манфиатҳо ва дархостҳои ташкилотҳои ҷавононро ба инобат мегирад;

- дар тахия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, ошкор намудан ва татбиқи иқтидорҳои он, мутобиқсозии он ба ҳаёти мустақилона, ҳифзи манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои ҷанонони кишвар иштирок менамояд;

- дар иртибот бо Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаьолият менамояд, ба рушди барномаи Ҳаракати олимпӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад;

- роҳбарии ташкилӣ ва методии рушди тарбияи ҷисмонии аҳолӣ ва тайёр намудани варзишгарони дорои дараҷаи баландро анҷом медиҳад, дар мавриди зарурат, ваколатҳои худро оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба феднратсияҳо, ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳо, ҷамъиятҳо, созмонҳо, дигар ташкилотҳои ҷамъияти самти тарбияи ҷис-монию варзиш медиҳад;

- нақшаҳои ягонаи тақвимиро дар самти тарбияи ҷис-монию варзишӣ ва солимгардонҳ тасдиқ менамояд, чорабиниҳои тарбияи ҷисмонию варзишро, ки идораю ташкилотҳо баргузор менамоянд, ҳамоҳанг месозад;

- қоидаҳои мусобиқаҳо ва ҷамъомадҳои варзишӣ, додани дараҷаҳои тахассусӣ ва варзишӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ-мето-дӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои самти таълимӣ-варзишӣ ва тарбияи ҷисмониро тасдиқ менамояд, шаклҳои гузаронидани чорабиниҳои тарбияи ҷисмонию варзиширо муайян мекунад;

- дастаҳои мунтахаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тайёр менамояд ва дар ин кор кӯмак мерасонад, иштироки онҳоро дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ, Европа, Осиёи Марказӣ, осиёӣ ва Бозиҳои олимпӣ, дигар мусобиқаҳои байналмилалӣ, воҳӯриҳои барои гирифтани ҷомҳо якҷоя бо Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

- рекордҳо ва дастовардҳоро оид ба намудҳои варзиш ба қайд мегирад;

- доир ба тартиби воридот ва содироти хизматрасониҳои туристӣ пеншиҳодҳо таҳия менамояд;

- оид ба тарифҳои ягона барои фатҳи қуллаҳои кӯҳҳо, пардохтҳо барои наҷотдиҳӣ дар кӯҳҳо ва пардохти экологӣ пешниҳодҳо таҳия менамояд;

- пешниҳодҳоро доир ба тартиби истифодаи захираҳои туризм ва ҷуброни зарари бо он расонидашуда таҳия намуда, меъёрҳои мутаносибан баробарро байни субъектҳои фаъолияти туристӣ барои боздид аз объектҳои туристию саёҳатии ба Кадастри захираҳои туристӣ дохилбуда, ки ба зарурати нигоҳдории онҳо аз вайроншавӣ иртибот доранд, таъмин менамояд;

- доир ба тартиби иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ) ба фаъолияти туристӣ пешнмходҳо таҳияи менамояд ва тибқи тартиби муқарраргардида иҷозатномадиҳии (литсензиядиҳии) фаъолияти туристиро анҷом медиҳад;

- доир ба тартиби сертификатсияи молҳо ва хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва фаъолияти туристӣ пешниҳодҳо таҳия менамояд;

- меьёрҳо таҳия намуда, дар мувофиқа бо мақомоти маарбутаи давлатӣ стандартҳои давлатии таҷҳизоту лавозимот, иншоотҳои варзишӣ, аз ҷумла хизматрасонии сайёҳонро дар ҷумҳурӣ муқаррар мекунад;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар хориҷа оид ба туризм намояндагиҳо таъсис медиҳад;

- назорати хизматрасонии сифатнокро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, туризм, инчунин воридшавӣ ва хориҷшавии сайёҳон анҷом медиҳад;

- дар доираи маблаҷҳои мавҷуда, дар мувофиқа бо мАқомоти манфиатдор, меъёрҳои хароҷоти пӯшоки варзишҳ, таҷҳизот, ҷизо ва таъминоти моддию техникии варзишгарон ва мураббиён-омӯзгоронро тасдиқ менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида якҷоя бо идораю ташкилотҳои варзишии манфиатдор лотерея, музоядаҳои варзншӣ мегузаронад, шартҳои гузаронидани онҳоро тасдиқ мекунад;

- манфиатҳои-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷайраи вар-зишгарони касбӣ, мураббиён-омӯзгорон ва дигар мутахас-сисони соҳаро намояндагӣ менамояд, ба ташкили истироҳат мусоидат мекунад, ба саломатии варзишгарон, ветнранҳои варзиш, дигар кормандони соҳа ҷамхорӣ менамояд.

Дар асос ва бо мақсади иҷрои Конститутсияи (Сар-қонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президенти Ҷум-ҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусс-тақилола

санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул мекунад ва вазифаҳои зеринро иҷро мснамояд:

- тибқи тартиби муқарраргардида озмунҳо мегузаронад ва қарордодҳои давлатӣ оид ба ҷойгиронии фармоишҳо барои таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти Кумита, инчунин оид ба гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ дар соҳаи муқаррар-гардидаи фаъолият ба имзо мерасонад;

- таҳлили татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи му-қарраргардидаи фаъолият анҷом медиҳад;

- санҷиш ва таҳлили татбиқи санадҳои меъсрии хуқуқиро дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолияти анҷом медиҳад ва дар мавриди зарурат ин функсияҳоро ба ташкилотҳои системаи Кумита вогузор менамояд;

- функсияҳои ихтиёрдор ва гирандаи маблаҷҳои буҷети ҷумҳуриявиро, ки барои таъминоти Кумита ва амалӣ намудани функсияҳои ба зиммаи Кумита вогузоргадида пеш-бинӣ гардидаанд, анҷом медиҳад;

- қабули шаҳрвандонро ташкил менамояд, саривақт ва пур-ра баррасӣ гардидани мурочиатҳои шифоҳҳ ва хаттии шаҳр-вандон, дар асоси онҳо қабул гардидаан қарорҳо ва ба арзадиҳандагон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун-гузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлаташ фиристода шудани ҷавобҳоро таъмин мекунад;

- дар доираи салоҳияти худ ҳифзи маълумотҳои дорои сирри давлатиро таъмин менамояд;

- омодагии касбии кормандони Кумита, бозомӯзӣ, баланд бардоштани тахассус ва таҷрибаомӯзии онҳоро ташкил менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида бо мақомоти ҳокимияти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байнал-милалӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ҳамкорӣ ме-намояд;

- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷум-ҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ, нигаҳдошт, баҳисобгирӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти Кумита ташаккул ёфтаанд;

- дигар ваколатҳоро дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият анҷом медиҳад, ва инчунин ваколатҳо бо қонунҳо, санадҳои

меъёрии хукукии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини гардида бошанд.

6. Кумита бо мақсади татбиқи ваколатҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ҳуқуқ дорад:

- тибқи тартиби муқарраргардида аз мақомоти идора-кунанда, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ маълумотеро, ки барои қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои таҳти салоҳияти Кумита қарордошта заруранд, дархост намояд ва ба даст орад;

- тибқи тартиби мукарраргардида нишонҳои соҳавии хизмати шоиста, мукофотҳо таъсис намояд, кормандон ва шаҳрвандонро барои дастовардҳои бузург дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият бо онҳо сарфароз гардонад;

- тибқи тартиби муқарраргардида барои ҳалли масъалаҳои соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ташкилотҳои илмӣ, дигар ташкилотҳо, олимон ва мутахассисонро ҷалб намояд;

- мақомоти ҳамоҳангсозӣ, машваратӣ ва экспертӣ (шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳо), коллективҳои эҷодӣ ва меҳна-тиро барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои мушаххас дар соҳаи марбути салоҳияти Кумита таъсис диҳад;

- дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои системаи Кумитаро таъсис диҳад, аз нав ташкил ва барҳам диҳад, инчунии ҳаммуассиси марказҳо, муассисаҳо, таълимгоҳҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба ҳалли проблемаҳои ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва туризм нигаронида шудааст, бошад;

- тибқи тартиби муқарраргардида барои нашри санад-ҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва интишори иттилоот дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият, ҷойгиронии эълонҳои расмӣ, дигар мавод оид ба масъалаҳои марбути салоҳияги Кумита ва ташкилотҳои система нашрияҳо ва воситаҳои ахбори омма таъсис диҳад.

7. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ ҳуқуқ надорад функсияҳои назорат ва функсияи идораи амволи давлатиро анҷом диҳад, ба истисноии ҳолатҳое, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурим Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

Маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи сархати 1 ҳамин банд ба ваколатҳои Раис оид ба идораи амволи давлатӣ, ки ба Кумита

бо ҳуқуқи идораи оперативӣ дода шудааст, ҳалли масалаҳои кадрӣ ва масъалҳои ташкили фаъолияти Кумита татбиӣ намегардад.

Ҳангоми таизими ҳуқуқии фаъолият Кумита ҳуқуқ на-дорад функсия ва ваколатҳоеро муқаррар намояд, ки қо-нунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷ-роияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ху-дидоракунии маҳаллӣ пешбинӣ нанамудаанд, инчунин ҳуқуқ надорад нисбат ба татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ҳукуқи ташкилотҳои ҷайридавлатии тиҷоратӣ ва ғай-ритиҷоратӣ маҳдудият муқаррар намояд, ба истиснои ҳолатхое, ки имконпазирии муайян намудани чунин маҳ-дудиятҳо мутобиқи санадҳои мақомоти марказии ваколатдори ҳокимияти иҷроия мустақиман дар Конститутсияи (Сарқо-нуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳу-кумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

## III. Ташкили фаъолият

8. Кумитаро Раис роҳбарӣ менамояд, ки аз ҷониби Ҳуку-мати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Раис барои иҷрои ваколатҳои ба зиммаи Кумита гузош-ташуда ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқар-раргардидаи фаъолият масъулияти шахсӣ дорад.

Раис муовинон, аз ҷумла муовини аввал дорад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

Теъдоди муовинони Раисро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷи-кистон муқаррар менамояд.

9. Воҳидҳои сохтории Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайё-ҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раёсатҳо оид ба самтҳои асосии фаьолияти Кумита, шӯбаҳо ва бахшҳо иборат мебошанд. Ба таркиби раёсатҳо шӯъбаҳо ва бахшҳо шомиланд, ки тибқи тартиби муқарраргардида бо фармонҳои Раиси Кумита таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода ме-шаванд.

10. Раис:

- байни муовиноии худ вазнфаҳоро тақсим мекунад;

- низомномаи воҳидҳои сохтории Кумитаро тасдиқ менамояд;

- кормандони кумита ва воҳидҳои ташккилотҳои системаи Кумитаро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- тибқитартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ масъалаҳои вобаста ба адои хизмати давлатиро дар Кумита ҳал менамояд;

- сохтор ва ҷадвали штатии Кумитаро дар доираи фонди музди меҳнат ва шумораи кормандон, ки Ҳукумати Ҷум-ҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст ва сметаи хароҷоти нигаҳдошти Кумитаро дар доираи маблаҷгузорӣ ки барои давраи дахлдор дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ гардидааст, тасдиқ мекунанд;

- нақшаи кори ҳарсола ва нишондиҳандаҳои дурнамои фаъолияти ташкилотҳои системаи Кумита ва дигар ташкилотҳо, инчунин ҳисобот оид ба иҷрои онҳоро тасдиқ менамояд;

- бо пешниҳоди роҳбарон ташкилотҳои системаи Кумита лоиҳаҳои низомномаҳо, шумораи ниҳоии штатии ташкилотҳои система ва фонди музди меҳнати кормандони онро тасдиқ менамояд;

- ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистоп оид ба ташаккули буҷети ҷумҳуриявӣ дар қнсми таъмнни молиявии фаъолмяти Кумита ва ташкилотҳои системам Кумита пеш-ниҳод манзур медорад;

- дар доираи ваколаҳои муқарраргардида ба ташкилотҳо системаи Кумита супориш медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат мскунад;

- қарорҳои ташкилотҳои системаи Кумитаро, ки хилофи қонунгузорӣ мебошаид, агар қонун тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад, бекор мекунад;

- бо пешниҳоди роҳбарони ташкилотҳои системаи Кумита муовинони онҳоро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида кормандони Кумита, ташкилотҳои системаи Кумита, дигар шахсонеро, ки дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият корҳоро анҷом медиҳанд, барои сарфароз гардонидан бо унвонҳои фахрӣ ва мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷум-ҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташ дар ҳолати иҷро нагардидани вазифаю ӯҳдадориҳо, интизоми меҳлат метавонад нисбати кормандони Кумита ва ташкилотҳои системаи худ чораҳо андешад;

- санадҳои меъёрии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли фармоиш мебарорад ва вобаста ба масъалҳои оперативӣ ва дигар масъалаҳои ҷории Кумита бошад, фармонҳои дорои хусусияти ҷори меъёрӣ мебарорад.

11. Дар Кумита Ҳайати мушовара дар ҳайати Раиси Кумита (Раиси Ҳайати мушовара) муовинони он (аз рӯи вазифа) ташкил карда мешавад.

Ба Ҳайати мушовара метавонанд кормандони роҳбарикунандаи Кумитата, ташкилотҳои системаи Кумита, намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ва кӯдакон дохил шаванд.

Аъзои Ҳайати мушовара ба истисноиРаис ва муоаинони, ки мувофиқи вазифа дохил шудаанд, бо пешниҳоди Раиси Кумита аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

Ҳайати мушовара масъалаҳои муҳими вобаста ба фаъолияти Кумитаро барасӣ менамояд. Қарори Ҳайати мушовара бо қарор ба расмият дароварда мешавад.

12. Маблағгузории хароҷоти нигаҳдошти Кумита аз ҳи-соби маблаҷҳои дар буҷети ҷумҳуриявӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои махсус дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

13. Маблаҷгузории хароҷоти чорабиниҳои Кумита аз ҳисоби маблаҷҳои барномаҳои соҳавӣ ва маблаҷҳое, ки ҳар сол дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ мегарданд, анҷом дода мешавад.

14. Кумита шахси ҳуқуқи буда, дорои мӯҳр бо сабти Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ном бо забонҳои дав-латӣ ва русӣ, мӯҳр ва штампҳои намунаи муқарраргардида мебошад ва аз суритҳисоби ягонаи хазинадории Вазорати мо-лияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблаҷгузорӣ карда мешавад.

15. Сурочаи ҳуқуқии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 112 мебошад.

## СОХТОРИ

дастгоҳи марказии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Роҳбарият
Раёсати кор бо ҷавонон
Раёсати тарбияи ҷисмонӣ ва инкишофи варзиш
Раёсати рушди сайёҳи
Шӯъбаи муносибатҳои байналмилалӣ
Шӯъбаи молия ва ҳисобдорӣ
Шӯъбаи умумӣ ва назорат
Шӯъбаи кор бо кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ
Шӯъбаи ташкилӣ ва хоҷагидорӣ
Бахши иттилоотию таҳлилӣ

## НАҚШАИ

идоракунии Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастгоҳи марказӣ

Раёсатҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе

Шӯъбаҳо ва бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳру ноҳияҳо

## НОМГӮИ

**ташкилотҳои системаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон" ва "Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон"

Муассисаи давлатии "Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои гӯштин"

Муассисаи давлатии "Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои риштаҳои амалӣ"

Муассисаи давлатии "Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба варзиши сабук"

Муассисаи давлатии "Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба футбол"

Муассисаи давлатии "Мактаби махсус кӯдакону наврасон оид ба теннис"

Муассисаи давлатии "Мактаби махсуси кӯдакону нав-расон оид ба намудҳои зимистонаи варзиш"

Муассисаи давлатии "Мактаб-интернати таҳсилоти уму-мии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ ба номи Иброҳим Ҳа-санов"

Муассисаи давлатии "Маркази таъминоти варзишҳ"

Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии нақлиётӣ"

Муассисаи давлатии "Хонаи ҷумҳуриявии методӣ"

Муассисаи давлатии "Мактаби ҷумҳуриявии махсуси на-мудҳои варзиши обӣ

Муассисаи давлатии "Мактаби махсуси кӯдакону наврасон оид ба таэквон-до (ИТФ)

Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон "Ориёно"

Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии ит-тилоот ва тамоюли ҷавонон"

Корхонаи воҳиди давлатии "Варзишгоҳи марказии ҷум-ҳуриявӣ"

Корхонаи воҳиди давлатии "Сайёӣ"

Корхонаи воҳиди давлатии "Меҳмонхонаи "Варзиш"

Корхонаи воҳиди давлатии "Клуби соҳибкорони ҷавон"

Корхонаи воҳиди давлатии "Биржаи меҳнатии ҷавонон"

Корхонаҳои воҳиди давлатии марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо Идораи рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон"

## 28. Консепсияи
## рушди минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб

аз 11 марти соли 2000 № 95

### I. Муқаррароти умумӣ

Мавҷудияти нерӯи беҳамтои табиию истироҳати, ёдго-риҳои беназири фарҳангию таърихи қабл аз ҳама рушди ус-тувори

туризм ва истироҳати санаторию курортиро дар ҷум-ҳури муайян менамоянд.

Қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 1999 №373 "Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани ҳудуди ноҳияи Варзоб" барои дар киш-вар таҳким бахшидани раванди сулҳ, муваффақ шудан ба истиқрори сиёсию иктисоди, ризоияти миллӣ ва ягонаги дар ҷомеа инчунин саъю кӯшиш ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи инфраструктураҳои туризм ва истироҳати санаторию курорти, ҳифзи мероси бойи фарҳангию таърихии халқи тоҷик нигаронида шудааст.

Консепсияи рушди минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб татбиқи маҷмӯи тадбирҳои ташкили ва моддию техникиро пешбини мекунад ва барои ҳалли масъалаҳои зайл равона шудааст:

-муайян намудани самтҳои афзалиятноки туризм, исти-роҳати санаторию курорти бо дар назардошти иқтидори мавҷудаи ноҳия;

-анҷом додани таҳлили ҳолати маҷмӯии туристи ва санаторию-курорти, ба ҳисобгирии дахлдори онҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифода, муҳайё намудани иқлими мусоиди сармоягузори ҷиҳати ба ин соҳа ҷалбнамудани сармоягузорони ватанию хориҷӣ;

-ҳифзи муҳити зист, гузаронидани чорабиниҳои муҳофи-зати табиат, рушди туризми экологӣ;

-гузаронидани фаъолияти васеи рекламавию нашриёти вобаста ба таблиғи иқтидори туристии мавҷудаи таърихи, фар-ҳанги ва табии, ташкили маҳсулоти туристии миллии рақо-батпазир барои пешниҳоди минбаъдаи он дар бозори ҷаҳонии хизматрасонии туристӣ.

## II. Вазифаҳо, мақсад ва принципҳои татбиқи консепсия

Мақсади асосии таъсиси минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб ин беҳтар намудани шароитҳои мусоиди зисти иҷтимоию иқтисоди, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии минтақа, дар амал татбиқ намудани технологияи иқтисодии пурсамар, ташкили инфраструктураи пуриқтидор, ки ба стан-дарти ҷаҳони ҷавобгӯй бошад, ҳифзи муҳити зист, нигоҳ дош-

тани мероси бойи фарҳангию таърихи ва табдил додани соҳаи мазкур ба қисми даромадноки буҷети ҷумҳури мебошад,

Мақсади асосии Консепсияи рушди минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб аз инҳо иборат аст:

-рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии минтақа;

-ҳифзи мероси табии ва фарҳангию таърихӣ;

-эҳёи туризми хориҷи ва барқарорсозии инфраструктураи мавҷуда;

-баланд бардоштани усулҳои идоракуни бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо байни субъектони хоҷагидории комплексҳои туристи ва санаторию курортии дар ҳудуди ноҳия амал-кунанда;

-таъмини назорати дахлдор, ҳамчунин амнияти шаҳрвандони ҷумҳури ва давлатҳои хориҷие, ки ҳам дар хатти сайри ноҳия ва ҳам дар истироҳати санаторию курорти мебошанд;

-таблиғи захираҳои табии, фарҳангию таърихи за туристии минтақа дар ярмаркаҳои байналхалқии туристи ва ғайра.

Татбиқи Консепсиви рушди минтақаи истароҳат ва туризм ба принсипҳои зерин асос меёбад:

-риояи ҳуқуқи башар барои рафту омади озод дар ҷараёни сайёҳат ва сайру гашти бемаҳдудият, ба истиснои он маҳдудиятҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини шудаанд;

-кафолати амният ва мухофизати сайёҳон, инчунин истироҳаткунандагон;

-таъмини сифатноки хизматрасониҳо;

-мувофиқгардонии манфиатҳои аҳолии маҳалли, Ҳукумати ноҳияи Варзоб, субъекти хоҷагидори, фаъолияти туристи ва санаторию курорти, сармоягузорони ватанию хориҷӣ.

## III. Марҳилаҳои ташаккул ва рушди минтақаи истироҳат ва туризм

Мутобиқи Консепсияи мазкур стратегияи рушди маҷмӯи тадбирҳои ичтимоию иқтисоди оид ба рушди минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб, бо дар назардошти заминаҳои мавҷудаи моддию техники, инфраструктураи туризм ва истироҳати саниторию курорти барои давраи солҳои 2000 то 2010 пешбини шудааст ва дар ду марҳила анҷом дода мешавад.

Марҳилаи аввал - солҳои 2000 то2005 ва дар ин давра ҳалли масъалаҳои зерин ба нақша гирифта мешавад:

1) таҳлили ҳолати маҷмӯаҳои туристи ва санаторию курорти, хонаҳои истироҳатие, ки дар худуди ноҳия мавҷуд мебошанд, ҷиҳати баҳисобгирии дахлдори онҳо, муайян намудани самаранокии истифода вобаста ба ташкилот, таҳияи биз-нес нақшаҳо оид ба ҷалби сармояҳои ватанию хориҷӣ;

2) аз ҳисоби маблағҳои хусуси барқарор, намудани ин-шооти истироҳати, табобати ва туризм, фурӯши баъзе аз онҳо дар музояда ҷиҳати ҷалби инвесторҳои нав ва баланд бар-доштани самаранокии истифодаи онҳо;

3) муайян намудани самтҳои афзалиятноки туризм ва истироҳати санаторию курорти барои ташаккули миибаъдаи маҳсулоти ягонаи туристи ва пешниҳоди он дар бозори умумиҷаҳонии хизматрасониҳои туристӣ;

4) ҳавасманд намудани соҳибкори дар соҳаи туризм ва истироҳати санаторию курорти, муҳайё намудани иқлими мусоиди, сармоягузорӣ;

5) таҳияи лоиҳаҳои дахлдори инвеститсиони барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ, имконоти ташкилотҳои байналхалқии ғайридавлати дар рушд ва пешрафти инфраструктураҳои туризм ва истироҳати табобатию санаторӣ ва курортӣ;

6) таҳияи фаъолияти рекламавию нашриёти (чопи буклет, китобчаҳое, ки нерӯи туристи ва санатории курортҳоро инъикос мекунанд), аз ҷумла ташкили барномаҳои телевизион ва радио, ки барои таблиғи имкониятҳои мавҷуда равона шу-даанд, ҳамчунин ҷиҳати ҷалби теъдоди зиёди истироҳат-кунандагон ва сайёҳон аз ҳисоби шаҳрвандони ҷумҳури ва мамлакатҳои хориҷӣ;

7) гузаронидани экспедитсияҳои илмию тадқиқоти ҷиҳати ҷустуҷӯ ва муқаррар намудани асарҳои таърихию фарҳанги ва бостоншиноси барои минбаъд ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ташкилотҳои байналхалқии дахлдор ва наворбардорони сайёҳӣ хориҷӣ;

8) ташкили туризми анҷумани, банақшагири ва ба ин муносибат гузаронидани симпозиумҳо, конференсияҳо, чорабиниҳои мухталифи варзишии ҷумҳурияви дар сатҳи байналхалқӣ;

9) ҳалли масъалаҳои вобаста ба таъмини назоратва ам-нияти туристҳо ва истироҳаткунандагоне, ки дар ҳудуди ноҳия мавҷуд мебошанд, ҳангоми рафту омади озод ва дар маҳалли истиқомат;

10) ҳифзи муҳити зист, татбиқи чорабиниҳои муҳофизати табиат оид ба барқарорсозии меъёри экологии ноҳия, таъсиси паркҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳо бо мақсади парвариш ва такрор истеҳсоли намудҳои нодири наботот ва ҳайвонот;

11) ҷустуҷу ва ҷалби сармояҳои ватанию хориҷӣ барои барқарорсозии минбаъдаи базаҳои лижатози дар шаҳраки Такоб ва лагери кӯҳнавардии "Варзоб";

12) ташкили корҳо оид ба беҳдошти сифатнокии инфра-структураҳое, ки дар назди роҳҳои мошингард мавҷуд мебошанд, ҳамчунин нақлиёти ҷамъиятӣ, нуқтаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии тиббӣ, алоқаи телефонии байналхалқӣ;

13) таъсиси осорхонаи кишваршиноси, ки ҳаёти ба худ хо-сиаҳолии маҳаллӣ, таърихи минтақаҳо, инчунин марказҳои ҳунарҳои халқиро инъикос мекунад;

14) ташкили клубҳо вобаста ба шавқу рағбат ва ки-тобхонаҳо бо фонди зарурии китобҳо;

15) дар заминаи яке аз иншооти маҷмӯаи туристи, ки дар минтақаи истироҳат ва туризм ҷойгир аст, ташкил намудани маркази тарбияи кадрҳо ва мутахассисони соҳаи мазкур барои ҷалби ҷавонон.

Марҳилаи дуюм солҳои 2005 ва 2010 ва дар ин давра чорабиниҳои асоси оид ба татбиқи Консепсия барои ҳалли масъалаҳои зерин равона карда мешаванд:

1) ҷустуҷуи инвесторҳои имконпазири ватани ва хориҷи барои сохтмони меҳмонхонаҳо, мотелҳо, паногоҳҳои кӯҳӣ, марказҳои фарҳангию фароғат (аквапарк, мамнӯъгоҳҳои миллӣ), инчунин аз нав созии осоишгоҳи "Хоҷаобигарм";

2) сохтмони иншооти варзиши барои гузаронидани мусо-биқаҳо дар сатҳҳои мухталиф, аз ҷумла чорабиниҳои фар-ҳангию ҳаваскорӣ;

3) гузаронидани рекламаҳои зарурӣ, ки вобаста ба марҳи-лаи феълии инфраструктураҳои туризм, истироҳат ва табобати санаторию курортӣ офарида шуданд.

## IV. Маблағгузории минтақаи истироҳат ва туризм
V.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар ҳудуди ноҳияи Варзоб ташкил намудани минтақаи истироҳату туризм ва рушди минбаъдаи он манбаъҳои маблағгузори инҳо мебошанд:

-маблағҳои буҷети маҳаллӣ;

-фаъолияти хоҷагию туристии моликони маҷмӯаҳои туристӣ, санаторию курортӣ, инчунин хонаҳои истироҳатӣ;

-кредити бонкҳо, инвеститсияҳои давлатӣ ва хориҷӣ.

## VI. Асосҳои ташкилии рушди минтақаҳои истироҳат ва туризм

Татбиқи Консепсияи мазкур мутобиқи Низомномаи мАқоми минтақаи истироҳат ва туризм, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, дар доираи Барномаи маҷмӯи рушди минтақаи мазкур анҷом дода мешавад.

## 29. Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019
аз 2 апрели соли 2009, № 202

Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 (минбаъд Консепсия) барои фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ ҷиҳати ташаккули саноати муосири туристӣ равона гардидааст.

Мафҳуми туризм дар Консепсия сафари муваққатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандиро аз маҳали зисти доимӣ бо мақсадҳои сиҳатӣ, маърифатӣ, касбӣ, варзишӣ, динӣ, тиҷоратӣ вадигар мақсадҳо, бидуни машғул шудан ба фаъолияти музднок дар кишвари буду боши муваққатӣ ифода мекунад.

## I. Иқтисоди ҷаҳонӣ ва туризм

Саноати туристии замони муосир яке аз соҳаҳои рушд ёбанда ва сердаромади иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад.

Омори Ташкилоти Умумиҷаҳонии Туристии Созмони Милали Муттаҳид ва баъзе институтҳои байналмилалии молиявӣ шаҳодат медиҳанд, ки туризм аз соли 1998 дар содироти ҷаҳонии мол ва хизматрасонӣ ба ҷои аввал баромада (532 млрд доллари амрикоӣ, ё 7,9 фоиз аз 6,738 триллион доллари амрикоии ҳаҷми умумӣ), аз саноати мошинбарорӣ (7,8%), истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ (7,5%), маҳсулоти хӯроквории (6,6%), саноати компютерию таҷҳизоти идоравӣ (5,9%) ва сӯзишворӣ (5,1%) пеш гузаштааст.

Шумораи ҷойҳои корӣ дар соҳаи туризм тақрибан 200 млн. ё бешаз 8%-и нишондиҳандаҳои умумии шуғли аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Суръати миёнаи рушди туризм дар солҳои 1950-1999 дар як сол 7%-ро ташкил дод, ки дар маҷмӯъ аз суръати миёнаи солонаи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ зиёдтар мебошад. Мувофиқи дурнамои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Туристии Созмони Ми-лали Муттаҳид дар даҳсолаҳои наздик суръати рушди туризм нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамин тариқ, то соли 2020 шумораи ташрифҳои байналмилалии туристӣ нисбат ба 2000 сол бояд 2,2 маротиба афзоиш ёбад (аз 698 миллион то 1,561 миллиард сафарҳои туристӣ).

Даромадҳо аз туризм бошад, дар сатҳи ҷаҳонӣ бояд ба ҳаҷми 4,2 маротиба афзун гарданд (аз 476 млрд. то 2 трлн. доллари амрикоӣ).

## II. Вазъи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бозори ҷаҳонии туристӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз иқтидори зарурӣ мавқеи на он қадар намоёнро ишғол менамояд ва мутобиқан ба ҳиссаи кишвар қисмати ками гардиши туризми ҷаҳонӣ рост меояд.

Тибқи нишондиҳандаҳои омории бозори туристӣ, дар давраи солҳои 2000 то 2008 дар ҷумҳурӣ тамоюли устувори баландшавии гардиши туристӣ ба назар мерасад (дар соли 2008 зиёда аз 450 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ ба кишвар ташриф овардааст), ки ба он пеш аз ҳама вазъи мӯътадили сиёсати дохилӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити таҳияи маводи туристии миллӣ дар заминаи ёдгориҳои нодири осори фарҳангию таърихӣ ва хусусиятҳои табиию рекреатсионии ҷум-ҳурӣ ва пешравии самараноки он ба бозори ҷаҳонии хиз-матрасонии туристӣ, воридшавии бештари туристони хориҷӣ ба Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

Бинобар ҳамин бо сифат ташкил намудани чорабиниҳои тарғиботӣ оид ба ҷалби туристони хориҷӣ ва васеъ намудани арзҳои меҳмоннавозӣ барои мустаҳкам кардани имиҷи ҷумҳурӣ ҳамчун кишвари туризми байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Самтҳои зерини туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун афзалиятнок арзёбӣ мегарданд:

-туризми табобати санаторию курортӣ ва истироҳатӣ;

-кӯҳнавардӣ, туризми варзиши кӯҳӣ ва экологӣ;

-туризми таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ;

-туризми касбӣ;

-рафтинг (қаиқронӣ дар дарёҳои кӯҳӣ);

-варзиши лижатозии кӯҳӣ;

-шикори туристии хориҷӣ.

Омори туризми воридотӣ дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба хусусиятҳои табиию рекреатсионии кишвар аз ҷониби туристони хориҷӣ афзалият ба навъҳои туризми экологӣ, варзиши кӯҳӣ ва экстремали дода мешавад. Бинобар ин лозим аст, ки кори самараноки хадамоти махсуси наҷотдиҳӣ дар сохтори давлатии ҳолатҳои фавқулодда ба роҳ монда шавад.

Ба рушди минбаъдаи туризми экологӣ дар Тоҷикистон имконоти ҳудудҳои махсуси ҳифзшавандаи табиӣ, ки беш аз 22%-и қаламрави Тоҷикистонро дар бар мегиранд, мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, "Боҷи миллии Тоҷикистон", ки дорои экосистемаҳои нодири табиӣ ва ҳайвоноту набототи гуногуни ҷолиби диққати туристони хориҷӣ мебошад.

Иншооти самти санаторию курортӣ ва миқдори зиёди минтақаҳои истироҳатии хусусии кишвар барои ташкили истироҳат ва муолиҷаи туристони дохилию хориҷӣ заминаи хуб фароҳам меоваранд.

Вусъат бахшидан ба рушди туризми дохилӣ дар баробари таъсири мусбии он ба ҳифзи иҷтимоӣ (шуғли аҳолӣ) барои ҷалби маблағгузориҳои ватанию хориҷӣ ба инфрасохтори туристӣ низ мусоидат менамояд.

Барои рушди туризми воридотӣ ҷумҳурӣ дорои чор фурӯдгоҳи байналмилалӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Кӯлоб мебошад, ки дар заминаи онҳо ҳамасола ҳаҷми парвозҳои байналмилалӣ ба кишварҳои гуногун васеъ гардида истодааст.

Доир ба роҳҳои алтернативӣ қайд кардан лозим аст, ки дар қаламрави кишвар аз шарқ ба ғарб се шохаи роҳи оҳан мегузарад, роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ бошанд, ҳамчун пайвандгари минтақаҳои кишвар бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин, барои эҳёи туризми "Шоҳроҳи Бузурги Абрешим" заминагузорӣ менамоянд.

Мувофиқи баҳогузории коршиносони созмонҳои байналмилалие, ки дар самти туристии ҷумҳуриямон фаъолият доранд ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои мададгори рушди туризми Тоҷикистон, дар шароити ба сатҳи муносиб баро-вардани саноати туризм, ҷумҳурӣ имкон дорад, ҳар сол то як миллион туристони хориҷиро қабул намояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 100 иншооти туристии дорои ҷанбаҳои санаторию курортӣ бо назардошти меҳмонхонаҳо амал менамоянд, ки сатҳи фаъ-олияти аксари онҳо ба талаботи ташкили хизматрасонии муосир ҷавобгӯ намебошанд.

Таҳлили вазъи кунунии туризми воридотӣ ва дохилии ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмӯъ сатҳ ва сифатн ҷараёни рушди ин симтҳо беҳбудиро талаб менамояд.

Омори туризми воридотии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки шумораи асосии туристони хориҷии мин-тақа ба дӯши давлатҳои ҳамсоя рост меояд. Ин аз нокифоя бу-дани тадбирҳои маркетингӣ ва таблиғотию иттилоотӣ, ин-чунин корҳои ташкилию техникӣ ва ҳуқуқӣ оид ба рушди ту-ризми байналмилалӣ дар кишвар гувоҳӣ медиҳад (дурнамои афзоиши солонаи воридшавии туристон тақрибан 3% дар назар гирифта шудааст).

Дар ҷумҳурӣ сарфи назар аз самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат эълон гаштани соҳаи туризм, то ҳанӯз механизми ҳамоҳангсозии самараноки байни идоравӣ ба роҳ монда нашудааст.

Айни замон сиёсати давлатиро дар соҳаи туризм Кумитаи ҷавонон, варзишва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон татбиқ менамояд, вале минтақаҳои асосии туристӣ ва ҳудудҳои табиию рекреатсионӣ ба сохторҳои мухталифи давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ мансубият до-ранд.

Вазорату идораҳо, иттифоқ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ, ки аз давраи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ соҳибмулкони иншооти туристӣ маҳсуб меёбанд, бо мақсади ҳифзи манфиати идоравии худ ба масъалаҳои рушди соҳаи туризм таваҷҷӯҳӣ зарурӣ зоҳир наменамоянд.

Бинобар ҳамин ҳам барои самаранок татбиқ намудани мақсадҳои давлат дар самти мазкур зарур аст, ки дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳкими заминаи моддию техникии соҳаи туризм ва самаранок истифода наму-дани иншооти самти туристии тобеъи вазорату идораҳо ва Фе-дератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон пеш-ниҳодҳои мушаххас таҳия шаванд.

Таҳлили маҷмӯи ивазъи соҳа шаҳодат медиҳад, ки асосан омилҳои зерин рушди минбаъдаи туризмро дар ҷумҳурӣ боз медоранд:

-мавҷуд набудани таблиғоти давлатии ғайри тиҷоратии имкониятҳои туристии кишвар ва вобаста ба ин фаъолияти нокифояи таблиғотию иттилоотӣ оид ба пешравии маҳсулоти миллии туристӣ дар бозори ҷаҳонии хизматрасонин туристӣ;

-номукаммал будани тартиби амалкунандаи дастгирии раводидии кишвар, бақайдгирӣ ва боздид аз минтақаҳои назди сарҳадии ҷумҳурӣ барои шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ;

-низоми номукаммали ташкили туризми воридотӣ ва дохилӣ дар кишвар, сатҳи пасти менеҷмент ҳам дар саноати туристӣ ва ҳам дар соҳаҳои ба он омехта;

-ба талаботи замон мувофиқ набудани инфрасохтори миллии туристӣ ва фарсудашавии заминаи моддию техникии мавҷуда, миқдори ками меҳмонхонаҳои дараҷаи миёнаи дорои сатҳи муосири истироҳат, инчунин мувофиқат накардани нарх ва сифати хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳои амалкунанда ва иншооти қабул;

-теъдоди маҳдуди хатсайрҳои байналмилалии ҳавопаймоӣ ба кишвар;

-низоми номукаммали ташкили корҳои фаврии наҷотдиҳӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои экстремалии туризм;

-заминаи сусти моддию техникӣ барои пешбурди фаъолияти таълимии соҳа.

## III. Мақсад ва вазифаҳои асосии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Максади асосии сиёсати давлати дар соҳаи туризм ин таъмин намудани шароитҳои мусоиди ҳукуқӣ барои ташкили фаъолияти самарабахши субъектҳои фаъолияти туристӣ ва дар ин замина таъсиси бозори самаранок ва рақобатпазири туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имконотро барои қонеъгардонии талаботи шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасониҳои мухталиф ва сифатноки соҳа таъмин намояд.

Ташаккули стратегияи муосири маркетингӣ ҷиҳати таҳия ва пешбурди минбаъдаи маҳсулоти туристӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар асоси бренди миллӣ вазифаи асосӣ барои рушди туризми ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Барои татбиқи мақсад ва вазифаҳои зикршуда, инчунин таъмини рушди устувори соҳаи туризм пешбинӣ намудани чунин тадбирҳо зарур аст.

### 3.1. Оид ба беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори туристии миллӣ ва ноил шудан ба сатҳи муосири фаъолияти онҳо

Бо мақсади муайян намудани ҳолати инфрасохтори туристӣ зимни фарогирии тамоми иншооти бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ (меҳмонхонаҳо, минтақаҳои истироҳатӣ, осоишгоҳҳо, кемпингҳо), анҷом додани таҳлилҳои маҷмӯи доир ба самаранокии кор ва мувофиқат кардани ташкилифаъолияти онҳо ба тала-боти меъёрию ҳуқуқии соҳаи туризм зарур мебошад.

Дар заминаи маълумоти дастрас шуда аз ҷониби сохторҳои дахлдори давлатӣ пешбинӣ намудани тадбирҳои зерин зарур аст:

-таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба беҳсозӣ ва такмили инфрасохтори туристӣ;

-идома додани корҳо ҷиҳати таъмини шароитҳои мусоиди сармоягузорӣ барои ширкатҳои дохилӣ ва хориҷие, ки ба рушди инфрасохтори туристии кишвар маблағгузорӣ мена-моянд;

-доир намудани чорабиниҳои ташкилию техникӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди тиҷорати меҳмонхонаҳо ва дигар инфрасохтори туристӣ;

-таҳия ва қабул намудани санадҳои нави меъёрӣ оид ба стандартикунонӣ ва сертификатсиякунонии хизматрасонӣ дар тиҷорати меҳмонхонаҳо, ки аз он ҷумла, классификатсияи меҳмонхонаҳоро дар бар гирад.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати инфрасохтори ту-ристии давлатӣ ва ҷамъиятиро дар бобати истифодаи сама-раноки онҳо аз ҷониби соҳибмулкон таҳлил намояд. Дар ин асос, санадҳои дахлдорро оид ба тағйири шакли моликияти ин-шооти дорои характери туристӣ, бо мақсади ҷалби манфиатҳои ҳарчи бештар дар заминаи хизматрасонӣ ба онҳо таҳия ва қабул намояд.

Ба сифати иншооти муҳим оид ба рушди туризм дар ҷумҳурӣ баҳисоб мераванд:

-осоишгоҳи "Хоҷа Оби Гарм", воқеъ дар ноҳияи Варзоб;

-базаи кӯҳнавардии "Варзоб", воқеъ дар ноҳияи Варзоб;

-базаи туристии "Артуч", воқеъ дар ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд;

-базаи туристии "Искандаркул", воқеъ дар ноҳияи Айни вилояти Суғд;

-базаи туристии "Баҳри тоҷик", воқеъ дар шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд;

-қароргоҳи кӯҳнавардии "Варзоб", воқеъ дар шаҳраки Лучоби ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе;

-майдончаи назди пиряхи "Москвин" воқеъ дар ноҳияи Ҷиргатол;

-инфрасохтори қабул дар назди шар шараи деҳаи Пушти боғ, воқеъ дар ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон;

-минтақаи истироҳатии "Чашмаи ҷӯшон", воқеъ дар ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон, ва дигар иншооти давлатии самти туристӣ.

Бо мақсади васеъ намудани инфрасохтори қабули ту-ристони ватанӣ ва хориҷӣ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва хари-тасозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо мақоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи туризм оид ба бунёди инфрасохтори нави туристӣ дар мин-тақаҳо мунтазам пешниҳодҳо таҳия карда шаванд.

### 3.2. Оид ба беҳсозии низоми ташкили туризми воридотӣ ва дохилӣ ва таъмини хизматрасонии босифат дар бахшҳои саноати туристӣ

Бо мақсади ҳавасмандкунии субъектҳои фаъолияти туристӣ барои рушди туризми воридотӣ ва дохилӣ зарур аст:

-пешниҳодҳо оид ба соддакунии низоми андозбандӣ дар соҳаи туризм бо назардошти пастшавии меъёри андозҳо аз даромад ва андоз азарзиши иловашуда барои ташкилдиҳандагони туризми воридотӣ ва дохилӣ таҳия карда шаванд;

-Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ имконоти содда ва такмил додани сиёсати раводидиро мавриди омӯзиш қарор диҳад;

-бо мақсади бурдани ҳисоби дақиқи шаҳрвандони хориҷие, ки ба ҷумҳурӣ ба сифати турист меоянд, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба мақоми ваколатдори соҳаи туризм барои таҳия ва ҷорӣ намудани реестри воридоти туристони хориҷӣ мусоидат намояд;

-Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (КВДҲ "Тоҷик Эйр") бо мақсади расонидани кӯмаки саривақтӣ ҳангоми ташкили чорабиниҳо дар самти туризми варзиши кӯҳӣ, туризми экологӣ ва навъҳои экстремалии туризм (треккинг, велотурҳо, рафтинг, ҷиптурҳо, шикори хориҷӣ ва дигарҳо), инчунин ҳангоми доир намудани экспедитсияҳои байналмилалии кӯҳнавардӣ, низоми самарабахши корҳои наҷотдиҳиро дар шароити ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулодда таҳия ва таъмин намоянд.

-Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (КВДҲ "Тоҷик Эйр") барои зиёд гаштани парвозҳои байналмилалии ҳавопаймоҳ ба кишвар шароитҳои мусоидро фароҳам оварад.

### 3.3. Оид ба таъмини фаъолияти пурсамари таблиғотию иттилоотӣ барои пешравии маҳсулоти туристии миллӣ дар бозори берунаи хизматрасонӣ

Банизомдарории корҳои таблиғотию иттилоотии ғайри-тиҷоратии давлатӣ барои пешравии маҳсулоти туристии миллӣ дар бозори беруна ҳамчун омили муайянкунанда дар таъмини воридшавии мунтазами туристони хориҷӣ ба кишвар арзёбӣ мегардад.

Бо ин мақсад ба сифати вазифаҳои аввалиндараҷа зарур аст:

-мақоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи туризм дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо барои таъсиси маҳсулоти сифатноки таблиғотию иттилоотӣ оид ба туризм, азон ҷумла нашри маҷаллаҳои туристӣ, харитаҳои туристӣ, сабти видеофилмҳо, таҳияи сайти интернетии инъикоскунандаи иқтидор ва шароитҳои хизматрасонии туристӣ, буклетҳои махсус доир ба минтақаҳои туристии ҷумҳурӣ, инчунин овезон кардани банерҳои таблиғотии соҳа мунтазам тадбирҳо андешанд;

-Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи барномаҳои телевизионӣ ва радиоиро доир ба туризми воридотӣ ва дохилӣ, инчунин ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи фарҳанги меҳмоннавозии аҳолӣ, мунтазам таҳия ва татбиқ намояд;

-мақоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи туризм дар якҷоягӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои таблиғотиро дар воситаҳои ахбори омма оид ба захираҳои туристии кишвар таҳия ва татбиқ намояд;

-дар намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар гӯшаҳои махсус ва саҳифа дар сайти интернетии онҳо бо инъикоси иқтидори туристии ҷумҳурӣ ташкил карда шавад;

-мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо мақсади тарғиби захираҳои туристии ҳудудҳои воҳидҳои маъмурӣи худ барои рӯзноманигорони дохилию хориҷӣ сафарҳои шиносоӣ (пресс-турҳо) ташкил намоянд;

-барои такмили заминаи моддию техникӣ ва таълимии соҳаи туризм Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақоми давлатии идоракунӣ дар соҳаи туризм, низоми

замонавии тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳоро бо назардошти таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ ташкил намояд.

## 3.4. Оид ба таъмини маблағгузории давлатӣ ва тадбирҳо барои ҷалби сармояҳо ба соҳаи туризм

Яке аз масъалаҳои асосии таъмини рушди минбаъдаи соҳаи туризм мушкилоти маблағгузорӣ ва муҳайё кардани ша-роитҳои мусоид барои ҷалб намудани сармояҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо зарур аст:

-мақоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи туризм дар ҳам-корӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи мА-ҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо таҳия ва қабули барномаҳои мақсаднок барои таблиғоти давлатии ғайри тиҷоратӣ, иштирок дар чорабиниҳои байналмилалии туристӣ, таъсиси инфрасохтори туристӣ, инчунин тайёр кардани мутахассисони соҳа ҳисса гузоранд.

-мақоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи туризм дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо лоиҳаҳои сармоягузориро дар соҳаи туризм таҳия ва пешбарӣ намоянд;

-мақоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи туризм дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор имконияти паст кардани меъёри андози фаъолияти туристиро дар самтҳои туризми воридотӣ ва дохилӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд;

-бо мақсади ғанӣ гардонидани буҷети ҷумҳурӣ аз исти-фодаи самараноки самтҳои даромадноки туристӣ, масъалаҳои танзими давлатӣ дар самтҳои:

а) гузаронидани шикори хориҷӣ дар қисмати пешниҳоди хизматрасонии туристӣ;

б) чорабиниҳои кӯҳнавардӣ ва кӯҳию варзишӣ, ба зиммаи мақоми давлатии идоракунӣ дар соҳаи туризм вогузор карда шаванд.

## 3.5. Оид ба таъмини ҳамоҳангсозии байни идоравии масъалаҳои туристӣ

Мустаҳкам намудан ва инкишоф додани ҳамоҳангсозии байни идоравӣ дар масъалаҳои марбут ба соҳаи туризм талаб менамояд:

-дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои байни идоравӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва ҳалли масъалаҳои соҳаи ту-ризм ташкил карда шавад;

-вазорату идораҳои давлатӣ дар масъалаҳои марбут ба соҳаи туризм ба мақоми давлатии идоракунӣ дар соҳаи туризм мусоидат намоянд.

## 4. Хулоса

Татбиқи амалии вазифаҳои Консепсияи мазкур бо роҳи барномаҳои мақсадноки миёна мӯҳлат амалӣ гашта, метавонад истифодаи бештар самарабахши захираҳои инсонӣ, табиию рекреатсионӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва техникиро барои рушди минбаъдаи саноати туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

Дар шароити рушди туризми воридотӣ ва дохилии ҷумҳурӣ ба иқтисодиёти кишварамон маблағҳои иловагӣ ворид гашта, бо назардошти омехта будани соҳа бо дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбӣ хоҳанд расонд.

Омили муайянкунанда дар ҷараёни татбиқи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 мавқеи фаъол ва касбии роҳбарияти мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусие, ки фаъолияти онҳо ба масъалаҳои соҳаи туризм вобастагӣ дорад, ба ҳисоб меравад.

## 30. Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014

аз 28 майи соли 2009, № 299

### I. Муқаддима

Туризм ҳамчун яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисодиёт барои суръати баланди рушди худ, феномени иқтисодии садсола эътироф гаштааст.

Дар бисёри мамлакатҳо туризм дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, фаъолнокии тавозуни савдои беруна, таъмини шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ нақши арзанда бозида, ба соҳаҳои асосии иқтисодиёт ба мисли нақлиёт ва коммуникатсия, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, фарҳанг, санъат, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум ва дигарҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва дорои захираҳои табиию рекреатсионие мебошад, ки барои рушди ҳам туризми дохилӣ ва ҳам қабули сайёҳони хориҷӣ мусоидат менамоянд. Омилҳои зикршударо ба инобат гирифта, соҳаи туризми ҷумҳурӣ самти афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ эълон гаштааст.

Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 (минбаъд Барнома) стратегия, самтҳои асосӣ, афзалиятҳо, вазифаҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи туризм дар давраи миёнамӯҳлат муайян менамояд.

Дар доираи Барнома аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми туризми воридотӣ ва дохилӣ амалигардонии тадбирҳо баҳри ташаккули саноати рақобатпазири туристӣ пешбинӣ шудааст.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи Барнома:

-таъсиси механизми самараноки танзими давлатӣ ва дастгирии туризм;

-ташаккули стратегияи маркетингҳо оид ба таҳия ва пешрафти минбаъдаи маҳсулоти туристии миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва беруна;

-ташаккули имиҷи ҷолиби туристии кишвар;

-рушди ҳамкории байналмилалӣ;

-такмили омор.

Нақши муҳим дар ин ҷараён ба ташкилотҳои туристии ҷумҳурӣ вогузор карда шудааст. Субъектҳои хоҷагидори соҳаи туризм вобаста ба рушди худ ҳамкориро бо ҳамкасбони зиёда аз 20 ҷаҳон ба роҳ мондаанд.

## II. Таҳлили вазъи замонавии рушди туризм

Сиёсати дарҳои кушодаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тадбирҳое, ки баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва мустаҳкам намудани имиҷи кишвар ҳамчун маркази баргузории чорабинҳо ва вохӯриҳои байналмилалии сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ равона шудаанд, дар маҷмӯъ ба тамо-ми намудҳои нишондиҳандаҳои туризм таъсири мусбӣ расо-нидаанд (дохилӣ, содиротӣ ва воридотӣ).

Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки дар соли 2008 ба кишвари мо ташриф овардаанд, аз 500 ҳазор нафар гузаштааст, ки ин нишондод дар соли 2003 130 ҳазор нафарро ташкил медод. Бобати сафари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷа бо мақсади туризм (ба воситаи ташкилотҳои туристӣ) нишон-диҳандаи омории соли 2008 20 851 нафарро нишон медиҳад, ки ин рақам дар соли 2003 11 519 нафарро дар бар мегирифт. Ҳаҷ-ми туризми дохилӣ дар соли 2008 ба 1 миллиону 53 нафар раси-дааст, ки ин нисбат ба соли 2003 2 маротиба зиёд аст.

Таҳлили маълумоти омории дастрасшуда аз васеъ гаштани ҷуғрофияи туризми воридотӣ шаҳодат медиҳад: 94 мамлакат дар соли 2008 муқобили 60 мамлакат дар соли 2003. Шумораи зиёди шаҳрвандони хориҷӣ ба кишвари мо бо мақсадҳои шахсӣ, расмӣ ва касбӣ ташриф меоранд, қисмати боқимонда бошад бо даъвати шиносу ақрабо ва мақсадҳои тиҷоратию туристӣ ворид мешаванд.

Дар доираи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба сода кардани тартиби воридоти шаҳрвандони хориҷӣ ба кишвар ва бартараф намудани монеаҳои сунъии маъмурӣ барои будубоши мукаммали туристон дар ҳудуди ҷумҳурӣ, барномаҳои ҷалби гурӯҳҳои нави туристӣ таҳия гашта истодаанд. Инчунин, чорабиниҳои тарҷиботию иттилоотӣ оид ба пешрафти маҳсулоти туристии ҷумҳурӣ ба бозорҳои байналмилалӣ, бо назардошти афзалияти дӯстдорони ҷаҳонии

саёҳат аз дидани хусусиятҳои табиию рекреатсионӣ (маҳалҳои кӯҳӣ, мавзеъҳои экологӣ ва мамнӯъ), бе таваҷҷӯҳ намондаанд.

Аз соли 2008 ин ҷониб намояндагони соҳаи туризм бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи имкониятҳои худ дар намоишгоҳ ва ярмаркаҳои калонтарини байналмилалӣ, ки дар шаҳрҳои Берлин (Германия), Токио (Япония) ва Тошкент (Ӯзбекистон) баргузор мегарданд, иштирок намуда, сифати маҳсулоти тарғиботию иттилоотии худро баланд бардошта истодаанд.

Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хо-риҷӣ васеъ гашта истодааст. Айни замон дар соҳаи туризм 12 созишнома амал менамояд.

Тибқи баҳогузории коршиносони Ташкилоти Умумиҷаҳонии Туристӣ бартарияти рақобатнокии Тоҷикистон, дар фарҳанги нодир (туризми фарҳангию маърифатӣ), иқтидори бойи табиӣ (туризми экологӣ), фаъолнокии корӣ (туризми корӣ), инчунин имкониятҳои машғулият бо намудҳои фаъоли истироҳат ба мисли туризми варзишӣ ва экстремалӣ мебошад.

Мавқеи хоса дар рушди туризми кишвар ба ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда ҷудо карда шудааст. Таҷрибаи мам-лакатҳои хориҷа нишон медиҳад, ки туристони ба боҷҳои миллӣ ташриф меоваранд (масалан  Кения, Америка ва Хитой), ҳамасола то як миллион доллари амрикоӣ хароҷот менамоянд. Ба боғҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳо иҷозат додашудааст, ки мустақиман аз ҳисоби фурӯши маҳсулот ва хизматрасонии пулакӣ маблағ даромад намоянд. Воситаҳои молиявие, ки боғҳои миллӣ ба даст меоваранд, барои рушди онҳо ва доир на-мудани чорабиниҳои ҳифз ва барқарорсозии табиат истифода карда мешаванд.

Ҳамзамон таъсири шиддати бӯҳрони ҷаҳонии молиявиро ба фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла туризм ба инобат гирифта, дастгирии давлатии соҳаи туризм дар ҷодаи маблағгузории тадбирҳо оид ба тарғиботи ғайритиҷоратии соҳа моҳияти муҳим пайдо менамояд.

Роҳнамо, буклетва дигар маҳсулоти тарҷиботию иттилоотие, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи туризм нашр карда мешаванд, характери маҳдуддошта, шумораи онҳо ҳатто талаботи намояндагиҳои дипломатии ҷумҳуриро дар хориҷи кишвар қонеъ карда наметавонанд.

Бо назардошти воридоти маҳдуди туристони хориҷӣ ба кишвар ва гаронии андоз аз фаъолияти ташкилотҳои туристӣ, ки ин ташкилотҳо имконияти воқеии молиявиро барои тарғиб намудани соҳа ва татбиқи тадбирҳои мукаммали ташвиқотию иттилоотиро баҳри пешрафти маҳсулоти туристии ҷумҳурӣ дар хориҷа надоранд.

Ба нигоҳдории туристони анъанавӣ ва ҷалби гурӯҳҳои нави шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин омилҳои зерин низ мерасонанд:

а) ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани инфрасохтори туризми кишвар бинобар сабаби фарсудашавӣ ва таҷдиди нокифояи он.

Бо вуҷуди мавҷуд будани шумораи зиёди иншооти зерини кӯмакрасони объектҳои туристӣ, таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки сатҳ ва сифати хизматрасонии танҳо 20 фоизи онҳо ба талаботи туристони хориҷӣ мувофиқат менамоянд.

Шумораи осоишгоҳҳо:

Вилояти Суғд-3, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон-3, ноҳияҳои тобеи марказ - 6 адад.

Шумораи базаҳои туристӣ:

Вилояти Суғд - 13, шаҳри Ваҳдат - 4, ноҳияи Мӯъминобод -1, ноҳияи Балҷувон - 1, ноҳияи Варзоб -1, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе -1 адад.

Шумораи меҳмонхонаҳо:

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон-24, Вилояти Суғд-27, Вилояти Хатлон - 35, шаҳри Душанбе - 12 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ -8 адад.

Барои таҳияи хатсайрҳои туристии нав ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти зарурии туристон, мавҷудияти инфрасохтори рушдёфта таъсири муҳим мерасонад: шабакаи роҳҳо, меҳмонхонаҳо, кемпингҳо, базаҳои туристӣ, осоишгоҳҳо, саноати фароғатӣ, мусофиркашонии байналмилалӣ ва дохилии нақлиётӣ, хизматрасонии замонавии алоқа ва бонкӣ.

Дар сатҳи маҳалҳо (мавзеъҳои асосии ташрифи туристон) аксарияти хизматрасонии зикршуда дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд.

б) камбудани мутахассисони соҳаи туризм барои расонидани хизматрасонии дахлдор. Сарфи назар аз фаъолияти бештар аз панҷ муассисаҳои олӣ ва миёнаи омӯзишии соҳаи туризм, аксари хатмкунандагони онҳо бинобар сабаби сатҳи

пасти донишҳои касбӣ ва забонӣ дар бозори меҳнат мавқеи худро намеёбанд.

## III. Самтҳои асосӣ ва механизми татбиқи Барномаи давлатӣ

а) Рушди низоми танзими давлатӣ ва дастгирии фаъолияти туристӣ

Дар самти мазкур, андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

-дар оянда такмили қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои соддакунии тартиби додани раводид ва бақайдгирӣ;

-қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва такмили системаи андозбандӣ барои рушди туризми воридотӣ ва дохилӣ;

-такмил додани низоми ҳисоби оморӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар соҳаи туризм, ҷорӣ намудани ҳисоби ёрирасони туристӣ дар низоми ҳисобҳои миллӣ;

-фаъол кардани ҳамкорӣ дар соҳаи туризм бо мамлакатҳои хориҷӣ ба мақсади васеъ намудани заминаи шартномавии байналмилалии соҳа;

-баланд бардоштани сифати хизматрасонии туристӣ ва меҳмонхонаҳо мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи низоми танзими техникӣ;

-таъмини сатҳи дахлдори идоракунии туристӣ ба воситаи омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони соҳа;

-таъмини дастгирии давлатӣ барои рушди инфрасохтори туристӣ;

-мусоидат ба рушди ташаббусҳои хусусӣ дар соҳаи туризм.

Бо мақсади баланд бардоштани ҷалбнокии инвеститсионии соҳаи туризм, ҳалли масъалаҳои зерин зарур аст:

-баланд бардоштани иттилоотонии ҷомеаи байналмилалии соҳибкорӣ оид ба имкониятҳои туристии Тоҷикистон ва дар ин самт рушди ҳамкорӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ, аз он ҷумла ба воситаи мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷалби сармоягузориҳо;

-мусоидат ба сармоягузории лоиҳаҳои сохтмони иншоот дар шакли маҷмӯаҳои туристию этнографӣ аз тарафи институтҳои байналмилалии молиявӣ оид ба рушд;

-андешидани тадбирҳо оид ба рушди саноати маҳсулоти савғотии туристӣ.

б) Маркетинг ва пешрафти маҳсулоти миллии туристӣ

Барои татбиқи маркетинг ва пешрафти маҳсули миллии туристӣ дар бозорҳои дахлдор дар намоишгоҳҳои машҳури байналхалқии туристӣ ва ташкили баргузории чорабиниҳои мазкур дар ҷумҳурӣ фаъолона иштирок кардан лозим аст.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо зарур аст:

-минбаъд амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ташаккули имиҷи ҷалбнокии туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ис-тифодаи фаъолонаи омилҳои рушди таърихии кишвар, ар-зишҳои миллии он, анъанаҳо, таъомҳо, маданияту санъат бо ҷалби нерӯҳои фарҳангӣ ва илмии чумҳурӣ;

-тадбирҳои самараноки тарғиботию иттилоотии давлатӣ (ғайритиҷоратӣ) оид ба пешрафти маҳсулоти туристии миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунаи хизматрасонии туристӣ таъмин карда шаванд (иштирок дар намоишгоҳҳои байнал-милалии туристӣ ва нашри маводи тарғиботию иттилоотӣ).

в) Туризми экологӣ - омили рушди устувор

Зарурати рушди туризми экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷи-кистон пеш аз ҳама ба омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди ҷомеаҳои маҳалӣ дар минтақаҳои дурдаст вобастагӣ дорад.

Тибқи маълумоти коршиносони Ташкилоти Умумиҷаҳонии Туристӣ туризми экологӣ дар 10 соли охир байни туристон бештар машҳур гашта, яке аз фишангҳои устувори рушд дар давлатҳои ҳавасманд баҳисоб меравад.

Тавре ки натиҷаҳои омӯзиши иқтидори туристии кишвар нишон доданд, ҶумҳурииТоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофии худ (93 фоизи ҳудуди кишварро мавзеъҳои кӯҳӣ ишғол менамоянд) дорои имкониятҳои зиёд барои рушди туризми экологӣ мебошад. Асоси онро шароитҳои нодири табиӣ ва манзараҳо, дар якҷоягӣ бо муҷассамаҳои сершумори таърихӣ, мероси фарҳангӣ ва этникии мардуми Тоҷикистон дар давраҳои мухталифи таърихӣ ташкил медиҳанд.

Иқтидори иқтисодии туризми экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан бемаҳдуд аст, вале барои ташаккул ва рушди он маблағгузории муайян ва хароҷоти мақсаднок лозим меоянд.Таъсиси инфрасохтори зарурӣ барои туризми экологӣ имкон медиҳад, ки дастрасии гӯшаҳои нодири табии барои туристон таъмин карда шавад. Барои сармояҳои хориҷӣ, аз он

ҷумла шахсӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳоиинвеститсионӣ дар иншооти туризми экологӣ фароҳам овардани шароит зарур аст.

Тадбирҳое, ки барои фаъолнокии ҷараёни мазкур равона шудаанд, чунин мебошанд:

-такмил додани нақшаҳои генералии Боғи миллӣ, мамнӯъгоҳҳои давлатии табиӣ бо мақсади ташаккули инфрасохтори туризми экологӣ дар ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда;

-рушди ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар туризми экологӣ;

-иҷрои ӯҳдадориҳои конвенсияҳо барои нигоҳдории гуногуншаклии биологӣ ва ҳифзи муҷассамаҳои мероси ҷаҳонии табиӣ ва фарҳангӣ, ки Тоҷикистон эътироф намудааст.

Иҷрои тавсияҳои мазкур ва таъмини талаботи махсуси туризми экологӣ дар ҳудудҳои табии муҳофизатшаванда, нигоҳдории намудҳои нодири ҳайвонот ва наботот якҷоя бо фарҳанги ба худ хос ва анъанаҳои аҳолӣ, инчунин мунтазам васеъ намудани ҷуғрофияи хатсайрҳо имкон медиҳанд, ки рушди бомуваффақияти самти мазкури туризмродар кишвар пешгӯӣ намоем.

г) Такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи туризм ва таъминоти илмию методии соҳа

Барои такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи туризм зарур аст:

-дар ҷумҳурӣ конфронсҳои илмию амалӣ доир намуда иштироки намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои байналмилалии туристӣ оид ба тайёр кардани кадрҳо ва мушкилоти асосии рушди саноати туризм таъмин карда шавад;

-семинарҳои омӯзишӣ ва курсҳои такмили ихтисос бо назардошти тайёр намудани роҳбаладони туризм, аз он ҷумла барои ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда ва Боғи миллӣ мутахассисони саноати туризм доир карда шаванд.

-ба муассисаҳои таълимие, ки кадрҳои соҳаи туризмро тайёр менамоянд, ҷиҳати таъмини адабиёти замонавии соҳа мусоидат карда шавад.

д) Таъминоти иттилоотии туризм

Барои таъмини иттилоотии соҳаи туризм зарур аст:

-интернет портали ягонаи давлатӣ бо ҷойгир намудани маълумоти зарурӣ оид ба иқтидори туристии кишвар, фарҳанг ва таърихи Тоҷикистон, ташкилотҳои туристӣ ва хизмат-расонии меҳмонхонаҳо, шабакаҳои нақлиётӣ ва алоқа, тартиби

гирифтани раводид, расмиёти бақайдгирӣ ва маъмурӣ таъсис дода шаванд;

-бо мақсади ташаккули имиҷи ҷалбкунандаи туристии Ҷумҳурӣ дар воситаҳои фаъоли ахбори оммаи ҷумҳурӣ ва минтақаҳо доир намудани маъракаҳои тарҷиботию иттилоотӣ таъмин карда шавад.

е) Таъмини бехатарии туристон

Яке аз шартҳои асосии рушди туризм ин таъмини беха-тарии туристҳо ба ҳисоб меравад. Таъмини бехатарии туристон дар Хартияи туризм, ки соли 1985 дар Сессияи VI Ассамблеяи Генералии Созмони Умумиҷаҳонии Туристӣ дар шаҳри София (Булғория) маъқул дониста шудааст ва дар Кодекси этики туристӣ, ки соли 1999 дар ш. Сантьяго (Чили) қабул гарди-дааст, инъикос шудааст.

Бехатарии турист бевосита аз тадбирҳои андешидаи субъектҳои хоҷагидори соҳаи туризм ҳангоми ташкили хатсайрҳо вобастагӣ дорад. Барои таъмини бехатарии туристон зарур аст:

-масъалаи амалӣ намудани тайёрии махсуси кадрҳои туристӣ ва назорати риояи меъёрҳо, қоидаҳо оид ба техникаи бехатарӣ дар фаъолияи субъектҳои хоҷагидори соҳаи туризм ҷиҳати хизматрасонӣ ба туристон такмил дода шавад;

-иттилоотонии туристон оид ба масъалаҳои бехатарии онҳо ҳангоми ташкили хатсайрҳои туристӣ таъмин карда шавад.

ё) Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи туризм

Ҷанбаи муҳими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи туризм ҷоннок кардани ҳамкорӣ бо Ташкилоти Умумиҷаҳонии Туристӣ баҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ташкилот бо мақсади истифодаи самараноки имкониятҳои худ бояд дар чорабиние, ки таҳти сарпарастии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Туристӣ баргузор мешавад, фаъолона иштирок намояд. Нақши сохтори мазкур ҳамчун муассисаи махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид дар рушди туризм ва ташаккулёбии ҳамкории байни мамлакатҳои ҷомеаи ҷаҳонии туристӣ, барои ҳамаи аъзои он басо муҳим аст.Омили мазкур дар навбати худ, мавқеи ташкилотро оид ба пешбурди фаъолона ва рушди устувори туризм дар ҷаҳон пурзӯр менамояд.

Самтҳои асосии рушди туризми байналмилалӣ васеъ намудани робитаҳои байналмилалии туристӣ ва татбиқи созишномаҳои байниҳукуматӣ дар соҳаи туризм ба ҳисоб меравand.

Бинобар ин зарур аст:

-бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда татбиқи созишномаҳои байниҳукуматӣ дар соҳаи туризм таъмин карда шаванд.

-имконияти кушодани гӯшаҳои туристӣ дар назди сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакатҳое, ки гурӯҳҳои асосии туристиро ба ҷумҳурӣ сафарбар менамоянд, баррасӣ карда шавад;

-оид ба ташкили хатсайрҳои муштараки туристӣ дар доираи ҳамкориҳои назди сарҳадӣ бо давлатҳои ҳамсоя тадбирҳо андешида шаванд;

-ҳамкориҳои минтақавӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар мамлакатҳои минтақа оид ба татбиқи хатсайрҳои туристии транссарҳадӣ инкишоф дода шаванд.

## IV. Захираҳои зарурӣ ва манбаъҳои маблағгузории онҳо

Тадбирҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки дар буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ шудаанд ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешаванд.

Чорабиниҳо оид ба рушди туризм дар сатҳи минтақавӣ, аз он ҷумла ташкили сафарҳои матбуотӣ барои ташвиқи захираҳои туристии ҳудудҳои худ метавонанд аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузорӣ карда шаванд.

## V. Натиҷаҳои пешбинишуда ва нишондиҳандаҳои Барномаи давлатӣ

Дар шароити иҷрои мукаммали маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ ва маблағгузории Барнома ҳамасола ташрифи устувори зиёда аз 50 ҳазор туристон ба кишвар, пешбинӣ шудааст. Агар як туристи хориҷӣ вобаста ба мӯҳлати будубоши худ баҳисоби миёна 300 доллари амрикоӣ хароҷот намояд, дар давраи татбиқи барнома воридоти асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз туризми воридотӣ ҳамасола 15 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Татбиқи самараноки Барнома ба баланд бардоштани ҷалбнокии маҳсулоти туристии миллӣ оварда расонда, барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои туристӣ мусоидат менамояд. Инчунин, барои таҳкими рақобатпазирии саноати туристӣ, ки метавонад ба яке аз бахшҳои даромадноки иқтисодиёти давлат мубаддал гардад, замина гузошта мешавад.

**31. Зарегистрировано**
Министерством юстиции
республики таджикистан
за №439 от 19.08.2008г.

**"УТВЕРЖДЕНО"**
распоряжением председателя
Комитета по делам молодёжи,
спорта и туризма при
Правительстве Республики
Таджикистан от 28 августа 2008 №95

## Правила проведения проверок деятельности хозяйствующих субъектов сферы туризма

Настоящие правила разработаны на основе статьи 4 Закона Республики Таджикистан "О проверке деятельности хозяйствующих субъектов в Республике Таджикистан", Закона Республики Таджикистан "О туризме" ипостановления Правительства Республики Таджикистан "Об утверждении Положе-ния об особенностях лицензирования отдельных видов деятель-ности (в новой редакции) и определяют порядок организации и проведения проверок деятельности хозяйствующих субъектов сферы туризма.

### 1. Общие положения

1.1. Настоящие правила определяют порядок в заимоотношений уполномоченного проверяющего органа с хозяйствующими субъектами сферы туризма в части соблюдения требований законодательства. В заимоотношения, которые неопределяются настоящими правилами, регламентируются

действующими нормативно-правовыми актами Республики Таджикистан.

1.2. Уполномоченным органом проверяющим деятельность хозяйствующих субъектов в сфере туризма является Комитет по делам молодёжи, спорта и туризма при Правительстве Республики Таджикистан (далее Комитет).

1.3 Основными задачами в ходе проверок считаются следующие:

- проверка соблюдения состороны хозяйствующих субъектов сферы туризма, законодательства и других нормативно правовых актов, а также действующих нормативов и правил;

- своевременное выявление, предупреждение и устранение правонарушений, которые негативно отражаются на экономических интересах Республики Таджикистан, прав и законных интересах граждан, а также определения причин и условий способствующих совершению подобных правонарушений;

- принятие соответствующих мер.

1.4. Должностные лица Комитета при осуществлении проверок хозяйствующих субъектов обязаны:

- руководствоваться Конституцией Республики Таджикистан, нормативно-правовыми актами Республики Таджикистан, втомчисле Законом Республики Таджикистан "О проверке деятельности хозяйствующих субъектов в Республике Таджикистан" и настоящими правилами;

- до начала проверки разъяснять хозяйствующим субъектам их права и обязанности, атакже свои праваи обязанности связанные с проведением проверки;

- не препятствовать присутствию представителей хозяйствующих субъектов при проведении проверки иразъяснять вопросы относительно проверки;

- проводить проверки в строгом соответствии с решением Председателя Комитета по проведению проверки, порядке определенном Законом Республики Таджикистан "О проверке деятельности хозяйствующих субъектов в Республике Таджикистан" и настоящими правилами;

- обеспечить количественную и качественною сохранность документов, образцов подлежащих изучению и другие материалы временно изъятые для проверок, а также их свое

временное возвращение;

- разъяснять хозяйствующим субъектам выявленные недостатки, определять пути их устранения и недопускать скрытия выявленных нарушений;

- не препятствовать деятельности хозяйствующих субъек-тов;

- невыносить за пределы территорий проверяемого хозяйствующего субъекта документы подлежащие проверке;

- для устранения выявленных недостатков, давать проверяемым хозяйствующим субъектам законодательно обоснованные рекомендации по их обязательному устранению;

- обеспечивать соблюдение государственного, коммерческого секрета и других секретов защищенных законодательством.

1.5. В ходе проведения проверок должностные лица Комитета не имеют право:

- проверять исполнение требований, которые не входят в компетенцию Комитета;

- проводить проверку без предъявления постановления опроведении проверки хозяйствующего субъекта и без введения соответствующих сведений в Книге регистрации проверок хозяйствующих субъектов, а также в отсутствии должностных лиц или представителей проверяемых хозяйствующих субъек-тов;

- требовать предоставления документов, образцов продукциии информации если они не касаются предмета проверки, атакже изымать подленные документы относящихся к предмету проверки;

- продлевать утверждённые сроки проведения проверки;

- использовать имеющиеся факты недостатков как основа для вмешательства и ограничения деятельности хозяйствующих субъектов;

- осуществлять действия препятствующие производственно коммерческой деятельности хозяйствующих субъектов.

**2. Планирование проверок**

2.1. Проверка деятельности хозяйствующих субъектов, осуществляется на основе предложений структурных подразделений Комитета и официальных обращений потребителей туристических услуг. План работы Комитета утверждается Пред-

седателем Комитета по делам молодёжи, спорта и туризма при Правительстве Республики Таджикистан.

2.2. Плановые проверки каждого хозяйствующего субъекта могут проводится не более 1 (одного) раза в 2 (два) года.

2.3. Контроль за соблюдением Плана проведения проверок возлагается на Председателя Комитета.

## 3. Порядок проведения проверок

3.1. Проверки проводятся в период не более 5 (пяти) рабочих дней, на основе перечня проверяемых вопросов, который утверждается Председателем Комитета (прило-жение1). Хозяйствующий субъект имеет право, заранее до про-ведения проверки получить в Комитете копию перечня про-веряемых вопросов в соответствии с которыми проводится проверка.

3.2. Проверки проводятся на основе утвержденного реше-ния Председателя или заменяющего его лица.

3.3. Решение по проведению проверки хозяйствующего субъекта, должно быть заверено подписью руководителяи печатью проверяющего органа, с содержанием следующей информации:

- дата и номер регистрации решения в проверяющем орга-не;
- название органа принявшего решение о проведении проверки;
- полное название проверяемого юридического лица или фамилия, имя и отчество частного предпринимателя;
- предмет и цель проверки;
- должность, фамилия, имя и отчество лица проводящего проверку;
- дата и продолжительность проверки;
- период проверки;

3.4. Комитет за 3(три) дня до начала проверки оповещает хозяйствующий субъект о предстоящей проверке. Оповещение хозяйствующим субъектам предоставляется письмом или посредством ответственного лица Комитета. Оповещение по проведению проверки предоставляется в форме утвержденной приложением 2 настоящих правил.

3.5. Вслучае, если хозяйствующий субъект по уважи-тельным причинам несможет обеспечить проверку в ут-вержденное время, то он письменно оповещает об этом Комитет, но не позднее 2

(двух) дней до начала проверки. Про-верку можно перенести на другую дату, но не позднее 5 (пяти) рабочих дней со дня получения подобного оповещения.

3.6. До начала проверки должностное лицо Комитета предъявляет руководителю или представителю проверяемого хозяйствующего субъекта служебное удостоверениеи вручает решение о проведении проверки. На копии решения ставится подпись и печать руководителя хозяйствующего субъекта об ознакомлениии получении решения. Отказ от получения решения состороны руководителя хозяйствующего субъекта или его представителя не может препятствовать проведению проверки.

3.7. Должностные лица Комитета осуществляющие про-верку обязаны по требованию хозяйствующего субъекта, в том числе и в момент предъявления решения о проведении про-верки, предоставить копию перечня проверяемых вопросов в соответствии с которыми будет проводиться проверка.

3.8. После предоставления решения о проведении проверки и копии перечня проверяемых вопросов руководителю хозяйствующего субъекта или его представителю, проверяющее лицо Комитета под личную подпись вносит в Книгу регистрации проверок следующую информацию:

- фамилия, имя и отчество, номер удостоверения, название органа выдавшего удостоверение и срок ее действия;

- вслучае приглашения специалиста для проведения проверки, фамилия, имя, отчество, атакже номер служебного удостоверения, название организации представителем которой является, если специалист независимый, номер личного удостоверения, лицензия деятельности, номер лицензии, учреждение выдавшее лицензию и срок ее действия;

- основание для проведения проверки деятельности хозяйствующего субъекта (дата и номер решения о проведении проверки), дата, период начала и окончания проверки;

- предмет и цель проверки.

3.9. Проверка проводится только в рабочее время и ра-бочие дни. Внесение сведений со стороны должностного лица Комитета в Книге регистрации проверок, предусмотренных в пункте 3.8 настоящих Правил, считается началом проверки.

3.10. По окончанию проверки руководитель хозяйствующего субъекта в Книге регистрации проверок указывает следующее:

- дата и время окончания проверки;

- в случае выявления нарушения требований законодательства, меры предпринятые состороны должностного лица Комитетав отношении хозяйствующего субъекта.

- своемнение в виде "Согласен", "Несогласен", "Согласенс претензиями".

3.11. В случае отсутствияу хозяйствующего субъекта Книги регистрации проверок, должностное лицо Комитета вносит соответствующие записи в акте проверки.

## 4. Права и обязанности должностных лиц, осуществляющих проверки

4.1. Должностные лица Комитета при проведении проверок в пределах своей компетенции имеют право:

- в присутствии представителя хозяйствующего субъекта врамках своих полномочий проверять деятельность его предприятий и подведомственные объекты, получатьу руководителей хозяйствующего субъекта объяснительные материалыи необходимую информацию по предмету проверки;

- давать руководителям хозяйствующих субъектов (другим должностным лицам) ичастным предпринимателям инструкции (распоряжения)поустранению выявленных нарушений и недостатков, обязательных для исполнения;

- требовать отруководителя хозяйствующего субъекта письменные объяснения по вопросам связанным с проверкой;

- контролировать обязательное исполнение обоснованных требований по устранению нарушений инедостатков, выявленных входепроверки деятельности хозяйствующего субъекта.

## 5. Разработка акта проверки

5.1. По окончанию проверки, независимо отеерезультатов должностноелицо Комитета, составляетактв котором указы-вает следующую информацию:

- место проведения проверки, дата разработки акта;

- предмет проверки;

- должность, фамилия, имя и отчество должностного лица Комитета, проводившего проверку;

- полное название юридического лица или фамилия, имя иотчество индивидуального предпринимателя;

- информация о предыдущей проверке, ее результаты, а также меры предпринятые по устранению выявленных ранее недостатков;

- период проверки и общая информация о документах, предоставленных хозяйствующим субъектом для проведения проверки;

- результаты проверки;

- в случае выявления недостатков, их подробное описание, ссылаясь на соответствующий нормативно-правовой акт.

5.2. К акту проверки прилагаются копии необходимых документов, на которые ссылается должностное лицо Комитета.

5.3. Акт проверки разрабатываетсяв двух экземплярах, который подписывается должностным лицом Комитета проводившим проверку.

5.4. Один экземпляр акта проверки в течение 5 (пяти) рабочих дней передаётся хозяйствующему субъекту. Руко-водитель хозяйствующего субъекта приполучении акта, обя-занвнести отметку о получении и поставить подпись в другом экземпляре акта.

5.5. Если руководитель хозяйствующего субъекта отказывается от получения копии акта, то должностное лицо проводившее проверку делает об этом отметку в копии предназначенной Комитету заверяясвоей подписью. В подоб-ном случае акт проверки отправляется хозяйствующему субъекту официальным письмом Комитета.

## 6. Принятие решения о результатах проведенной проверки

6.1. По окончанию каждой проверкии представления акта ее результатов, Комитет за подписью руководителя или заменяющего его лица принимает решение, которое предос-тавляется хозяйствующему субъекту в течении 5 (пяти) рабочих дней после дня окончания проверки.

6.2. Решение должно состоять из следующей информации:

- дата и номер регистрации решения, и акт проверки;

- полноеназвание юридического лица или фамилия, имя и отчество индивидуального предпринимателя;

- предмет проведенной проверки;

- предпринимаемые меры, если выявлены недостатки;

- требования по устранению недостатков;

- период, место и порядок обжалования решения.

6.3. Вслучае не выявления недостатков по окончанию проверки, в решение вносятся соответствующие отметки.

6.4. Руководитель Комитета рассматривает акты проверок и выносит по ним соответствующие решения. В случае его отсутствия по уважительным причинам (командировка, болезнь, отпуск) заменяющее его лицо имеет праворас-сматривать документы и выносить по ним соответствующие решения.

6.5. Вотношении хозяйствующего субъекта в зависимости от характера выявленных в ходе проверки недостатков в том числе:

1. неиспользования путевок единого образца понаправлениям выездного, внутреннего туризма и ведения реестра въезда иностранных туристов.

2. не предоставления отчетов по результатам организации путешествия граждан за границу и приёма иностранных граждан.

3. не выполнения лицензионных требований и условийпри осуществлении туристской деятельности, а также обязательств принятых хозяйствующими субъектами при получении лицензии).

4. Оказания услуг низкого качества (в рамках обязательств, принятых по туристической путевке), в установленном законодательством порядке может предпринята мера ввиде приостановления действия лицензии на период до 3 (трех) месяцев.

Если хозяйствующий субъект вопределенный периоднеустраняет выявленные недостатки, то Комитет на основании письменного заявления обращается в судебные органы для полного приостановления действияего лицензии.

## 7. Внутриведомственный порядок рассмотрения жалоб хозяйствующего субъекта

7.1. Привозникновении жалобв отношении акта резуль-татов проверки, должностное лицо (представитель) хозяйст-вующего субъекта перед своим подписанием вносит об этом соответствующие отметки в копии акта, и в период не позднее 5

(пяти) рабочих дней со дня получения, в письменном виде представляет их в адрес Комитета.

7.2. Поистечению 5(пяти) рабочих дней со дня получения акта, жалобы хозяйствующего субъекта к рассмотрению не принимаются.

7.3. Обоснованность указанных в жалобе аргументов проверяется должностным лицом Комитетаи по ним составляется письменное заключение, скоторыми должно быть ознакомлено должностное лицо (или представитель) хозяйствующего субъекта.

7.4. Исполнение решения Комитета по результатам проверки преостанавливается допринятия соответствующего решения по обоснованности жалобы.

7.5. Руководство Комитета обязано в течении 5 (пяти) рабочих дней с даты представления жалобы рассмотреть ее и при-нять один из следующих решений:

- решение оставить без изменений, а жалобу неудовлетворенной;

- полностью или частично аннулировать решение;

- аннулировать решение и назначить дополнительную проверку.

7.6. Дополнительная проверка проводится на основании письменного согласия имеющего жалобу хозяйствующего субъекта, решением Председателя Комитета.

7.7. Копия решения по результатам рассмотрения жалобы в течении 5 (пяти) дней с момента его принятия предоставляется хозяйствующему субъекту (или передается его полномочному представителю).

7.8. Повторные жалобы ответы по которым хозяйст-вующим субъектом полученыи другие новые обстоятельства не выявлены, не рассматриваются.

**8. Порядок обмена информацией**

8.1. Комитет обязан не менее чем 1 (один) раз в кален-дарный год в средствах массовой информации предоставлять с ведения о результатах проверок деятельности хозяйствующих субъектов. Информация должна включать следующее:

- общая информация о структуре проверяющего органа;

- статистические сведения околичестве проведенных проверок, недостатков выявленных в ходе проверок и предпринятых ним мер;

- краткий отчет о достигнутых результатах и их оценка;

- приоритеты и планы на следующий год.

8.2. Нормативно-правовые акты, регулирующие вопросы проверок деятельности хозяйствующих субъектов и перечень контрольных вопросов в соответствии с которыми проводятся проверки, размещаются со стороны Комитета в доступных для ознакомления местах (доска объявлений), а также предоставляются хозяйствующим субъектам по их требованию.

Приложение 1

**Контрольные вопросы**
**в соответствии с которыми проводится проверка**
**деятельности хозяйствующего субъекта сферы туризма**

1. Проверка использования единых путевок по направлениям выездного, внутреннего туризма и ведения реестра въезда иностранных туристов.

2. Проверка отчетов порезультатам организации путешествия граждан за границу и приёма иностранных граждан.

3. Проверка выполнения лицензионных требований и условий при осуществлении туристской деятельности.

4. Проверка, на предмет оказания услуг низкого качества (в рамках обязательств, принятых по туристической путевке).

Приложение 2

**Оповещение**
**о проведении проверки**

Руководителю ___________________________
(полное имя проверяемого

Настоящим оповещаемВас о том, что в соответствии с решением
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________
(имя органа принявшего решение о проведении проверки)

от "___"_________________ года №"О проведении проверки деятельности
_______________________________________________"
(полное имя хозяйствующего субъекта)

Будет проведена проверка_______________________________________
(имя проверяемого объекта)
Начало проверки "_____"__________________________________ года
Завершение проверки "_____"____________________________ года
Проверка должна:________________________________________ ______
_______________________________________________ ________________
_______________________________________________ ________________
(место проверки в соответствии с решением по проведению проверки)

Утвержденный субъект проверки в целях оказанияпомощив проведении проверки _______________________________________________
_______________________________________________ ________________
_______________________________________________ ________________
(нормативный акт Правительства Республики Таджикистан, определяющий обязательство пооказанию содействия в проведении проверок)
В период до "_____"____________ года______________необходимо:
- подготовить документы и другуюинформацию, покоторымбудет проводиться проверка (в соответствии с перечнем проверяемых вопросов);
- предусмотреть организационные меры необходимые дляобеспечения беспрепятственных разрешений для посещения зданий и других объектов:
- совершение других действий необходимых для проведения проверки.

_________________________________________ _________________
(должность уполномоченного лица) (подпись)(ФИО)

## 32. Қоидаҳо оид ба тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ

аз 27 феврали соли 2009, №122

### I.Муқаррароти умумӣ

1.1. Қоидаҳои мазкур навъ, намуд, каратнокӣ, тамдид, барқарор ва бекор намудан, тартиби соддаи додани раводид, тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводид ва тасдиқи даъвати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ (минбаъд-шаҳрвандони хориҷӣ), инчу-нин ваколати шахсони мансабдори мақомоти ваколатдорро муқаррар менамоянд.

1.2. Раводид иҷозатномаест, ки ба шаҳрванди хориҷӣ ҳу-қуқи убури сарҳади давлатиро бо мақсади ворид гардидан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун шудан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба таври транзитӣ гузаштан аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давоми мӯҳлати дар раводид нишондодашуда, тибқи тартиби дар Қоидаҳои мазкур муқаррар гардида медиҳад, ба истисной ҳолатҳое, ки ба шаҳрванди хориҷӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидан ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода намешавад ё нисбати шаҳрванди хориҷӣ қарор дар бораи номатлуб будани будубоши (зисти) ӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст.

1.3. Раводид дар варақаи муқаррар гардида, ки аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ВКХ ҶТ) тасдиқ мешавад, ба расмият даровarда мешавад.

1.4. Варақаҳои раводид ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъӣ буда, дорои ҳимояи чандинкарата аз сохтакорӣ мебошанд. Тартиби ҳисоб ва нигоҳдории онҳо аз ҷониби ВКХ ҶТ муайян карда мешавад.

1.5. Раводиде, ки бо вайронкунии талаботи муқаррар намудаи Қоидаҳои мазкур ба расмият даровarда шудааст, беэътибор ҳисобида

Раводидҳои беэътибор ба раводидҳои вайроншуда баробар карда шуда, тибқи тартиби муқаррааргардида нобуд карда мешаванд ва дар ин хусус санад бо ишораи рақами стикери раводид ва санаи нобуд кардани он тартиб дода мешавад.

Тартиби нобуд кардани стикерҳои раводид аз ҷониби ВКХ ҶТ муқаррар карда мешавад.

1.6. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба додан, тамдиди мӯҳлат, барқарор ва бекор кардани раводид инҳо мебошанд:

а) намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа (минбаъд муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа) раводидҳои вурудӣ хуруҷӣ ва транзитии тамоми навъҳоро медиҳанд, инчунин раводидҳои шаҳрвандони хориҷиро, ба ғайр аз истисноҳое, ки бо Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудаанд, бекор ва барқарор менамоянд;

б) раёсати консулии ВКХ ҶТ тамоми намуд ва навъҳои раводидро медиҳад, тамдид, раводиди шаҳрвандони хориҷиро барқарор ва бекор мекунад;

в) намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (бюрои консулӣ дар фурӯдгоҳҳо, намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар ВМКБ, вилоятҳо ва намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ) додани раводидро бо тартибе, ки дар Низомнома дар бораи намояндагии ВКХ ҶТ ва Қоидаҳои мазкур муқаррар гардидаанд, ба амал мебароранд. Низомнома дар бораи намояндагии ВКХ ҶТ аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

1.7. Агар шартномаи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, қоидаҳои дигарро нисбат ба Қоидаҳои мазкур пешбинӣ намояд, меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд.

1.8. Иҷозатномаи вуруд ба минтақаи сарҳадӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистондар хориҷа тибқи талаботи муқар-рарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода ме-шавад.

Тартиби баррасӣ ва додани иҷозатнома ба минтақаи сарҳадӣ аз ҷониби муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа аз ҷониби ВКХ ҶТ муқаррар ва тасдиқ карда ме-шавад.

## II. Навъҳои раводид

2.1. Раводидҳо ба навъҳои зерин тақсим шуда, вобаста ба мақсади вуруд ва будубош дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияҳои зерини шаҳрвандони хориҷӣ дода мешаванд:

а) дипломатӣ (Д)-ба сарони давлатҳо, раисони ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ, аъзои ҳайати расмии хориҷӣ, агентҳои дипломатии намояндагиҳои дипломатӣ ва шахсони мансабдори консулии муассисаҳои консулӣ, кормандони мақомоти сиёсати хориҷӣ, курерҳои дипломатӣ ва консулии хориҷӣ, кормандони намояндагии ташкилотҳои байналмилалӣ, ки статуси дипломатии онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, нозироне, ки тибқи шартномаҳои эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назоратро ба амал мебароранд ва аъзои оилаҳои шахсони номбурда, ки дорои шиносномаи дипломатӣ мебошанд.

Дар ҳолате ки мақоми дипломатии шаҳрванди хориҷии шиносномаи дипломатӣ надошта аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда бошад, ба ӯ раводиди дипломатӣ дода шуданаш мумкин аст.

Дар ҳолате, ки шаҳрванди хориҷӣ шиносномаи дипломатӣ дошта бошаду мақоми дипломатии ӯ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф нашуда бошад (дар ҳолати сафари хусусӣ ва ғайраҳо) ба ӯ мумкин аст раводиди навъи дигар вобаста ба мақсади сафараш дода шавад.

б) хизматӣ (Х)-ба аъзои ҳайати расмии хориҷӣ, кормандони техникӣ-маъмурӣ ва хизматрасонии намояндагиҳои дипломатӣ, хизматчиёни консулӣ ва кормандони соҳаи хизматрасонии муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷӣ, кормандони ташкилотҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсоне, ки бо худ почтаи дипломатӣ доранду шиносномаи дипломатӣ надоранд, консулҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хо-риҷа, шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади хизматӣ бо супориши вазорату идораҳои давлати хориҷӣ, новобаста аз навъи шиносномаҳояшон ва инчунин аъзои оилаи шахсони номбурда;

в) сармоягузорӣ (С) – ба роҳбарони ширкату корхонаҳои шӯҳрати ҷаҳонӣ дошта, ки бо мақсади корӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданианд ё ин ки овардаанд ва онҳое, ки ба таври воқеӣ дар сармоягузории иқтисодиёти Тоҷикистон иштирок менамоянд, намояндагони зинаи роҳбарикунандаи ширкату корхонаҳои бузург, ки дар бозори Тоҷикистон кор мекунанд ё нақшаи реалии рушди лоиҳаҳои сармоягузориро доранд, инчунин аъзои оилаи шахсони номбурда;

г) корӣ (К) - ба шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои корӣ (иштирок дар гуфтушунидҳои корӣ, маҷлисҳо, симпозиумҳо, форумҳо, конференсияҳо, тен-дерҳо, бастани қарордодҳо, ташкили корхонаҳои муштарак, омӯзиши бозори тоҷик, иштирок дар музоядаҳо, намоишгоҳу ярмаркаҳо, хизматрасонии машваратӣ ва аудитӣ ва ғ.) ташриф оварданианд ё ин ки овардаанд:

д) меҳнатӣ (М) - ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои меҳнат, аз он ҷумла дар асоси шартномаву созишномаҳои байналмилалӣ ташриф оварданианд ва аъзои оилаҳои шахсони номбурда;

е) туристӣ - (Т), аз ҷумла гурӯҳӣ ба шаҳрванди хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун турист ташриф меорад ё багу-рӯҳи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади туристӣ бо ташкили гурӯҳ (накамтар аз 5 нафар ва на зиёда аз 50 нафар) ташриф меоранд.

Шартҳои ҳатмии раводиди гурӯҳии туристӣ чунин мебошанд: дар як вакт расида омадани тамоми аъзои гурӯҳ ба нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ ҳангоми вуруд хуруҷ ба (аз) Ҷум-ҳурии Тоҷикистон, будубош дар ягон бунгоҳ ва ҳаракат на-мудан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар ҳайати гурӯҳ;

ж) таҳсилии академӣ (О-1)-ба шаҳрвандони хориҷие, ки дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, аспирантҳо, докторантҳо ва аъзои оилаи шахсони номбурда;

з) таҳсилӣ (О-2)-ба шаҳрвандони хориҷие, ки барои таҳсил, таҷрибаомӯзии таҳсилӣ, коромӯзӣ, бо мақсади дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ, курсҳои муваққатӣ оид ба омӯзиши за-бон ташриф овардаанд ё ин ки овардаанд, инчунин аъзои оилаи шахсони номбурда;

и) хусусӣ (ХС) –ба шаҳрвандони хоричие, ки ба меҳмонии хешовандону шиносон, истироҳат, муолиҷа ва дигар мақсадҳои характери шахсӣ дошта ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд;

к) минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ)-ба шаҳрвандони хо-риҷӣ -сармоягузорҳо, ки дар қаламрави минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкориро ба амал меба-роранд;

л) нақлиётӣ (Н)- ба шаҳрвандони хориҷӣ ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки боркашонии байналмилалии бору мусофиронро ба амал мебароранд;

м) барои истиқомати доимӣ (ИД) -ба шаҳрвандони хо-риҷие, ки бо мақсади истиқомати доимӣ ба Ҷумҳурии Тоҷи-кистон ташриф меоранд, то гирифтани иҷозати иқомати доимӣ;

н) экипажи киштии ҳавоӣ (Л) -ба шаҳрвандони хориҷӣ ҳавонавардон, штурманҳо, пешхизматони киштии ҳавоӣ, муҳандисҳо ва дигар аъзои экипажи киштии ҳавоӣ;

о) воситаҳои ахбори омма (Ж) - ба шаҳрвандони хориҷӣ-мухбирон, наворбардорон, рӯзноманигорон ва дигар кормандони воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, инчунин аъзои оилаи шахсони номбурда;

п) ҳамсари шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ХШ)- ба шаҳрванди хориҷӣ, ки ҳамсари ӯ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, инчунин ба фарзандони онҳо аз никоҳи якҷоя ва пештара, писархонд духтархондшудагони шахсони номбур-да;

р) варзишгарон ва гурӯҳҳои ҳунари (ВХ) - ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба мусобиқаҳои байналмилалӣ, машқҳои амалӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва тайёрӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданианд ва ё шудаанд;

с) табширӣ (ТД) - ба шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҳисоби кормандони ташкилотҳои динӣ, ки фаъолияти хешро дар Ҷум-ҳурии Тоҷикистон амалӣ карда истодаанд ё карданианд;

т) башардӯстона (Б)-ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки бо мақ-сади овардан ё ҳамроҳӣ намудани борҳои кӯмаки башардӯс-тона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданианд;

у) тиҷоратӣ (ТИ)-ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ машғуланд.

**2.2. Таҳтимаҳфуми аъзои оила тибқи Қоидаҳои мазкур фаҳмида мешаванд: ҳамсар, фарзандон, писархондшудагон духтархондшудагони шаҳрванди хориҷӣ.**

Раводиди навъи муносиб ба аъзои оилаи шаҳрванди хориҷӣ бо шарти будубоши якҷоя бе ҳуқуқи машғулшудан ба фаъолияти меҳнатӣ дода мешавад, агар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Ҳангоми ба фаъолияти меҳнатӣ ё дигар намудифаъолият машғул шудани аъзои оилаи шаҳрванди хориҷӣ, раводиди ӯ бояд тибқи намуди фаъолияташ бо риояи банди 5 Қоидаҳои мазкур иваз карда шавад.

Тартиби барасмиятдарории раводид барои аъзои оилаи шаҳрвандони хориҷӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи банди 10.1. Қоидаҳои мазкур ба амал бароварда мешавад.

## III. Намудҳои раводид

Аз рӯи намуд, раводидҳо тақсим мешаванд ба:

а) хуруҷӣ вурудӣ, вурудӣ хуруҷӣ - аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ ва намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад;

б) вурудӣ хуруҷӣ-аз ҷониби муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дода мешавад;

в) хуруҷӣ - аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ ҳангоми дар мӯҳлати муайянгардида баромада нарафтани шаҳрванди хориҷӣ, бо қарори мақомоти дахлдор дар бораи номатлуб будани будубоши шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикис-тон, инчунин ба шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранду аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ ба кишварҳои дигар мераванд, дода мешавад. Раводиди хуруҷӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 14 рӯз дода мешавад. Дар ҳолати дар мӯҳлати муқарраргардида, бе сабабҳои узрнок баромада нарафтани шаҳрванди хориҷӣ, ба ӯ раводиди дигари хуруҷӣ ба мӯҳлати то 3 рӯз дода мешавад.

Ба шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранду аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ ба кишварҳои дигар мераванд, раводиди хуруҷӣ дар асоси иҷозати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад;

г) транзитӣ-ба шаҳрванди хориҷӣ, ки бо мақсади транзит тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати таъинӣ ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ ва заминӣ сафар дорад, ба мӯҳлати то 72 соат дода мешавад.

Ба шаҳрванди хориҷӣ, ки парвози бетаваққуфро ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ аз фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, раводид талаб карда намешавад.

Ба шаҳрванди хориҷӣ, ки тавассути фурӯдгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои сеюм транзит дорад, раводид талаб карда намешавад, ба шарте, ки ӯ сарҳади давлатиро тавассути нуқтаи гузаргоҳи сарҳади давлатӣ убур нанамояд.

Дар ҳолатҳои форс-мажор (заминларза, лоиқафароӣ, обхезӣ ва дигар ҳолатҳое, ки дар натиҷаи он парвози нақлиёти ҳавоӣ бештар аз 24 соат номумкин мегардад), шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба давлатҳои сеюм транзит доранд, метавонанд бе раводид то осуда шудани вазъият ба меҳмонхонаҳо эвакуатсия карда шаванд.

Ба шаҳрванди хориҷӣ, ки тавассути нақлиёти сабукрави заминӣ ба давлати таъинӣ транзит дорад, раводиди транзитӣ ба мӯҳлате, ки барои транзит бо хатсайри кӯтоҳтарин дода

мешавад. Мӯҳлати мазкур аз гашти шабонарӯзии воситаи нақлиёт баробар ба 400км. ҳисоб карда мешавад.

Раводиди транзитӣ ба шарте дода мешавад, ки агар ариизадиҳанда раводиди давлатеро, ки ба он тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар дорад, дошта бошад ё ин ки раводид барои сафар ба давлати сеюм зарур набошад.

Раводиди транзитӣ ба шаҳрванди хориҷии давлати сеюм ба шарте дода мешавад, ки агар шаҳрванди хориҷӣ барои буду-бош дар давлати иқомати муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷи-кистон асоси қонунӣ дошта бошад.

Раводиди транзитии бисёркарата дар ҳолате дода мешавад, ки аризадиҳанда раводиди мутобиқан бисёркаратаи давлатеро, ки ба он сафар дорад, дошта бошад, ё ин ки барои сафар ба давлати сеюм раводид талаб карда нашавад.

## IV. Каратнокии раводид

4.1. Мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки дар банди 1.6. Қоидаҳои мазкур омадаанд, раводиди яккарата, дукарата ва бисёркарата медиҳанд.

4.2. Раводиди яккарата ба шаҳрванди хориҷӣ ҳуқуқи якмароти ба вуруд ва хуруҷ хуруҷ ва вуруд шуданро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи мӯҳлати дар раводид нишондодашуда медиҳад.

Раводиди дукарата ба шаҳрванди хориҷӣ ҳуқуқи ду маротиба вуруд ва хуруҷ хуруҷ ва вуруд шуданро ба Ҷумхурии Тоҷикистон дар давраи мӯҳлати дар раводид нишондодашуда медиҳад.

Раводиди бисёркарата-ҳуқуқи якчанд маротиба (зиёда аз 2 маротиба) вуруд ва хуруҷ хуруҷ ва вуруд шуданро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи мӯҳлати дар раводид нишондодашуда медихад.

## V. Ҳуҷҷатҳое, ки шаҳрванди хориҷӣ барои гирифтани раводид пешниҳод менамоянд ва ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мӯҳлати додани раводид

5.1. Барои гирифтани раводид ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин дар асл ва як нусха пешниҳод карда мешаванд:

-шинosномаи ҳақиқии хориҷӣ (дипломатӣ, хизматӣ, умумишаҳрвандӣ, шиносномаи Созмони Милали Муттаҳид, шаҳодатномаи шахси бешаҳрвандӣ) ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсиятро муайян мекунад ва ҷои махсус барои часпонидани стикерҳои раводид дошта бошад;

Шиноснома ё дигар ҳуҷҷате, ки аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ пешниҳод карда мешавад, набояд ҳақиқӣ буданаш ва мансубият ба соҳибаш шубҳанок бошад, қайд, навиштаҷот, огоҳӣ, тозакунӣ ва ислоҳкуниҳои аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлати хориҷӣ тасдиқ нашуда бошад, набояд варақҳои кандашуда ва чокшуда дошта бошад, бояд на камтар аз 2 варақи тозаро, ки барои раводид пешбинӣ шудааст, доро бошад, мӯҳлати эътибори он, чун қоида набояд пештар аз 6 моҳ аз охири мӯҳлати амали раводид ба итмом расида бошад;

-анкетаи раводидии пур кардашуда дар шакли муқаррар шудаи Замимаи 2 ба қарори мазкур бо сурати часпонидашуда, ки ба талаботи Замимаи 3 ба қарори мазкур мувофиқ бошад (ба истисноии сарони давлатҳои хориҷӣ ва роҳбари ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ).

Анкетаи раводид хоно аз даст бо ҳуруфоти чопӣ, ё ин ки бо истифода аз воситаҳои техникӣ ба таври компютерӣ бо забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва ё забони давлати иқомати муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон хонапурӣ карда шуда, аз ҷониби аризадиҳанда шахсан ба имзо расонида мешавад.

Дар ҳолати хонапурӣ кардани анкета аз ҷониби шахси дигар, дар анкетаи раводид бо имзои шахси анкетаро хона пурикарда ва муносибати ӯ ба аризадиҳанда қайд карда ме-шавад.

Анкетаи кӯдакони ноболиғ аз чониби намояндагони қонунии онҳо, ки ҳамроҳ сафар доранд, хонапурӣ шуда, ба имзо расонида мешавад.

Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти байналмилалӣ ё ғайриҳукуматӣ, ки статуси дипломатӣ надорад, хонапурӣ шудани анкетаи раводид, дар хоначаи "сана ва имзо" (саволи 31) ан-кетаи раводид мӯҳр ва имзои роҳбари ташкилоти дархост-кунанда монда мешавад;

-квитансия дар бораи пардохти боҷи давлатӣ ва хироҷи консулӣ (дар ҳолати супоридани ҳуҷҷатҳо - барои баррасӣ ва баъди қабули қарори дахлдор дар бораи додани раводид - барои барасмиятдарорӣ);

-нусхаи раводиди аввалаи (қаблии) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раводиди қаблӣ асос барои додани раводиди нав мешавад. Дар ҳолати вуҷуд доштани раводиди қаблӣ, шаҳрванди хориҷӣ бо Руйхати шаҳрвандони хориҷии вурудашон ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда (минбаъд "Рӯйхат...") санҷида мешавад. Дар ҳолати набудани ӯ дар "Рӯйхат...", раводиди навъи муносиб ба мӯҳлати арзшуда, мутобиқи Қоидаҳои мазкур дода мешавад;

-дар ҳолати муроҷиати шаҳрвандони хориҷӣ барои гирифтани раводид ба мӯҳлати зиёда аз се моҳ, ба ҳайр аз навъҳое, ки дар зербандҳои "а, б, в, т" банди 2.1. ишора шудаанд, маълумотномаи тиббӣ дар бораи ташхиси тиббӣ ба вируси масъунияти бадани одам (ВИЧ СПИД) аз муассисаҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати иқомати шаҳрванди хориҷӣ.

Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар боло номбар шуда, вобаста ба навъи раводид аризадиҳанда бояд чунин ҳуҷҷатҳои иловагиро пешниҳод намояд:

а) барои гирифтани раводиди дипломатӣ ёд дошти мақомоти сиёсати хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ё намояндагии ташкилотҳои байналмилалӣ дар бораи додани раводиди дахлдор ба шаҳрванди хориҷӣ, бо нишон додани мақсади вуруд ва мӯҳлати будубош дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раёсати консулии ВКХ ҶТ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа раводидҳои дипломатиро ба мӯҳлати арзшуда, вале на зиёда аз ду сол медиҳанд;

б) барои гирифтани раводиди хизматӣ ёд дошти мақомоти сиёсати хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, мактубҳои дархостии мақомоти давлатии кишвари иқомати муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мактубҳои дархостии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани раводид ба шаҳрванди хориҷӣ, бо нишон додани мақсади вуруд ва мӯҳлати будубош дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раёсати консулии ВКХ ҶТ раводиди хизматиро ба мӯҳлати арзшуда, вале на зиёда аз ду сол дода метавонад. Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа раводиди хизматиро ба мӯҳлати арзшуда, вале на зиёда аз як сол медиҳанд;

в) барои гирифтани раводиди сармоягузорӣ зарур аст, ки ҳаҷми сармоя на камтар аз 500 000 доллари ШМА бошад, муроҷиатномаи ширкатҳои бузурги хориҷӣ ё Кумитаи дав-латии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тафтиши пешакӣ аз "Рӯйхат...".

Раёсати консулии ВКХ ҶТ раводиди сармоягузориро ба мӯҳлати то 3 сол медиҳад. Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа раводиди сармоягузориро ба мӯҳлати то ду сол, бо огоҳикунонии ВКХ ҶТ дар мӯҳлати 24 соат оид ба додани ин навъи раводид, медиҳанд.

Ҷавобгарии додани раводиди сармоягузорӣ ба сарони намояндагиҳои дипломатӣ, консулҳои генералӣ ва консулҳо, ки қарори охирин оид ба барасмиятдарорӣ ва додани раводидро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул менамоянд, вогузор карда мешавад;

г) барои гирифтани раводиди корӣ дар хости шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият, инчунин намояндагиҳои ташкилотҳои тиҷоратии хориҷӣ, бо нишон додани мақсади воруд ва мӯҳлати будубош дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Навъи раводиди мазкур тағйир дода намешавад ва бо-яд қатъиян бо мақсади воруди шаҳрванди хориҷӣ мутобиқ бо-шад. Дар ҳолати мувофиқ набудани мақсади воруд ба навъи раводиди мазкур, будубоши минбаъдаи шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номатлуб мебошад.

Раёсати консулии ВКХ ҶТ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа раводиди кориро ба мӯҳлати арзшуда, вале на зиёда аз як сол бо инобати тамдиди минбаъдаи он медиҳанд;

д) барои гирифтани раводиди меҳнатӣ дархости ташкилоти даъваткунанда ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани раводид, бо нишондодани мақсади воруд ва мӯҳлати будубош дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, нусхаи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё шартномаи гражданӣ-ҳуқуқии ба иҷро расонидани корҳо (хизматрасонӣ).

Дар ҳолати дархости шахси воқеӣ оид ба додани раводиди меҳнатӣ ба шаҳрванди хориҷӣ иловатан огоҳиномаи мақомоти корҳои дохилии маҳали ба иҷро расонидани корҳо (хизматрасонӣ) талаб карда мешавад.

Шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи гражданӣ-ҳуқуқии ба иҷро расонидани корҳо (хизматрасонӣ), ки бар хилофи

талаботҳои қонунгузории гражданӣ ба расмият дароварда шудааст, ҷиҳати баррасӣ қабул карда намешавад.

Раёсати консулии ВКХ ҶТ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа раводидҳои меҳнатиро ба мӯҳлати на зиёда аз се моҳ медиҳанд. Тамдиди раводиди меҳнатӣ аз ҷониби Раёсати консулии ВКХ ҶТ ва дар асоси иҷозатнома барои фаъолияти меҳнатӣ, ки аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад ва ба мӯҳлати амали иҷозатнома ба амал бароварда мешавад, агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ди-гаре пешбинӣ нашуда бошад;

е) барои гирифтани раводиди туристӣ дархости ташкилотҳои туристӣ дар бораи додани раводид ба шаҳрванди хориҷӣ, бо нишон додани мақсади вуруд, хатсайри ҳаракат ва мӯҳлати иқоматдар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ намудани фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома (литсензия) доранд.

Дар ҳолати муроҷиати шаҳрвандони давлатҳое, ки дар Замимаи 1 Қоидаҳои мазкур омадаанд, дархости ширкати хориҷии туристӣ, ки дар давлати иқомати муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайд гузашта аст ё ширкати туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани раводид ба шаҳрванди хориҷӣ, бо нишон додани мақсади вуруд, хатсайри ҳаракат ва мӯҳлати иқомат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷи-кистон талаб карда мешавад.

Дар ҳолати сафари фардии шаҳрванди хориҷии давлате, ки дар Замимаи 1 қарори мазкур омадаанд, дархости ширкати туристӣ талаб карда намешавад. Дар ин ҳолат, шахси мансабдори консулӣ бояд оид ба мақсади туристии шаҳрванди хориҷӣ боварӣ ҳосил намояд. Ба сифати ҳуҷҷатҳое, ки мақсади туристии шаҳрванди хориҷиро тасдиқ менамоянд, роҳнамои туристӣ, хатсайри ҳаракат (нусхаи чиптаи ҳавопаймо ба дутараф ва ғайраҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳо аз рӯи салоҳдиди Консул эътироф мешаванд.

Шаҳрванди хориҷӣ, ки раводиди туристӣ дорад, бояд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати дар раводид муайянгар-дида хуруҷ шавад. Раводиди туристӣ ба иваз намудан ба навъи дигари раводид воҷиб нест.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки дар банди 1.6. Қоидаҳои мазкур омадаанд, раводиди яккаратаи туристиро ба мӯҳлати на зиёда аз 45 рӯз медиҳанд. Дар ҳолати асоснокии дархост

(пешниҳод кардани хатсайри ҳаракат), раводиди дукарата дода мешавад.

Раводиди туристӣ танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ (бемории турист, офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва ғайраҳо) аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба додани раводид тамдид карда мешавад.

Шаҳрвандони хориҷӣ, ки бо раводиди туристӣ вуруд шудаанд, агар мӯҳлати будубоши онҳо зиёда аз 30 рӯз набошад, аз қайд дар мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун шаҳрванди хориҷӣ, озод мебошанд;

ж) барои гирифтани раводиди таҳсилии академӣ - мактуб-дархости муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қайди давлатӣ доранд бо маълумот дар бораи донишҷӯ ва курси таҳсили ӯ, нусха аз фармони муассисаи таълимӣ ё илмӣ дар бораи қабул шудани шаҳрванди хориҷӣ барои таҳсил дар таълимгоҳ, аспирантура, докторантура, нусхаи билети до-нишҷӯ ва китобчаи имтиҳонӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимоти олӣ ва қарор дод дар бораи таҳсилот, инчунин дар-хости Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил-кунандагони хориҷӣ, ки бо роҳи созишномаҳои байналмилалӣ вуруд мешаванд.

Дорандаи раводиди таҳсилии академӣ ҳуқуқи машғул шу-дан ба дигар фаъолият, ба ҷузъ фаъолияти таҳсилӣ ва илмӣ на-дорад.

Муассисаи таълимие, ки шаҳрванди хориҷиро бо мақсади таҳсил даъват намудааст, дар муддати 3 рӯзи корӣ аз рӯзи муайян намудани худсарона тарк намудани муассисаи таълимотии мазкур аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ва ё бе сабабҳои узрнок ба муддати 3 рӯзи дарсӣ (ки ба 18 соати дарсӣ баробар аст) иштирок накардан дар дарсҳо ба ВКХ ҶТ ва мақомоти амнияти давлатии маҳали қайди муассисаи таълимотӣ хабар медиҳад. Дар ин ҳолат раводиди шаҳрванди хориҷӣ бекор карда шуда, худи ӯтибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи маъмурӣ аз ҳудуди давлат берун карда мешавад.

Ғайр аз ин, муассисаи таълимие, ки шаҳрванди хориҷиро бо мақсади таҳсил даъват намудааст, бо мақсади ҳисоботи оморӣ ӯҳдадор аст, ки маълумотро дар бораи донишҷӯёни хориҷӣ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКХ ҶТ ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонна дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ пас аз ба анҷом расидани соли хониш равон намояд.

Раводиди таҳсилии академӣ аз ҷониби Раёсати консулии ВКХ ҶТ ба мӯҳлати амали шартномаи таҳсилотӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст, вале на зиёда аз 1 сол барои ҳар як раводиди оянда дода мешавад;

з) барои гирифтани раводиди таҳсилӣ дархости муас-сисаҳои таълимотӣ ва илмӣ дар бораи додани раводид бо ишора намудани мақсади вуруд ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аризаи довталаб дар бораи нияти дохил шудан ба муассисаи таълимотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дархости ташкилоти равонкунандаи донишҷӯи хориҷӣ ба коромӯзӣ, ба барномаҳои ивазкунӣ, таҷрибаомӯзии таҳсилӣ ва омӯзиши забон.

Раводиди таҳсилӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 9 моҳ дода мешавад. Раводиди таҳсилӣ воҷиб ба тамдид ва дигаргунсозӣ ба навъи дигари раводид нест. Дар ҳолати дохил шудани шаҳрванди хориҷӣ ба таҳсили академӣ, "раводиди таҳсилӣ" бо тартиби мондани мӯҳри сирешимии "қатъ карда шудааст" бекор карда шуда, тибқи талаботи банди 5 Қоидаҳои мазкур "раводиди таҳсили академӣ" дода мешавад.

Дар ҳолати ба фаъолияти дигар, ба ҷузъ таҳсилот машғулшудани шаҳрванди хориҷӣ, мӯҳлати будубоши шаҳрванди хориҷӣ бо раводиди таҳсилӣ метавонад аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ бо дархости мақомоти амнияти давлатӣ ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шавад. Дар ин ҳолат, раводиди шаҳрванди хориҷӣ бо тартиби мондани мӯҳри сирешимии "бекор карда шудааст" бекор карда шуда, ӯ бошад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи маъмурӣ аз ҳудуди давлат берун карда мешавад.

и) барои гирифтани раводиди хусусӣ огоҳиномаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳолати барои муолиҷа вуруд шудани шаҳрванди хориҷӣ, дархости муассисаи табобатӣ, ки аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, зарур мебошад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ (муроҷиати шаҳрванди хориҷӣ, ки дар хориҷи кишвар истиқомати доимӣ дораду дар никоҳи бақайдгирифташуда бо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва ғ.) раводиди хусусӣ метавонад дар асоси аризаи шаҳрванд, бе талаби огоҳиномаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳо-

лати дафни (бемории вазнини) хешовандон ва шиносон бо қарори роҳбари намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва дар асоси барқияҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби духтур тасдиқ гардидааст, дода шавад.

Раводиди хусусӣ аз ҷониби Раёсати консулии ВКХ ҶТ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати на зиёда аз 3 моҳ дода мешавад.

Раводиди хусусӣ метавонад танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ (бемории шаҳрванди хориҷӣ, ҳодисаҳои нохуши табиӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва ғ) аз ҷониби Раёсати консулии ВКХ ҶТ ба мӯҳлате, ки барои хуруҷ шудан аз давлат зарур аст, инчунин дар ҳолати хуруҷ шуда натавонистани шаҳрванди хориҷие, ки бо мақсади муолиҷа ворид шудааст, ба мӯҳлате, ки барои муо-лиҷаи шаҳрванди хориҷӣ зарур аст, тамдид карда шавад.

к) раводид барои минтақаҳои озоди иқтисодӣ - аз ҷониби Раёсати консулии ВКХ ҶТ ва намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси мактуб-дархости маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва иҷозат барои фаъ-олияти меҳнатӣ, ба мӯҳлати амали иҷозати фаъолияти меҳнатӣ, мутобиқан бо тамдиди минбаъда дода мешавад. Раводиди нахустини навъи мазкур аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии номбурда ба мӯҳлати то 3 моҳ бе дархости иҷозати фаъолияти меҳнатӣ дода мешавад.

Аз ҷониби муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, бюрои консулӣ дар фурӯдгоҳҳо ва намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси мак-туб дархости шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият, ки нияти ба амал баровардани фаъолияти хешро дар минта-қаҳои озоди иқтисодӣ доранд, ба мӯҳлати на зиёда аз 3 моҳ бо тамдиди минбаъда дар Раёсати консулии ВКХ ҶТ ё нуқтаи консулӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ дода мешавад.

Навъи мазкури раводид танҳо дар қаламрави минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, амал менамояд ва бо тартиби содда дода мешавад.

Минтақаҳои истиқомати шаҳрвандони хориҷие ки ин навъи раводидро доранд, бо фармони муштараки Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳу-рии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Ҳангоми додани навъи мазкури раводид, аз ҷониби корманди масъули консулӣ мӯҳри иловагӣ, бо ишораи ном ва қаламрави минтақаҳои озоди иқтисодӣ гузошта мешавад. Ба шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин навъи раводид тавассути нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон воруд шудаанд, барои расидан ба қаламрави минтақаи озоди иктисодӣ 48 соат мӯҳлат дода мешавад. Ҳангоми аз давлат хориҷ шудани шаҳрванди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатии Ҷумҳурии То-ҷикистон ҳамин гуна мӯҳлат додамешавад. Мӯҳлати ҷудошуда аз рӯи мӯҳри санавӣ, ки аз ҷониби хадамоти сарҳадӣ дар саҳифаи махсуси шиноснома дар нуқтаи гузаргоҳи сарҳади давлатӣ гузошта мешавад, муайян карда мешавад. Ҳангоми хуруҷи шаҳрванди хориҷӣ аз қаламрави минтақаи озоди иқ-тисодӣ, аз ҷониби Маъмурияти минтақаи озоди иктисодӣ замимаи махсус бо ишораи санава вақти хуруҷи шаҳрванди хориҷӣ дода мешавад, ки бояд ҳамеша дар дохили шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ, дар давоми вақте, ки ӯ берун аз қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ қарор дорад, ҳамчун далели вақти тарк намудани минтақа бошад.

Ҳангоми хуруҷи шаҳрванди хориҷӣ аз қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ бо мақсади хизматӣ (барои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо дар муассисаҳои давлатӣ) аз ҷониби маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба мӯҳлати на зиёда аз як ҳафта шаҳодатномаи сафари корӣ дода мешавад.

Шакли шаҳодатномаи сафари корӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад.

Ҳангоми бесабабҳои узрнок (ҳамчун сабаби узрнок ҳолатҳои форсмажор - бемории ногаҳонии шаҳрванди хориҷӣ, фалокатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва ғайра эътироф карда мешаванд) вайрон намудани реҷаи мӯҳлатӣ, шаҳрванди хориҷӣ тибқи тартиби муайян намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

л) барои гирифтани раводид ба ронандагони воситаҳои нақлиёти байналмилалӣ-мактуб - дархости шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият оид ба додани раводид бо зикри мақсад ва мӯҳлате, ки барои амалӣ намудани ҳамлу нақл зарур аст, иҷозатнома (литсензия) барои амалӣ намудани ҳамлу нақ-ли

байналмилалӣ, иҷозатномаи махсус барои борҳое, ки ҳаҷ-машон аз андозаи муқарраргардида зиёд (дар ҳолати ҳамлу нақли чунин бор) ва нусхаи полиси суғуртавии воситаи нақлиёт барои ҳолатҳои ба вуҷуд омадани садамаҳои нақлиётӣ дар-роҳҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мегардад, талаб карда мешавад.

Навъи мазкури раводид танҳо дар хатсайри муайян, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори ҷумҳурӣ муқаррар гардидааст ва тонуқтаи ниҳоӣ (терминал) амал менамояд ва бо тартиби содда дода мешавад.

Баромад аз хати муайян танҳо дар ҳолатҳои форс-мажориғозат дода мешавад (бемории ногаҳонии шаҳрванди хориҷӣ ронанда, фалокатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулодда, нуқсонҳои ҷиддии воситаи нақлиёт). Будубоши шаҳрванди хориҷӣ - ронанда берун аз хати муайян, ғайриқонунӣ ҳисобида ме-шавад. Ҳангоми маротибаи аввал бе сабабҳои узрнок вайрон намудани реҷаи хати муайян, аз шаҳрванди хориҷӣ тибқи тартиби муайян намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. Ҳангоми такроран вайрон намудани реҷаи хати муайян, раводиди шаҳр-ванди хориҷӣ бо роҳи гузоштани мӯҳри сирешимии "бекор кар-да шудааст" бекор карда шуда, ӯ бошад, тибқи тартиби муқар-рар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон батариқи маъмурӣ аз ҳудуди давлат берун карда мешавад.

Навъи мазкури раводид аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати на зиёда аз мӯҳ-лати амали иҷозатномаи (литсензия) аз ҷониби Хадамоти дав-латии назорат ва танзим дар нақлиёт додашуда, вале на зиёда аз 1 сол дода мешавад.

Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар нақлиёт дар ҳолати боз дошт ва бекор кардани иҷозатномаҳо (литсензияҳо) ӯҳдадор аст дар муддати 3 рӯзи корӣ дар ин бора ба ВКХ ҶТ хабар диҳад.

м) раводид барои истиқомати доимӣ - аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ дар асоси мактуб - дархости мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳали истиқомати ояндаи шаҳрванди хориҷӣ, ки қаблан бо мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, ба мӯҳлати на зиёда аз шаш моҳ дода мешавад.

Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа раводиди навъи мазкурро дар асоси ариза дар бораи додани

раводид бо зикри маълумоти муфассал дар бораи шуғли минбаъда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, будани шароит барои пардохти сафар ва будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то дарёфти кори муносиб, имконияти интиқоли нафақа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар аризадиҳанда онро гирад ва огоҳиномаи мАқомоти корҳои дохилӣ, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба расмият даровarда шудааст, бамӯҳлати на зиёда аз 3 моҳ бо тамдиди минбаъда дар раёсати консулии ВКХ ҶТ медиҳанд;

н) барои гирифтани раводид ба аъзои экипажи киштии ҳавоӣ -нусхаи шаҳодатномаи парвозии аъзои экипажи киштии ҳавоӣ, инчунин дархости хаттии ширкати ҳавопаймоӣ ё намояндагии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати то 1 сол бо тамдиди минбаъда дода мешавад. Аз ҷониби муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ба мӯҳлати то 3 моҳ бо тамдиди минбаъда дода мешавад.

о) раводид барои намояндагони воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ-аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ дар асоси нусхаи картаи аккредитатсионӣ, ки аз ҷониби раёсати иттилооти ВКХ ҶТ дода шудааст, ба мӯҳлати аккредитатсияи мухбири хориҷӣ.

Аз ҷониби муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дар асоси ёддошти мақомоти сиёсати хориҷии давлати иқомати корманди воситаи ахбори омма ё мактуб-дархости намояндагии воситаи ахбори омма дар бораи додани раводид бо зикри мӯҳлат ва мақсади будубош, ба мӯҳлати на зиёда аз се моҳ бо инобати тамдиди минбаъда дар раёсати консулии ВКХ ҶТ дода мешавад.

п) раводид барои ҳамсари шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон-аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ дар асоси мактуб - дархости мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳали истиқомати ояндаи шаҳрванди хориҷӣ, ки бо мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, ба мӯҳлати то 1 сол бо инобати тамдиди минбаъда дода мешавад.

Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа раводиди навъи мазкурро дар асоси аризаи ҳамсари шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани раводид бо нишон додани маълумоти муфассал дар бораи шуғли минбаъдаи ҳамсар-шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нусхаи шаҳодатномаи никоҳ, ки бо тартиби муқаррар шуда барасмият даровардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мегардад, то

дарёфти кори муносиб маблағ доштан барои пардохти сафар ва будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мӯҳлати на зиёда аз се моҳ бо тамдиди минбаъда дар мақомоти ваколатдори давла-тии Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд.

р) барои гирифтани раводиди варзишгарон ва ҳунармандон - ёддошти мақомоти сиёсати хориҷии давлати иқомати вар-зишгарон ва ҳунармандони хориҷӣ ё мактуб-дархости мақо-моти давлатии кишвари будубоши варзишгар ва ё ҳунарманди хориҷӣ дар бораи додани раводид ва ё мактуб-дархости мА-қомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои вар-зиш ва фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистонвобастаанд, бо ни-шондодани мақсад ва мӯҳлати будубош ва намуди чорабинии фарҳангӣ ё варзишӣ.

Аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа бамӯҳлати на зиёда аз мӯҳлати гузаронидани чора-бинӣ бо инобати мӯҳлати муайян барои вуруд хуруҷ аз (ба) Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

с) раводиди табширӣ - аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ дар асоси мактуб-дархости ташкилоти динӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррар гардида ба қайд гирифта шудааст, маълумотнома дар бораи бақайдгирӣ ва фаъолият аз Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонба мӯҳлати то 1 сол бо инобати тамдид ба ҳамин мӯҳлат.

Аз ҷониби муассисҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷадар асоси ёддошти мақомоти сиёсати хориҷии давлате, ки ташкилоти динӣ дар он ба қайд гирифта шудааст, ҳамроҳ бо мактуб дархости ташкилотҳои динӣ, ки нияти дар Тоҷикистон фаъолият намуданро доранд, ба мӯҳлати на зиёда аз 4 моҳ бо инобати тамдиди минбаъдадар мақомоти ваколатдори давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дода мешавад.

т) раводиди гуманитарӣ (башардӯстона) дар асоси ёддошти мақомоти сиёсати хориҷӣ ва дигар ташкилотҳои интиқол-диҳандаи бори башардустона, новобаста аз шакли моликият, ё мактуб-дархости мақомоти давлатииҶумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои марбут ба расонидани ёрии башардӯстона во-баста буда, ба мӯҳлати зарурии расонидани ёрии башардӯстона дода мешавад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ (тақсим намудани ёрии башар-дӯстона байни аҳолӣ, ташкилот, муассиса, назорат аз рӯи иҷ-

роиши тақсимот ва ғайраҳо) раводид метавонад ба мӯҳлати зарурии иҷрои ин иқдом, вале на зиёда аз 6 моҳ дода шавад.

Раводиди гуманитарӣ метавонад ройгон бошад. Қарор дар бораи озод намудани шаҳрванди хориҷӣ аз пардохти хироҷи консулӣ аз ҷониби роҳбари муассисаи консулӣ қабул карда мешавад;

у) раводиди тиҷоратӣ-азҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ дар асоси мактуб - дархости ташкилоти тиҷоратӣ, ки дар он шаҳрванди хориҷӣ фаъолияти тиҷоратӣ дорад, нусхаи маълумотнома аз мақомоти андоз аз маҳали фаъолияти тиҷоратӣ дар бораи набудани қарзи пардохти андоз дар давраи машғулшудан ба фаъолияти тиҷоратӣ ва нусхаи патент, агар соҳибкори инфиродӣ бошад, дода мешавад.

Ба маротибаи аввал навъи мазкури раводид аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба мӯҳлати на зиёда аз се моҳ, бо инобати тамдиди минбаъда дар раёсати консулии ВКХ ҶТ дар асоси нусхаи иҷозат барои фаъолияти меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар боло нишон дода шуда), ки аз ҷониби Хадамоти муҳо-ҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, мутобиқан ба мӯҳлати амали иҷозат барои фаъ-олияти меҳнатӣ дода мешавад.

## VI. Тартиб ва мӯҳлати баррасии дархостҳо, пардохти хироҷи консулӣ барои додани раводид ва асос барои рад кардани раводид

6.1. Шахси мансабдори консулӣ шахсияти дархосткунанда ва ё ваколати намояндаи дархосткунандаро муайян мекунад, ҳуҷҷатҳои тибқи талаботи банди 5 Қоидаҳои мазкур пешниҳод шударо ҷиҳати дурустии ба расмият даровардан, пурра ва боэътимод будан, дурустии навъи раводиди дархост шуда ба мақсади сафарро тафтиш менамояд.

Дар ҳолати ба талаботи банди 5 Қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ набудани дархости пешниҳод шуда ва дуруст набудани навъи раводиди дархост шуда ба мақсади сафар, ҳуҷҷатҳо ба шахси дархосткунанда ё ташкилоти дархосткунанда ба таври расмӣ барои мутобиқгардонӣ дар муддати ду рӯзи корӣ баргардонида мешаванд.

Агар шаҳрванди хориҷӣ барои ҷавоби дархосташ дар муддати 30 рӯзи корӣ муроҷиат нанамояд, ҳуҷҷатҳои ӯ ба

бойгонӣ супорида мешаванд. Дар ҳолати баъди 30 рӯзи корӣ аз рӯзи барои баррасӣ супоридани ҳуҷҷатҳо муроҷиат намудани шаҳрванди хориҷӣ, дархост барои додани раводид дубора талаб карда мешавад.

Ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳо, дар нусхаи дархост мӯҳр бо ишораи санаи қабули ҳуҷҷатҳо ва рақами ба қайдгирии ҳуҷҷатгузории воридшаванда гузошта мешавад, ки бо онҳо минбаъд ҳуҷҷат дарёфт карда мешавад.

Шаҳрвандони хориҷие, ки барои додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат мекунанд, баъди муайян на-мудани мутобиқати ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ба банди 5 Қоидаҳои мазкур бо "Рӯйхат..." тафтиш карда мешаванд.

6.2. Мӯҳлати баррасӣ ва барасмиятдарории раводид на зиёда аз 20 рӯзи корӣ аз рӯзи муроҷиати шаҳрванди хориҷӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки дар банди 8 Қоидаҳои мазкур пешбинӣ гардидаанд, инчунин агар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, тартиби дигар пеш-бинӣ нашудабошад, муқаррар карда мешавад. Санаи муроҷиат барои додани раводид аз рӯзи пешниҳод намуданитамоми ҳуҷ-ҷатҳо, ки тибқи Қоидаҳои мазкур пешбинӣ гардида, ба таври дахлдор ба расмият дароварда шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ҳолатҳои алоҳида, мӯҳлати баррасии дархост ба-рои додани раводид, агар баррасии дақиқи ҳуҷҷатҳо зарур бо-шад, метавонад ба мӯҳлати на зиёда аз10 рӯзи корӣ тамдид кар-да шавад.

Дар ҳолати муқаррар намудани мӯҳлати зиёдтари баррасии қарори додани раводид барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷи-кистон аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ, ВКХ ҶТ дар асоси прин-сипи байналмилалии баробарӣ метавонад мӯҳлати баррасии дархостҳои раводиди шаҳрвандони он давлати хориҷиро дигаргун намояд.

6.3. Барои баррасии дархост ва додани раводид аз шаҳр-ванди хориҷӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии То-ҷикистон хироҷи консулӣ ситонида мешавад.

Хироҷи консулӣ барои баррасии дархост мавриди су-поридани ҳуҷҷатҳо гирифта шуда, ҳангоми рад намудани додани раводид ё нодуруст пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳо бар-гардонида намешавад. Дар ҳолати муроҷиати такрорӣ хироҷи консулӣ барои баррасии дархост ба таври пурра, агар тартиби дигар бо

шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷи-кистон эътироф намудааст, пешбинӣ нашуда бошад, ситонида мешавад.

Боҷи давлатӣ ва хироҷи консулӣ барои додани раводид баъди қабули қарор дар бораи додани он, тибқи тартиби муқаррар намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад.

Барои баррасии таъҷилии дархости шаҳрванди хориҷӣ барои додани раводид, ҳаҷми пардохти консулӣ ба маротиб меафзояд. Ҳаҷми хироҷи консулӣ ва таъҷил аз ҷониби Ҳу-кумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

6.4. Барои додани раводид, бекор ва ё ихтисори мӯҳлати амали он бо сабабҳои пешбини намудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" метавонад рад карда шавад, ё агар шаҳрванди хориҷӣ:

-ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои додани раводид маълумоти бар дурӯғ дар бораи худ пешниҳод намудааст, ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод накардааст ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, сохта карда шуда, беэътибор дониста шударо пешниҳод намудааст;

-ба рӯйхати шахсоне дохил карда шудааст, ки воруди онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст;

-шахс барои будубош (истиқомат) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номатлуб эълон карда шудааст;

-ба фаъолияти террористӣ ё дигар намуди фаъолияти экстримистӣ, хариду фурӯши одамон, ярoқ, аслиҳа ва маводҳои тарканда, муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар, воситаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки ба мудофианокӣ, амнияти давлат ё тартиботи ҷамъиятӣ зарар мео-варад, муносибат дошта бошад;

-дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар давлат барои содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнини мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин эътирофшуда маҳкум шуда бошад ва доғи судиаш бардошта на-шуда бошад;

-дорои бемориест, ки ба рӯйхати бемориҳои барои аҳолӣ хатарнок дохил карда шудааст;

-(на барои нашр).

6.5. Ба шаҳрванди хориҷӣ барои хуруҷ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ё додани раводид барои хуруҷ аз Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон метавонад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рад карда шавад ва ё бо сабабҳое, ки агар ӯ:

-дар парвандаи ҷиноятӣ гумонбар ё айбдоршаванда бошад-тоба итмом расидани истеҳсолот оид ба парванда ё қувваи қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд оид ба ин парванда;

-ӯҳдадориҳои молу мулкӣ, андозӣ ё дигар ӯҳдадориҳоро дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқӣ вавоқеӣ, ки тибқи ба қувваи қонунӣ дар омадаи суд муқаррар карда шудааст, иҷро накардааст - то иҷрои он ӯҳдадориҳо.

6.6. Рад кардани додани раводид асоснок карда намешавад.

## VII. Тамдиди мӯҳлати раводид, бекор кардан ва барқарор кардани раводид

7.1. Мӯҳлати амали раводид метавонад аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ дар асоси раводиди қаблӣ ва дар ҳолати будани дархости асоснок ва ҳуҷҷатҳое, ки тибқи банди 5 Қоидаҳои мазкур пешбинӣ гардида, зарурати ин гуна тамдидро тасдиқ менамоянд, ба мӯҳлати муайяншуда бо салоҳдиди шахси масъули консулӣ, ки ба тамдиди раводид ва колатдор шудааст, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки тибқи Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудааст, тамдид карда шавад.

Шаҳрванди хориҷӣ ӯҳдадор аст, ки барои тамдиди раводид 20 рӯзи корӣ қабл аз ба итмом расидани мӯҳлати амали раводиди амалкунанда муроҷиат намояд.

Дар сурати гузаштани мӯҳлати амали раводид бо гуноҳи дархост кунанда, ӯ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқукии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Қарор дар бораи тамдиди раводид ва каратнокии он аз ҷониби шахси масъул, ки барои додани раводид ваколатдор шудааст, баъди санҷиш бо "Рӯихат..." қабул карда мешавад. Дар ҳолати тамдид намудани раводид дар Ҷумҳурии Тоҷи-кистон ҳамоҳангсозии иловагӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ талаб карда намешавад.

Аз тамдиди раводиди шаҳрвандони хориҷӣ ба мӯҳлати зиёда аз се моҳ, дар мӯҳлати 10 рӯзи корӣ аз рӯзи тамдиди раво-дид, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳонида мешавад.

Тамдиди мӯҳлати амали раводид ба шарти нигоҳ доштани навъи қаблии раводиди шаҳрванди хориҷӣ, агар тибқи Қоидаҳои

мазкур тартиби дигар оид ба навъҳои алоҳидаи раводид муқаррар нашуда бошад, ба амал бароварда мешавад.

Тамдиди мӯҳлати амали раводид ба таври ба шиноснома часпонидани бланкаи нави мошинахони раводид, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбини намудаи банди 10.4. Қоидаҳои мазкур ба амал бароварда мешавад.

Дар ҳолате ки дар шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ аллакай раводид, ки мӯҳлати амалаш нагузашта ва ё истифода бурда нашуда бошад, раводиди нав бо шарти бекор кардани раводиди қаблӣ бо тартиби мондани мӯҳри сирешимии "қать карда шудааст" ба амал бароварда мешавад.

Мӯҳлати қабули қарор дар бораи тамдиди раводид ба андозаи 10 рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ муқаррар карда мешавад, агар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

7.2. Дар ҳолати аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул намудани қарор дар бораи ихтисор кардани мӯхлати будубоши муваққатии шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, раводиди ӯ бо тартиби мондани мӯҳри сирешимии "бекор карда шудааст" бекор карда шуда, баъдан раводиди хуруҷӣ ба мӯҳлати амали на зиёда аз 7 шабонарӯз дода мешавад.

Дар ҳолати қабули қарор дар бораи ба тариқи маъмурӣ аз ҳудуди давлат берун кардан ва ё депортатсияи шаҳрванди хориҷӣ, раводиди ӯ аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ бо тартиби мондани мӯҳри сирешимии "бекор карда шудааст" бекор карда шуда, маълумоти биометрии ӯ ба "Рӯйхат..." ворид карда мешавад.

7.3. Дар ҳолати нӯқсони механикӣ гирифтани раводиди шаҳрванди хориҷӣ, ки ба корношоямии минбаъдаи он оварда расонидааст ё дар ҳолати гумшудани он, раводид бояд баъди санҷиши асос ва тасдиқи далели додани он барқарор карда шавад.

Барқарор намудани раводид аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дар асоси аризаи хаттии шаҳрванди хориҷӣ, ё бо дар-хости хатии ташкилот, ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё шаҳрванди хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ дораду бо даъвати ӯ шаҳрванди хориҷӣ вуруд шудааст ва

нияти ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воруд шуданро дорад, ба амал бароварда мешавад.

Дар ҳолати гирифтани шиносномаи нави миллӣ аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ, ки соҳиби раводиди амалкунанда буда, шиносномаи пештараи он бекор (хомӯш) карда шуда бошад, раводид метавонад дар шиносномаи нав дар асоси аризаи хаттии ин шаҳрванди хориҷӣ барқарор карда шавад.

Дар ҳолатҳои пешбини намудаи сарҳати 2,3 банди мазкур, хироҷи консулӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад.

## VIII. Тартиби соддаи ба расмият даровардан ва додани раводид

Тартиби соддаи додани раводид дар ихтисор намудани мӯҳлати баррасии дархости раводидӣ ифода мегардад.

Шаҳрвандони давлатҳое, ки дар замимаи 1 қарори мазкур омадаанд, ҳуқуқи гирифтани тамоми навъҳои раводидро дар мӯҳлати 3 рӯзи корӣ, бо инобати баррасӣ ва додани он, доранд.

Санаи муроҷиат барои додани раводид аз рӯзи пешниҳод намудани тамоми ҳуҷҷатҳо, ки тибқи Қоидаҳои мазкур пеш-бинӣ гардида, ба таври дахлдорба расмият дароварда шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ҳолатҳои алоҳида, мӯҳлати баррасии дархост барои додани раводид, агар баррасии дақиқи ҳуҷҷатҳо зарур бошад, метавонад ба мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи корӣ тамдид карда шавад.

Тартиби соддаи додани раводид метавонад аз ҷониби Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 15 шабонарӯз муваққатан манъ карда шавад.

## IX. Тартиби барасмиятдарорӣ ва додани тасдиқи даъват

9.1. Тасдиқи даъват ҳуҷҷатест, ки ба шаҳрванди хориҷӣ ҳуқуқи гирифтани раводиди навъи муносибро дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, бюрои консулӣ дар фурӯдгоҳҳо ва намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад.

9.2. Тасдиқи даъват аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ бо асосҳое, ки дар боби 5 Қоидаҳои мазкур ишора шудаанд ва

вобаста ба мақсади сафари шаҳрванди хориҷӣ ба расмият дароварда мешавад.

9.3. Тасдиқи даъват дар бланкаи муқарраршуда, ки аз ҷониби ВКХ ҶТ тасдиқ карда мешавад, ба расмият дароварда мешавад. Тартиб ва мӯҳлати баррасии дархостҳо дар бораи барасмиятдарорӣ ва додани тасдиқи даъват дар асоси бандҳои 6.1.ва 6.2. Қоидаҳои мазкур ба амал бароварда мешавад. Рад кардани додани тасдиқи даъват тибқи тартиби муқаррар намудаи Қоидаҳои мазкур ба амал бароварда мешавад.

9.4. Тасдиқи даъват дар нусхаи асл ба расмият дароварда шуда, ба шахси дархосткунанда ё ташкилоти дархосткунанда супорида мешаванд.

Раёсати консулии ВКХ ҶТ нусхаи электронии тасдиқи даъватро тавассути почтаи электронӣ ё тариқи алоқаи факсӣ дар рӯзи барасмият даровардани тасдиқи даъват ба муас-сисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, бюрои консулӣ дар фурӯдгоҳҳо ва намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар қалам-рави Ҷумҳурии Тоҷикистон мефиристад.

Дар ҳолати набудани имконияти техникӣ (нуқсонҳои воситаҳои техникӣ), аз ҷониби раёсати консулии ВКХ ҶТ тасдиқи додани тасдиқи даъват ирсол карда мешавад, ки дар он маълумот дар бораи рақами содиротии тасдиқи даъват, санаи ба расмият даровардани он, мӯҳлати иҷозати додани раводид, насаб, ном, номи падар, инчунин санаи таваллуди шаҳрвандони хориҷие, ки дар он омадаанд, фиристода мешавад.

## X. Тартиби барасмиятдарории раводид

10.1. Раводиди тамоми навъҳо дар қоғази махсус, ки дорои хусусиятҳои ҳифзшаванда аз сохтакорӣ ба иҷро расонида шуда, дар шакли ширешқоғаз ба варақаи махсуси барои раводид ҷудо карда шудаи шиноснома ё ҳуҷҷати онро ивазкунанда час-понида мешавад.

Раводиди ба расмият даровардашуда бо мӯҳри муассиса ва имзои шахси мансабдори раводид дода тасдиқ карда ме-шавад.

Хонапурӣ кардани бланкаи раводид бо тариқи компютерӣ ба амал бароварда мешаванд.

Санаи додан ва мӯҳлати амали раводид рақамгузорӣ карда мешавад. (мисол: 01.01.2009, аз рӯи принсипи рӯз, моҳ ва сол).

Дар хоначаи "Ном ва насаб Givenname" ном ва насаби шаҳрванди хориҷӣ бо ҳуруфоти лотинӣ, чӣ тавре ки дар

шиноснома омадааст, навишта мешавад. Дигар хоначаҳои бланкаи раводид бо забони давлатӣ пур карда мешаванд.

Дар ҳолати додани раводид аз ҷониби муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа қисмати "Хуруҷ exit-Вуруд Entry" хат зада мешавад. Дар ҳолати додани раводид аз ҷониби мақомоти давлатии салоҳиятдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмати "Вуруд Entry-Хуруҷ exit" хат зада мешавад.

Дар ҳолати барасмиятдарории раводид ба шаҳрванди хориҷии ноболиғ дар қисмати "Ҳамроҳ Accompanied by" ному насаби намояндагони қонунии шахси ноболиғ, ки ӯро ҳамроҳӣ мекунанд, навишта мешаванд. Инчунин, дар ҳамон қисмати раводиди шахсони ҳамроҳи кунанда, шаҳрванди хориҷии ноболиғ, ки бо онҳо сафар мекунад, бо ишораи соли таваллуди кӯдак номнавис карда мешавад.

Дар қисмати "Шиноснома № Passport №" силсила ва рақами шиноснома ё дигар ҳуҷҷати шаҳрванди хориҷӣ, ки ба сифати он эътироф шудааст, навишта мешавад.

Дар қисмати "Навъ Type"рамзи навъи раводид навишта мешавад. Мисол: "Д" дар ҳолати додани раводиди "дипломатӣ".

Дар ҳолати барасмиятдарории раводид ба шаҳрвандони хориҷӣ -аъзои оилаи категорияи шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар зербандҳои "а, б, в, д, ж, з, о, р" банди 2.1. Қоидаҳои мазкур ишорашудаанд, дар қисмати "Навъ Type " рамзи навъи раводиди аъзои оилаи шаҳрванди хориҷӣ ва абревиатураи "АО" навишта мешавад. Мисол: дар ҳолати додани раводид ба аъзои оилаи дипломати хориҷӣ "Д АО".

Дар қисмати "Карат Entries" микдори вуруд хуруҷи иҷозат дода шуда ба шаҳрванди хориҷӣ навишта мешавад.

Дар қисмати "Оғози мӯҳлат Validfrom" саршавии амали раводиди шаҳрванди хориҷӣ навишта мешавад. Дар қисмати "Анҷоми мӯҳлат Valid untill" санаи ба итмом расидани мӯҳлати амали раводиди шаҳрванди хориҷӣ навишта мешавад. Саршавӣ ва ба итмом расидани раводид аз соати 24:00 му-қаррар карда мешавад. Мисол: агар раводид аз 01.01.2009 то 01.02.2009 дода шуда бошад, он аз 00:01 дақиқа 01.01.2009 то 23.59 дақиқаи 01.02.2009 амал мекунад.

Дар қисмати "Таърихи судур Date of issue" санаи додани раводид ба шаҳрванди хориҷӣ навишта мешавад.

10.2. Дар ҳолати ба расмият дарории раводиди "хуруҷӣ", калимаи "хуруҷӣ" дар қисмати "Карат Entries"навишта мешавад.

Қисматҳои "Хуруҷ exit-Вуруд Entry" ва "Вуруд Entry-Хуруҷ exit" хат зада мешаванд.

10.3. Ба раводиде, ки ба як шахс ба расмият дароварда шудааст, дар қисмати "Ҳамроҳ Accompanied by" хат гузошта мешавад.

10.4. Тағиротҳо дар матни раводид (тағйири матн, рақам, каратнокӣ) бояд дар вараҷи алоҳидаи шиноснома ё ҳуҷҷате, ки онро иваз менамояд, ишора шуда, бо мӯҳри муассиса ва имзои шахси мансабдори тағйиротро ворид намуда тасдиқ карда шавад.

10.5. Раводидҳои гурӯҳӣ (танҳораводиди навъи "туристӣ" ) дар бланкаи расмии ташкилотҳои дархосткунанда бо тартиби ташкил намудани руйхатҳои номӣ бо роҳи алфавитӣ дар шакли зерин ба расмият дароварда мешаванд:

| № | Ному насаб (чӣ тавре, ки дар шинос-нома аст) | Сана, моҳ ва соли таваллуд | Ҷинс | Рақами шиноснома | Шаҳрвандӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |

Руйхат бояд аз ҷониби роҳбари ташкилоти дархост кунанда ба имзо расида, бо мӯҳри ин ташкилот тасдиқ шуда бошад.

Як дона раводид ба қисми ақиби рӯйхат (саҳифаиқоғаз) часпонида шуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи банди 10.1. Қоидаҳои мазкур ба яке аз шахсоне, ки дар ҳайати гурӯҳ сафар дорад, хонапурӣ карда мешавад. Дар қисмати "Ҳамроҳ Accompaniedby" микдори одамоне, ки дар ҳайати гурӯҳ сафар доранд, навишта мешавад, мисол: "+ 25 нафар тибқи рӯйхат". Раводид бо мӯҳри муассиса ва имзои шахси мансабдори судур намудаи раводид тасдиқ карда мешавад.

Агар рӯйхати шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар ҳайати гурӯҳ сафар менамоянд, дар як саҳифа ҷойгир нашавад, раводид дар саҳифаи алоҳида барасмиятдароварда шуда, тариқи исканҷаи кунҷи чапи саҳифа ба рӯйхати асосӣ дӯхта мешавад, ки бо мӯҳри муассиса ва имзои шахси мансабдори судур намудаи раводид тасдиқ карда мешавад. Раводид низ бояд бо мӯҳри муассиса ва имзои шахси мансабдори судур намудаи раводид тасдиқ карда шавад.

Тағйироту иловаҳо дар рӯйхат иҷозат дода намешаванд.

10.6. Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ӯҳдадоранд, ки ҳар 6 моҳ ба ВКХ ҶТ нақши мӯҳр ва намунаи имзои шахсони мансабдор, ки ҳуқуқи имзо намудан дар стикерҳои раводидро доранд, барои интиқоли минбаъда ба мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсол намоянд.

## XI. Баҳисобгирии раводидҳои додашуда

Маълумот дар бораи раводидӣ оидодашуда ба китобҳои махсуси ба қайдгирии раводид дар шакли электронӣ ба компютер ворид карда мешаванд. Дар давраи ҳисоботӣ, китобҳои мазкур аз чоп бароварда шуда, дӯхта мешаванд ва бо мӯҳри муассиса ва имзои шахси мансабдор, ки ба додани раводид ваколатдор шудааст, тасдиқ карда мешаванд.

Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, инчунин бюрои консулӣ дар фурудгоҳҳо ва намояндагиҳои ВКХ ҶТ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадоранд, ки то санаи 5 ҳар моҳ ба Вазорати корҳои хориҷӣ ҳисоботи омории намунаи муқарраршуда дар бораи додани раводид, маблағи воридшуда аз ҳисоби хироҷи консулӣ барои раводид, инчунин сарфаи стикерҳои раводидро пешниҳод намоянд.

## XII. Ҷавобгарии шахсони воқеӣ ва ҳукукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даъвати шаҳрвандони хориҷӣ

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандони хориҷиро даъват намудаанд, барои будубоши қонунии шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар буда, барои хуруҷи шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳолати танқисии молиявии шаҳрванди хориҷӣ ё дар ҳолати ба тариқи маъмурӣ аз ҳудуди давлат берун кардан ё депортатсияи шаҳрванди хориҷӣ ӯҳдадории молиявӣ доранд.

Замимаи 1

**Номгӯи**
**давлатҳои хориҷие, ки шаҳрвандони онҳо ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд**

1. Австралия
2. Ҷумҳурии Австрия
3. Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир
4. Ҷумҳурии Мисри Араб
5. Ҷумҳурии Аргентина
6. Ҷумҳурии Булғория
7. Гертсогии Бузурги Люксембург
8. Ҷумҳурии Маҷористон
9. Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам
10. Бруней-Доруссалом
11. Давлати Исроил
12. Ҷумҳурии Юнон
13. Ҷумҳурии Халқии Хитой
14. Ҷумҳурии Ирландия
15. Ҷумҳурии Исломии Эрон
16. Ҷумҳурии Исландия
17. Ҷумҳурии Италия
18. Канада
19. Давлати Қатар
20. Ҷумҳурии Кипр
21. Ҷумҳурии Эстония
22. Япония
23. Шоҳигарии Баҳрайн
24. Шоҳигарии Белгия
25. Шоҳигарии Ҳошимии Урдун
26. Шоҳигарии Дания
27. Шоҳигарии Испания
28. Шоҳигарии Марокаш
29. Шоҳигарии Нидерландия
30. Шоҳигарии Норвегия
31. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ
32. Шоҳигарии Шветсия
33. Давляти Кувайт
34. Ҷумҳурии Латвия
35. Ҷамоҳирияи Халқии Сотсиалистии Либияи Араб
36. Ҷумҳурии Литва

37.Ҷумҳурии Лубнон
38.Малайзия
39.Ҷумҳурии Малта
40.Штатҳои Муттаҳидаи Мексика
41.Зеландияи Нав
42.Аморатҳои Муттаҳидаи Араб
43.Султонати Уммон
44.Ҷумҳурии Лаҳистон
45.Ҷумҳурии Португалия
46.Ҷумҳурии Корея
47.Ҷумҳурии Индонезия
48.Ҷумҳурии Хорватия
49.Руминия
50.Ҷумҳурии Сингапур
51.Ҷумҳурии Сурияи Араб
52.Ҷумҳурии Словакия
53.Ҷумҳурии Словения
54.Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ
55.Штатҳои Муттаҳидаи Америка
56.Шоҳигарии Таиланд
57.Ҷумҳурии Туркия
58.Ҷумҳурии Тунис
59.Ҷумҳурии Федеративии Бразилия
60.Ҷумҳурии Федеративии Германия
61.Ҷумҳурии Филиппин
62.Ҷумҳурии Финляндия
63.Ҷумҳурии Франсия
64.Ҷумҳурии Чехия
65.Конфедератсияи Швейтсария
66.Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ
67.Ҷумҳурии Исломии Покистон (нисбати раводидҳои "дипломатӣ" ва "хизматӣ")
68.Ҷумҳурии Ҳиндустон (нисбати раводидҳои "дипломатӣ" ва "хизматӣ")
69.Ҷумҳурии Яман
70.Туркманистон
71. Ҷумҳурии Боливиарии Венесуэла
72.Ҷумҳурии Ӯзбекистон (нисбати раводидҳои "дипломатӣ", "хизматӣ", "сармоягузорӣ", "минтақаҳои озоди иқтисодӣ", "нақлиётӣ" ва "варзишгарон ва ҳунармандон")

73.Князгарии Андорра
74.Вотикон
75.Князгарии Лихтенштейн
76. Князгарии Монако
77.Ҷумҳурии Куба
78. Ҷумҳурии Чили
79.Муғулистон
80.Ҷумҳурии Сенегал
81.Шахсони бешаҳрвандӣ, собиқ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Давлатҳое, ки ба номгӯи зикргардида дохил нашуданд, метавонанд ба воситаи шартномаҳои дуҷониба тартиби соддаи гирифтани раводид ё дар асоси мутақобила рафту омади бераводиди шаҳрвандони ду кишварро ба роҳ монанд.

Замимаи 2

## ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ВАРАҚАИ РАВОДИД

<table>
<tr><td colspan="5">хоҳишмандем сутунҳои варақро ба таври чопӣ пур кунед</td></tr>
<tr><td>1. № Ва силсилаи шиноснома</td><td>2. Макони судур: кишвар</td><td>шаҳр</td><td>ноҳия</td><td rowspan="3">Ҷой барои сурати ҳаҷмаш 3x4</td></tr>
<tr><td>3. Шаҳрвандӣ</td><td>4.Таърихи судур</td><td colspan="2">5.Ниҳояти эътибор</td></tr>
<tr><td colspan="4">6. Насаб</td></tr>
<tr><td colspan="5">7. Ном</td></tr>
<tr><td colspan="5">8. Номи падар ва дигар номҳо</td></tr>
<tr><td>9. Санаи таваллуд</td><td>10. Маҳалли таваллуд: ноҳия</td><td colspan="2">шаҳр</td><td>мамлакат</td></tr>
<tr><td>11. Миллат</td><td>12. Ҷинс</td><td colspan="2">13. Ҳолати оилавӣ</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5">14. Суроғаи ҷои истиқомати доимӣ (рақами хона, ҳавлӣ, ноҳия, шаҳр, вилоят, мамлакат ва индекси почта):</td></tr>
<tr><td>15. Рақами телефон: Корӣ</td><td>Факс:</td><td>Мобилӣ:</td><td colspan="2">Почтаи электронӣ:</td></tr>
<tr><td colspan="3">16. Ном ва суроғаи ҷои кор, таҳсилот ва ё шуғл (ба таври пурра): Ном</td><td colspan="2">Суроға</td></tr>
<tr><td colspan="5">17. Вазифа дар ҷои кор (агар донишҷӯ бошед «донишҷӯ» нависед, агар нафақахур бошед «нафақахур» нависед). Шуғлатонро тафсир диҳед.</td></tr>
<tr><td>18. Санаи ба Тоҷикистон омадан</td><td colspan="2">19. Санаи аз Тоҷикистон рафтан. Агар барои тамдиди раводид бошад, то кай,</td><td colspan="2">20. Миқдори омаду рафт (1-2 карата, бисёркарата, хуруҷӣ)</td></tr>
</table>

<table>
<tr><td colspan="4">21. МАҚСАДИ САФАР (категорияи раводид аз рӯи мақсади сафар муайян карда мешавад, бинобар ин мақсади сафаратонро ба пуррагӣ дарҷ намоед)</td></tr>
<tr><td colspan="4">22. Суроғаи истиқомат дар Тоҷикистон (ном ва суроғаи пурраи меҳмонхона. Агар намояндагии дипломатӣ, хонаи шахсӣ, идораи давлатӣ ва ё дигар макон бошад, номгӯи муассиса, рақами хона, ҳавлӣ, ноҳия, шаҳр, вилояти ҷойгиршавии онро ҳамроҳ бо индекси почта ишора намоед):</td></tr>
<tr><td>23. Рақамҳои телефонӣ маҳалли истиқомат:<br>Корӣ:</td><td>Факс:</td><td>Мобилӣ:</td><td>Почтаи электронӣ:</td></tr>
<tr><td colspan="2">24. Маблағи сафари Шуморо ки пардохт мекунад (дар ҳолати зарурӣ, корманди консулӣ метавонад ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дошта-ни маблағро барои буду бош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд)</td><td colspan="2">25. Оё Шумо пеш дар Тоҷикис-тон будед, Кай ва ба кадом муҳ-лат. Сафарҳои қаблиро ишора намоед.</td></tr>
<tr><td colspan="4">26. Оё ба Шумо пештар раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон судур шуда буд, Агар «ҳа» бошад:</td></tr>
<tr><td>Кай:</td><td>дар куҷо</td><td>кадом намуд (категория):</td><td>ба кадом муҳлат</td></tr>
<tr><td colspan="4">27. Оё ба Шумо пештар барои додани раводид рад шуда буд,<br>Агар «ҳа» бошад:</td></tr>
<tr><td>Кай:</td><td>дар куҷо</td><td>бо чӣ мақсад сафар доштед:</td><td>ба кадом муҳлат раводид пурсида будед:</td></tr>
<tr><td colspan="2">28. Шумо дар Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнати машғул мешавед, Агар «ҳа» бошад, ном ва суроғаи корфарморо аурра нависед</td><td colspan="2">29. Шумо дар Тоҷикистон нияти таҳсил намудан доред, Агар «ҳа» бошад, ном ва суроғаи омӯзишгоҳро пурра нависед</td></tr>
<tr><td colspan="4">30. Дар бораи хешу табори наздики дар Тоҷикистон будаатон маълумот диҳед (падар, модар, хоҳар, бародар, фарзандон, фарзандхоншудагон, арӯс, ҳамсар ва ғайраҳо)</td></tr>
<tr><td colspan="4">31. МУҲИМ: САВОЛҲОИ ДАР ПОЁН ОМАДАРО БО ДИҚҚАТ ХОНДА, БА ОНҲО ДАР ХОНАЧАҲОИ «ҲА» Ё «НЕ» ИШОРА ГУЗОРЕД:<br>- оё Шумо ягон маротиба дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, граждани ва ё маъмурӣ кашида шудаед, Агар ҷавоб «ҲА» бошад, дар варақи алоҳида маълумот диҳед — ҲА НЕ<br>- оё Шумо ягон вакт аъзои гуруҳҳои террористи ва ё намуди дигари фаъолияти экстремистӣ, хариду фурӯши одамон, силоҳ ва лавозимот, гардиши ғайриқонунии — ҲА НЕ</td></tr>
</table>

| | | | |
|---|---|---|---|
| маводи мухаддира ва перекурсорҳои он, ташкили муҳоричати ғайриқонуни машғул будед,<br>- оё Шумо барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дигар давлати хориҷӣ доғи суди доред, ҲА НЕ<br>- оё нисбати Шумо ягон маротиба авф ва ё бахшиши ҷазо татбиқ шудааст, ҲА НЕ<br>- оё Шумо баъди гирифтани раводид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ ё соҳибкорӣ машғул мешавед, ҲА НЕ<br>- оё Шумо ягон вақт ба бемориҳои сирояткунандаи вазнин, ки ба саломатии ҷамъият хатарнок аст, дучор шуда будед ё ҳастед, ҲА НЕ | | | |
| 32. Варақаи раводиди мазкур аз ҷониби каси (ё ташкилоти) дигар пур карда шудааст, ҲА НЕ<br>Тарафи даъваткунанда огоҳ аст, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳақиқи будани маълумот дар варақаи раводиди нишон дода шуда, инчунин барои саривақт таҳия намудани ҳуҷҷатҳои шаҳрвандони хориҷии даъватшуда барои иқомат ва интиқол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин берун шудани онҳо аз қаламрави он, ҷавобгар мебошад. | | | |
| аз ҷониби: | муносибат бо аризадиҳанда | суроғаи пурра ва рақами телефон: | сана ва имзо (ташкилотҳо муҳр мд) |
| 33.Ман тасдиқ менамоям, ки саволҳои дар варақаи раводидии мазкур Омадаро пурра хонда, онҳоро дарк намудам ва барои дуруст будани маълумоти навиштаам ҷавобгар мебошам. Ман огоҳам, ки додани маълумоти бардурӯғ ё нодуруст сабаби муваққатии рад шудани дархости раводидии манн шуда метавонад. Инчунин огоҳам, ки доштани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои вуруд ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро, то гузаштан аз хати Сарҳади давлатӣ, надорад. | | | |
| Имзои дархосткунанда ____________ | Санаи имзо намудани дархост ____________ | | |

Барои истифодаи хизматӣ
Аз ҷониби корманди консулӣ пур карда мешавад

Раводиди тахти рақами ______________________________
Категорияи (ба таври пурра) ___________________________
Ба мӯҳлати (аз кай то кай) ____________________________

Аз ҷониби (ному насаб, имзо
ва мӯҳри Консул) ____________________________
Санаи судури раводид ____________________________

Замимаи 3

## Талабот нисбати сурати шахсӣ

Сурати шахсӣ, ки барои шиносномаи дипломатӣ, хизматӣ ва умумишаҳрвандии хориҷӣ пешниҳод мешавад, бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад.

1. Сурати шахсӣ бояд дар иҷрои ранга тайёр карда шавад.

2. Аломатҳои асосии сурати шахсӣ:

-андозаи сурати пешниҳодшаванда бояд 30х40 мм бошад.

-сурат рӯйи соҳиби қонунии варақаи шиносномаро дар ҳолати рӯ ба рӯ бо ҳарду чашмони кушода, яъне бо чашмони тариқи амудӣ ба сатҳи тасаввур шаванда гирифта шуда, ки ба сатҳи рӯ ба рӯи рӯй баробар мебошад, нишон медиҳад.

-ҳолати рӯ ба рӯи рӯйи пурра бояд дар равшанӣ аз фарқи сар то манаӣ ва аз бинӣ то гӯшҳо намоён бошад.

-барои баланд бардоштани тафсили инъикоси ҳолати рӯ ба рӯи рӯйи пурра, равшании лозима ва баробар истифода бурда мешавад.

-дарозии сар бояд аз 28 то 32 мм бошад.

-масофа аз кунҷи поёнии сурат то хати тасаввур шавандаи уфуқӣ, ки аз маркази чашмҳо мегузарад, бояд аз 21 то 19 мм бошад.

-васеъгии сар бояд аз 16 то 23 мм бошад.

Намуна оварда намешавад

А - бари сурат;

В - баландии сурат;

АА - хати тасаввуршавандаи марказии амудӣ маркази уфуқии сурат буда, аз нуқтаи мобайни даҳон ва ҳиссаи болоии бинӣ мегузарад.

ВВ - масофа аз кунҷи сурат то хати тасаввур шавандаи уфуқӣ, ки аз маркази чашмон мегузарад;

СС - васеъгии сар ҳамчун масофаи уфуқӣ байни миёнҷои духатҳои тасаввур шавандаи амудӣ, ки тавассути кунҷҳои холии болоӣ ва поёнии ҳар як гӯш мегузаранд ва дар ҷои пайвасти қисми берунии гӯш ба сар ҷойгиранд, муайян карда мешавад.

ББ - дарозии сар ҳамчун масофаи амудии байни сари манаӣ ва фарқи сар муайян карда мешавад.

3. Талабот ба ҳолати шахс:

-гардиши сар аз ҳолати амудӣ дар ҳар кадом самтроҳ дода намешавад.

-қиёфа бетараф буда, абрӯвон бояд ҳолати мӯътадил дошта (чун дар ҳолати тааҷҷуб бардошта шуда набошанд, ба ҳиссаи болои бинӣ чи нашудаанд), чашмон "мӯътадил" кушода, ба камера нигоҳ мекунанд, даҳон пӯшида аст.

-теъдоди шахс дар сурат - на зиёда аз 1 нафар.

-китфҳо бояд ба ҷониби камера "гардонда" шуда бошанд.

-манзари сурат бояд якранга буда, бе ягон таркиб бошад. Манзари то 10% хокистарӣ ё осмонранги кушод тавсия мешавад.

-рӯй бояд баробар равшанӣ дода шавад.

-атрофи рӯй аз фарқи сар то сари манаӣ ва аз гӯш то гӯш бояд равшан намоён ва соя надошта бошад.

-ҳеҷ ягон сояҳои сиёҳ дар косахонаи сар зери абрӯвон бояд набошад, инабия ва гавҳараки чашмон бояд равшан намоён бошанд.

-ба шаҳрвандоне, ки эътиқоди динии онҳо дар назди шахсони бегона бе кулоҳи сарпӯш гаштанро иҷозат намедиҳад, пешниҳод намудани сурат бо кулоҳҳои сарпӯш, ки тарҳи рӯйро намепӯшад, роҳ дода мешавад.

-барои шаҳрвандоне, ки доимо айнак мекунанд, суратгирӣ бо айнакҳои бешишаҳои сиёҳ ҳатмӣ аст. Айнак бояд бо ши-шаҳои тоза ва шаффоф бошад, то ки гавҳараки чашмон ва инабия дақиқ дида шаванд. Чанбараки айнак набояд чашмонро пӯшад. Айнак набояд манбаи дурахши нур бошад.

-доғҳои равшан бояд набошанд. Ин нишонаҳо одатан ҳа-мон вақт пайдо мешаванд, ки барои равшанидиҳӣ як манбаи равона шудаи баланд равшанидиҳанда истифода бурда меша-вад. Истифода бурдани равшанидиҳии паст, якчанд манбаҳои баробар шуда ё дигар усулҳои равшанидиҳӣ зарур аст.

-бастани чашмон танҳо бо сабабҳои тиббӣ роҳ дода мешавад.

-дараҷаи танвир (экспозитсия) бояд фарқияти байни тадриҷи таркибӣ дар ҳар ҷои пӯсти рӯйро таъмин намояд.

-ранги инъикоси сабтшудаи рӯй бояд аз бинӣ ба гӯшҳо ва аз манаҳ ба фарқи сар баланд бошад. Амиқ будани баландии ранг ва нуқтаи ҷойгирии объекти бояд намоиши тарҳи руйи объектрона кам аз ду милиметр таъмин намояд.

-истифодаи равшанидиҳӣ бо ранги зард, сурх ва ғайра иҷозат дода намешавад. Равшанидиҳӣ набояд ранги табиии пӯстро вайрон намояд. Таъсири "чашмони сурх" роҳ дода намешавад.

-таҳрири инъикоси ранга бо мақсади беҳтар намудани намуди зоҳирӣ роҳ дода намешавад. Дар акс бояд тамоми тобишҳое, ки ба воқеият мутобиқанд, пешниҳод карда шаванд.

-дисторсияи объектив роҳ дода намешавад.

## 33. Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхонаҳо

аз 6 июни соли 2005, № 209

### I. Муқаррароти умумӣ.

1. Қоидаҳои зерин мутобиқи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" таҳия гардида, муносибатҳоро дар соҳаи пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхонаҳо ( минбаъд - хизматрасони ) ба танзим медарорад.

2. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳои зер истифода шудаанд:

1) меҳмонхона - иншооти бо молу мулк муҷаҳҳаз (бино, қисми бино, таҷҳизот ва дигар моликият), ки барои зиндагии муваққати пешниҳод намудани хизматрасони равона гардидааст;

2) истеъмолкунанда-шахси воқеи ё ҳуқуқие мебошад, ки хоҳиши дархост намудан ё талаб кардан ва истифода бурдани хизматрасониро ба эҳтиёҷоти бевоситаи шахсӣ, оилавӣ, маннзилӣ ва ғайраро дорад, ки бо амали намудани фаъолияти соҳибкори алоқаманди надорад;

3) иҷрокунанда-ташкилоти новобаста аз шакли сохторию ҳуқуқи, ҳамчунин соҳибкори инфиродӣ, ки тибқи шартномаи пардохтшаванда ба истифодабарандагон хизмат мерасонад.

### II. Маълумот доир ба хизматрасони, тартиби бақайдгирии истиқомат дар меҳмонхона ва пардохти хизматрасони

3. Иҷрокунанда-ташкилот вазифадор аст, ки номи фирмави (номи идора), маҳалли ҷойгиршави (нишонии ҳуқуқи) ва тартиби кории худро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад. Иҷрокунанда ахбороти мазкурро дар лавҳа ҷойгир мекунонад.

Иҷрокунанда –соҳибкори инфироди бояд ахборот доир ба қайди давлати ва номи идораи онро ба қайдгирифтаро ба истеъмолкунанда пешниҳод намояд.

4. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда маълумотҳои зарури ва боэътимодро доир ба хизматрасониҳое, ки имконияти интихоби дурусти онҳоро таъмин менамояд, саривақт пешниҳод намояд.

Маълумот дар утоқе, ки барои ба расмият даровардани истиқомат дар меҳмонхона муайян гардидааст, дар ҷои барои шиносои мувофиқ ҷойгир кунонида мешавад ва он ба таври ҳатми бандҳои зеринро дар бар гирад:

-қоидаҳои мазкур;

-маълумот доир ба иҷрокунанда ва рақами телефони тамос;

-шаҳодатномаи муқаррар намудани дараҷаи мувофиқи хизматрасони (агар ба меҳмонхона дараҷа муқаррар шуда бошад);

-маълумот оид ба тасдиқи мувофиқати хизматрасони бо талаботҳои муқарраргардида (рақами сертификати мувофиқат, мӯҳлати амали он, идорае, ки онро ба қайд гирифтааст, рақами бақайдгирии декларатсия оид ба мувофиқат, мӯҳлати амали он, номи иҷрокунандае, ки декларатсияро қабул намудааст ва идорае, ки онро ба қайд гирифтааст);

-маълумот оид ба рақами литсензия, мӯҳлати амали он, идорае, ки литсензияро додаст (агар ин намуди фаъолият ба литсензиякунони зарурият дошта бошад);

-овардани иқтибосҳо аз стандарти давлати, ки талаботҳоро дар соҳаи хизматрасони муқаррар намудааст;

-нархномаи ҳуҷраҳои хоб (ҷои хоб дар ҳуҷраҳо);

-номгӯи хизматрасониҳое, ки ба маблағи нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷраҳо) дохил мешаванд;

-номгӯй ва нархномаи хизматрасонии иловагие, ки бо пардохти алоҳида расонида мешавад;

-маълумот оид ба шакл ва тартиби пардохти хизматрасони;

-мӯҳлатн ниҳоии истиқомат дар меҳмонхона, агар он аз ҷониби иҷрокунанда муқаррар шуда бошад;

-рӯйхати гурӯҳи шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи гирифтани имтиёзҳоро доранд, ҳамчунин номгӯи имтиёзҳое, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасони тибқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқи муқаррар шудаанд;

-тартиби истиқомат дар меҳмонхона;

-маълумот доир ба фаъолияти корхонаҳои хӯроки умуми, тиҷорат, алоқа, хизмати маиши ва ғайра, ки дар бинои меҳмонхона ҷойгир шудаанд;

-маълумот доир ба идораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар назди маъмурияти меҳмонхона (агар ҳамин гуна идора бошад);

-маълумот оиди идораҳои болои.

Иҷрокунанда вазифадор аст, ки мавҷудияти маълумотҳоро оиди тартиби истиқомат дар меҳмонхона, қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор ва истифода аз асбобҳои барқи дар ҳар як ҳуҷраи хоб таъмин намояд.

Маълумотномаи мазкур бояд ба диққати ҳар як истеъмолкунанда ба забонҳои давлатӣ ва иловагӣ бо ихтиёри иҷрокунанда, русӣ ва дигар забонҳои муоширати байналхалқӣ расонида шавад.

5. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки пешниҳоди имтиёзҳоро ҳангоми хизматрасони ба гурӯҳи шаҳрвандоне, ки тибқи қонунгузори ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқи ҳамин гуна имтиёзҳо ба онҳо муқаррар шудааст, таъмин намояд.

6. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад, ки барои банд (тайёр) кар-дани ҷой дар меҳмонхона бо роҳи таҳияи ҳуҷҷати аз ду ҷониб имзошуда шартнома бандад, ҳамчунин бо роҳи қабули талабномаҳо тариқи почта, телефон ва дигар воситаи алоқа, ки бо эътимодии он аз ҷониби истеъмолкунанда тасдиқ шудааст, ба таври пешаки ҷойҳо банд (тайёр) карда мешаванд.

Дар ҳолати бе сабаб (асос) дер омадани истеъмолкунанда аз ӯ ба ғайр аз маблағи барои банд кардани ҷои муайяншуда, боз маблағи давраи истифода нашудаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра) на зиёдтар аз як шабонарӯз гирифта мешавад.

Дар сурати аз як шабонарӯз зиёдтар таъхир намудани истеъмолкунанда дархости банд кардани ҷои хоб бекор карда мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби истеъмолкунанда пардохт нагардидани маблағи дархости барои банд кардани ҷой муқарраршуда, ҷойгиркунонии ӯ дар меҳмонхона тибқи навбати умуми амали гардонида мешавад.

7. Иҷрокунанда-ташкилоти тиҷорати вазифадор аст, ки барои пешниҳоди хизматрасони бо истеъмолкунанда шартнома бандад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки имконияти пешниҳоди хизматрасони вуҷуд надорад, аз ҷумла агар дар санадҳои таъсискунандаи иҷрокунанда ё шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқии бо ӯ баста шуда дар вазифаҳои иҷрокунанда бо тартиби муайян пешниҳоди хизматрасони ба шахсони дараҷаи мувофиқ пешбини шуда бошад.

8. Шартнома оид ба пешниҳод намудани хизматрасони дар асоси шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки тибқи тартиботи муқарраргардида таҳия карда шуда, шахсияти истеъмолкунан-даро тасдиқ мекунад, баста мешавад.

Ҳангоми бақайдгири барои истиқомат дар меҳмонхона иҷрокунанда варақаи ҳисоби (квитансия) ё ҳуҷҷати дигари расмимедиҳад, ки шартномаи басташударо дар хусуси пешниҳоди хизматрасони тасдиқ мекунад ва он бандҳои зеринро дар бар мегирад:

-номгӯи иҷрокунанда (барои соҳибкорони инфироди ному насаб, маълумот доир ба бақайдгирии давлатӣ);

-ному насаби истеъмолкунанда;

-маьлумот дар бораи ҳуҷраи хоби пешниҳодшуда (ҷои хоб дар ҳуҷра);

-нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра);

-дигар маълумотҳои зарури вобаста ба хоҳиши иҷрокунанда.

9. Иҷрокунанда бояд ба қайдгирии шабонарӯзии истеъмолкунандагон, ба меҳмонхона воридшавандагон ва аз он хориҷшавандагонро таъмин намояд.

10. Иҷрокунанда ҳуқуқ надорад, ки бе розигии истеъмолкунанда хизматрасонии иловагии пулакиро иҷро кунад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз пардохти чунин хизматрасони даст кашад ва агар он пардохт шуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки баргардонидани маблағи пардохташударо аз иҷрокунанда талаб намояд.

Иҷрои якнамуди хизматрасониро ба ҷои намуди дигари он ба таври шарти пешниҳод намудан манъ аст.

11. Нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра), ҳамчунин шакли пардохти онро иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба ҳисоб гирифтани арзиши аслӣ, меъёри даромадноки ва тартиб додани ҳатмии нархгузори (калькулятсия) барои хизматрасони муқаррар менамояд.

Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки баъди қабули пурраи хизматрасониҳо ҳаққи онро пардохт намояд. Бо розигии истифодабаранда ҳаққи маблағи хизматрасони тибқи шартномаи басташуда метавонад аз ҷониби ӯ дар ҳаҷми пурра ё ба таври пешпардохт амали карда шавад.

Иҷрокунанда метавонад пардохти шабонарӯзи ё соатбайи истиқоматро муқаррар намояд.

Иҷрокунанда номгӯи хизматрасониҳоеро, ки ба нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра) дохил мешаванд, муайян мекунад.

12. Маблағи истиқомат дар меҳмонхона мутобиқи ҳисоббаробаркунии ягонаи соати - аз соати 12-и рӯзи ҷори бо вақти маҳалли пардохт карда мешавад. Ҳангоми ҷойгиршави то вақти ҳисоббаробаркуни (аз 0 то соати 12) маблағи истиқомат пардохт карда намешавад.

Дар сурати ба таъхир мондани мӯҳлати аз меҳмонхона рафтани истеъмолкунанда пардохти маблағи истиқомат ба тартиби зерин амали карда мешавад:

-на зиёда аз 6 соат баъди ҳисоббаробаркуни пардохти соатбайъ;

-аз 6 то 12 соат баъди ҳисоббаробаркуни пардохт барои ним шабонарӯз ҳисоб карда мешавад;

-аз 12 то 24 соат баъди ҳисоббаробаркуни пардохт барои шабонарӯзи пурра ҳисоб карда мешавад (агар пардохти соатбайъ ҷори набошад).

Ҳангоми истиқомат ба мӯҳлати на зиёда аз як шабонарӯз (24 соат) маблағ новобаста аз ҳисоббаробаркунии соати барои як шабонарӯз пардохт карда мешавад.

Иҷрокунанда бо назардошти хусусиятҳои маҳал ҳуқуқ дорад, ки ҳисоббаробаркунии ягонаи соатиро тағйир диҳад.

## III. Тартиби пешниҳод намудани хизматрасони.

13. Сифати хизматрасонии пешниҳодшаванда бояд бо талаботҳои шартнома, вале дар сурати мавҷуд набудан ё пурра набудани талаботҳои шартнома, ба талабатҳое, ки одатан ба ин хизматрасониҳо пешниҳод шудаанд, мувофиқат намояд.

Агар тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқи ба хизматрасониҳо талаботҳои ҳатми пешбини шуда бошанд, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда бояд ба ин талаботҳо мувофиқат намояд.

Таъминоти моддию техникии меҳмонхона, номгӯй ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда бояд ба талаботҳои дараҷаи гирифтаи он мувофиқат намояд.

14. Иҷрокунанда бояд ба истеъмолкунанда намудҳои зери-ни хизматрасониро ба таври ройгон пешниҳод намояд:

-даъвати ёрии таъҷилӣ:

-истифодаи доруқуттии тиббӣ;

-расонидани муросилот (корреспондентсия) ба ҳуҷраи хоб;

-ба вақти муқаррарнамуда аз хоб бедор намудан;

-пешниҳод намудани оби ҷӯш, сӯзан, ришта, як баста зарф ва асбобҳои зарури барои истеъмоли хӯрок.

15. Тартиботи истиқомат дар меҳмонхона аз тарафи иҷрокунанда муқаррар карда мешавад.

16. Иҷрокунанда барои ҳифзи моликияти истеъмолкунанда ҷавобгар аст.

Дар сурати ошкор гардидани моликияти фаромӯшшудаи истеъмолкунанда иҷрокунанда вазифадор аст, ки соҳиби молро хабардор намояд. Агар фарде, ки ҳуқуқи даъво намудани моликияти фаромӯш шударо дорад ё ҷои истиқоматии ӯ маълум набошад, иҷрокунанда вазифадор аст, ки дар бораи ёфт шу-дани мол ба милитсия ё сохтори худидоракунии маҳалли хабар диҳад.

17. Ба шахсони дар меҳмонхона истиқоматдошта дар нуқтаҳои хӯроки умуми, алоқа ва хизматрасонии маиши, ки дар дохили бинои меҳмонхона ҷойгир шудаанд, бе навбат хизмат расонида мешавад.

18. Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки тартиботи муқаррар намудаи истиқомат дар меҳмонхона ва қоидаҳои зидди сӯхторро риоя намояд.

19. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки қисми маблағи хизматрасонии иҷрошударо то давраи хабар додани маълумот оиди бекор намудани шартнома мутаносибан пардохт намуда дар ҳар ҳолат шартномаро доир ба хизматрасони бекор кунад ва бо мақсади иҷрои шартнома хароҷоти то ин давра иҷро-шударо, агар он ба қисми нархномаи хизматрасони дохил на-бошад, ба пурраги пардохт намояд.

## IV. Масъулияти иҷрокунанда ва истеъмолкунанда доир ба пешниҳоди хизматрасони

20. Истеъмолкунанда ҳангоми ошкор намудани камбудиҳо дар хизматрасони бо хоҳиши худ ҳуқуқ дорад, ки талаб намояд:

-ба таври ройгон бартараф намудани камбудиҳо;

-мутаносибан кам кардани ҳаққи пардохти хизматрасонии иҷрошуда.

Истеъмолкунамда ҳуқуқ дорад, ки дар сурати аз ҷониби иҷрокунанда дар мӯҳлати муқаррар намуда бартараф накардани камбудиҳо шартномаро доир ба пешниҳоди хизматрасони бекор карда товони зарари дидаашро ба пураги аз ҳисоби иҷрокунанда талаб намояд.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, кидар сурати ошкор

гардидани камбудиҳои ҷидди ҳангоми хизматрасони ё риоя накардани талаботҳои шартнома онро бекор намояд.

Қонеъ намудани талаботи истеъмолкунанда дар бораи бартараф намудани камбудиҳо ҳангоми хизматрасони иҷрокунандаро аз масъулияти бемуваффақияти барои зоҳир намудани камбудиҳо дар мӯҳлати иҷрои хизматрасони озод намекунад.

Иҷрокунанда бояд камбудиҳои дар хизматрасони ба миён омадаро дар давоми як соат аз вақти арз намудани истеъмолкунанда доир ба талаботи мазкур бартараф намояд.

Дархости истеъмолкунанда дар бораи кам кардани ҳаҷми маблағи хизматрасонии пешниҳодшуда, ҳамчунин пардохти зарар, ки дар натиҷаи бекор кардани шартномаи пешниҳоди хизматрасони оварда шуда аст дар давоми 10 рӯз аз рӯзи арз намудани дархости мазкур қонеъ гардонида мешавад.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад пардохти пурраи зарарро, ки ҳангоми бо камбудиҳо иҷро кардани хизматрасони оварда шудааст, талаб намояд.

Ҳаҷми зарар дар мӯҳлате, ки барои қонеъ намудани дархости мазкури истеъмолкунанда муқаррар шудааст, марбут (мансуб) ба сарчашма, аз ҳисоби иҷрокунанда пардохт карда мешавад.

21. Барои вайрон намудани мӯҳлати қонеъкунии дархости ҷудогонаи истеъмолкунанда иҷрокунанда ба ӯ барои ҳар як соати (рӯз, агар мӯҳлат бо рӯзҳо муайян шуда бошад) аз вақти муайяншуда дертар, ҳаққи (музди) ноустувори (пеня) ба андозаи 3%-и нархномаи шабонарӯзии ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра) ё нархномаи хизматрасонии ҷудогона (агар ин муайян карда шавад) пардохт менамояд.

22. Барои вайрон намудани мӯҳлати оғози хизматрасони тибқи шартнома дар бораи банд кардани ҷой дар меҳмонхона иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар як рӯзи аз вақти муайяншуда дертар дар андозаи 3% аз шартномаи шабонарӯзии ҷойҳои банд кардашуда ҳаққи (музди) ноустувори пардохт менамояд.

Агар иҷрокунанда мӯҳлати иҷрои пешниҳоди хизматрасониро дар бораи банд кардани ҷойи хоб дар меҳмонхона вайрон кунад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ талаб намояд;

-ба иҷрокунанда мӯҳлати нав муқаррар намояд;

-кам кардани нархномаи хизматрасониро талаб намояд;

-шартномаро дар бораи пешниҳоди хизматрасони бекор намояд.

Истифодабаранда ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки пардохти пурраи зарари дар натиҷаи вайрон намудани мӯҳлати пешниҳоди хизматрасони ба амал омадаро талаб намояд. Ҳаҷми зарар дар мӯҳлати барои қонеъ намудани талаботҳои мазкури истеъмолкунанда муқарраршуда, марбут ба сарчашма, аз ҳисоби иҷрокунанда пардохт карда мешавад.

Мӯҳлати нави хизматрасони, ки истеъмолкунанда муайян менамояд, дар шартномаи хизматрасони нишон дода мешавад.

Ҳангоми бекор кардани шартнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасони тибқи шартнома барои банд кардани ҷой дар меҳмонхона иҷрокунанда ҳуқуқ надорад, ки хароҷотҳои кардаи худро ҳангоми иҷрои хизматрасони, ҳамчунин пардохтро дар бораи иҷрои хизматрасони, ба истиснои ҳолате, ки истеъмолкунанда аз ин хизматрасони истифода кардааст, талаб намояд.

23. Иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба зарари ба ҳаёт, саломати ё молумулки истеъмолкунанда ҳангоми хизматрасонии номукаммал расонидашуда ҷавобгар аст, ҳамчунин зарари маънавиеро, ки ҳангоми вайрон намудани ҳуқуқи истеъмолкунанда расонида шудааст, пардохт менамояд.

24. Дар сурати аз ҷониби иҷрокунанда вайрон намудани Қоидаҳои мазкур дар хусуси ҳимояи ҳуқуқи истеъмолку-нандагон, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини шудааст, истсъмолкунанда ҳуқуқ дорад тибқи тартиботи муқарраргардида қонеъ намудаии дархости худро талаб намояд.

25. Истеъмолкунанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати нест кардан ё зарар овардан ба моликияти меҳмонхона зарари овардаро пардохт менамояд, ҳамчунин барои вайрон намудани дигар қоидаҳо ба ҷавобгари кашида мешавад.

## 34. Қоидаҳои хизматрасониҳои хӯроки умумӣ

аз 6 июни соли 2005, № 209

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"

тартиб дода шуда, муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва иҷрокунандагонро дар соҳаи хизматрасониҳои хӯроки умуми танзим менамояд.

2. Таҳти унвони истеъмолкунанда шахси воқеи ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасони)-ро фармоиш диҳад ё харидори намояд ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкори алоқаманд намебошанд, истифода намояд.

Таҳти унвони иҷрокунанда ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки ба истеъмолкунандаи хӯроки умуми хизмат мерасонад, дониста мешавад.

3. Хизматрасониҳои хӯроки умуми (минбаъд хизматрасониҳо) дар тарабхонаҳо, кафе, барҳо, ошхонаҳо, маҳалли харид ва ҷойҳои дигари хӯроки умумӣ, ки навъу табақаашон (дараҷаашон) мутобиқ ба талаботҳои муайян кардаи Агентии стаидартизатсия, метрология, сертификатсия ва инспексияи савдои назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар талаботҳо мебошад, анҷом мегиранд.

4. Низоми кории иҷрокунандаи-ташкилоти давлати боқарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати муқаррар мегардад.

Низоми кории иҷрокунанда - ташкилоти дорои шакли дигари ташкилию ҳуқуқи, инчунин соҳибкори инфироди ба таври мустақилона аз ҷониби худашон бо мувофиқаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати муқаррар мегардад.

Дар сурати муваққатан боз доштани хизматрасониҳо (барои гузаронидани рӯзҳои санитари аз рӯи нақша, таъмир ва ҳолатҳои дигар) иҷрокунанда вазифадор аст, ки саривақт ба истеъмолкунанда дар бораи таърих ва мӯҳлати боз доштани фаъолияти худ маълумот диҳад.

5. Ичрокунанда ҳақ дорад ба таври мустақилона ба маҳсулоти хӯроки умумии тайёр кардааш мутобиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба ҳисоб гирифтани арзиши аслӣ, меъёри даромадноки ва тартиб додани ҳатмии калкулятсияи истеҳсоли маҳсулот ва таомҳо, нархгузори намояд. Муассисаҳои хӯроки умумӣ, ки дар тавозуни (баланс) дигар муассиса ё ташкилот қарор дошта бошанд, бо мувофиқаи роҳбарияти ҳамон муассиса ё ташкилот нархгузори муқаррар карда мешавад.

6. Иҷрокунанда ҳақ дорад ба таври мустақилона дар ҷойҳое, ки хизмат расонида мешаванд барои истеъмолкунанда қоидаҳои (рафтори) муоширатро, ки ба қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд (маҳдудсозии сигоркашӣ, бо либоси болои қарор надоштан ва ғайра) муқаррар намояд.

7. Иҷрокунанда вазифадор аст қоидаҳои дар стандартҳои давлатӣ муқарраргардида санитарӣ, қоидаҳои зидди сӯхтор, ҳуҷҷатҳои техникӣ, дигар қоидаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, талаботҳои ҳатмиро нисбати сифати хизматрасониҳо, бехатарии онҳо барои ҳаёт, саломатии одамон, муҳити зист ва амвол риоя намояд.

8. Иҷрокунанда ба таври мустақилона рӯйхати хизматрасониҳоро дар соҳаи хӯроки умуми муайян менамояд. Вай бояд рӯйхати навъҳои маҳсулоти истеҳсолкардаашро дар соҳаи хӯроки умуми, ки ба талаботи ҳатмии санадҳои меъёрии Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯянд дошта бошад.

9. Иҷрокунанда вазифадор аст дафтари шикояту пешниҳодҳо ва китоби бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорро, ки ба истеъмолкунанда бинобар тақозои вай пешниҳод мегардад дошта бошад.

10. Ба муносибатҳое, ки дар ҳолати хизматрасони пайдо мешаванд ва дар Қоидаҳои мазкур танзимнашавандаанд, қоидаҳои фурӯши молҳои алоҳидаи хӯроквори ва ғайрихӯроквори истифода бурда мешаванд.

11. Қоидаи мазкур дар шакли аёни ва дастрас аз тарафи иҷрокунанда ба маълумоти истеъмолкунанда расонда мешавад.

## II. Маълумот дар бораи хизматрасониҳо

12. Иҷрокунанда вазифадор аст номи фирмавии ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавии он (нишонии ҳуқуқи), тип, дараҷа (табақа) ва тартиби корашро бо ҷойгир намудаин он дар лавҳаи девори, ба маълумоти истеъмолкунандагон расонад.

Соҳибкори инфиродӣ бояд ба истеъмолкунандагон дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва номи мақоми бақайдгирифтаи он маълумот диҳад.

Маълумоти мазкур дар ҷойҳои барои шиносшавии истеъмолкунанда мувофиқ нигоҳ дошта мешавад.

13. Агар намуди (намудҳои фаъолият) фаъолияти аз тарафи истеҳсолкунанда татбиқшаванда ҳатман литсензия кунонида шавад, ба истеъмолкунанда, бояд оид ба рақами литсензия,

мӯҳлати амали он, инчунин мақоми литсензиядода маълумот пешниҳод карда шавад.

Маълумотномаи мазкур дар ҷойҳои мувофиқ барои шинос шудани истеъмолкунандагон ҷойгир карда мешавад.

14. Иҷрокунанда вазифадор аст дар шакли аёни ва дастрас ахбори заруриӣ ва боэътимодро дар бораи хизматҳои расонидашаванда, ки интихоби дурусти истеъмолкунандагонро таъмин карда тавонад ба маълумоти онҳо расонад.

Ахбор бояд дорои мазмуни зерин бошад:

-номгӯи хизматрасониҳо ва шартҳои иҷрои онҳо;

-нархҳо ва шартҳои пардохти хизматрасониҳо;

-номи (унвони) фирмавии маҳсулоти пешниҳодшавандаи хӯроки умуми бо нишон додани тарзи омодасозии хӯрокҳо ва ингредиентҳои асосие, ки дар онҳо дохил мешаванд:

-маълумот дар бораи вазни (миқдори) табақи хӯрокҳои омода намудаи хӯроки умумӣ, ғунҷоиши шишаи нӯшокии алкоголии шароби пешниҳод шаванда ва ҳаҷми он ;

-муайян сохтани санадҳои меъёрӣ, ки ба талаботи ҳатмии онҳо бояд маҳсулоти хӯроки умумӣ ва хизматрасониҳо мутобиқат дошта бошанд;

-маълумот дар бораи сертификатсияи хизматрасониҳо.

Ҳангоми расонидани хизмат ахбор дар бораи сертификатсияи онҳо ба маълумоти истеъмолкунандагон бо роҳи бо яке аз ҳуҷҷатҳои зерин шиносонидани онҳо расонида мешавад:

-нусхаи аслии сертификат;

-нусхаи сертификате, ки дорандаи нусхаи асли онро ба воситаи нотариус ё мақоми хизматрасониҳои сертификатсионии вогузор намудаи сертификат тасдиқ намудааст.

15. Ахбор дар бораи маҳсулот ва дар бораи хизматрасониҳо ба маълумоти истеъмолкунанда, ба воситаи номгӯи таом (меню), нархнома ва ё бо роҳҳои дигари дар чунин хизматрасониҳо қабулгардида, расонида мешавад.

16. Ба истеъмолкунанда бояд имконияти шиносои бо номгӯи таом (меню), нархнома ва шартҳои хизматрасониҳо, чи дар дохили толор ва чи дар беруни он фароҳам гардад.

17. Ахбор дар бораи иҷрокунанда ва хизматрасониҳои пешниҳод шаванда ба маълумоти истеъмолкунандагон дар маҳалли хизматрасони бозабони давлатӣ, ба таври илова бошад, бо талаби (хоҳиши) иҷрокунанда базабони русӣ ва дигар забонҳои муошарати байналхалқӣ расонида мешавад.

Истеъмолкунанда ҳақ дорад ахбори иловагиро дар бораи хусусиятҳои асосии истеъмоли ва сифати маҳсулоти пешниҳод намудаи хӯроки умумӣ, инчунин дар бораи шартҳои омодасозии таом, агар чунин маълумотҳо сирри тиҷорати ба ҳисоб нараванд, дарёфт намояд.

## III. Тартиби расонидани хизмат

18. Иҷрокунанда вазифадор аст ба ҳар кадом истеъмолкунандаи ба ӯ барои хизматрасони бо шартҳои аз ҷониби тарафҳо мувофиқ шуда муроҷиаткунанда, хизмат расонад.

Шартҳои расонидани хизмат, аз ҷумла нархи он барои ҳамаи истеъмолкунандагон якхела муқаррар мегарданд, ба истиснои ҳолатҳое, ки мутобиқи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани имтиёз барои дараҷаи (категорияи) алоҳидаи истеъмолкунандагон имконпазир бошад.

19. Фармоиши қабли барои расонидани хизматметавонад бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷат (фармоиш, квитансия ва намудҳои дигар), ки дорои маълумотҳои зарурӣ (номи иҷрокунанда, номи хонаводагӣ, ном ва номи падари истеъмолкунанда, намуди хизматрасонӣ, нархи он ва шартҳои пардохт, таърихи қабул ва иҷрои фармоиш, шартҳои иҷрои хизмат, масъулияти тарафҳо, вазифаи шахси масъули қабул ва ба расмият даровардани фармоиш, имзои қабулкунандаи фармоиш ва дигар маълумотҳо), инчунин бо роҳи қабули фармоиш ба воситаи алоқаи телефонӣ, электронӣ ва алоқаҳои дигар расми гардад.

Як нусхаи ҳуҷҷате, ки басташудани шартномаро дар бораи хизматрасони тасдиқ менамояд ба истеъмолкунанда дода мешавад.

20. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда дар мӯҳлати ба он мувофиқашуда хизмат расонад.

21. Иҷрокунанда вазифадор аст хизматеро расонад, ки сифати он ба талаботи ҳатмии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва шартҳои фармоиши мутобиқат намояд.

Дар муассисаҳои хӯроки умумие, ки дорои дараҷаҳои (категория): люкс, аввал ва якум ҳастанд, иҷрокунанда ҳақ дорад барои маданияти баланди хизматрасонӣ, дар шакли фоизҳои муқарраршуда, музди иловагӣ талаб намояд. Миқдори музди иловагӣ дар номгӯи таомҳо (меню) зикр гардида, ба ҳисоб гирифта мешавад.

22. Иҷрокунанда ҳақ дорад ба истеъмолкунанда пардохти пешакии хизматрасониҳо, пардохт пас аз интихоби таом ё пас аз истеъмоли таом ё дигар шаклҳои пардохт, инчунин ҳисоббароркунии накди ё ғайринакдиро барои хизматрасониҳо вобаста ба методҳои хизматрасонӣ, тип, тахассуси иҷрокунанда ва дигар шартҳо пешниҳод намояд.

Истеъмолкунанда вазифадор аст ҳаққи хизматрасониҳоро дар мӯҳлат ва тартибе, ки ба иҷрокунанда мувофиқа шудааст, бипардозад.

Аз ҷониби иҷрокунанда ҳангоми ҳисоббаробаркуни барои хизматҳои расонидашуда ба истеъмолкунанда санади тасдиққунандаи пардохт (чеки кассавӣ, варақаи ҳисоб ё намудҳои дигари он) дода мешавад.

23. Иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда имконияти тафтиши ҳаҷм (миқдор)-и маҳсулоти ба вай пешниҳодшавандаи хӯроки умумиро диҳад.

24. Иҷрокунанда вазифадор аст сифат ва бехатарии хизматрасонӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки умумиро мутобиқи талаботи санадҳои меъёри тафтиш намояд.

25. Ба хизматрасониҳое, ки бевосита бо ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти хӯроки умуми ва хизматрасонии истеъмолкунандагон алоқаманданд кормандоне роҳ дода мешаванд, ки тайёрии махсус, аттестатсия ва муоинаи тиббӣ мутобиқи талаботи ҳатмии санадҳои меъёрии аз ҷониби Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додашуда, дошта бошанд.

26. Дар қатори расонидани хизматҳои хӯроки умуми иҷрокунанда ҳақ дорад ба истеъмолкунанда дигар хизматҳои пулакиро пешниҳод намояд.

Иҷрокунанда ҳақ надорад бе розигии истеъмолкунанда хизматҳои иловагии пулакиро анҷом диҳад.

Истеъмолкунанда ҳақ дорад пардохти чунин хизматрасониҳоро рад намояд, агар онҳо пардохт шуда бошанд боз гардонидани маблағи пардохтшударо талаб кунад.

27. Ҳангоми вайрон кардани мӯҳлати иҷрои фармоиши пешакии хизматрасони истеъмолкунанда ҳақ дорад аз рӯи интихоби худ:

-ба иҷрокунанда мӯҳлати нав таъин кунад;

-кам кардани нархи хизматрасониро талаб намояд;

-шартномаи расонидани хизматҳоро бекор созад.

Истеъмолкунанда инчунин ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарари ба вай бинобар риоя накардани мӯҳлати хизматрасони ворид гардида роталаб кунад.

Зарар дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонеъ сохтани талаботи дахлдори истеъмолкунанда ҷуброн мегардад.

Агар иҷрокунанда исбот кунад, ки риоя нагардидани мӯҳлати хизматрасони бинобар сабабҳои (қувваҳои) бартарафнашаванда ё бо гуноҳи истеъмолкунанда ба амал омадааст, талаботи истеъмолкунанда қонеъ карда намешавад.

28. Истеъмолкунанда ҳангоми мушоҳидаи камбудиҳои хизматрасони ҳақ дорад, бинобар интихоби худ инҳоро талаб намояд:

-ба таври ройгон бартараф кардани камбудиҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки умумӣ;

-ба таври дахлдор кам кардани нархи хизматрасониҳо, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки умумӣ;

-ба таври ройгон дубора тайёр кардани маҳсулоти сифатан мувофиқи хӯроки умумӣ.

Истеъмолкунанда ҳақ дорад шартномаро дар бораи расонидани хизмат бекор кунад ва ҷуброни пурраи зарарро талаб намояд, дар сурате, ки дар мӯҳлати муқаррарнамудаи шартнома камбудиҳои хизматрасони аз тарафи иҷрокунанда бартараф карда нашаванд. Истеъмолкунанда ҳамчунин ҳақ дорад шартномаи хизматрасониро бекор кунад, агар вай дар хизматрасони камбудиҳои ҷидди ё дигар нуқсонҳои назаррасе, ки аз доираи шартҳои шартнома берун меравад, мушоҳида ва ошкор намояд.

Истеъмолкунанда ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарари бинобар камбудиҳои хизматрасони ба вай расонидашударо талаб намояд.

29. Истеъмолкунанда ҳақ дорад, ки ҳар вақт аз хизматҳои фармудааш ба шарте, ки ба иҷрокунанда хароҷотҳояшро пардохта бошад, даст кашад.

30. Барои иҷро накардан ё ба таври зарури иҷро нашудани ӯҳдадориҳо ҳангоми расонидани хизмат, иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории шаҳрванди ва қонунгузори дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, ба ҷавобгари кашида мешавад.

## 35. Тартиби
## баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

аз 14.08.2007, № 294

### Фасли 1. Муқаррароти умумӣ

Тартиби мазкур мутобиқи моддаҳои 38, 40 ва 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" таҳия шуда, қоидаҳо ва мӯҳлатҳои баррасии парвандаҳоро аз ҷониби мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва раёсатҳои минтақавии он (минбаъд-раёсатҳои минтақавӣ) бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, инчунин нисбати онҳо қабул кардани қарорҳои мутобиқро муқаррар менамояд.

1. Парвандаҳои бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар асоси аризаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти ҳокимият ва идора, ҷамъиятҳо ва иттифоқҳои истеъмолкунандагон, пешниҳоди прокуратура ва бо ташаббуси худи мақомоти ваколатдор оғоз ва баррасӣ мегарданд.

Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) парвандаро бо ташаббуси худ дар сурати аз ҷониби шахсони мансабдори вай ба даст овардани маълумоте, ки дар бораи аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон шаҳодат медиҳад, аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тавассути воситаҳои ахбори омма, аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳои гузаронидашуда баррасӣ менамояд.

2. Ариза ба мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) дар шакли хаттӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳое (нусхаи аслӣ ё нусхаҳои ба дараҷаи зарурӣ тасдиқшуда), ки дар бораи далелҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон шаҳодат медиҳанд, пешниҳод карда мешавад.

Дар ариза бояд маълумоти зерин дарҷ гардад:

-маълумот дар бораи аризадиҳанда;

-номи субъекти хоҷагидоре, ки нисбати он ариза дода шудааст;

-шарҳи вайронкуниҳои қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

-моҳияти талабот ва пешниҳодот.

Ҳуҷҷатҳо ва аризаҳое, ки сирри тиҷоратиро доранд, набоянд ошкор карда шаванд.

3. Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) аризаи воридшударо дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи ворид шудани он баррасӣ менамояд. Дар сурати нокифоя ё мавҷуд набудани далелҳое, ки имконияти натиҷагирии вуҷуд доштан ё надоштани аломатҳои вайронкардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро собит месозанд, ин маълумоти иловагиро аз аризадиҳанда талаб менамояд.

Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) барои ҷамъоварӣ ва таҳлили далелҳои иловагӣ, ҳуқуқ дорад мӯҳлати баррасии аризаро то ду моҳ аз лаҳзаи ворид шудани он давом диҳад.

4. Дар мавриди мавҷуд набудани аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) вазифадор аст, ки аризадиҳандаро дар мӯҳлатҳои муқарраргардидаи б.3 ҳамин тартиб ба шакли хаттӣ огоҳ намояд.

5. Парвандаҳои бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва раёсатҳои минтақавии мутобиқ, дар маҳалли содир гаштани ҳуқуқвайронкунӣ баррасӣ мегарданд.

Баррасии парвандаҳо бо низоме, ки дар фасли дуюми ҳамин тартиб муқаррар карда шудааст, сурат мегирад.

## Фасли 2. Тартиби баррасии парвандаҳои бо аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва нисбати онҳо қабул кардани қарорҳо.

6. Таҳияи ҳамаи корҳои барои баррасии аризаҳо, санадҳо (суратмаҷлисҳо)-и дар бораи аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз тарафи воҳидҳои сохтории дахлдори мақомоти ваколатдор ва раёсатҳои минтақавӣ анҷом дода мешавад.

7. Роҳбари (сарпараст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор , сардори раёсати минтақавӣ дар мӯҳлати понздаҳ рӯзи баъди баррасии ариза, дар асоси хулосаҳои дар шакли хаттӣ, дар бораи оғоз намудани истеҳсолоти парвандаи бо аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи

истеъмолкунандагон таъинот содир менамояд, ки бо огоҳиномаи фармоишӣ ба тарафайн ирсол ё ба намояндагони боэътимоди онҳо таҳти имзо супурда мешавад. Ҳамзамон, ҳуҷҷатҳои почта ё дигар санадҳо, ки аз қабул шудани таъинот шаҳодат медиҳанд, ба маводҳои парванда замима мегарданд.

Намунаи таъинот дар бораи оғози парванда замимаи 1.

8. Дар ҷараёни таҳияи корҳо барои баррасии парванда мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳои зарурииро барои омӯзиш, баёноти хаттӣ оид ба парванда, оид ба далелҳое, ки боиси баррасии парванда гардидаанд, аз ҷумла аз роҳбарони (шахсони мансабдори) онҳо дархост намоянд, мутахассисон (коршиносон) - ро ба иштироки кор ҷалб намоянд.

9. Парвандаҳои вайронкуниҳои қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар мӯҳлати як моҳ, аз лаҳзаи содир шудани таъинот дар бораи оғоз кардани парванда бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон баррасӣ мегарданд.

Дар мавридҳои алоҳида мӯҳлати муқаррар шудаи барраси боз ба мӯҳлати як моҳи дигар тамдид дода мешавад.

10. Баррасии пурраи ариза (санад, суратмаҷлис) ва аз рӯи он қабул кардани қарорҳо аз ҷониби роҳбари (сарпараст муовини вазир) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ дар ҳузури аризадиҳанда, вайронкунанда ё намояндагони боэътимоди онҳо, инчунин шахсони манфиатдор ба амал бароварда мешавад. Баррасии парванда дар суратмаҷлис, ки онро роҳбари (сарпараст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ ба имзо мерасонад, сабт карда мешавад.

Намунаи суратмаҷлис - замимаи 2.

Баррасии парванда аз ҷониби роҳбар (сарпараст- муовини вазир), сардори раёсати минтақавӣ тавре сурат мегирад, ки дар он таҳлили нисбатан пурра ва ҳаматарафа, инчунин арзёбии ҳолатҳои парванда, бартараф ва пешгирии вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсоне, ки дар парванда иштирок менамоянд, таъмин карда шавад.

11. Баррасии парванда бо сабабҳои зерин ё мавқуф (бо нишон дода шудани мӯҳлат) ё боздошта шуда метавонад:

-бо сабаби дархости далелноки тарафи парванда дар бораи мавқуф гузоштани баррасии парванда ҷиҳати имконнопазир

будани ҳозиршавии намояндаи он ба маҷлис бо сабаби узрнок, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ карда шудааст;

-бо сабаби зарурати ба даст овардани далелҳои иловагӣ;

-бинобар сабаби зарурати ба иштироки парванда ҷалб намудани коршиносон ё дигар шахсоне, ки иштироки онҳо дар парванда ҳатмист;

-бинобар сабаби таҳти баррасии мақомоти ваколатдор, суд, мақомоти тафтишотӣ қарор доштани дигар парванда, ки хулосаҳои он барои натиҷаҳои баррасӣ аҳамият доранд;

-бинобар зарурати гузаронидани экспертиза ё хулосаҳои мутахассиси ташкилоти мустақил;

-дар мавридҳои дигаре, ки ҳалли парванда дар он маҷлис имконнопазир аст.

12. Зимни мавқуф гузоштан ё боздоштани баррасии парванда таъинот содир карда мешавад, ки онро роҳбари (сарпараст – муовини вазир) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ ба имзо мерасонад ва нусхаи он дар мӯҳлати се рӯз ба ҷонибҳои парванда, инчунин шахсони манфиатдор фиристода мешавад.

Намунаи таъинот дар бораи мавқуф гузоштани парванда – замимаи 3.

Намунаи таъинот дар бораи боздоштани парванда - замимаи 4.

13. Дар маҷлис ҷонибҳои парванда, инчунин шахсоне, ки дар парванда бо қарори мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) иштирок менамоянд, шунида мешаванд.

ҷонибҳои парванда, инчунин шахсоне, ки дар парванда иштирок менамоянд, ҳуқуқ доранд:

-бо маводҳои парванда аз рӯзи содир шудани таъинот дар бораи оғоз кардани парванда шинос шаванд;

-далелҳоро пешниҳод намоянд;

-дар таҳқиқи далелҳо иштирок кунанд;

-Ба шахсони дигаре, ки дар парванда иштирок мекунанд, аз он ҷумла ба коршиносон ва мутахассисон савол диҳанд;

-дархостҳо арз намоянд;

-баёноти хаттӣ ва шифоҳӣ диҳанд.

14. Дар мавриди ғоиб будани тарафҳо (намояндагони онҳо) парванда дар сурате баррасӣ мешавад, ки маълумоти дар бораи сари вақт огоҳонида шудани онҳо аз маҳал ва вақти баррасии парванда мавҷуд бошад ва агар аз ҷониби онҳо дар бораи

мавқуф гузоштан ё боз доштани баррасии парванда дархости асоснок пешниҳод нашуда бошад.

15. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии парванда аз рӯи моҳият, аз ҷонибии роҳбари (сарпараст-муовини вазир) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ қарор қабул карда мешавад, ки дарон вазъиятҳои парванда дарҷ мегарданд.

Қарор аз қисми муқаддимавӣ, баёнӣ, далеловарӣ ва хулосагӣ иборат аст.

Қарори қабулшуда бе таъхир, баъд аз тамом шудани баррасии парванда эълон карда мешавад. Ҳамзамон, дар маҷлис танҳо қисми хулосагии он эълон шуда метавонад.

Қарор аз лаҳзаи эълон шуданаш эътибор пайдо мекунад.

Намунаи қарор - замимаи 5.

16. Дар сурати ҷараёни баррасии парванда ошкор шудани аломатҳои ҷиноят аз ҷониби роҳбарони субъектҳои хоҷагидор, шахсони мансабдори мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ, роҳбари (сарпараст- муовини вазир) мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) қарор қабул мекунад, ки ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ маводҳои парвандаро пешниҳод намояд. Ҳамзамон, нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пешниҳод шаванда дар мақомоти ваколатдор боқӣ мемонад.

17. Истеҳсолоти оид ба парванда метавонад пеш аз содир шудани қарор аз рӯи моҳият дар мавридҳои зерин қатъ карда шавад:

-довталабон бартараф намудани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби шахсе, ки онро содир кардааст;

-тасдиқ шудани мавҷудиаяти далелҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Таъинот дар бораи қатъи истеҳсолот доирба парванда аз ҷониби роҳбари (сарпараст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор, раёсати минтақавӣ имзо мешавад ва аз ҷонибҳои парванда ва дигар шахсони манфиатдоре, ки дар парванда иштирок доранд, бо тартиб ва дар мӯҳлатҳое, ки бо банди 9-и ҳамин тартиб муқаррар шудаанд, ирсол мегардад.

Намунаи таъин дар бораи қатъи истеҳсолот доир ба парванда-замимаи 6.

18. Қарор дар мӯҳлати се рӯз аз лаҳзаи содир шуданаш ба ҷонибҳои парванда ирсол мегардад ё таҳти имзо супурда мешавад.

19. Дар асоси қарор роҳбари (сарпараст муовини вазир) мақомоти ваколатдор, раёсати минтақавӣ мутобиқи моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" дар бораи қатъ намудани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон амрия содир менамояд, ки ба тартиби муқарраршуда ба шахсе, ки ба ин вайронкунӣ роҳ додаст, фиристода ё супурда мешавад. Амрияе, ки дарон бояд мӯҳлатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва амалҳои мушаххаси доир ба қатъ кардани вайронкуниҳо ва (ё) оқибатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дарҷ карда шаванд, аз ҷониби роҳбари (сарпараст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор, раёсати минтақавӣ ба имзо мерасад.

Намунаи амрия - замимаи 7.

20. Амрия бояд дар мӯҳлате, ки дар он муқаррар шудааст, иҷро карда шавад.

Дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудани амрия боиси оқибатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Дар сурати иҷро накардани амрия мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад ба субъектҳои хоҷагидори барои саркашӣ аз иҷро накардани амрияҳои қонунии он дар бораи қатъ кардани вайронкунии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон то 100 (сад) андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ҷарима бандад.

Намунаи қарор дар бораи бастани ҷарима замимаи 8.

21. Маблағи ҷарима ба субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоби андозаи зарари расонидашуда ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад. Ба шахсони мансабдор ҷарима мутобиқи қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон баста мешавад.

22. Ҷаримае, ки бо мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ба субъекти хоҷагидор баста мешавад, ба истисноӣ ҷарима бастани соҳибкори инфиродӣ, бо тартиби муайяншуда дар мӯҳлати се рӯз аз рӯзи содир шудани қарор дар бораи ситонидани он, ситонида мешавад.

Таҳти дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудани амрия, саркашӣ аз иҷрои он ё қисман иҷро шудани амрия, ё сари вақт иҷро нашудани амрия фаҳмида мешавад.

23. Назорат аз рӯи иҷрои амрия аз ҷониби роҳбари (сарпараст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор, раёсати минтақавӣ ба зиммаи яке аз кормандони воҳидҳои сохтории

дахлдор гузошта мешавад ва дар ин бора дар суратмаҷлиси ҷаласа сабт карда мешавад.

24. Аз рӯи дархости далелноки шахсе, ки амрияро қабул намудааст ва ба мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) пеш аз 10 рӯзи ба итмом расидани мӯҳлати иҷрои амрия (дархост) фиристода аст, аз ҷониби роҳбар (сарпараст - муовини вазир) дар бораи тамдид кардани ин мӯҳлат, вале на бештар аз як моҳ, қарор қабул карда мешавад.

25. Ситонидани ҷарима шахсонеро, ки ба вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон роҳ додаанд, аз ӯҳдаи иҷрои амрияи мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ё ба амал баровардани дигар амалҳои пешбининамудаи қонунгузории зидиинҳисорӣ озод намекунад.

26. Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) иҷрои қарорҳои худро дар бораи бастани ҷарима назорат мекунад.

27. Дар сурати иҷро накардани амрияи дар бораи қатъ кардани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, қарори дар бораи бартараф кардани вайронкуниҳои талаботи оид басифат ва бехатарии молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), қарори дар бораи аз истеҳсолот бардоштан, қатъ кардани тавлидот ва фурӯши молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) бесифат ва хатарнок, боз хондани онҳо аз истеъмолкунандагон, инчунин қарори дар бораи бастани ҷарима, мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ҳуқуқ дорад бо тартиби судӣ ҷарима ситонад.

Дар сурати иҷро накардани амрияи дар бораи ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронидани фоидае, ки дар натиҷаи вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба даст оварда шудааст, мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ҳуқуқ дорад ба суд аризаи даъвогӣ дар бораи ба буҷет ситонидани фоидаи ба дастовардашудаи бе асос пешниҳод намояд.

## Фасли 3. Тартиби додани аризаи норизоӣ аз рӯи қарорҳои мақомоти зиддиинҳисорӣ

28. Шахсоне, ки нисбати онҳо истеҳсолоти оид бапарванда амалӣ гаштааст, метавонад пурра ё қисман аз рӯи қарор ва амрияи раёсати минтақавӣ ба дастгоҳи марказии мақомоти зиддиинҳисорӣ ё суд ва азрӯи қарори дастгоҳи марказӣ ба суд шикоят пешниҳод намоянд.

Аз рӯи қарори дар бораи бастани ҷарима ва амрияи мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) дар мӯҳлати даҳ рӯз аз лаҳзаи қабул шудани онҳо аризаи норизоӣ пешниҳод карда мешавад.

29. Пешниҳоди ариза иҷрои қарори (амрияи) раёсати-минтақавиро дар давоми вақти баррасии он дар ташкилоти болоӣ ва иҷрои қарори (амрияи) мақомоти зиддиинҳисорриро суд боз медорад.

30. Роҳбари мақомоти ваколатдор (вазир, сарпараст – муовини вазир) ҳуқуқ дорад, қарорҳо ва амрияҳои муовинони худ, инчунин роҳбарони раёсатҳои минтақавиро, ки аз ҷониби онҳо бо вайронкунии қонунгузории амалкунанда ё ҳудуди ваколатҳое, ки ба онҳо вогузор шудааст қабул шудаанд, бекор кунад.

Қарорҳо ва амрияҳое, ки бо вайронкунии қонунгузории амалкунанда қабул шудаанд, бо фармон бекор карда мешаванд.

31. Шикоятҳо аз рӯи қарор ё амрия баррасӣ намуда, роҳбари мақомоти ваколатдор (вазир, сарпараст - муовини вазир), яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

-дар бораи бетағйир мондани қарор, амрия ва қонеъ накардани шикоят, пешниҳод;

-дар бораи тағйир додани қарор, агар дар ин ҳолат вазъи шахсе, ки нисбати вай қарор содир шудааст, бадтар нашавад;

-дар бораи бекор кардани қарор ва баргардонидани парванда барои баррасии нав;

-дар бораи бекор кардани қарор ва қатъ намудани парванда дар мавриди мавҷуд набудани аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Нусхаи фармон дар баррасии шикоят аз рӯи қарор оид ба парвандаи дар бораи вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар муддати се рӯз ба шахсе, ки нисбати он содир гаштааст, фиристода мешавад.

Замимаи 1

# ТАЪИНОТ

**дар бораи оғоз кардани истеҳсолоти доир ба парвандаи бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон**

баррасии парвандаи №_____

"___" _________с.200__ _______________

(ҷои баррасӣ)

____________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахси __________________________________________________

(вазифа , ному насаби роҳбар)

аризаи______________________________________________________

(номгуи аризадиҳанда)

ва далелҳои пешниҳодшударо баррасӣ намуда, онҳоро барои оғоз намудани истеҳсолоти доир ба парванда аз рӯи Тартиби баррасии парвандаҳои бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, кифоя донист.

**ТАЪИН КАРД:**

1. Истеҳсолоти оид ба парванда дар бораи вайрон кардани моддаи___ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон",

нисбати_______________________________________________________

(номгӯи субъекте, ки нисбати он истеҳсолоти

_____________________________________________оғоз карда шавад, оид ба парванда оғоз карда шудааст)

2. Баррасии парванда ба _____________________ таъин карда шавад.

(вақт, таърих ва суроға)

Ҳозиршавии аризадиҳанда.____________________

(номгӯи аризадиҳанда)

ва шахсе, ки нисбати он истеҳсолоти оид ба парванда оғоз карда шудааст,

_________________________________________________________

(номгӯи субъект)

ё намояндагони онҳо (бо ваколатномаи ҳақиқӣ барои иштирок дар баррасии парванда) ҳатмист.

3. Субъекти хоҷагидор_________________________________

(ном)

то____________ ҳуҷҷатҳо ва маводҳои зеринро пешниҳод намояд:

______________________________________________________________

(номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маводҳо)

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат _____________________________________

Замимаи 2

Суратмаҷлис №_____

"___"______________ с.200_ __________________

(ҷои баррасӣ)

________________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор) дар шахси

______________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

дар ҳузури намояндагони_________________________________________

(номгӯи субъекте, ки нисбати он истеҳсолоти

________________________________________________________________

оид ба парванда оҷгоз карда шудааст, ному насаби намояндагон)

маводҳои парвандаи №______- ро аз __"_______________________200__ дар бораи вайронкунии _______________________________________ _____________________________________________________барраси намуд.

(истинод ба санади меъёри, модда, банди вайроншуда)

Шунида шуд:_____________________________________________ _____________________________________________________________

(номи шахсони шунидашуда бо баромади мухтассари онҳо) аз рӯи натиҷаҳои баррасии парванда қарор содир шуд: ______________________________________________________________

(мундариҷаи мухтассари қарор)

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат)___________________________________

Замимаи 3

**ТАЪИНОТ**

**дар бораи мавқуф гузоштани шунавидани парвандаи №___**

"____"____________ с.200__ ______________

(ҷои баррасӣ)

________________________________________________________________

(номгуи мақомоти ваколатдор)

дар шахси__________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

мувофиқи моддаи _________ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон",

**МУҚАРРАР НАМУД:**

________________________________________________________________

(сабабҳои мавқуф гузошта шудан: дархостҳои тарафайн, заруратита-
______________________________________________________________ лаб
намудани маводҳои иловагӣ, ҷалб кардани шахсони манфиатдор барои
______________________________________________________________
иштирок дар парванда ва ғайра)

Мутобиқи банди Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тофҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон,

**ТАЪИН НАМУД:**

1. Шунавидани оиди ба парвандаи №___то "_____"200_

мавқуф гузошта шавад.

2. Баррасии парванда ба "___" _____________с.200 _таъин карда шавад.

3. Ба ______________________________________________

(ба кӣ) (ба кӣ)

ҳуҷҷатҳои иловагии:________________________________________

дар мӯҳлати то "____" _________________ с. 200_пешниҳод намояд.

4. Барои иштирок дар баррасии парванда _____________________

ҷалб карда шавад.

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат) ___________________________________

Замимаи 4

**Таъинот**
**дар бораи боз доштани истеҳсолоти доир ба**
**баррасии парвандаи №____**

"___"___________с.200__ __________________

(ҷои баррасӣ)

________________________________________________________________

(номгуи мақомоти ваколатдор)

дар шахси ______________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

парвандаи №____-ро бо аломатҳои аз ҷониби _____________________

(номгуи субъект)

вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мувофиқи моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон",

**МУҚАРРАР КАРД:**

________________________________________________________________

(сабабҳои боз доштан дарҷ мешаванд)

Мувофиқи банди _____ Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон,

**ТАЪИН НАМУД:**

1.Истеҳсолоти оиди парвандаи №___ то__________________

________________________________________________________________

(муҳлати ба итмом расидани амалҳое, ки барои баррасии парванда монеъа шудаанд)

2. Гузаронидани экспертизаи _________________________________

(кадом, ва барои чӣ, )

таъин карда шавад, ки барои ин мақсадҳо ҷиҳати иштирок дар баррасии парванда _________________ ба сифати коршинос ҷалб карда

(кадом, )

шавад, ба вай супориш додашавад, ки ба саволҳои зерин ____________________________________________________________________

__________________________________________________________

_____________________________________________ ҷавоб гардонад.

Роҳбар
(муовин, сардори раёсат) __________________________________

Замимаи 5

**Қарор**

"___"__________ с.200_ ____________________

(ҷои баррасӣ)

______________________________________________________________

(номгуи мақомоти ваколатдор)

дар шахси _____________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

парвандаи №_____-ро дар бораи аз ҷониби ________________________

(номгӯи субъект)

вайрон кардани моддаи ______ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон", ки аз рӯи ариза (ташаббуси худ)________________________________ оғоз карда шудааст,

дар ҳузури____________________________________________________

(ному насаби намояндагони тарафҳо)

бо иштироки ___________________________________________________

(дигар ашхос, ки барои иштирок ба парванда ҷалб шудаанд )

баррасӣ намуда,

**МУҚАРРАР КАРД:**

______________________________________________________________

(ҳолатҳои парванда, ки дар ҷаласа муқаррар карда шудаанд, далелҳое, ______________________________________________________________ ки хулосаҳои ин ҳолатҳо аз онҳо асос ёфтаанд, далелҳое, ки аз рӯи онҳо ______________________________________________________

ин ё он бурхонҳо рад карда мешаванд, дарҷ мешаванд)

Моддаи____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"-ро тахти роҳбарӣ қарор дода, тибқи Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

**ҚАРОР КАРД:**

1.______________________________________________________________

(номгӯи субъект)

вайронкунандаи моддаи_______ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" дониста шавад (дониста нашавад).

2. Амрияи дар бораи қатъ кардани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон содир карда шавад.

3. Маводҳои парванда ба____________________________________ ирсол шавад.

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат)____________________________________

Замимаи 6

**ТАЪИНОТ**
**дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти**
**оид ба парвандаи №_____**

"____"_________с.200__ _________________

(ҷои баррасӣ)

_________________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахси _____________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

парвандаи №_________-ро дар бораи аз ҷониби ____________________

(номгӯи субъект)

вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мувофиқи моддаи_______ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон",

**МУҚАРРАР КАРД:**

_________________________________________________________________

(далелҳое, ки аз иҷрои қарор шаҳодат медиҳанд ё дар бораи аз талаботи _____________________________________________________________ худ даст кашидани аризадиҳанда дарҷ мегарданд)

Банди_________Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таҳти роҳбарӣ қарор дода,

**ТАЪИН НАМУД:**

Истеҳсолоти оид ба парвандаи №_________ доир ба аломатҳои вайрон кардани моддаи ____ Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" нисбати_________________________________________________________

(аз ҷониби кӣ вайрон карда шудаст)

қатъ карда шавад.

Роҳбар
(муовин, сардори раёсат) ______________________________

Замимаи 7

**АМРИЯ**

**дар бораи қатъ кардани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон**

"___" _________с.200__ ____________________

(ҷои баррасӣ)

________________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахси ____________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

дар асоси қарори худ аз " ____" ____________________ с. 200 __ оид ба парвандаи №_____ дар бораи аз ҷониби __________________________

(номгӯи субъект)

вайрон кардани моддаи____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон",

**АМР МЕДИҲАМ:**

________________________________________________________________

(номгӯи суъект)

________________________________________________________________

(мундариҷаи амалҳое, ки вайронкор бояд иҷро намояд)

________________________________________________________________

(мӯҳлати иҷро ва пешниҳод кардани далелҳо дар бораи иҷро)

Дар сурати дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иҷро накардани амрия,

________________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

ҳуқуқ дорад, мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҷарима бандад.

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат) __________________________________

Замимаи 8

**ҚАРОР**

**дар бораи бастани ҷарима**

"___"________с.200__ ____________________

(ҷои баррасӣ)

________________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахси______________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

маводҳои парвандаи №____ -ро дар бораи саркашь аз иҷрои амрияи____________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

нисбати____________________________________________________

(номгӯи субъект)

шаҳодат медиҳанд, баррасӣ намуда,

**МУҚАРРАР КАРДА ШУД:**

__________________________________________________________

(далелҳои иҷро нашудани қарори (амрияи) мақомоти зиддиинҳисорӣ дарҷ мегарданд)

Моддаи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"-ро таҳти роҳбарӣ қарор дода, мувофиқи тартиби баррасии парвандаҳои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Аз __________________________________________________

(номгӯи субъект)

ба андозаи ________________________сомонӣ ҷарима ситонида шавад.

2. Маблағи ҷаримаро бояд ба буҷети__________________________ тавассути бонки хизматрасонӣ ин субъект дар мӯҳлати 30 рӯз аз лаҳзаи содир шудани ин қарор гузаронида, дар бораи ин дар мӯҳлати 3 рӯз ба

__________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

маълумот пешниҳод намояд.

Нисбати қарори дар бораи бастани ҷарима тибқи қонунгузории амалкунанда мумкин аст ба суд бо аризаи норизогӣ муроҷиат карда шавад.

Аз ҷониби вайронкор пардохтани ҷарима онро аз иҷрои амрияи дар бораи қатъ намудани вайронкуниҳои қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон озод намекунад.

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат)_____________________

# Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон
## (санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ)

ISBN 978-99947-870-5-0

**ББК:67.93:75.81(575.3)**
**УДК:340.134:379.85(2тадж)**

Ба матбаа 12.04.12 таҳвил гардид. Чопаш 14.04.2012
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопии шартӣ 20. Адади нашр 200 нусха.
Супориши №100. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев 218.

Тел.: 37.881-15-16, 227-39-92, 907.37-37-26